**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А.ДОНИШ**

**РАҚИБ АБУЛҲАЕВ**

# СИТОРАИ ДУРАХШОНИ ОСМОНИ МАЪОНӢ

**ДУШАНБЕ**
**«ИРФОН»**
**2024**

**ББК 72.3+63.3(2 тоҷик)+74.03(2тоҷик)**
**А- 49**

**Ба хотираи абадзиндаи бародарони азизу меҳрубон –**
**иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ**
**аълочии маорифи халқ Ҷалоли Абулҳай ва**
**омӯзгори собиқадор Салоҳи Абулҳай бахшида мешавад**
**Муаллиф**

**Муҳаррири масъул: Ҳанифа Муҳаммадохир**
**Муқарризон:**
**Намоз Ҳотамов, д.и.т, профессор.**
**Абдулло Ғафуров, н.и.т, дотсент**

**А-49 Ракиб Абулҳаев. "Ситораи дурахшони осмони маъонӣ". – Душанбе: Ирфон – 2024. 360 саҳ.**

Китоби доктори илмҳои таърих, профессор, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Рақиб Абулҳаев ба ҳаёти илмиву омӯзгорӣ ва фаъолияти ҷамъиятии академик, доктори илмҳои таърих, профессор арбоби илму техника, дорандаи ҷоизаи ба номи Абуалӣ ибни Сино Зариф Шарипович Раҷабов бахшида шудааст. Дар китоб дар бораи роҳи тайкардаи устод дар давраи ҷавонӣ ва ба шохроҳи душвору печдарпечи илмӣ қадамҳои дилпурона гузоштан, пас аз такопую хизматҳои душворро паси сар карда, ба унвонҳои баланди илмӣ соҳиб гардидан ва баъзе хотираҳо бахшида ба ин шахси бузург сухан меравад. Муаллиф мувофиқи фаҳмишу биниши худ чун шогирди академик З.Раҷабов кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар бораи асарҳои таърихии даврони пеш аз инқилобӣ ва давраи шуравӣ бахшидаи ӯ ба таври мухтасар шарҳу эзоҳ дода, ба дӯстдорони таърихи Ватан пешкаш намояд.

**1SBN 978-99985-45-07-6**
**© Рақиб Абулҳаев, 2024**
**© МН «Ирфон», 2024**



# ЗАРИФ РАДЖАБОВ
## академик



## 1.Қадамҳои дилпурона дар ҷодаи илму маърифат

Дар ҳаёти инсонҳо шахсони намоёне кору эҷод менамоянд, ки номи онҳо абадан дар таърих сабт мегардад. Ба қатори чунин олимони бузургу шуҳратманд ва ташкилотчии намоёну шинохтаи илму маорифи тоҷик, академик, доктори илмҳои таърих, профессор, арбоби илму техника, дорандаи ҷоизаи ба номи Абуалӣ ибни Сино устоди муаррихони тоҷик Зариф Шарипович Раҷабов (минбаъд З. Раҷабов) шомил аст. Ин марди накуном дар байни олимони намоёни даврони шуравӣ чун таҳқиқотчии дақиқсанҷу ҳақиқатҷӯйи соҳаи илми таърих шуҳрат пайдо кардааст.

Агар авроқи зиндагинома ва кору амали бисёрсолаи устод З. Раҷабовро бодиққат варақ занем, роҳи печдарпеч ва душвори ин марди тавонои сарсупурдаи илму маърифат,ки ҳаёти хешро дар солҳои ниҳоят ҳассос ва пур аз зиддият бо шуҷоат ва мардогнагӣ сарфи халқи хеш кардаааст, чун навор пеши чашм ҷилвагар мегардад.

Ин фарзанди фарзонаи халқу Ватан дар санаи 17 моҳи июли соли 1906 дар шаҳри бостонии Хуҷанд дар оилаи аҳли савдо чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Дар он замон уезди Хуҷанд аз лиҳози маъмурӣ ба вилояти Самарқанд ва генерал-губернатори империяи Русия дохил мешуд. Устод дар шароите ба дунё омад, ки дар Русия инқилоби якуми буржуазӣ-демократӣ ҷараён дошт ва таъсири он ба кишвари Туркистон, минҷумла ба ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистон мерасид ва шуури инқилобии мардум тадриҷан боло мегирифт. Мардуми азияткашида зери ин омилҳо бештар бедор мешуд. Ва миёни онҳо боз ашхоси хеле равшанфикр низ буд, ки ҳанӯз дар он айём ба фарзандони худ илмҳои дунёвиро омӯзонидан мехостанд.

Ин пеш аз ҳама ба он хонаводаҳое муяссар мегардид, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хеле пешрафта буданд.

Аз ҷиҳати дигар, капиталистони рус ҳавасманд буданд, ки ба ин мактабҳо фарзандони синфҳои дороро қабул намоянд ва онҳоро чун тарҷимон тайёр карда, байни

мардуми маҳаллии истеҳсолкунанда ва савдогарони рус истифода баранд. Ин буд, ки фарзандони онҳо имконияти бештари ба мактабҳои русӣ-маҳаллӣ дохил шудан доштанд.

Зарифи хурдсол ҳанӯз ҳафтсола буд, ки қиблагоҳаш ӯро аввал дар мактаб ва сонитар барои баланд бардоштани савияи дониш ба мадраса супорид. Вақте падар ва худи Зарифи ҳушёру доно аз дониши сатҳӣ ва дур аз зиндагии (схолостикии) мадраса огоҳ шуд, қиблагоҳаш Мирзошариф Раҷабов ӯро ба мактаби русӣ - маҳаллии Андиҷон (солҳои 1915-1916) ба таҳсил супорид. Соли 1917 пас аз барҳам хӯрдани ин мактаб З.Раҷабов бо бародари хурдиаш, ки ӯ ҳам дар он ҷо таҳсил мекард, ба шаҳри Хуҷанд баргашта, ба мактаби навтаъсиси шуравӣ дохил шуданд. Дар муддати солҳои 1921-1923 барои баланд бардоштани савияи донишу биниш ва маҳорати хеш дар Дорулмуаллимини шаҳри Самарқанд таҳсилро идома медиҳад. Минбаъд ӯ таҳсилашро аз солҳои 1925-1928 дар рабфаки шаҳри Маскав мегузаронад. Баъди маълумоти миёнаро соҳиб шудан устоди гиромиқадр соли 1928 ба Институти таърих ва фалсафаи шаҳри Маскав дохил шуда, онро соли 1932 бо сари баланд хатм намуда, аз байни тоҷикписарон дар ҷумҳурӣ бори аввал ба маълумоти олӣ соҳиб гардида, ба пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Сталинобод баргашт.

Дар ҳамин муддат дар ҳаёти илмиву фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон як дигаргунии бемислу бесобиқа ба вуқуъ мепайвандад, яъне бори аввал дар ҳаёти халқи тоҷик муассисаи бонуфузи илмӣ, яъне базаи тоҷикистонии АИ СССР ба кор шуруъ менамояд. Дар назди ин муассисаи илмӣ бо ёриву мадади олимони машҳури мамлакат инкишофи соҳаҳои мухталифи илмӣ ва вобаста ба ин рушди қувваҳои истеҳсолкунанда меистод. Бағайр аз ин, дар назди ин муассиса аз ҳисоби кадрҳои лаёқатноки

маҳаллӣ ба воситаи аспирантураҳои шаҳрҳои марказӣ ва қабл аз ҳама шаҳри Маскав тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ меистод.

Соли 1933 бо ибтикори сарвари базаи тоҷикистонии АФ СССР С.Ф. Олденбург З. Раҷабов ба аспирантураи назди Институти шарқшиносии АФ СССР дохил мегардад. Дар ин даргоҳи дар он вақт овозадори илму маърифат соли 1937 бо сарварии яке аз олимони машҳури риштаи ховаршиносӣ П.П. Иванов рисолаи номзадиро дар мавзуи "Ҷадидизм дар Туркистон" бомуваффақият дифо карда, дар ҷумҳурӣ яке аз аввалинҳо шуда ба ин унвони илмӣ шарафманд гардид. Чанд вақт З. Раҷабов барои тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ, ки Тоҷикистон ба онҳо хеле ниёз дошт, дар Академияи омӯзгории шаҳри Сталинобод ба ҳайси мудири қисми илмӣ кору фаъолияти самаранок кардааст.

Дар ҳамин вақт Институти тоҷикии муаллим-тайёркунии шаҳри Тошкент ба кадрҳои роҳбарикунандаи баландихтисос ниёз дошт. Роҳбарияти ҷумҳурӣ донишу малака ва қобилияти роҳбарӣ ва омӯзгории З. Раҷабовро ба эътибор гирифта, ӯро соли 1937 ба ин донишгоҳ барои фаъолияти омӯзишгориро сайқал додан роҳхат медиҳад. Дар ин донишгоҳ, ки дар он солҳо манбаи асосии тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт, устод аввал ҳамчун мудири кафедраи Институти тоҷикии муаллимтайёркунии шаҳри Тошкент, баъд котиби илмии Институти забон, адабиёт ва таърихи филиали АУ СССР, дар зарфи солҳои 1937-1943 бо самар кору амал кардааст. Дар ин муддат устод З. Раҷабов бисёр кадрҳои илмиву омӯзгориро бавоя расонида, ба шаҳру вилоятҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон барои инкишофи маърифати мардум роҳнамоӣ кардааст. Бояд изҳор намуд, ки дар он солҳо шароити маданӣ-маишӣ ва базаи илмиву техникии макотиби олӣ ба талабот ҷавобгӯ набуд ва дар чунин

вазъияти ногувор устодон аз ҷумла, устод З. Раҷабов ҳамчун фидоии халқу Ватан тамоми донишу малака ва хиради хешро баҳри иҷрои вазифаҳои дар пеш гузошта шабу рӯз заҳмат мекашид.

Маълум, ки дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ тамоми қуввату имконияти мамлакат барои ғалаба равона карда шуд. Кулли ҷавонони мамлакат баҳри ҳифзи Ватан ва несту нобуд намудани душмани ғаддор ба набардҳои ҷанг сафарбар шуда буданд. Аз ин рӯ, дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, чӣ дар саноату хоҷагии кишоварзӣ ва чӣ илму маданияту маъориф кадрҳои баландихтисос ва хусусан, роҳбарони ин муассисаҳо нокифоя буданд. Дар кадом шароите набошад, пеши роҳи тараққиёти илму маърифатро доштан рафтори оқилона нест. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон аллакай дар солҳои ҷанг Академияи фанҳо ташкил шуда, дар базаи он Институти таърих ва археология таъсис ёфта буд. Барои роҳбарии як Институти калон ва ояндадори илмӣ-таҳқиқотӣ шахсе лозим буд, ки аз мактаби ховаршиносони машҳуру донишмандони Институтҳои АФ СССР сабқ гирифта, худ таҷрибаи кофии роҳбарии муассисаҳои илмиро низ доро бошад.

Академик З. Раҷабов солҳои тулонӣ дар макотиби олии шаҳрҳои Маскаву Петроград, дар назди олимон-ховаршиносон ва муаррихони намоёни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бо тамоми кӯшишу ғайрати беандоза таҳсили илм карда, пас аз навишта ва ҳимоя кардани мавзуъҳои аҳамияти бузурги таҳқиқотӣ дошта, соҳиби унвони илмии номзад, доктори илмҳои таърих ва профессор гардид. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва пас аз он ӯ дар Институти таърихи Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон аввал ба ҳайси мудири шуъба ва баъд директори ин таълимгоҳ кору фаъолият намуда, дар навиштани асарҳои илмиву ҷамъбастӣ, аз ҷумла, таърихи Ҷумҳурии Ӯзбекистон

заҳмату талошҳои самаранок кардааст. Устоди арҷманд З. Раҷабов муҳаррири ин асари ҷамъбастии илмӣ-таҳқиқотӣ буда, дар ин ҷода ҳам хизмати арзандае кардааст.Дар он вақт директорони муассисаҳои илмӣ- таҳқиқотиро бо тавсияи роҳбарияти ҳар як ҷумҳурӣ ва АФ СССР таъин мекарданд. Роҳбарияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба вазифаи директори нахустини Институти таърих ва бостоншиносии АФ ин ҷумҳурӣ шахси донишманд, муаррихи шинохта З. Раҷабовро таъин намуд.

Ин дар ҳаёти илмиву маърифатии З. Раҷабов як давраи дигаргунии куллӣ ва аз ҷиҳати дигар масъулиятноке маҳсуб буд, зеро соли 1943 дар таърихи мамлакат яке аз солҳои ниҳоят душвор ва ҳалкунанда шуморида мешуд. Дар ин сол дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва махсусан, задухӯрди назди Сталинград ва ҳалқаи Курск, яке аз даҳшатноктарин задухӯрдҳои давраи ин ҷанг маҳсуб буд. Тамоми вазниниҳои ҷанг бар дӯши мардуми меҳнаткаши мамлакат бор буд. Ба вазниниву норасоиҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ нигоҳ накарда, устод З.Раҷабов дар ин давра тавонист ходимони илмӣ - таҳқиқотиро дар атрофии худ гирд оварда, онҳоро барои сари вақт навишта ба дасти чоп супоридани таърихи Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафарбар намуд. Устод дар ҷараёни кору амали хеш ба ҷуз корҳои ташкиливу роҳбарӣ ва таҳқиқотҳои доманадору арзишманди илмӣ, инчунин аз намояндагони миллатҳои маҳаллӣ кадрҳои баландихтисос тайёр карда, гусел кардани кормандони ҷавон ба шоҳроҳи илм заҳматҳои беназире кардааст .

Дар охири солҳои 40-уми асри сипаригашта, бо ибтикори муншии аввали ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров (минбаъд Б. Ғафуров) масъалаи ташкил кардани Университети давлатии Ҷумҷурии Тоҷикистон ба миён омад. Ба сохтмони чунин донишгоҳ дар солҳои пеш аз ҷанг ва солҳои вазнини ҷанг ҳатто фикру андеша рондан

аз имкон берун буд. Аз соли 1946, ки давраи азнавсозии хоҷагии халқи Иттиҳоти Шуравӣ оғоз гардид, Б. Ғафуров ба вазифаи муншии аввали Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон интихоб гардид. Дар солҳои нимаи аввали 40-уми асри гузашта, гарчанде ки Тоҷикистон аз майдони ҷанги хонумонсӯзи фашизми гитлерӣ дар канор меистод, хоҷагии халқи ин кишвар чун дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ хароб гардида буд. Тамоми қувваи корӣ, маҳсулоти саноатӣ ва хоҷагии кишоварзӣ барои ғалаба ба набард фиристода мешуд. Дар асари гулӯлаборон кардани душман тамоми саноати кишвар вайрон гардида буд. Дар роҳи барқарор кардани хоҷагии халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон душвориҳои зиёде ба пеш омада буданд. Дар соҳаҳои илму маърифат ва маъорифу санъат низ корҳои зиёдеро ба сомон расонидан лозим буд.

Бо роҳбарии инсони оқилу дурандеш ва миллатдӯсту меҳанпараст, аллома Б. Ғафуров накшаҳои муҳим, дар як муддати кӯтоҳ барқарор намудани хоҷагии халқи дар солҳои ҷанг харобгардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меҳнати шабонарӯзӣ ва диловаронаи мардуми меҳнатқарин ва ватандӯсти тоҷик давра ба давра ба иҷро расид. Дар охири панҷсолаи пас аз ҷангӣ дар ҷумҳурӣ қариб ҳама вазифаҳои дар пеш гузошта ба иҷро расида буданд. Маълум, ки дар солҳои ҷанг илму маориф ва фарҳанг ба сатҳи паст фаромада буд. Муншии дурбину дурандеши Ҳизби Коммунистии Ҷумҳурии Тоҷикистон аллома Б. Ғафуров дар фикру андешаи он буд, ки баробари барқарор ва инкишофи минбаъдаи саноату хоҷагии кишоварзӣ ҳатман бояд соҳаҳои илму маъориф ва фарҳангро низ бо ҳар роҳу восита барқарор карда, пеш баранд. Барои ҳалли ин масъала ба ақидаи ӯ бояд ҳатман маорифро инкишоф дод. Барои ин вазифаи муқаддасро иҷро намудан бечунучаро дар ҷумҳурӣ шумораи макотиби олиро афзудан ба мақсад мувофиқ буд. Дар ҷумҳуриҳои

Осиёи Миёна аллакай дар солҳои пеш аз ҷангӣ университетҳои миллӣ ташкил ёфта буданд, аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то охири солҳои 40-ум университет набуд. Ба душвориҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нигоҳ накарда, бо ибтикори Б.Ғафуров масъалаи таъсиси Университети Давлатии Тоҷикистон бо тамоми шароит ба назди Шурои Комиссарони Халқии Иттиҳоди Шуравӣ гузошта шуд. Албатта, барои ҳалли ин масъала дар солҳои барқароркунии хоҷагии халқи СССР маблағи муайян ҷудо намудан лозим буд, ки ҳалли он мушкилии зиёд ба бор меовард. Б. Ғафуров зарурати таъсиси чунин мактаби олиро ба ташкилотҳои дахлдори Иттифоқ ва ҳатто ба Котиби Генералии Ҳизби Коммунистии мамлакат И.В. Сталин шахсан фаҳмонда, ӯро барои кушодани ин мактаби олӣ бовар кунонид. Ниҳоят бо қарори махсуси давлатӣ Университети миллии  Тоҷикистон дар хониши солҳои 1848-1949 кушода шуд, ки ин дар ҳаёти илмӣ ва фарҳангӣ як воқеаи бузургу хотирмон ва фаромӯшнашаванда маҳсуб мешуд. Дар вақти кушода шудани аввалин донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, бешак, мутахассисони тоҷик аз ҷумҳуриҳои собиқ иттифоқ ва махсусан аз макотиби олӣ ва Академияи улуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон даъват шуда буданд. Яке аз чунин устодони арҷманд ва ниҳоят барои ҳама шогирдон ва тамоми бошандагони ҷумҳурӣ азизу гиромӣ, аввалин ректори Донишгоҳи миллии имрӯзаи Тоҷикистон, он замон Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, ки соли 1948 таъсис ёфта буд, академик З. Раҷабов мебошад.

Ин масъала аз лиҳози ҳуқуқӣ ҳаллу фасл карда шуд, аммо масъалаҳои зиёде, аз ҷумла бинои таълимиро сохтан, университетро аз ҷиҳати базаи моддӣ–техникӣ таъмин кардан, онро бо донишҷӯён пур намудан ва донишмандону омӯзгорони пуртаҷрибаро ба ин даргоҳи илму фарҳанг ҷалб намудан дар пеш буданд.

Мутахассисонро дар он вақт пурра аз дохили ҷумҳурӣ дарёфтан амри муҳол ҳисоб мешуд. Аз ин рӯ, Б. Ғафуров дар фикру андешаи ҷалби устодони ин даргоҳ шуда, ягона роҳи ҳалли ин масъаларо ӯ аз ҳисоби кадрҳои ҷумҳуриҳои Иттифоқ ва минҷумла Осиёи Миёна таъмин кардани мутахассисон мебинад. Албатта, бо ёриву дастгирии роҳбарияти ин ҷумҳуриҳо масъала ҳаллу фасли худро меёфт.

Бо мақсади дар соли хониши 1948-1949 бо кадрҳои баландихтисоси илмиву педагогӣ таъмин кардани Университети давлатии Тоҷикистон Б. Ғафуров бо мактубу хоҳиш ба сарварони ҷумҳуриҳои Иттифоқ ва ректорони макотиби олӣ барои бо муттахассисон сари вақт таъмин кардани аввалин Университети Давлатии Тоҷикистон муроҷиат намуд.

Маълум, ки дар солҳои 20-30-уми асри XX аз сабаби аз дигар ҷумҳуриҳои Иттифоқ аз ҷумла Осиёи Миёна Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози ҳам иқтисодӣ ва ҳам илмиву фарҳангӣ ақибмонда ба ҳисоб мерафт, зеро ҷанги шаҳрвандӣ, ба хоҷагии халқ хисороти ҳам иқтисодӣ ва ҳам маданиву маърифатӣ овард. Аз ин лиҳоз, сабаби нокифоя будани макотиби олӣ ва тайёр кардани кадрҳои илмиву педагогӣ дар Тоҷикистони Шуравӣ мувофиқи талаботи донишгоҳи навтаъсиси мо ин шароити душвору алангабори ҳарбӣ-сиёсии он айём маҳсуб аст. Дар шароити вуҷуд доштани системаи давлатдории иттифоқӣ бо ёриву мадади ҷумҳуриҳои пешрафта тамоми душвориҳои иқтисодиву илмӣ ва  фарҳангиро дар давраи муайян ҳал кардан мумкин буд, зеро мақсад пешравии ҷамъият ва баланд бардоштани дараҷаи зиндагии оммаи меҳнаткаш буду бас. Аз ин рӯ, роҳбарони ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва макотиби олӣ барои ҳалли сариваќтии масъалаи бо кадрҳои баладихтисоси илмиву педагогӣ таъмин кардани Университети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурирο андешиданд.

Бояд махсус изҳор кард, ки роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ректори нахустини университет З. Раҷабов барои пур намудани ҷои холии омӯзгорони ин донишгоҳ пеш аз ҳама барои ҷалби мутахассисони тоҷике, ки дар ҷумҳурии Ӯзбекистон кору фаъолият доштанд, кӯшиданд. Дар макотиби олӣ ва академияи фанҳои ин ҷумҳурӣ устодон ва донишмандони тоҷик дар соҳаҳои мухталифи илму маъориф солҳои тулонӣ кор карда, барои тайёр намудани олимони соҳаҳои гуногун ва тарбияи омӯзгорон заҳмат кашидаанд. Дар солҳои 20-30-уми асри гузашта чандин ҷавонони Тоҷикистон дар макотиби олии шаҳрҳои марказии мамлакат,қабл аз ҳама Маскав, Петербург, Киев ва Тошкент таълим гирифта, дар мавзуъҳои гуногун рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ навишта, дар шуроҳои дисертатсионии назди институтҳои Академияи илмҳои СССР, Украинаву Белорусия ва Ӯзбекистон, инчунин дар назди шуроҳои институтҳои ин ҷумҳуриҳо ҳимоя намуда, соҳиби унвонҳои номзаду доктор гардиданд. Аз ҷумла,ҷавонони лаёқатманди солҳои тоҷангӣ ва баъдиҷангии Тоҷикистон низ чунин маълумот ва унвонҳои баланди илмиро гирифта буданд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки дар макотиби олӣ ва академияи улуми иттифоқ ҷои кор пайдо кунанд. Аксари онҳо дар шаҳрҳои марказии мамлакати паҳновар кору зиндагии хешро пеш бурда, дар макотиби олӣ ва академияи улуми ин шаҳрҳо ба корҳои илмиву омӯзгорӣ машғул буданд. Яке аз чунин олимон ва омӯзгори маълуму машҳур академик З. Раҷабов мебошад.

Академик З. Раҷабов дар тарбия ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва омӯзгорӣ хеле таваҷҷуҳи зиёде дошта, ҳамеша ба онҳо масъалаҳои то ин дам дар ҷодаи илм таҳқиқнашударо тавсия медод. Шогирдони вафодори устод академикҳо Ҳабибулло Саидмуродов, Раҳим Масов, докторони илми таърих, профессорон, арбобони илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифҷон Ахмедов,

Роҳат Набиева, Мансур Бобохонов, Абдусаттор Мухторов, Намоз Ҳотамов ва муаллифи ин сатрҳо-Рақиб Абулҳаев, номзадҳои илми таърих Асламшоҳ Раҳматуллоев, Сухроб Пӯлодов, Воҳид Иброгимов, Қаюм Ҷамолов ва бисёр дигар олимон маҳсуб мешаванд. Шумори шогирдони ин олими намоёни тоҷик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он қариб ба 40 нафар мерасад.

Пас аз вазифаи роҳбарии университетро адо кардан дар назди З. Раҷабов боз ҳам вазифаи масъулиятноке меистод. Ӯ аз соли 1954 то соли 1959 вазифаи мудири кафедраи таърихи СССР-ро дар ин донишгоҳ ба уҳда дошт. Дар ин муддат устод назди худ вазифа гузошт, ки ба ҷуз баланд бардоштани ҷараёни таълиму тарбияи донишҷӯён, инчунин аз байни мардуми таҳҷоӣ кадрҳои илмиву омӯзгорӣ омода карда шавад. Дар солҳои пасазҷангӣ аз ҳисоби собиқ хатмкунандагони макотиби олӣ, ки аз набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ баргашта буданд, кадрҳои ба аспирантураю докторантура дохилшаванда, меафзуд. Бархе аз онҳо хоҳиши зиёди дар соҳаҳои мухталифи ҷабҳаи таърих таҳқиқоти илмӣ бурдан доштанд. Устоди дурбину дурандеш қисме аз онҳоро чун роҳбари илмӣ сарварӣ мекард, дигаронро ба шоҳроҳи пурпечутобу душвори илмӣ ҳидоят менамуд...

Инсон дар умри хеш бисёр хотираву лаҳзаҳоеро ба ёд меорад, ки дар ҳақиқат ниҳоят ширину гуворо ва тақдирсозанд. Хусусан, айёми ҷавонӣ, ки давраи ҷӯшу хурӯш ва дарки воқеаҳои табиату ҷамъият ва одаму одамшиносӣ, ки ба шахс таъсири фаромӯшнашаванда расониданд, ҳаргиз аз нақши хотирот дур нахоҳад рафт. Махсусан, таассуроту хотироти давраи донишҷӯӣ, шиносоӣ бо ҳампешаҳо ва алалхусус бо устодони донишгоҳ, ки бо ибтикори муншии аввали Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Б. Ғафуров дар вақти кушода шудани аввалин Университети Давлатии Тоҷикистон, аз

ҷумҳуриҳои собиқ Иттифок ва махсусан аз макотиби олӣ ва академияи улуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон даъват шуда буданд, фаромӯшнашаванда аст. Яке аз чунин устодони арҷманд ва ниҳоят барои ҳама шогирдон азизу гиромӣ, аввалин ректори Университети миллии Тоҷикистон, академик З. Раҷабов маҳсуб аст.

Дар солҳои аввали ташкили ин кохи илму маърифат миқдори довталабон ниҳоят нокифоя баназар мерасид. Бо ибтикори З. Раҷабов барои ба ин донишгоҳ ҷалб кардани ҷавонон омӯзгорон ба ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ сафарбар карда шуданд. Устод ба шаҳри Хуҷанд рафта, дар мактаби миёнаи №3 байни хатмкунандагон суҳбатҳо гузаронида, онҳоро барои ба донишгоҳ дохилшудан даъват мекунад. Баъдтар профессор М. Бобохонов дар ёддоштҳояш чунин иброз кардааст:”Долу зарби имтиҳони давлатӣ барои хатмкунандагони синфҳои даҳум. Дар байни мо хабаре паҳн шуд: Ректори Университет З. Раҷабов барои мулоқот ба мактаб меомадааст...Охири моҳи июн дар толори мактаб бо З. Раҷабов вохӯрии устодон ва хатмкунандагони мактаб баргузор шуд...Устод дар суханронии хеш моҳияти университетро дар системаи мактабҳои олӣ ботафсил маънидод намуд”.[1] Дар ҷараёни суҳбат З. Раҷабов бештар ба ҷавоне, ки доир ба масъалаҳои мубрами таърих ба ӯ савол медод, М. Бобохоновро дар зеҳн гирифта, ӯро барои ба университет дохил шудан даъват мекунад, ваъда медиҳад, ки баъди хатми университет худаш шахсан ба кори илмии ӯ роҳбарӣ хоҳад кард. Дар интихоби шогирд устоди одамшинос хато накард. Таҷриба нишон дод, ки М Бобохонов яке аз муаррихони сермаҳсул ва шинохтаи илми таърих гардид. Ҳамин тавр, дар солҳои аввали таъсиси университет душвориҳои зиёде

[1] М.Б. Бобохонов. Баъзе лаҳзаҳои гуворо бо устод З.Ш. Раҷабов.Дар кит. Ахтари илму ирфон. Душанбе, Душанбе 2006 С. 35-36.

пеш омада буданд ва бо ибтикори З. Раҷабов онҳо паи ҳам ҳал карда мешуданд.

Аз ин ҷо дар хотироти мо ҷавонони нимаи дуюми солҳои 50-уми асри XX симои нуронӣ, ҷаззоб ва ба ҷавонону донишҷӯён ғамхори доктори илмҳои таърих, профессор устоди ғамхор З.Раҷабов ҳамеша ҷилвагар мондааст. Ин марди оқилу фозил ва олими намоён пас аз чанд соли бо заҳмату кӯшишҳои зиёд ташкил кардани Университети Давлатии Тоҷикистон, дар он солҳои душвори баъдиҷангӣ бо кадрҳои баландихтисос таъмин кардани ин мактаби олии бонуфуз, бо мақсади минбаъд тайёр кардани омӯзгорони баландихтисос ва амиқтар омӯхтани таърихи халқи хеш кафедраи таърихи ватаниро таъсис дод. Устод пас аз роҳбарии донишгоҳ мудири кафедраи таърихи ватаниро ба он хотир ба уҳда гирифт, ки аз байни ҷавонони маҳаллӣ мутахассисони болаёқат тайёр намояд. Таҷриба нишон дод, ки устоди сахтгиру ғамхор З. Раҷабов дар тули солҳо бо заҳмати ҳамешагӣ ва ғамхории падарона ҷавонони зиёдеро тарбия карда, сафи омӯзгорони донишманду пуртаҷриба ва олимони бомаҳоратро аз мутахассисони маҳаллӣ ғанӣ гардонд.Аз миёни хатмкунандагони донишгоҳ, онҳое, ки азми ба аспирантура дохил шудан доштанд, ҳатман бояд аз суҳбати устод мегузаштанд. Устоди сахтгир дар интихоби аспирантон, олимони оянда хеле ҷиддӣ буда, дар ҷараёни қабул ба аспирантура З. Раҷабов шахсан ҳар як довталабро ҳамаҷониба бо саволу ҷавоби ба худ хос месанҷид ва баъд ба имтиҳонсупорӣ роҳхат медод. Инчунин устод як хислати дигар дошт, ки ба аспирантҳо таъкид мекард, дар интихоби мавзуъҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ниҳоят бодиққат ва бовари комил рафтор кунанд. Ӯ ҳамеша баён мекард, ки интихоби мазуи илмӣ аллакай ними кори таҳқиқотӣ ҳисоб мешавад. Аксар вақт ин олими нуқтасанҷ ва дурандеш ба аспирантҳо мавуъҳои илмӣ-таҳқиқотиро худаш пешниҳод

мекард, зеро устод масоили ҳалталаби таърихнигориро ниҳоят амиқ ва ҳаматарафа дарк менамуд.

Барои навиштани рисолаи докторӣ устод 22 сол-ро сипарӣ кардааст, ки ин аз сахтгирии ин марди серталаб шаҳодат медиҳад. Мавзуи докторӣи устод «Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ - сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ» ном гирифта буд, ки соли 1957 дар шаҳри Маскав дар шурои олимони барҷастаи ховаршинос бо сари баланд дифоъ намуд. Барои таҳлилу таҳқиқ кардани чунин масъалаи бисёрсоҳаву баҳсталаби илмӣ нафаре бояд машғул мешуд, ки маъхазҳои зиёдеро аз бар мекард ва ин шахс устоди муаррихони тоҷик З.Раҷабов буд.

Мо медонем,ки оид ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои ташкилотчигӣ ва роҳбарии академик З. Раҷабов аз ҷониби олимони Тоҷикистон ва Ӯзбекистан асарҳои ҷолиб ва арзанда табъу нашр гардидаанд. Банда чун яке аз шогирдони устоди зиндаёд З. Раҷабов танҳо мехостам, ки баъзе лаҳзаҳо ва вохӯриҳои фаромӯшнашавандаро бо эшон доштаам, ба ҷавонони имрӯза, ки ин олими дар ҳақиқат варзидаро надидаанд, аз одаму одамгарии он шахс огоҳ нестанд, ба воситаи ин сатрҳо шинос намоям. Барои ҳамин дар ин хотираи начандон тулонӣ кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки лаҳзаҳои аз ҳама муҳим ва аз лиҳози тарбиявӣ аҳамиятнок ба қалам дода шавад. Устод З. Раҷабов баробари ба корҳои илмиву тарбиявӣ машғул шудан, инчунин ба донишҷӯён мунтазам лекцияҳои пурмазмуну пурмуҳтаво хонда шавқу завқи донишҷӯёнро барои амиқтар омӯхтани таърихи халқу Ватани хеш бедор мекард.

Ҳангоме ки мо дар курси сеюми дар он вақт факултети таъриху филологияи университет таҳсил мекардем, устод З. Раҷабов ба мо аз фанни таърихи халқи тоҷик сабақ медод. Лекцияи устод аз ин фан аз методу

услуби лексияҳои дигар устодон ба таври мушшахас фаҳмонда додани хусусан масоили ҳалталаби таърихи халқи тоҷик ба куллӣ фарқ мекард. Аз аввал то ба охир лексияи устод ба таври суҳбат ва саволу ҷавоб бо донишҷӯён чунон шавқовар мегузашт, ки мо шунавандагон чӣ тавр гузаштани вақтро намефаҳмидем. Дигар фарқияташ аз он иборат буд, ки тамоми лексияҳои устод ба сарчашмаву маъхазҳои нодир асос ёфта буданд. Пас аз ҳар як лексия устод З. Раҷабов ҳатман чандин адабиёту сарчашмаҳоро ба мо тавсия медод. Дар дарси оянда мазмуну мундариҷаи он супоришро устод ҳатман мепурсид. Ин методи устоди сахтгиру ғамхор моро водор мекард, ки ба ғайр аз китобҳои дарсӣ, инчунин ҷустуҷӯ карда, сарчашмаву маъхазҳои устод таъинкардаро дарёфта, мутолиа намоем. Бо ин мақсад донишҷӯён гурӯҳ-гурӯҳ супоришҳои устодро бо мубоҳисаҳои гарму ҷӯшони айёми ҷавонӣ тайёр мекадем ва дар семинарҳои махсус, ки бо ташаббуси З. Раҷабов ташкил шуда буданд,ҷавоб медодем.

Устод З. Раҷабов ба донишҷӯён боз як ғамхорни дигаре низ дошт. Ин олими варзида дар ҳама ҳолат кӯшиш мекард, ки тамоми таҷриба ва дониши илмиву омӯзгории хешро ба ҷавонони лаёқатманду илмталаб хоҳ дар ҷараёни лексия, хоҳ дар дарсҳои амалӣ ва хоҳ дар курсҳои махсус бо роҳи суҳбат ва гуфтугӯи шахсӣ ба онҳо расонад. Бағайр аз ин, устоди оқилу ғамхор ва дурандеш ҳамеша ба мо донишҷӯён дарси одобу услуб ва одаму одамгарӣ, инчунин ба кору кирдори манфиатноки ҷамъиятӣ машғул шуданро ҳидоят мекард. Таҷриба равшан нишон дод, ки суханони ҳикматноки ин марди шариф бисёр ҷавонони илмдустро ба роҳи дуруст ҳидоят кард ва онҳо дар ҷодаи илм ва таълиму тарбияи ҷавонон ба муваффақиятҳои назаррас соҳиб гаштанд. Омӯзгори пуртаҷриба ва аз як ҷиҳат сахтгиру серталаб ва аз ҷиҳати дигар ғамхору мушфиқ З. Раҷабов имтиҳонгирии ба худ хос дошт. Нағз дар хотир дорам

вақте ки мо дар курси 3-ум аз фанни таърихи халқи тоҷик имтиҳон месупоридем ёрдамчии устод аспиранташ М. Бобохонов буд. Ин методи устод ба он хотир зоҳир мешуд, ки шогирдаш тарзи ба таври ҳаққонӣ аз донишҷӯён имтиҳон гирифтанро аз бар намояд. Мо донишҷӯён ин имтиҳонро соли 1958 супоридем, ки дар он вақт нависандаи ин сатрҳо сардори курс будам. Устод гарчанде синнашон баҷое расида бошад ҳам, як чанд дақиқа пеш аз имтиҳон омада, дар ҳуҷраи имтиҳонгирӣ бо як ҷиддияти ба худ хос бо ҳамроҳии аспирант М. Бобохонов интизори даромадани донишҷуён шуданд. Вале ягон донишҷӯй ҷуръати ба имтиҳон аввал даромадан накард. Устод ба ман муроҷиат карда гуфт, ки Рақиб, канӣ донишҷӯёнро ба аудитория даъват намо! Рости гап, банда дар назди устод сахт дар хиҷолат монда, аз донишҷӯёни пешқадам хоҳиш кардам, ки ба зуддӣ ба утоқи имтиҳонсупорӣ дароянд. Аз чунин донишҷӯён танҳо 4 нафар-Раҳим Масов, Очил Аюбов, Асламшоҳ Раҳматуллоев ва Ивазов Тағаймурод ба имтиҳон даромаданду халос, ки ин нокифоя буд. Дар чунин сурат ман ҳам ба имтиҳон даромадам, гарчанде ки сардори гурӯҳ бояд ҳамаро ба имтиҳон сафарбар карда, баъд аз ҳама имтиҳон супорад.

Дар ҷараёни имтиҳонсупорӣ устод донишҷӯйро бодиққат гӯш карда, пас аз он чандин саволҳои иловагӣ медод. Агар устод ба донишҷӯй ишора карда мегуфт, ки ҷавобат нағз, ин нишонаи баҳои баланд маҳсуб буд. Дар сурате, ки эшон қиёфааш ҷиддӣ мегирифт, дар он сурат яқин ба донишҷӯй баҳои ғайриқаноатбахш мегузошт.

Роҳбарияти ҷумҳурӣ қобилияти илмиву ташкилии З. Раҷабовро ба эътибор гирифта ӯро соли 1959 ба вазифаи директори Институти таҳқиқотии таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Аҳмади Дониш таъин намуд. Ин пажуҳишгоҳ дар академияи фанҳо маркази таҳқиқоти илмии таърихи халқи

тоҷик аз давраҳои қадимтарину қадим то замони моро дарбар мегирифт.

Вақте ки З. Раҷабов вазифаи директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносиро ба уҳда дошт, дар ин боргоҳи илм олимони варзида ба монанди академикон Барис Анатолевич Литвинский, Баходур Искандаров, Нуъмон Неъматов, Аҳрор Мухторов, аъзо корспонденти академияи ҶТ Вадим Александрович Ранов, докторони илми таърих Елена Абрамовна Давыдович, Юрий Александрович Николаев, Низом Нурҷонов, номзадҳои илми таърих Константин Петрович Марсаков, Борис Андреевич Антоненко, Махсуд Алиҷонов, Лидия Петровна Сечкина, Светлана Алексеевна Стеценко, Игор Алексеевич Стеценко, Нуъмонҷон Қосимов, Шарқӣ Юсупов ва дигарон проблемаҳои норавшани илми таърихро аз замонҳои қадимтарин то даврони мо дар асоси бозёфтҳои бостоншиносӣ, маъхазҳои хаттӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва маводҳои зиёди асарҳои таърихӣ ва воситаҳои ахбори умум таҳқиқ мекарданд. Ба ин қувваи тавоно такя карда, устод З. Раҷабов онҳоро барои навиштани аввалин асари ҷамъбастии сеҷилдае, ки аз панҷ китоб иборат буд, “Таърихи халқи тоҷик” (ба забони русӣ) сафарбар кард. Дар хотир дорам, ки ҳар вақт қисмҳои алоҳидаи таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷик дар ҷаласаҳои илмии Институт бо мубоҳисаҳои ҳақиқатан олимона муҳокима мешуданд. Ҳар як олим мувофиқи давраи таҳқиқоти илмии хеш баромад карда, ба масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб фикру ақидаашро дар асоси ҳуҷҷатҳои аниқу раднашаванда ба олимон пешкаш менамуд.

Пас аз ҳар як мубоҳисаҳои тезутунд дар охир устод З. Раҷабов онҳоро ҷамъбаст карда, масъалаҳои минбаъда ҳалшавандаро дар назди олимон ба таври қатъӣ мегузошт. Устод ба таҳқиқотҳои аспирантҳо ва умуман олимони ҷавон аз тахти дил аҳамият дода, доимо аз роҳбарони

шуъбаҳо, роҳбарони илмӣ ва ашхоси муттасаддӣ талаб мекард, ки корҳои таҳқиқотии онҳоро сари вақт хонда баромада, дар маҷлисҳои шуъбаҳо ба таври ҷиддӣ ва ҳаққонӣ муҳокима карда, дар давраи аввали кор камбудиҳои ҷойдодаи онҳоро холисона ва дилсӯзона нишон дода, сипас онҳоро ба шоҳроҳи душвор ва печдарпечи илм ҳидоят кунанд.

Бо саъю кӯшиши доимӣ ва ғамхоронаи устод З. Раҷабов ва ходимони Институт нахустин асари ҷамъбастии таърихи халқи тоҷик аз се қисму панҷ китоб навишта шуд ва чандин маротиба аз таҳлили аъзоёни шурои илмии Институт гузашт. Ва солҳои 1964-1965 бо ибтикор ва саъю кӯшиши академики академияи илмҳои СССР Б. Ғафуров се ҷилду панҷ китоби таърихи халқи тоҷик дар нашрияи Институти ховаршиносӣ дар шаҳри Маскав аз чоп баромад.

Методи омӯзгории устод З. Раҷабов тамоман як роҳу равиш ва усули нисбат аз дигарон ниҳоят фарққунанда ба назар мерасид, ки мо шогирдон ин равандро дар зарфи панҷ соли таҳсил дар Университети Давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин мушоҳида карда, бо тарзи дарсгӯии дигар устодон муқоиса карда, ба хулосае омадем, ки устод дар ин ҷода таҷрибаи ниҳоят бою ғанӣ дорад. Устоди арҷманди мо аввал он, ки бо вуҷуди таърихшинос будан аз асарҳои илмиву адабии олимону шоирони классики тоҷик Абуабдулло Рӯдакӣ, Абулқисим Фирдавсӣ, Абуалӣ Ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷалолиддин Румӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдулқодир Бедил, Аҳмади Дониш,Садриддин Айнӣ ва бисёр дигар нобиғаҳои гузаштаи миллат хеле бахубӣ бархӯдор будааст. Баъдан, муддати дар шаҳрҳои марказии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таҳсили илму адаб кардан бо олимон-ховаршиносони барҷастаи макотиби олӣ ва академияи фанҳои СССР аз наздик шинос гардида,

тарзу услуб ва кори илмӣ-таҳқиқотӣ бурдан ва дар макотиби олӣ ба донишҷӯён таълиму тарбия доданро азбар намуда, малакаи омӯзгории хешро бой гардонидааст.

Устод дар вақти лексия гуфтан бо мисолу далелҳои ниҳоят ҷолиб ва забони осонфаҳм диққати донишҷӯёнро ба худ чунон ҷалб мекард, ки мо гузаштани вақтро ҳис намекардем. Мо дар вақти чӣ лекция ва чӣ семинари махсус ба назму насри адабиёти классикии тоҷик, махсусан ба асари безаволи Абулқисим Фирдавсӣ «Шоҳнома» шавқу завқ ва рағбати беандоза доштани устодро равшан эҳсос мекардем. Устод дар ҷараёни ҳар лекция ҳатман аз ашъори классикони адабиёти форсу тоҷик порчае аз насру назм ва махсусан аз “Шоҳнома”-и безавол ва оламгири Абулқосим Фирдавсӣ мисраъҳои ҷолиб ва диққатҷалбкунанда оварда, маънии онҳоро ба мо донишҷӯён бо як ҳиссиёти баланд фаҳмонда медод. Яке аз семинарҳои махсус ба мавзуи “Шоҳнома” сарчашмаи нодири таърихи халқи тоҷик», ки маърузачӣ донишҷӯй Асламшоҳ Раҳматуллоев буд, баҳс мекард. Барои он ки ин семинар шавқовар ва барои мо донишчуён хотирмон гузарад З. Раҷабов собиқ хатмкунандаи университети Давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин Артисти Халқии Тоҷикистон Абдусалом Раҳимов, ки овози дар ҳақиқат марғуладор ва дилчаспу хотирмон дошт, ба ин семинар даъват кард, ӯ дар муддати қариб ним соат порчаҳое аз «Шоҳнома» азёд ба мо қироат кард. Дар хотир ва зеҳни банда бо диққат гӯш додан ва каллаҷунбониву аз ашъори ҷовидонаи Абулқосим Фирдавсӣ лаззат бурдани устод З. Раҷабов ба мо донишҷӯён хеле таъсир кард. Ба дарс даъват кардани чунин як артисти намоёни ҷумҳӯрӣ аз ҷониби устод ва шоҳномахониро ташкил кардан ба мо донишҷӯён таассуроти хеле зиёде пайдо кард,ки тамоми умр аз ёдҳо фаромӯш нахоҳад шуд. Бигузор наслҳои имрӯзу фардо ин абармарди майдони илму адабро ҳамеша ёд карда,

таҷрибаи бою ғании эшонро дар ҳаёт истифода баранд, ҳаргиз аз аҳамият орӣ нахоҳад буд.

Банда бахшида ба устод З. Раҷабов хотираҳои хеле хуб дорам, аммо ҳаҷми таъиншудаи ин китоб имконият намедиҳад, ки кулли онро рӯи коғаз орам. Мехоҳам, бо як лаҳзаи бо устод иштирокчии конференция буданро бо меҳру муҳаббат ёдовар шавам. Соли 1972 дар шаҳри Маскав конференцияи «Шурои ёрии иқтисодии мамолики социалистӣ» доир гардида буд, аз Тоҷикистон академик З. Раҷабов ва банда ширкат варзидем, ки он чанд рӯз идома дошт. Мо дар меҳмонхонаи назди метрои «Октябр» устод дар қабати чаҳорум банда даҳқабат боло зиндагӣ доштем. Қабл аз ба ҷаласаи конфереция рафтан, дар ҳуҷраи устод наҳорӣ карда, пасон роҳӣ мешудем. Ҳар пагоҳ З.Раҷабов хизматгори меҳмонхонаро даъват карда, хӯроки пагоҳирӯзиро муайян намуда, пасон маро бо телефон даъват мекарданд, Рақиб тез ба назди ман биё,ҳамроҳ нонушта кунем, баъд ба ҷаласа равем.

Чанд рӯзе, ки мо дар Маскав будем, устод намегузошт, ман аз ҷайби худ харҷ кунам ӯ шогирдро зиёфат медод. Аз ин хиҷолат мекашидам. Аммо ҳар боре, ки дастро ба кисса мебурдам устод мегуфт:

- Мон пулата, Рақиб, ту ҳоло ходими хурди илмӣ ,ҳастӣ, ман бошам академикам. Рости гап, ман аз ин лутфу назокати як олими бузург ва устоди устодон дар хиҷолат мемондам. Аммо чӣ илоҷ З.Раҷабов то ба Душанбе баргаштан нагузошт, ки ман аз кисаи худ харҷ намоям. Вакте ки мо ба Душанбе омадем, дар фурӯдгоҳ моро шогирди дигари устод Пӯлодов Сӯҳроб бо мошини худи устод пешвоз гирифт. Дар ҳамон вақт ман дар микрораёни 33–ум зиндагӣ мекардам, устод дар кӯчаи Орҷоникидзе ҳаёт ба сар мебурд. Ман дар фурӯдгоҳ хостам, бо устод хайрухуш кунам, аммо устод ба Суҳроб фармуд:

- Аввал Рақибро ба хонааш бурда мемонӣ, пасон маро мебарӣ.

Ана ин аст, як лаҳзаи хоксориву инсондӯстӣ ва одаму одамгирии олими варзидаи тоҷик, ки даҳҳо шогирдонро аз кадом маҳалу маконе, ки набошанд дилсӯзона тарбия карда ба камол расонид, зеро ӯ орӣ аз маҳалгароиву маҳалбозӣ буд.

Дар бораи мавқеи устод баҳри тарбияи шогирд шоир барҳақ гуфтааст:

**Ҳеч** *кас аз пеши худ чизе нашуд,*
**Ҳеч** оҳан ханҷари тезе нашуд,
**Ҳеч** мавлоно нашуд Мавлои Рум,
То муриди Шамси Табрезӣ нашуд.

Хусусияти дигари одамшиносӣ ва интихоби кадрҳои минбаъдаи илмии устод З. Раҷабов аз он иборат буд, ки дар ҷараёни хониш ва қабули имтиҳоноти ҷорӣ ва давлатӣ кадрҳои минбаъдаро барои донишгоҳ ва Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб менамуд. Масалан, чунин олимони шинохтаи соҳаи таърих Мақсуд Шукуров, Мансур Бобохонов, Ҳомид Ахмедов, Ҳақназар Назаров, Юрий Алексеевич Николаев, Роҳат Набиева, Файзи Зикриёев, Раҳим Масов, Ракиб Абулҳаев, Олуболу Боқиев, Саттор Мухторов, Намоз Ҳотамов, Асламшоҳ Рахматуллоев, Ҳасанбой Дӯстов, Воҳид Иброҳимов, Гавҳар Мухторова ва бисёр дигарон маҳз бо ибтикори академик З. Раҷабов ҳаёти хешро ба шоҳроҳи илми таърих равона карданд.

Нағз дар хотир дорам, ҳангоме ки хатмкунандаи донишгоҳ будем, соли 1960 устод ба мо оид ба таърихи халқи тоҷик семинари махсус мегузашт. Рӯзи 21-моҳи декабр устод ба мо семинари махсус гузаронид ва банда дар ин семинар бо суприши устод оид ба мавзуи «Аз таърихи боғдорӣ дар Осиёи Миёна пас аз ҳамроҳ шудани он ба Русия» баромад кардам. Баҳсу мубоҳиса дар гирду

атрофи ин мавзуъ ниҳоят шавқовар ва тулонӣ идома ёфт. Зеро дар он ба ғайр аз масъалаи боғдорӣ, инчунин дигар масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиро низ дарбар мегирифт. Ин маъруза соф дар асоси маъхазҳо навишта шуда буд. Дар мубоҳиса махсусан донишҷӯён Аюбов Очил, Раҳматуллоев Асламшоҳ, Раҳим Масов, Боқиев Олуболу, Боқиев Ҳалимбой хеле шавқманд буда, доир ба ин ва он масъала фикру андешаи хешро иброз мекарданд. Устод З. Раҷабов ниҳоят бодиққат баромади шогирдонро гӯш андохта, сипас дар охир масъалаҳои ҳалталаб ва баъзан баҳснокро ҳамаҷониба ва шавқовар ба мо бо мисолу далелҳо ниҳоят андешамандона фаҳмонид, ки то имрӯз аз нақши хотир дур нарафтааст. Устод З. Раҷабов ба донишҷӯён супориш дод, ки минбаъд дар семинарҳо чунин масоили шавқоварро бештар таҳқиқ карда, ҳаматарафа чун имрӯза муҳокимаи диққатҷалбкунанда ва манфиатнок гузаронида шавад. Пас аз ба итмом расидани муҳокима устод маро бо худ гирифта суҳбаткунон ба Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш бурд. Устоди арҷманд ва хирандманд бандаро то институт ҳамроҳӣ карда, ба ман гуфт, ки туро дар ин институт ба кор мегирам. З.Раҷабов дар ҳамон вақт директори ин даргоҳи илму донишро ба уҳда дошт. Устоди гиромии банда маслиҳат дод:

- Рақиб, агар ту баъд аз хатми донишгоҳ ба деҳот равӣ, аз асосҳои илм дур хоҳӣ шуд. Ту бояд дар ягон соҳаи илм таҳқиқот барӣ, вагарна вақтро аз даст хоҳӣ дод.

Ман ба ӯ ҷавоб додам, ки шояд баъд аз навиштани кори дипломӣ ва хатми донишгоҳ ба ин даргоҳ ба кор оям. Устод каме ба фикр рафта, сипас гуфт, ки ҳам кор мекунию ҳам диплом навишта, ҳимоя карда университетро хатм мекунӣ. Дар ин сурат фаҳмидам, ки эшон ба ман ҷиддан маслиҳат дода истодааст. Маслиҳату пешгӯии устод ба ман хуш омад ва ба гуфтаи ӯ аз дилу ҷон розӣ

шудам. Вақте ки ба институт наздик шуда, ворид шудем, мудири сектори таърихи даврони навин, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Юрий Александрович Николаевро вохӯрдем, устод ба ӯ муроҷиаткунон гуфт, ки аз ҳамин рӯз иборатан ин хатмкунандаи Университети Далатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, Рақиб Абулҳаев ҳамчун лаборанти калон бо шумо кор хоҳад кард. Мудири сектор аз банда талаб намуд, ки барои ба кор даромадан ариза нависам. Дар ҳамон лаҳза банда аризаро навишта, дар он ҳам директор ва ҳам мудири сектор имзои ризоятро гузоштанд. Аз рӯзи 21-декабри сол 1960 тақдири банда бо шарофати устоди ғамхору арҷманд З. Раҷабов ба Института таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш то имрӯз, ки аз он вақт то ин дам 64 сол сипрӣ шудааст сахт пайванд гардид.

Устод З. Раҷабов инсони миллатдӯст буда, дар интихоби кадрҳо аз кадом маҳал будани онҳо ҳеҷ гоҳ аҳамият надошт, танҳо қобилияти ҷавонони илму меҳанпарастро ба эътибор мегирифт. Ҳамеша ҷавононро таълиму тарбия медод, ки худро ҳеҷ гоҳ ба пулу мол надода, ҳамеша барои пешрафти илми ватанӣ кушиш бахарҷ диҳанд. Рӯзе устод маро дар кӯча дида гуфт:

- Рақиб, имрӯз дар кисса пул нагирифтаам, агар майда дошта бошӣ, ба ман панҷ тин деҳ, то ба тролейбус нишаста, ба хона равам. Ман аз киссаам якчанд тангаро баровардам ва устод аз байни онҳо танҳо панҷ тинро гирифт ва ман ба ӯ гуфтам, ки устод зиёдтар гир. Дар ҷавоб устод гуфт, ки барои ба хона рафтан ҳамин қадар кифоя аст. Рӯзи дигар устод боз дар кӯча ба банда вохӯрда, ҳамон панҷ тинро баровардa ба ман дода гуфт, ки Рақиб ин тангаатро гир, ман он рӯз пиёда ба хона рафтам, тангаат лозим нашуд, ки ман аз ин кирдори шахси бузург дар хиҷолат мондам, то рӯзи вопасин аз нақшаи хотирам дур нахоҳад шуд. Дар ҳақиқат устод шахси фурӯтан ва хоксор

буд. Устод одате дошт, то манзилаш пиёда қадамзанон мерафт, гарчанде ки дар ихтиёраш мошини давлатӣ буд.

Дар солҳои 60-ум дар Академияи фанҳои Иттифоқи Шуравӣ барои тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар назди институтҳои шаҳри Маскав курсҳои баланд бардоштани ихтисос таъсис ёфта буданд ва барои таърихшиносони академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷой муаян шуда буд. Дар ҳамин вақт З.Раҷабов академик- котиби фанҳои ҷамъиятии Академия фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда дошт. Бо ташаббуси ӯ моҳи майи соли 1963 бандаро ба Институти таърихи академияи фанҳои собиқ Иттифоқи Шуравӣ ҳамчун таҷрибаомӯз роҳхат доданд. Муҳлати баланд бардоштани ихтисос ҳамагӣ як сол буду халос. Аммо, аз сабаби он ки вазифаҳои дар наздам гузошта шуда, аз ҷумла мавзуи номзадӣ, ки масъалаи »Мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар болооби водии Зарафшон (солҳои 1918-1923)» бахшида шуда, ҳуҷҷату маводҳояш ниҳоят кам ва дар бойгониҳову китобхонаҳои гуногун пароканда ба назар мерасид, аз ин рӯ дар ин муддат басомон расонида натавонистам, боз як соли дигар муҳлати таҷрибаомӯзиро дароз карданд зарур буд. Бо ин мақсад дар назди шуъбаи таърихи Инқилоби Октябр кори яксоларо бо тафсил ҳисобот дода, аз коллективи олимон хоҳиш кардам, ки муҳлати таҷрибаомӯзиро боз як соли дигар дароз кунанд. Ин дархости банда аз ҷониби кормандони илмӣ пазируфта шуд ва ба ман имконияти тамдиди кори таҳқиқотӣ пайдо шуд. Пасон қарори шуъбаи номбурда ба Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуд. Президиуми академия ин қарори аз Маскав омадаро ба академик- котиби фанҳои ҷамъиятӣ, ки он ба З. Раҷабов таалуқ дошт, супориш медиҳад, ки онро дида баромада ба як хулосае оянд. Ин қарор бо ибтикори устоди зиндаёд З.Раҷабов муҳокима шуда, ба хулоса меоянд ки муҳлати

таҷрибаомӯз Рақиб Абулҳаев боз як соли дигар дароз карда шавад, то ки тавонад аз китобхонаҳою бойгониҳои шаҳри Маскав барои кори илмиаш маводҳои иловагиро дастрас намояд. Ин қарор сари вақт бо имзои академик З.Раҷабов ба Институти таърихи Академияи улуми собиқ Иттиҳоди Шуравӣ фиристода шуд. Дар ин муддат ба ман имконият даст дод, ки сарчашмаҳои то ин дам дида нашуда, ки ба масълаи дар таърихнигории Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқнашудаи: »Мустаҳкуам намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар болооби водии Зарафшон (солҳои 1918-1923)» ном дошт бо тафсил омӯзам.

Инчунин ба шарофати меҳрубонии устоди зиндаёд ба ман дар ин муддат муясар гардид, ки муҳлати таҷрибаомӯзиамро самаранок истифода бурда, маводи зиёд гирд оварда, 50% рисолаи номзадиамро нависам. Моҳи майи соли 1965 пас аз ба итмом расидани муҳлати таҷрибаомӯзӣ боз ба даргоҳи институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш баргаштам. Рӯзи дигари ба Душанбе омдан ба назди устод З. Раҷабов, ки дар бинои президиуми академияи улум дар утоқи корӣ ғарқи фикру андеша нишаста буд, даромадам. Устод маро дида бо як нигоҳи ҷиддии ба худ хос, биё Рақиб гӯён маро ба курсӣ ба нишастан таклиф кард. Ман аз шарм суп-сурх гашта оҳиста ба назди устод нишастам.

- Ҳа шогирд, дар Маскав ду сол гашта, профессор шудӣ -мӣ ?

Ин саволи рамзии устод ба ман аз як тараф ба фикр кардан ва аз тарафи дигар супориши минбаъдаи устод дар ҷодаи таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ равона шуда буд.

Олими варзидаи соҳаи таърихи гузашта ва муосири тоҷик З. Раҷабов дар суҳбат бо мани танҳо як таҷрибаомӯз наздики як соат вақти қиматашро сарф кард. Дар ин муддат устод танҳо аз кору бор ва қадамҳои аввалини илмии банда пурсон шуд. Ва таъкид кард, ки Рақиб, ту

ҳоло танҳо қадамҳои нахустини хешро ба шоҳроҳи беканори илм гузоштӣ ва дар пеш ҳоло роҳҳои ниҳоят душвор ва печдарпеч истодаанд, ки наҳама ба он тоқат меорад.

Барои ҳамин ҳам зикр кард устод:

- Ҳеҷ гоҳ аз ин роҳ ақиб гаштан ба мақсад мувофиқ нест. Ту Рақиб, ба зудӣ ба аспирантура дохил шав, набошад фурсатро аз даст хоҳӣ дод.

Ман якчанд имтиҳони минимумро супорида хостам, насиҳати устодро ба ҷо биёварам, ва соли 1965 ба аспирантура дохил шавам. Аммо, шахсони нотавонбини дар роҳи илм тасодуфӣ ба ин монеъ шуданд. Ба ман муяссар шуд, ки танҳо соли 1966 ба аспирантура дохил шавам.

Пас аз ба аспирантура дохил шудан, боз барои маслиҳат ба назди устод З. Раҷабов рафтам ва гуфтам, ки Шумо агар розӣ бошед, роҳбарии маро ба уҳдаи хеш бигиред. Устод каме ба фикру андеша рафта, сипас гуфт, ки Рақиб синну солам ба ҷое расидааст, ба ту тавсия медиҳам, ки роҳбариатро мудири сектори таърихи давраи Шуравӣ К. П. Марсаков ба зиммааш гирад. Эшон қалами сурхро гирифта, ба К.П. Марсаков мактуб навишта аз ӯ хоҳиш кард, ки ба аспирант Абулҳаев Рақиб роҳбари илмӣ шавад. Ҳангоме ки онро ба К.П. Марсаков расонидам, ӯ мактубро хонда гуфт, ки модоме устод З. Раҷабов хоҳиш када бошад, ман розӣ нашуда наметавонам. Гарчанде ки К.П. Марсаков дар зарфи се сол роҳбари илмии банда шуда бошад ҳам устод З. Раҷабов дар ин муддат доимо аз болои кору бори илмии ман назорат мекард.

Аниқ дар нақши хотирам мондааст, ки соли 1968 дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси олими барҷастаи ҷаҳонӣ академики академияи илмҳои собиқ Иттифоқи Шуравӣ, директори Институти ховаршиносии Академияи улуми собиқ СССР Б. Ғафуров симпозиуми байналмилалӣ

бахшида ба таърихи империяи Кушониён доир гардид. Олимони машҳури ҷаҳонӣ дар ин симпозиум якчанд рӯз бо маърузаҳои пурмуҳтавои илмӣ баромад карда, оид ба ташаккул ва инкишофи ин империяи бузурги он давр мубоҳисаҳои судманд доир карданд. Дар маърузаи хеш академик Б. Ғафуров олимоне, ки оид ба таърихи ин империя фикру ақидаҳои ҷолиби илмӣ карданд, баҳои сазовор дода, баъзе олимоне, ки дар ҳалли илмии ин проблемаи бисёрпаҳлу сатҳӣ фикру ақида доштанд, зери тозиёнаи танқид гирифт. Банда, ки иштирокчии ин симпозиум будам, як баҳои манфии ин алломаи илму фанро нисбат ба баъзе олимтарошон карда буд, ки ҳеҷ гоҳ аз хотир фаромӯш накардаам. Б. Ғафуров вақти ба сухан баромадан бо худ ҷилдҳои "Шашмақом"-ро гирифта буд. Таъкид кард, ки баъзе олимони мо як ду китобча навишта бонг мезананд, мо ҳам олими намоён ҳастем. Ана, гуфт устод ин дар ҳақиқат, ба ин асарҳо ишора карда, таҳқиқоти бузурги илмист.

Вобаста ба он олим чунин як мисол аз давраи хурдсолиаш, ки дар деҳаи Қистакӯз рӯй дода буд овард.

- Мо дар қишлоқамон якчанд мурғ нигоҳ медоштем, ки фасли баҳор буд,- гуфт академик Б. Ғафуров,- рӯзе чанд мурғамон тухм кард, аз байнашон як мурғ пас аз тухм кардан чунон овози баланд баровард, ки он тамоми деҳаро фаро гирифт. Мо кӯдакон фикр кардем, ки ин мурғ мумкин тухми тиллоӣ карда бошад, аммо вақте ки рафта дидем аз таги пои вай як тухми хурдакак баромад. Имрӯз баъзе олимтарошон пайдо мешаванд, ки бо навиштани чанд кори илмии ночиз дар ҳама ҷо доду фарёд мезананд, гӯё онҳо дар бахши таҳқиқотҳои илмӣ навоварие карда бошанд. Рости гап, ин суханони ҳикматноки устод дар тамоми ҳаёт ба ман дарси ибрат шуд. Дар ин форуми байналмилалӣ дар қатори дигар олимони варзида, инчунин академик З. Раҷабов бо маърузаи илмӣ баромад карда, нуқтаи назари

хешро оид ба яке аз масъалаҳои то ҳол норавшани империяи Кушониён ва ҷову мавқеи вай дар тамаддуни ҷаҳонӣ дилпурона исбот кард...

Маълум, ки ҳар як кори нав оғоз карда, масъалаҳои ҳалталаб ва душвориҳои зиёде ба бор меовард. Вақте ки З. Раҷабов кори роҳбариро оғоз кард, аввалан университет бинои таълимгоҳ надошт, то бинои навро сохтан мувақатан дар як гӯшаи  бинои Институти омӯзгорӣ ҷой гирифта буд. Ҳоло кутубхона вуҷуд надошт, ки дар он ҷой донишҷӯён барои худ китобҳои лозимиро дарёб намоянд. Бо ифодаи устод ҳатто ректор дар утоқи кориаш мизу курсӣ надошт. Масъалаи дигари ҳалталаб, инчунин пур кардани сафи довталабон ба соли хониш буду бас.

Дар солҳои пас аз ҷангӣ дар назди ҷавонони аз набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ баргашта вазифаи асосӣ аз лиҳози иқтисодӣ-иҷтимоӣ таъмин кардани аҳли оила буду халос. З. Раҷабов бо мақсади дар солҳои аввали таъсис ёфтани ин донишгоҳи олӣ бо ҳар роҳу воситае набошад сафи дохилшавандагонро мувофиқи нақшаи қабул карда шуда таъмин кардан буд. Дар соли аввали таъсиси университет З. Раҷабов муаллимони аввалинро барои моҳияти илмиву фарҳангии ин донишгоҳро фаҳмонидан ва ба он ҷалб кардани ҷавонон аз гӯшаву канори Тоҷикистон сафарбар намуд. Устод барои навиштан ва дифои рисолаи докторӣ шитоб накард. Танҳо пас аз 20 сол дар мавзуи “Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар ниммаи дуюми  асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ» дар шурои бонуфузи Университети ба номи М. Ломоносови шаҳри Маскав бомуваффақият дифо намуд. Аз як тараф, барои дар он вақт таҳлилу таҳқиқ кардани чунин масъалаи бисёрсоҳаву баҳсталаби илмӣ вақт лозим буд, аз тарафи дигар З. Раҷабов дар ин муддат ба тайёр кардани муттахассисони ҷавон аз байни мардуми маҳаллӣ низ бештар таваҷҷуҳ дошт.

Чӣ хеле ки дар боло зикр кардем, дар солҳои аввали ташкил шудани ин кохи илму фан микдори довталабон нокифоя буда, бо ташаббуси З. Раҷабов ба ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ барои ба университет ҷалб кардани ҷавонон устодон сафарбар карда шуданд.

Ҳамин тавр, дар солҳои аввали таъсиси университет душвориҳои зиёде пеш омада буданд ва бо ибтикори З. Раҷабов онҳо мунтазам ҳалу фасл карда мешуданд…

Дар лавҳи хотироти мо донишҷуёни солҳои 60 уми асри ХХ З. Раҷабов як инсони ниҳоят шариф, боақлу заковат, донишманди илмҳои ҷамъиятӣ ва махсусан таърихи халқи тоҷик, миллатдӯсту меҳанпараст ва бениҳоят ғамхор, одамшиносу қадрдон, яке аз асосгузорони илми таърихи тоҷик, академики АИ ҶТ, доктори илмҳои таърих, профессор, арбоби илму техника равшан мондааст. Ин марди оқилу фозил ва орифи намоён пас аз чанд соли бо заҳмату кӯшишҳои зиёд ташкил кардани аввалин донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, дар он солҳои душвори пас аз ҷангӣ бо мақсади омода кардани муттахасисони баландихтисос дар ин мактаби олии бонуфуз ва омӯзиши амиқи фанни таърих кафедраи «Таърихи ватаниро» таъсис дод.

Устод баъзан ба мо аз таҷрибаи зиндагии хеш, ки аҳамияти тарбиявӣ дошт, нақл мекард. Боре З. Раҷабов дар фасли тобистон бо ҳамроҳии духтарону оилааш Аза бо мақсади дамгирӣ ба кадом як истироҳатгоҳи умуииттифоқ рафтанӣ мешавад. Хонааш дар кӯчаи Орҷоникидзе, ки танҳо гузошта рафтан имкон надошт ва одами дилпур набуд, ки ба ӯ супорида равад. Устод чун хонапою хонабон аз байни донишҷӯён банда ва Аюбов Очилро интихоб карда, хонаро ба мо супорида, бо дили пур бо аҳли оила ба курорт рафт, вале ба мо суроғаи онро пинҳон нигоҳ медошт. Рӯзе устод пас аз ним моҳи дамгирӣ ба хонаш баргашта дид, ки ҳама ҷо тинҷ, тозаву озода, ба мо изҳори

миннатдорӣ карда, чанд муддат бо мо чун шахсони наздик суҳбат орост. Ман ба ӯ мурочиаткунон пурсон шудам, ки устод дар кадом истироҳатгоҳи марказӣ истироҳат кардед ва истироҳатҳо чигуна сурат гирифт? Баъд аз ин саволи шояд он замон ноҷои ман устод бо қавоқи гирифта каме ба фикр ғарқ шуда ба гап даромад:

– Намедонам, Рақиб,чӣ тавр ба ту фаҳмонам. Ман намефаҳмам Аза ва духтарҳо чӣ фикру андеша дошта бошанд, курорти Қрим ба ман он қадар маъқул нашуд, зеро хароҷоти зиёд карда, чанд муддат дар лаби баҳр оббозӣ намуда, худро дар даруни қум ҷулонда омадем. Фикр мекунам, ки ба ибораи халқ, “оби дари хона-хира”. Дар Тоҷикистони биҳиштосои мо чунин ҷову манзараҳои зебо ҳаст, ки ман дар ягон гӯшаи кишварҳои дигар рафтаам, надидаам. Дар мо ҳазорҳо чашмаҳои шифобахш, садҳо кулҳои дорои обҳои мусаффо, кӯҳҳои баланди барфпӯш, ҷойҳои хотирмони таърихӣ ва тамошогоҳи сайёҳони ҷаҳон ва ғайраву вағайраҳоро дорем. Вақти он расидааст, ки мо ҳам ҷумҳуриамонро макони истироҳату тамошогоҳ созем.

Имрӯз ҳаёт исбот кард, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019 ва 2021-ро соли рушти саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шуданд ва ҳар сол шумораи рафту омади сайёҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон афзуда истодааст...

Дар назди хонаи истиқоматии устод З. Раҷабов якчанд дарахтони соядиҳандаи ороишӣ, ки чандин сол қалб аз ин шинонда қомат рост карда буданд, баъди чанде суҳбат ӯ ба сӯи ин дарахтони бесамар назар афканда, чунин бо димоғи гирифта ва табъи хира гуфт:

- Як вақте падарам, ки аҳли савдо буд ба хонаам меҳмон шуд, ба ин дарахтҳо назар афканда гуфта буд, ки шумо, коммунистон мардуми беҳунар ҳастед. Ман ба ӯ савол додам:

- Чаро?

Падар дар посух гуфт:

- Заминро хор кардед. Агар ба ҷои ин дарахтони безебу каҷу килеби беҳосили пур аз кирму ҳашарот дарахтони ҳархелаи самаранок ба монанди зардолу, шафтолу, гелосу олуболу, ноку анор, хурмо, анҷиру ангур ва ғайра парвариш мекардед, ҳам худатон ва ҳам мардуми дигар аз меваи шакарбори онҳо сер мешуданд. Ҳамаи ин ва дигар меваҳо дар фасли баҳори дилпазир, ки гул мекарданд, шаҳри Душанбе ба гулистон мубаддал мешуд.

Воқеан, имрӯз мебинем, ки қиблагоҳи устод ҳақ будаанд. Бо ибтикори Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷумҳурӣ боғсозиву боғдорӣ ва истифодаи самараноки замин хеле хуб ба роҳ монда шудааст.

Аз суҳбатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ устод ба масъалаи илмӣ гузашта, моро насиҳат мекард, ки агар тақдиратонро ба илм пайваст кардан хоҳед, дониста монед, ки роҳи илм ниҳоят роҳи меҳнатталаб аст ва ин роҳ шахси саҳлкору ҳавову ҳавасдорро намепарварад. Дар  ин роҳи душвору шарафманд, аз шебу фароз наҳаросида, шабу рӯз аз болои худ кор бояд кард. Дар он сурат, шумо метавонед ба иҷрои ҷиддии вазифаҳои дар наздатон гузошта баромада тавонед.

Ин насиҳатҳои падаронаи устод З. Раҷабов дар ҳаёт чун роҳнамо, мо шогирдонро ҳидоят кард...

Соли 1960 банда курси чорумро ба итмом расонида, дар вақти таътил ба зодгоҳ деҳаи Урметан ба аёдати падару модар ва пайвандон рафта будам.  Рӯзе ҳама дар сари хон гирд омада, чой менушидем, ки масъадаи баъд аз хатми университет дар куҷо кору зиндагонии банда мавриди сухан гардид. Ҳар кас ба ман як маслиҳате медод, ман бодиққат гӯш андохта менишастам, вале қиблагоҳ хомӯш нишаста, фикру андешаи дигарон ва маро шуниданӣ буд. Баъд аз фикри ҳамаро шунида таҳлил кардан ман ба сухан даромада гуфтам,

ки баъд аз хатми униврситет ва ба даст гирифтани диплом ҳатман ба деҳа омада, хизмати падару модари солмандро хоҳам кард. Аз ин андешаву сухани банда қиблагоҳ як табассум карда гуфт:

– Додо (ман номи падараш будам) хизматат ба ману модарат лозим нест, шукри Худо якчанд бародаронат ҳастанд, ки хизмати моро карда истодаанд. Ман яку ба ҳазор розӣ, ки агар аз ин донишгоҳи имрӯзаат боз мактаби болотар бошад, хонданро идома деҳ,- гӯён дар назди ҳама ҷамъомадагон даст боло карда, аз Худованди таъоло илтиҷо кард, ки ба номи падар иқбол деҳ.

Аз он вақт то ин дам, ки зиёда аз 60- сол сипарӣ шудааст бо панди падар қадам зада, дар ҳаёт комёб гаштам...

Аз рӯзҳои аввали дар институт ба кор даромаданам устод З. Раҷабов шахсан бо мақсади санҷиш ба ман ҳаргуна супориш медод. Муҳтарам З. Раҷабов дар ибтидо хост, ки камина чи тавр аз сарчашмаҳо барои масъалаҳои илмӣ маводҳоро гирд оварда метавониста бошад ва бо ҳамин мақсад маро як рӯз ба наздаш даъват карда фармуд, ки аз рӯзномаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ мақолаву очеркҳо ва драмаҳояшро, ки бо тахаллуси Дунган баромадаанд, ҷамъоварӣ намоям. Маводҳои устод дар солҳои 20-30-уми асри XX дар рӯзномаву маҷаллаҳои он замон бо ҳуруфоти арабиасос, лотинӣ ва кирилӣ чоп шуда буданд. Дар аввал ин супориш барои камина каме мушкилӣ ба бор овард, зеро хати арабиасос ва лотиниро мо дар вақти таътил дар омӯзишгоҳи Панҷакент ва донишгоҳ наомӯхта будем, ки барои хондани онҳо каме вақт сарф шуд. Ва маҷбур шуда чанд рӯз ин хатҳоро хонда оҳиста-оҳиста аз сарчашмаҳо истифода мебурдагӣ шудам. Дар сурате, ки кормандони институт аз мудир сар карда, то ходимони калону хурди илмӣ натиҷаи заҳмати маро дида, ҳаррӯз бо навбат ба ман ҳаргуна супоришҳо медоданд. Доимо кӯшиш мекардам, ки вазифаҳояшонро мувофиқи имконият сари вақт иҷро намоям.

Ҷавон будаму хуни ҷавонӣ дар ҷӯш ва намехостам, ки дар ҳаққам гӯянд, ки аз дасти Р. Абулҳаев ягон кор намеояд. Ин супоришҳо дар навбати аввал каме мушкилиро пеш оварда бошад ҳам, дар натиҷаи кофтукови рӯзномаву маҷалла ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ чандин асрору воқиаҳои таърихие, ки дар сарзамини мо дар асри XX руй додаанд, огоҳ шудам. Ба банда аз ҳама зиёд корманди Институт Юсуф Исломов, ки оиди таърихи комсомоли Тоҷикистон таҳқиқоти илмӣ мебурд, супоришҳо дода, роҳу воситаҳои гирд овардани маводҳои асосисро бо тафсил меомӯзонд ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои ҷамъ кардаамро бодиққат тафтиш мекард.

Ҳамин тавр, аз охири моҳи декабри соли 1960 ва нимаи аввали соли 1961 ман дар се самт кору фаъолият мекардам, аз як тараф, таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, аз тарафи дигар, дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш ва дар мазуи :"Инкишофи илми таърих дар Тоҷикистон дар асоси қарорҳои анҷумани XX ҳизб" бо роҳбарии доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи СССР-и университети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Шукуров кори дипломӣ навиштам. Ору номус ба ман қувваю донишандӯзӣ ато мекард, ки кулли вазифаҳои дар наздам мондаро сари вақт ва бехато иҷро карда, аз имтиҳони устодони сахтгир бовиқор гузарам. Мехоҳам, як лаҳзаи суҳбате, ки бо устод М.Шукуров оид ба навиштани кори дипломӣ карда будам, ёдовар шавам. Ман кори дипломиро бо забони русӣ (Дар он вақт таърихшиносон аслан корҳои илмиро бо забони русӣ менавиштанд) навишта, барои тафтиш ба устод супордам ва устод рӯзи вохӯриро муайян кард. Ман дар рӯзи таъин шуда рафтам. Устод бо як чеҳраи кушод ба ман назар афканда гуфт:

– Муллорақиб, корро ман хонда ба охир расонидам, ки дар он баъзе норасоиҳо ҷой доранд. Ман эродҳои устодро бодиққат гӯш андохта, баъзеи онҳоро ба дафтари қайдҳо навишта гирифтам. Устод дар охир гуфт, ки Муллорақиб, ту

директори Институти таърихи АФ СССР ҳастӣ, ки ба баъзе таърихшиносони маъруфи мамлакат супориш медиҳӣ?

- Не устод,- гуфтам,- аз сабаби он ки мавзуи кори дипломиам характери таърихнигорӣ дорад, асарҳои баъзе муаррихонро таҳлил карда, оид ба ин ва ё он масъала нуқтаи назари шогирдонаи худро иброз кардам.

Устод ба фикри ман розӣ шуда гуфт, ки танқидро каме мулоимтар кардан лозим аст, то ки ба иззати нафси олимони шинохта нарасӣ, ту бошӣ, ҳоло танҳо донишҷӯй ҳастӣ.

Моҳи июни соли 1961 дар донишгоҳи давлатии ба номи В.И. Ленин мавсими дифои корҳои илмии хатмкунандагон, ки раиси имтиҳони давлатӣ ректор С. Раҷабов ва раиси имтиҳони фанни таърих З.Раҷабов таъин шуда буданд, ба кори худ шуруъ кард. Ба кори дипломии ҳар як донишҷӯ як довар таъин карда мешуд, ки он корро бо диққат хонда ба он тақриз менавишт ва дар рӯзи ҳимоя шахсан иштирок карда, баромад мекард. Ба кори мустақилонаи донишҷӯ баҳо медод. Кафедраи таърихи СССР ба кори дипломии камина корманди илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш яке аз муаррихони шинохта К.П.Марсаковро ҳачун довар таъин намуд. Ман корро ба ӯ сари вақт расонидам ва онро ӯ низ дар вақташ хонда тақризи мусбӣ дод ва рӯзи ҳимоя ба донишгоҳ рафта баромад кард. Пас аз муҳокимаи аъзоёни комиссияи имтиҳони давлатӣ, ҳама бо як овоз ба кори дипломии ман баҳои баланд гузоштанд. Бо ҳамин ду самти корам ба анҷом расида танҳо як самт, яъне кори таҳқиқоти илмӣ дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АФ ҶТ боқӣ монд.

Дар ҷараёни кор дар ин муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ, ба ҷуз сари вақт иҷро намудани барномаи яксолае, ки қаблан муайян карда мешуд, инчунин ба лексияҳои фанни философия, таърих ва забони хориҷӣ ширкат меварзидам. Бо супориши устоди зиндаёд З.Раҷабов барои ба аспирантура

дохил шудан тайёрӣ медидам ва ба фикрам ақидае пайдо гашт, ки то ба аспирантура дохил шудан минимумҳои номзадиро пурра супорам беҳтар аст. Дар он вақт тартиботе вуҷуд дошт, ки агар ҳар як довталаб қабл аз аспирпнтура дохил шудан ин минимумҳоро супорад, дар он сурат ба ин қадами нахустини илм бе имтиҳон дохил мешуд ва то хатми он аз супоридани имтиҳон озод буд. Банда ҳам ба чунин роҳ қадам ниҳодам, аммо ба ман фурсат нашуд, ки тамоми имтиҳонҳоро супорам, зеро бо ибтикори устод З.Раҷабов роҳу равиши корам тағйир ёфт. Дар Академияи фанҳои СССР тартиботи бо роҳи таҷрибаомӯзӣ тайёр кардани кадрҳои ҷавони ба роҳи илму маърифат гом мондан ҷорӣ карда шуд. Соли 1963 аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фанни таърих ҳамчун таҷрибаомӯз ба Институти таъриху бостоншиносии Академияи Улуми СССР танҳо як ҷой ҷудо карда шуда буду халос. Барои ин ҷойро ишғол кардан довталабон зиёд буданд. Аммо, масъалаи кӣ бояд ба таҷрибаомӯзӣ равад ин вазифаро танҳо директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи Фанҳои ҷумҳурӣ ҳал карда метавонист. Аз ин масъала ман умуман хабар надоштам, зеро дар деҳот дар назди падару модар дар рухсатӣ будам. Тобистони соли 1963 пас аз рухсатӣ баргаштан ба ман котиби илмии Институт С. А. Стесенко огоҳ кард, ки туро академик З. Раҷабов дар ҷустуҷӯ аст. Ман ҳамоно ба Президиуми Академияи фанҳо роҳ гирифта, ба утоқи кории устод, ки дар он вақт вазифаи академик - котиби илмҳои ҷамъиятиро иҷро мекард, рафтам. Чашмам ба устод афтод, ки эшон дар чашм айнак дар сари мизи корӣ кадом як асарро хонда, дар дафтари алоҳида ба назарам фикру ақидаашро менавишт.

Ман дарро кушода, барои дохили утоқи кории устод даромаданро аз он кас пурсон гаштам ва эшон каме аз болои китоб сарро боло карда маро дид ва гуфт:

- Рақиб, даро, ба курсӣ нишин. Баъд аз ба курсӣ нишастанам устод сараввал пурсид, ки дар давраи рухсатӣ дар куҷо будӣ?

Гуфтам, ки ба деҳа ба айёдати падару модар рафта будам. Дар ҳол қиёфаи устод ранги дигар гирифта, бо як меҳру муҳаббат аз аҳволи саломатии қиблагоҳ пурсон шуд. Баъди суҳбати начандон дароз устод ба масъалаи кору бори ояндаам пурсон гашт. Рақиб дар солҳои наздик чигуна мақсаду маром дорӣ? Ба саволи устод бо як шарму беҷуръатии хоси ҷавонӣ ва дилнопурона гуфтам, ки ду имтиҳони минимумро супорида мақсад дорам, ки ба аспирантураи назди Институти худамон дохил шавам. Устод айнакашро аз чашм гирифта, як ба ман назар афканда, сипас ба гап даромад:

- Рақиб, ман туро дар муддати як сол ҳамчун таҷрибаомӯз ба Институти таърих ва археологияи Академияи фанҳои СССР мефиристонам, ту дар ин муддат метавонӣ, аз бойгониҳои ғании он ҷо ва китобхонаҳои калонтарини шаҳри Маскав барои рисолаи номзадӣ маводи лозимиро дарёб намоӣ. Ба ҷуз ин дар шуроҳои илмии Институти таърих ва бостоншиносӣ иштирок карда, аз баромаду маърузаҳои олимони маъруфи шаҳри Маскав баҳра барӣ. Ман каме ба фикру андеша ғарқ гашта, бо як илоҷе ба устод гуфтам, ки имсол мақсади ба аспирантура дохил шуданро дорам. Устод бо як табассуми ба худ хос гуфт, ки Рақиб, ҳоло ту таҷрибаи нокифоя дорӣ. Агар як сол дар шароити шаҳри Маскав кору зиндагӣ намоӣ, ин баробари зиндагиву кору бори якчандсолаи шаҳри Душанбе аст. Маслиҳати ман ҳамин аст,- гуфт устод, -бояд ҳатман ба Маскав барои таҷрибаомӯзӣ ба маркази илми таърихи Ватан равӣ, Рақиб. Пас аз чуқур фикру андеша кардан ман ба маслиҳати падаронаи утод қатъиян розӣ шудам.

Рӯзҳо паси ҳам мегузаштанд. Ниҳоят моҳи маи соли 1963 расид, дар ҳамин моҳ масъалаи ба шаҳри Маскав ба

командировка рафтани банда тасдиқи хешро ёфт. Дар ҳамин моҳ бо шарофати инсони бузург, олими ҳамадон ва роҳбари ғамхори муассисаи калони илмӣ З. Раҷабов маъмурияти Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ман барои дар муддати як сол дар назди Институти таърих ва бостоншиносии Академияи фанҳои СССР таҷриба омӯхтан роҳхат дод.

Акнун дар назди банда масъалаи рафта дар шаҳри Маскав ҷову манзили зист ёфтан яке аз масъалаҳои душвор ба назар мерасид, зеро ягон хешу ақрабо набуд, ки муваққатан то дами соҳиби хобгоҳ шудан шабро рӯз намоям. Бо ҳамин фикру андеша дар хиёбони он вақт ба номи В.И. Ленини имрӯз ба номи устод Абуабдулло Рудакӣ сари хам қадам мезадам, ки ногоҳ шахсе аз пасам омада бо овози шинос Рақиб, инқадар ба фикру андешаи чуқур ғарқ гаштӣ,- гӯён садо дод ва ба қафо гашта назар кунам, яке аз ҳамдеҳаю ҳамсинфи давраи ҷавонӣ Раҳмонов Сайфулло дар рӯ ба рӯям қарор дошт. Чаро хотират парешон аст, -гуфт ӯ. Баъди чунин савол ман ба ӯ масъаларо ботафсил, аз ҷумла чигуна ба шаҳри ба ман ношинос рафта шабро рӯз мекунам, гӯён расондам. Ба ин масъала фикр накун, ҳоло дар университети ба номи Михаил Ломоносов ҳамкурсамон, ки солҳои дар омӯзишгоҳи шаҳри Панҷакент таҳсил кардан, Муллоев Сафар аспирант аст ва ман метавонам суроғаи ӯро ба ту диҳам, то рӯзи рафтанатро ба воситаи телеграмм маълум намоӣ...

Бо дили пур рӯзи 13-моҳи майи соли 1963 бори нахуст вориди пойтахти собиқ Иттиҳоди Шуравӣ шаҳри зебоманзари Маскав шудам. Вақти аз тайёра фаромадан маро ҳамсабақам Муллоев Сафар, аспиранти Университети ба номи Михаил Ломоносов, ки дар омӯзишгоҳи шаҳри Панҷакент якҷо таҳсил мекардем, пешвоз гирифт. Дар муддати 16-рӯз то аз тарафи Академияи фанҳои СССР ҷойи

хоб пайдо кардан дар хобгоҳи Университети ба номи М. Ломоносов зиндагӣ намудам.

Баъд аз чанд муддат ман дар хобгоҳи аспирантҳои шаҳри Новосибирск ҷой гирифта, сипас фаъолияти кории худро идома дода, дар бойгониҳои шаҳри Маскав ва китобхонаву музейҳои таърихӣ барои рисолаи номзадӣ мавод гирд меовардам. Гӯё дар лаҳзае муҳлати яксолаи таҷрибаомӯзӣ ба итмом расид, вале ман то охир маводҳои лозимиро ҷамъ карда натавонистам, зеро ҷуғрофияи мавзуи рисолаи номзадӣ «Мустаҳкамшавии Ҳокимияти Шуравӣ дар болооби Зарафшон (солҳои 1918-1923)» нисбатан танг буда, маводҳо дар бойгонӣ ва воситаҳои ахбори умумии собиқ Иттифоқ пароканда буданд. Аз ин рӯ ба мудири шуъбаи «Ғалабаи Инқилоби Октябр» (ҳоло насабаш аз хотир рафт) барои тамдиди муҳлати таљрибаомӯзӣ мурочиат кардам. Коллективи ин шуъба ҳисоботи яксолаи кори таҳқиқотии бандаро муҳокима карда, сипас ба унвони шуъбаи фанҳои ҷамъиятии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро устод З.Раҷабов сарварӣ мекард, бо дархост мурочиат карданд, ки муҳлати таҷрибаомӯзии Абулҳаев Раҷибро боз то соли дигар тамдид карда шавад. Ҳангоме ки дархости шуъбаи таърихи Инқилоби Октябри Институти таърих ва бостоншиносии Академияи фанҳои СССР ба Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омада мерасад, раёсати Академия онро ба суроғаи академик З.Раҷабов равон менамояд. Академик З.Раҷабов ба ин дархост шинос шуда, фавран барои боз тамдид кардани муҳлати таљрибаомӯзӣ ризоят медиҳад, ки ин саховатмандии устоди зиндаёд барои пешрафти минбаъдаи фаъолияти илмии банда як такони фаромӯшнашавандае гардид. Бо шарофати устоди арҷманд ба банда имконият даст дод, ки боз дар давоми як соли дигар дар бойгониҳо ва воситаҳои ахбори умуми шаҳри Маскав кор карда, маводи диссертатсияи номзадиро пурра намоям. Хуллас, як соли дигар чун барқ аз пеши назар бигзашт ва

банда боз ба ҷои кори пештар, яъне Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои вазифа баргаштам.

Бори нахуст ман ба садорати академияи ҷумҳурӣ ба назди устод З. Раҷабов омада, дар бораи ба охир расидани муҳлати таҷрибаомӯзӣ ба эшон ҳисобот додам. Устод бодиққат ба суханони банда гӯш андохта, сипас пурсон шуда гуфт:

- Рақиб, акнун ба аспирантура дохил мешавӣ?

- Агар устод роҳбарии маро ба ухда гирӣ, албатта, дохил мешавам -,гуфтам.

Пас аз ин ҷавоби ман устод лаҳзае фикр карда, сипас бо як ҷиддият чунин гуфт:

- Рақиб, агар росташро гӯям, ҳоло пир шудам, ба ту тавсия медиҳам, ки хуб мешуд, роҳбари илмиат сардори секторе, ки дар он ҷо кор мекунӣ  К. П.Марсаков мешуд арзанда буд. Аввало, ин ки ӯ ҷавон ва дигараш, ин ки ҳамчун мудири сектор ҳамавақт бо ту даркор аст. Ҳар замон метавонад дасти ёрӣ дароз намояд. Ман бодиққат ба суханони устод гӯш меандохтам, аммо дар фикру андешаам роҳбарии устод буд. Устоди дурандеш қалами сурхро гирифта, дар вараќи сафед чизе навишт, ба ман дода, фармуд, ки онро бурда ба дасти К. П.  Марсаков супорам. Варақро аз дасташ гирифта, аз утоқи корӣ баромада, онро  кушоям, устод ба забони русӣ чунин навиштааст:

“Константин Петрович Марсаков, прошу Вас быть научным руководителем аспиранта  Абулхаева Ракиба Абулхаевича.

Академик З. Ш. Раджабов» Имзо.

Банда К.П. Марсаковро дар толори шурои илмии диссертационии Университети давлатии ба номи В.И. Ленин, ки дар он ҷо ҷараёни дифои рисолаи номзадӣ мерафт, дарёфтам ва хати устодро ба ӯ додам. Вақте ки К.П. Марсаков ин хоҳиши академик З. Раҷабовро хонд, як ба ман нигоҳи маънидоре карда гуфт:

- Модом, ки академик сухан кардааст, ман розӣ нашуда наметавонам. Ин хизмати навбатии падаронаи олими маълум ва машҳури собиқ Иттиҳоди Шуравӣ устоди зиндаёд З. Раҷабов нисбат ба як шогирде, ки нав бо умеди фардо қадамҳои нахустини худро ба шохроҳи илм мемонд, бахшида шуда буд.

Устоди ғамхору дурандеш З. Раҷабов дар тули се соли таҳсил дар аспирантураи назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш ҳар замоне, ки ба ман рӯ ба рӯ мешуд, аввало аз аҳвол ва шароити зиндагии ман мепурсид. Чун аз саломатӣ ва зиндагии ман воқиф мешуд, устод бо қиёфаи нимҷиддӣ ва бо табассум мепурсид:

-Ракиб, аз ҳама муҳим равиши корҳои илмиат дуруст-мӣ? Роҳбари илмиат К.П. Марсаков ба ту мадад мерасонад-мӣ?

- Ёриву мадади ӯ бад нест, нақшаи кориамро дида, ба муҳокимаи кормандони сектор гузошта, онро маъқул шумориданд, - гӯён посух додам.

Баъд ӯ суханашро идома дода гуфт:

- Роҳбари илмӣ ҳеҷ вақту замон ба ҷои унвонҷӯ кори илмиашро нанавиштааст ва ҳоло ҳам наменависад, аз дигар лиҳоз Ракиб, ту таҷрибаи навиштани кори илмиро медонӣ, маводҳои зиёди бойгонии ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва берун аз он ва ҳатто аз бойгониҳои шаҳри Маскав низ маводҳои нодир дорӣ. Аз ин рӯ корро аз аввал то охир навишта, ба дасти ман деҳ, баъд ман хонда, натиҷаашро ба ту аниқу равшан мегӯям-, ҷавоб дод роҳбари илмӣ.

Се соли муҳлати аспирантура бегумон ва ниҳоят тез гузашта рафт, ки худам нафаҳмида мондам. Дар ин муддат кори илмиро ба анҷом расонидам. Афтореферати рисолаи номзадӣ ҳам аз чоп баромад ва бори аввал онро ба дасти устод З. Раҷабов, ки дар бемористони Қарияи Боло муолиҷа мекард, бурда додам. Устод З. Раҷабов онро дида хурсанд шуд, гуфт, ки ман ҳатман хонда тақриз менависам. Чанд рӯз

пас устод тақризи навиштаашро ба воситаи шогирди вафодораш шодравон Абдусаттор Мухторов ба ман расонд. Чунин сипосгузории як шахси бузург ва аллома академик З. Раҷабовро нисбат ба як унвонҷӯ то дами вопасин аз нақши хотирам нахоҳад рафт. Дар ҳақиқат, устоди зиндаёд дар тули умри бобаракати хеш нисбат ба шогирдон, ки аз гӯшаву канори гуногуни ҷумҳурӣ буда, бо роҳбарии эшон таҳқиқотҳои илмӣ мебурданд, падарвор рафтор мекард. Барои устод шогирд аз кадом маҳал будан ҳаргиз аҳамияте надошт, эшон танҳо истеъдоду қобилияти таҳқиқотии шахсро бодиққат дидаву санҷида, сипас  мавзуи таҳқиқотии онро муайян мекард. З. Раҷабов дар тамоми муассисаҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва мактабҳои олии Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва ҳатто шаҳрҳои Маскав, Санкт-Петроград шогирдони зиёде дошт ва ба ҳамаи онҳо чун падарвор рафтор мекард. Дар тули умри бобаракати хеш устод даҳҳо шогирдонро таълиму тарбия дод, ки онҳо дар муассисаҳои илм-таҳқиқотӣ ва мактабҳои олӣ  кору кирдор карда, насли наврасро тарбия намуда, худ ба дараҷаи устодӣ сабзида расидаанд.

Муаррихи барҷастаи даврони шуравӣ, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аввалин ректори Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, нахустин директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АФ ҶТ, аъзои таҳририяи таърихи бисёрҷилдаи СССР, Арбоби хизматнишондодаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи мукофоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ Ибни Сино, З. Раҷабов дар таърихи илму маданият ва фарҳанги халқу Ватани хеш ва берун аз он ном баровválida, машҳури ҳамагон  гардидааст. Устод дар яке аз саҳифаҳои хотирааш  айёми ҷавонӣ, ки бо хориву зорӣ гузаштааст аз ҷумла чунин арз кардааст:

”Ман фахр мекунам, ки аввалин ректори Университети давлатии Тоҷикистон, фахри миллат аст,

будам"... "Давраи бачагиам бо душворӣ гузаштааст, гуруснагиро аз сар мегузаронидам, либоси пӯшиданӣ надоштам. Падарам маҷбур шуд, ки қисми ҳавлиямонро ба бойи ҳамсоя фурӯшад. Оилаи мо иборат аз 7 нафар буда, дар хонаи вайрона зиндагӣ мекардем. Аз намии хона, нарасидани хӯрок модарам ва се хоҳарам ин дунёро падруд гуфтанд."[2]...

Тавре ки ба хонандаи хушзавқу дақиқсанҷ маълум гардид, дар боло каме дар хусуси тарҷумаи ҳоли академик З.Ш. Раҷабов ва роҳҳои ниҳоят душвору печдарпечи зиндагӣ, ба даст даровардани маълумоти олӣ, аввалин номзад ва доктори илми таърих, профессор, академики АФ Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи мукофоти ба номи Абуалӣ Ибни Сино ва ҳамчун ташкилотчии маъруфи соҳаи илму маърифат ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмиву педагогӣ сухан гуфта шуд.

Ба олимони илмҳои ҷамъиятӣ ва қабл аз ҳама илми таърихшиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва махсусан Тоҷикистон маълум аст, ки ин олими фидоии таърихи гузаштаву имрӯзаи миллат дар тули фаъолияти илмии хеш оид ба таҳлилу тадриҷи масъалаҳои мубрами то ин дам кам тадқиқ гардида, кору фаъолияти самараноке карда, маҳсули илмиашро ба наслҳои имрӯзу фардо мерос гузоштааст. Ин олими сарсупурда, ки ҳаёти ҷавониаш дар давраи ҳукмронии саризми рус ва аморати Бухоро сипарӣ шудааст, ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодӣ, илмиву фарҳангӣ ва сиёсии он айёмро бо чашмони хеш дидаву санҷидааст. Дар маркази асосии таҳқиқоти илмии ӯ масъалаи "Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ" бахшида шудааст.

Бесабаб нест, ки олим аввалин таҳқиқоти илмии хешро аз масъалаи "Ҷадидҳо дар Туркистон солҳои (1905-

[2] Р.А. Набиева. Ситораи дурахшони илму фарҳанги машриқзамин. Дар кит. Ахтари илму ирфон ( бахшида ба 100 солгарди зодрӯзи академик З.Ш. Раҷабов), Душанбе, 2006,С. 40.

1907)”оғоз намудааст. Маҳз дар ҳамин давра, ки дар мамолики Шарқ, аз ҷумла Осиёи Миёна воқеаҳои бузурги ҷамъиятӣ–сиёсӣ ба вуҷуд омада,ҷунбиши инқилобӣ оламгир гардид,ки сабаби пайдоиши фикру ақидаҳо ва назарияҳои гуногуни пешрафти ҷомеаи инсонӣ ба майдон баромад. Дар давра ва пас аз инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус бедории мазлумони мамолики Шарқ чун барқ намоён мегардад. Ҳаракатҳои миллӣ- озодихоҳӣ дар Хитою Ҳиндустон, Туркияю Эрон, Осиёи Миёна ва дигар мамолики қитъаи Осиё баҳри озодии миллӣ ва аз истисмори ҷаҳони капитал озод гардида, давлати соҳибихтиёриро барпо кардан авҷ мегирад. Ин ҳаракатро қабл аз ҳама буржузияи миллӣ ва синфи коргар ба уҳда гирифта, тамоми аҳли меҳнатро ба мубориза даъват мекарданд. Аммо, дар ҳар як мамолики Шарқ чунин ҳаракат мувофиқи дараҷаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва илмиву фарҳангӣ хусусиятҳои ба худ хос дошт.

Дар Осиёи Миёна ин ҳаракат характери маорифпарварӣ дошта, ҳоло дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ба амал омада буд,ки маорифпарварон чун баъзе намояндагони мамолики Шарқ ақида доштанд, ки халқ аҳли саводу маърифат гардад. Ба ин ақида инчунин маорифпарварони тоҷик низ пайгир буданд. Аз байни ҷавонони тозаандеш ҷараёне ба саҳнаи ҳаёти ҷамъиятӣ мебароянд, ки дар таърих бо номи “ҷадидҳо” машҳуранд. Саволе ба миён меояд, ки ин қабил ҷавонони илмдӯсту фарҳангӣ чаро ҳаракати хешро “ҷадидия”(навоварӣ) номгузорӣ карданд.?Зеро онҳо ақида доштанд, ки натанҳо бо фикру андешаи ба даст даровардани истиқлолият фаъолият мекунанд, балки ба таъриху ҳаёти гузаштаву имрӯза ба таври навфаҳмӣ омухта баҳо медиҳанд. Аслан гирем,ҷадидҳо намояндаи буржуазияи маҳаллии компрадорӣ (савдоӣ) маҳсуб буданд. Мувофиқи ақидаи академик З. Раҷабов ҷараёни “ҷадид”-ҳо ба ду қисм яъне

чапу рост тақсим мешуд. Қисми чапашон тарафдори ба Русия майл карданро дошт, аммо қисми рост тарафдори Туркияи усмонӣ буд. Маълум, ки дар ибтидои асри XX чанде аз байни ҷавонони ҷадид давом додани таҳсил ба шаҳрҳои Туркия мераванд. Дар он вакт Туркия мамлакати Аврупою Осиёгӣ маҳсуб буд, ки дар он ҷо ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ нисбати Осиёи Миёна пешрафта буд.

Ба ақидаи мо, баъзе ҷавонони аз Осиёи Миёна ба ин мамлакат ҳиҷрат карда, ин дигаргуниҳоро дида ба ақидаҳои пантуркистӣ майл карда, пас аз ба мамлакати хеш баргаштан худро ба ин ҷараён оғушта мекунанд. Дар байни мардум бартарии ин ҷараёнро ташвиқу тағриб менамоянд. Ба гуфтаи Садриддин Айнӣ Абдуррауфи Фитрат баҳори соли 1910 бо ҳамроҳии Муқимбек аз роҳи Эрон ба Истамбул рафта буд. Фитрат аз қобилтарин талабагони Бухоро буда, дар адабиёти қадима ва илмҳои арабӣ маҳорати калон дошт, Дар солҳои охир дар сояи вуқуф ба адабиёти нав фикру ақидааш кушода шуда, ба аҳволи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмии Бухоро бо назари ибрат нигариста, ба вилоятҳои атроф сафарҳо карда маълумоти зиёде ғун карда буд. Ӯ аз рӯзҳои аввали ба шаҳри Истамбул ворид гаштан ба хондану асарнавиштан қадами дилпуррона гузошт. Нахустин асараш, ки ба забони форсӣ навишта буд “Мунозира” номгузорӣ кард. Бо мақсади ба эътибор гирифтани аҳволи руҳияи мардуми Бухоро ин асарро ба тариқи роман навишта буд, ки он ба халқи Бухоро ниҳоят писанд омад. Дигар асараш, ки “Сайёҳи ҳиндӣ” ном дошт ва дар он шароити бади илмӣ, сиёсӣ ва иқтисодии Бухоро бераҳмона, гоҳо ба тариқи ҳаҷв ва гоҳо танқид ба қалам дода шуда буд.[3]

---

[3] Ниг.Садриддин Айнӣ.Куллиёт Ҷилди 7.Душанбе “Дониш”-2021, С.495-496.

Аммо як муддат ин ҷавони боистеъдоди тоҷики бухороӣ Абдурраруфи Фитрат ба гирдоби пантуркизм кашида шуда, ба яке аз пантуркистони ашадӣ ва душмани забони модарии хеш табдил гардид.Ӯ ба майдони адабиёт ва фарҳанг чун тоҷики асили Бухоро қадам монда, солҳои таҳсил дар Туркия (1910-1914) ба ҷараёни панисломизм ва баъд ба пантуркизм табдил ёфт. Вай ин таҳаввулоти фикриашро баъдан чунин изҳор кардаст:"Як хаёли пӯсида будани ғояҳои панисломизмро рӯз то рӯз кашф мекардам. Чун дарк кардам, ки панисломизм -як хаёли ношуд аст, ба хаёли пантуркизм афтодам."[4]

Оид ба ақидаҳои ҷадидҳо академик З. Раҷабов чунин андешаронӣ кардааст:"Инкишофи ғояҳои ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри X1X ва дар ибтидои асри XX онро нишон медиҳад, ки баробари пайдо гардидан ва паҳн шудани ғояҳои маорифпарварию демократӣ, дар ибтидои асри XX дар Осиёи Миёна идеологияи буржуазияи маҳаллии миллатгароӣ бавуҷуд омада, тадриҷан ҳамчун қувваи реаксионӣ ташаккул ёфт ва дар пояи ислом қарор мегирифт ҷадидия меноманд."[5]

Дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ дар осмони беканори таърихи халқи тоҷик ситораҳои дурахшоне ба майдони таҳқиқоти илмӣ пайдо шуда, баҳри ҳамаҷониба ва адолатона таҳлилу баррасӣ кардани масоили мубрам ва аз лиҳози дигар ниҳоят душвору печдарпечи гузашта ва имрӯзаи ҳаёти халқи хеш камари ҳиммат бастанд. Яке аз чунин абармардони фидоии ҳамаҷониба ба таври беғаразона омухтан, таҳлилу тадриҷ ва рӯи об баровардани

---

[4] Қаҳҳори Расулиён.Инъикоси ҷадидия дар осори академик З. Раҷабов. Дар кит.Саҳми академик З.Ш. Раҷабов дар рушди илму маориф ва фарҳанги халқи тоҷик. Душанбе-2016, с. 105.

[5] З. Раҷабов. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине X1X и в начале XX вв.таджикгосиздат, Сталинабад- 1957, с.383.

ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии омма яке аз олимони барҷаста, маълуму машҳур натанҳо дар доираи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин берун аз он доктори илмҳои таърих, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон устоди зиндаёд З. Раҷабов мебошад. Устод дар ҳаёти пурбаракати хеш доир ба масъалаҳои таърихи афгори ҷамъиятӣ- сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1Х ва аввали асри ХХ ба забонҳои тоҷикиву русӣ ва ӯзбекӣ асарҳои ҷолиб ва пурарзиши илмӣ-таҳқиқотӣ навишта, пешкаши аҳли илму фарҳанг ва хонандагони сершумор гардонидааст.

## 2.Асари бунёдии олим

Асари бунёдӣ ва ниҳоят арзишманди З. Раҷабов, ки соли 1959 бо унвони "Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1Х ва аввали асри ХХ"дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон бо ҳаҷми 24 ҷузъи чопӣ ба забони тоҷикӣ дарҷ гардида, дар он солҳо яке аз таҳқиқотҳои наву арзишманд дар таърихнигории Тоҷикистон маҳсуб буд. Бояд дар ҳамин ҷо пешакӣ ба самти хонандагони сершумор ва аҳли васеъи илмҳои ҷамъиятӣ ва қабл аз ҳама муррихон расонем, ки майдони таҳқиқоти илмии устод З. Раҷабов танҳо оид ба таърихи қабл аз инқилобӣ маҳдуд намешавад. Устод инчунин доир ба масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва илмиву фарҳнагии давраи пас аз инқилобии халқи тоҷик низ асарҳои зиёди арзандае дорад, ки минбаъд дар ин сатрҳо гуфта мегузарем.

Дар ин ҷо мо ба хулосае омадем, ки аввало ба таҳлил ва баҳодиҳии асари бунёдии устод З. Раҷабов, ки ба масъалаи "Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1Х ва аввали асри ХХ"бахшида шудааст, истода гузарем. Ин асари бунёдӣ, ки дар таърихнигории халқи тоҷик бори нахуст навишта

шудааст, ба ду забон, ба забони русӣ дар Нашриёти давлатии тоҷик, Сталинобод, соли 1957 бо унвони “Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине Х1Х и в начале ХХ вв” ва дар нашриёти мазкур соли 1959 бо номи “Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1Х ва аввали асри ХХ” аз дасти чоп баромада, дастраси ҳаводорони сершумор гардид. Академик З. Раҷабов ба фаҳмиши мо хеле айни мақсад кардааст, ки дар ибтидои китоб барои хонандагон ба таври мухтасар муқаддимае таълиф дода, афкори хонандагонро ба таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои асосии дар пеш мондааш, яъне ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухороро аз лиҳози илмӣ асоснок карда, ба аҳли илму фарҳанг ва хонандагони сершумор гӯшрас кардааст. Масалан, устод З. Раҷабов ба таври илмӣ замони тираву тор ва зиндагии мардуми меҳнаткашро бо тамоми ҳастиаш изҳор карда, чунин ба қалам додааст:”Халқи меҳнаткаши Осиёи Миёна дар давраи мустамликадорӣ беҳуқуқ, фақиру гадо, бесавод буда, дар зери зулм ва таадии хеле сахти ҳукумати подшоҳии рус, амири Бухоро, хони Хева ва синфҳои истисморгари маҳаллӣ умр ба сар мебурд.”[6]

Аммо, аз гуфтаҳои профессор З. Раҷабов хулосаи дуруст бармеояд, ки маорифпарварони қабл аз инқилобӣ ҳоло ба фаҳмиши бо роҳи инқилобӣ дигар кардани сохти ҷамъиятӣ дар Бухоро нарасида, роҳҳои аз ин асорат абадан озод шудани оммаи меҳнаткашро муайян карда наметавонистанд. Дар ин хусус, аз ҷумла устод З. Раҷабов чунин андеша дорад: “Маорифпарварии Аҳмади Дониш, Возеҳ, Шоҳин, Асирӣ, Ҳайрат, Садриддин Айнии пеш аз

[6]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1Х ва аввали асри ХХ. Нашриёти давлатии Тоҷикистон- Сталинобод- 1959 С 7..

революсионӣ, Фурқат, Муқимӣ, Ҳ. Ҳакимзода ва дигарон, бо вуҷуди доштани бисёр ақидаҳои пешқадам, роҳҳои ҳақиқии озодшавии халқҳои Осиёи Миёнаро ёфта натавонистанд. Ягона роҳи наҷот ва халосии халқ фақат дар таҳти роҳбарии пролетариати рус револютсияи сотсиалистӣ буд”.[7]

Дар ин асари бунёдӣ ва ҷамъбастӣ таҳқиқотчии варзида З. Раҷабов бо фикру андеша ва нуқтаи назари олимона оид ба адабиёт ва манбаъҳои таърихӣ, ки асоси илмии навиштани чунин таҳқиқот гардид, маълумоти мухтасар медиҳад, то ки аҳли илму маърифат ва хонандагони закӣ боварӣ ҳосил намоянд, ки академик З. Раҷабов барои таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои дар наздаш гузошта то чӣ андоза адабиёт ва сарчашмаҳое, ки дар илми таърих хеле нокифоя ба кор бурдаанд, нишон диҳад.

Ин асар бо чунин боб:“Муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодии Туркистон ва аморати Бухорои дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ”оғоз мешавад. Ин боб дар асоси адабиёти мавҷуда, инчунин як чанд ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, яъне бойгонии давлатии таърихии марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (ЦГИА) Тошкент; бойгонии давлатии ҳарбӣ- таърихии марказии (ЦГВИА) Москва ва бойгонии марказии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Душанбе ва ғайра навишта шудааст.

Манбаи асосии навиштани бобҳои минбаъда, арз кардааст муаллиф, дастнависони мутафаккирони барҷастаи тоҷик, маҷмуаҳои адибони гуногуне, ки пеш ва пас аз ғалабаи инқилоби пролетарӣ нашр шудаанд маҳсуб мешавад. Инчунин ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, матбуоти давргӣ, асарҳои бадеӣ ва адабӣ-публисистӣ ва ғайра сабаб шудаанд, ки бештари онҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ,

---

[7]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., с.7.

навишта ва нашр гардидаанд ва бори аввал дар адабиёти илмӣ истифода бурда шудаанд, дар навбати аввал асарҳои дастнависи Аҳмади Дониш аз ин ҷумла мебошанд.[8]

Ба андешаи устод академик З. Раҷабов таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри X1X ва ибтидои асри XX ҷиҳатҳои пешқадами мубориза ба муқобили мафкураи динӣ- клерикалӣ ва миллӣ ҷадидӣ ба пеш қадам гузошта, ба камол расид. Муаллиф, бо мақсади нишон додани муборизаҳои тезутунди мафкуравӣ дар асари хеш оиди ҷадидизм боби алоҳида бахшидааст, ки он дар асоси китобчаҳои алоҳида, мақола, шеър, асарҳои драммавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои худи ҷадидон навишта шудааст. Устод бо ҷиддият қайд кардааст, ки адабиёт оид ба фаъолияти ҷадидҳо онқадар зиёд нест. Аммо, ин фикрро устод ним аср қабл аз ин зикр кардка буд. Дар ин фосила илми таърих ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ дар асоси таҳлилу тадриҷи ҳуҷҷатҳои нави бойгониҳо ва асарҳои навини олимон хеле пеш рафта, оид ба таъриху фаъолияти ҷадидон ва дигар пайравони онҳо асарҳои хурду бузурги зиёд дарҷ карда шуданд Аз ин рӯ имрӯз гуфта наметавонем, ки оид ба таъриху фаъолияти ҷадидони Осиёи Миёна ва собиқ аморати Бухоро таҳқиқотҳо нокифоя ҳастанд. Барои мисол кору хулосаҳои профессорон Н. Ҳотамов, А. Раҷабов, Н. Ғафоров, Қ. Расулиён, дотсент А. Ёрмуҳаммадов ва дигаронеро, ки оиди ҷадидон корҳои тадқиқотӣ навиштаанд, ба фикри мо андеша ва хулоаҳои нав дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва дастнависҳо дар корҳои илмии онҳо дида мешавад.

Тавре ки дар боло зикр карда шуд, боби аввали асари бунёдии академик З. Раҷабов ба андешаи мо ба масъалаи муҳимтарин, яъне лаҳзаҳои ҳаёти иҷтимӣ-иқтисодии кишвари Туркистон ва аморати Бухоро дар нимаи дуюми

[8] З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С. 9-10.

асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ бахшида шудааст. Вазъи душвори ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат тарз ва ҳолати афкори сиёсии кишварo нишон медиҳад, зеро равишу ҳолати иқтисодиёт сиёсатро муайян мекунад. Ба вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ- иқтисодии Осиёи Миёна бегуфтугӯ ҷараёни ба Русия ҳамроҳ кардани қисми ин кишвар ва ташкил шудани Генерал-губернатори Туркистон дигаргуние ворид намуд, зеро дар ҳамин давра Русияи подшоҳӣ, ки ба сохти ҷамъияти капиталистӣ ворид гашта буд ва қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ нисбат ба Осиёи Миёна ва алалхусус аз аморати Бухорои манғитӣ пеш рафта буд. Бо мурури вақт ва паҳн гаштани шумораи зиёди банкҳо дар Осиёи Миёна, сабаби дар қисми Туркистонии он муносибатҳои капиталистӣ оҳиста-оҳиста ворид мешавад, ки он ба иқтисодиёти кишвар таъсири худро нарасонда наметавонист.

Аз ин ҷо дар нимаи дуюми асри Х1Х ҷараёни ба Русия ҳамроҳ шудани  Осиёи Миёна бегуфтугӯ характери прогрессивӣ дошта, дер боз мамолики Аврупои Ғарбӣ ва алалхусус Англия ният дошт, ки Осиёи Миёнаро забт карда, ба мустамлика ва ё ниммустамлика, чун идомаи мустамликадории Ҳидустон аз худ карда, онро асрҳо ба манбаи моли хом ва қувваи арзони  коргарӣ табдил диҳад.

Инчунин бояд ба эътибор гирифт, ки қабл аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия дар ин ҷо ҷангҳои дурудароз байни хону бекигариҳои маҳаллӣ иқтисодиёти мамлакатро ниҳоят хароб мекарданд, ки дар асари академик З.Раҷабов бо мисолу далелҳои ҳуҷҷатӣ таҳлил карда шудааст.Тавре ки устод З. Раҷабов иброз мекунад, дар ҷангҳои шиддатноки байни аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд, ки дар муддати солҳои 1840-1842 давом мекард, бисёр мавзеъҳо ва махсусан Хуҷанд ҳамаҷониба зарари калон медид. Ё худ аморати Бухоро дар зарфи 22 сол баҳри ба даст даровардани бекигарии

Шаҳрисабз байнашон задухурдҳои тезу тунд доир гашт, ки дар он халқи меҳнаткаш зарари зиёд дид.

Ҷангҳои байнихудии феодалӣ аҳволи хусусан аҳли меҳнатро ниҳоят ба харобӣ оварда мерасонд, киштзорҳои сабзу хуррам ба чӯлҳои бекасу хушку холӣ табдил меёфт, шаҳрҳо ва деҳаҳо тороҷшуда, нишонаҳои шаҳрдорӣ аз байн мерафт. Дар мамлакат фабрикаю завод вуҷуд надошт. Осиёи Миёна сар то сар кишвари аграрӣ ба ҳисоб мерафт.[9]Ҷараёни ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия ба таври холисона иттифоқи мардуми русро бо меҳнаткашони Осиёи Миёна дар роҳи минбаъдаи мубориза ба муқобили саризми рус ба ҳам пайваст.Ҷараёни аз байн рафтани муносибатҳои куҳнаи патриархалӣ-феодалӣ пас аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия пайдо шудани муносибатҳои капиталистӣ дар иқтисодиёт бо суръат пеш мерафт.

Чунин вазъият, ба гуфтаи академик З. Раҷабов оварда, ба он мерасонд, ки Осиёи Миёна барои капитализми рус чун бозори молфурӯшӣ, қувваи кори арзон  ва ба манбаи моли хом табдил меёфт. Дар байни солҳои 1890-1917 муносибатҳои иқтисодии байни Туркистону Русия  тадриҷан қавитар мегашт. Сохтмони роҳҳои оҳан дар Осиёи Миёна дар ин хусус моҳияти калон дошт. Масалан, роҳи оҳани Закаспий дар соли 1899 ва роҳи оҳани Тошкент дар соли 1906 ба кор даромад. Ин воситаҳои асосии алоқаи он давра баҳри афзудани иқтисодиёти Русия омили муҳим гашта,сабаби ибтидои дар Осиёи Миёна ворид гаштани элементҳои муносибатҳои капиталистӣ шуд.[10]

Маълум, ки яке аз мақсадҳои калидии саризми рус аз забт карда, сипас ба империяи хеш ҳамроҳ намудани қисми

---

[9] Ниг. З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С. 32-33.

[10] З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С.35.

Осиёи Миёна аз он буд, ки ин мамлакатро ба манбаи моли хом ва бозори қувваи арзони корӣ дар ҷараёни истеҳсолот табдил диҳад. Ва таҷрибаи таърихӣ равшан нишон дод, ки аз нимаи дуюми асри Х1Х сар карда то дами ғалабаи инқилоби пролетарӣ саризми рус ин мамлакати аграриро ҳамаҷониба истисмор кард, дар ин ҷараён махсусан деҳқонон, ки қабл аз ин ҳам аз ҷониби заминдорон бераҳмона истисмор мешуданд, ба зери истимори мамлакати мустамликадор гирифтор гаштанд.

Русияи подшоҳӣ пас аз забти Осиёи Миёна чун мамлакатҳои Аврупо ва махусан Англияю Франсияи мустамликадорони қитъаи Осиё, ки дар соҳаи аграрӣ сиёсати ба ҷои соҳаҳои анъанавии хоҷагии кишоварзиро батанг карда, истеҳсоли навъҳои нави соҳаҳои кишоварзие, ки маҳсулоти бозоргир ба монанди индиго, афюн ва ғайраро ҷорӣ мекарданд, капиталистони рус ҳам ба ин роҳ рафта истеҳсоли пахтаро низ васеъ ба миён гузошт. Мустамликадорони рус дар баробари пахтакорӣ, инчунин ба инкишофи дигар соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ ба монанди боғу токпарварӣ, сабзаводкорӣ, чорводорӣ, пиллапарварӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии кишоварзиро тезонида, ба воситаи миёнаравон, яъне капиталистони савдоии (компрадорӣ) маҳаллӣ ва намояндагони дину мазҳаб деҳқононро бераҳмона ва ғайри инсонӣ ба риштаи истисмор мегирифтанд. Онҳо барои ҳарчи зиёдтар ба даст даровардани даромад аз хоҷагиҳои кишоварзии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ шумораи банкҳоро меафзуданд.

Баҳри ба бозори хариду фурӯши капиталистони рус табдил додани Осиёи Миёна мавқеи ба таври васеъ ба роҳ мондани сохтмони роҳҳои оҳан аз Русия ба ин мамлакат ниҳоят зарур ҳисобида мешуд. Масалан, суръати аз Осиёи Миёна ба шаҳрҳои саноатии Русия бурда расонидани моли хом ва махсусан пахта афзун мешуд. Соли 1895 сохтмони

роҳи оҳани Осиёи Миёна идома ёфта, соли 1899 ба воситаи Ховаст ва Хуҷанд то ба Андиҷон тул кашид ва дар ҳамин вақт хати дигари он то ба шаҳри Тошкент расида омад. Солҳои 1900-1901 бошад роҳи оҳани байни Бухорои Нав ва Бухорои куҳна аз ҳисоби маблағи амири Бухоро ба анҷом расонида шуд.[11] Вақте ки капиталистони рус ба фоидаи иқтисодии ин шакли нақлиёт бархурдор гаштанд, капитали хешро барои минбаъд боз ҳам васеъ ва равнақу ривоҷ додани ин чорабинии муҳим ҳарчи зиёдтар равона менамуданд. Дар давраи сохтмонҳои роҳи оҳани байни империяи Русияю Осиёи Миёна, монополистони ин мамлакат қувваи кории арзони ин мамлакатро ба таври зиёдтарин ба кори сохтмони роҳҳои оҳан сафарбар карда, ба онҳо нисбати коргарони рус музди меҳнати ночиз медоданд.

Дар охири асри Х1Х дар Осиёи Миёна дар натиҷаи инкишофи роҳҳои оҳан, навъҳои гуногуни саноат дида мешуд, аз ҷумла заводи пахтатозакунӣ, заводи коркарди пӯст, заводи собунпазӣ, матбаа, заводи вино, заводи пивопазӣ, заводи биринҷтозакунӣ ва ғайра ба кор даромада буданд. Бо ҳамин ҷамъбасти танҳо заводҳои пахтатозакунӣ дар охири асри Х1Х дар кишвари Туркистон зиёда аз 100 адад дар ҷараёни корӣ ҳисобида мешуданд. Дар ин маврид бояд зикр кард, ки истеҳсоли пахта махсусан дар вилояти Фарғона аз ҳама зиёд ба роҳ монда шуда буд,ки қариб 70-80 фоизи заводҳои пахтатозакунӣ дар ин ҷо амал мекарданд.

Соҳибони заводҳои пахтатозакунӣ маҳсулотро аз деҳқонон бо нархи арзон харида, дар заводҳояшон тоза карда нархашро бо нархи дучанд ба корхонаҳои бофандагӣ фурӯхта соҳиби даромади калон мешуданд. Аз ин рӯ шумораи заводҳои пахтатозакунӣ дар Осиёи Миёна бо

---

[11]Ниг. Н. Ҳотамов.Сарнагун намудани тартиботи амирони Бухоро. Душанбе-2022с. 49.

суръати тез афзуда, соли 1914 то ба 378 адад расид, ки танҳо аз он 338 завод дар кишвари Туркистон (аз ҷумла танҳо дар вилояти Фарғона-240 завод), дар аморати Бухоро 29 ва дар хонигарии Хева 11 завод ҷой гирифта буд.[12]

Пешравии истеҳсоли пахтакорӣ дар Осиёи Миёна ба воситаи техникаи ақибмонда ба даст оварда мешуд. Ин ҷараён сабаби абгор шудани хоҷагиҳои деҳқонӣ мегардид. Асбобу анҷомҳои такмилёфтаи хоҷагӣ 80-90 сӯм меистод, аммо ба харидани онҳо хоҷагии деҳқонони миёнаҳол на имкон ва на қудрат дошт. Нисфи деҳқонони Фарғона нимдесятини замин доштанд. Пахтакорӣ бошад аз ҳисоби киштҳои дигар пеш мерафт.

Вобастагии пахтакорон аз банкҳо дар бозори Осиёи Миёна дар ибтидои асри XX ба он дараҷае калон буд, ки ба ҳисоби миёна ба андозаи 80-90 фоизи арзиши мол барои пахта пешакӣ қарз дода мешуд. Масалан, тафтиши чор деҳаи вилояти Фарғона, ки дар соли 1911 гузаронида шуд, нишон дод, ки қарзи деҳқонон ба банкҳо 98896-сӯмро ташкил мекард. Ин ҷараён бегуфтугӯ ба муфлисшавии деҳқонони деҳот оварда мерасонд. Аз ин рӯ аҳволи деҳқонони пахтакори пеш аз инқилоб ниҳоят вазнин ва тираву тор ба назар мерасид.[13]

Ба нишондоди академик З. Раҷабов характери хоҷагии кишоварзии деҳот дар музофоти Хуҷанд моҳиятан аз характери хоҷагии кишоварзии ноҳияҳои дигари Туркистон ҳеҷ фарқ надошт. Музофоти Хуҷанд ноҳияи деҳқонӣ ва яке аз базаҳои пахтакории Русия маҳсуб буд. Агар соли 1896 дар Хуҷанд ба 2784 десятина замин пахта корида бошанд, пас дар соли 1899 майдони пахта ба 10903 десятина расидааст. Дар деҳот ҳукмронӣ кардани

[12] Н. Ҳотамов. Роль бонковского капитала в социально-экономическом развитии Средней Азии. Душанбе 1990 С. 249.

[13] З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С.Аз 38-39.

муносибатҳои федалӣ, ки сиёсати мустамликадории подшоҳии рус онро ҳамҷониба ҳимоя намуда, қувват медод, дар истеҳсоли хоҷагии деҳот ҷорӣ будани техникаи хеле ибтидоӣ, системаи обёрии ниҳоят қадим, барои музофоти Хуҷанд ҳам хос ва характернок буданд.[14]

Сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳӣ дар Осиёи Миёна ва аз ҷумла дар қаламрави имрӯзаи ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро доро буд. Яке аз хусусиятҳояш дар он зоҳир мегашт, ки дар солҳои инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус (солҳои 1905-1907) бо якҷоягии синфи коргар деҳқонон ба муқобили сариzм баромада, бо сарварии ҳизби болшевикӣ, мақсади барҳам додани ин сохти ҷамъиятиро мароми хеш қарор дода, сохти парламентиро барпо карда, ба синфҳои мазлум озодиро таъмин намоянд. Аммо, сариzм бо мақсади қисми инқилобии деҳқонони Русияро аз марказҳои инқилобӣ дур карда, пас аз он дар шахси онҳо такягоҳи хешро дар маҳалҳо ба мубориzаи зидди миллӣ-озодихоҳии халқҳои Осиёи Миёна равона кардан бо номи “Сиёсати аграрии Столипинӣ”ҳазорҳо деҳқононро ба даштҳои бекорхобидаи Мирзоҷӯл муҳоҷир намуд. Ва заминҳои беҳтарин ва ҳосилхезро маҳз ба оилаҳои аз Русия ба Осиёи Миёна махсус муҳоҷир карда ҷудо карда медод, мақсад дӯстии синфии деҳқонони муҳоҷиргашта ва маҳаллиро вайрон намояд.

Дар ин хусус академик Б. Ғафуров чунин ибрози ақида дорад, ки фармудааст:”Аз солҳои 70-уми асри Х1Х сар карда ҳукумати подшоҳӣ ба нияти ба вуҷуд овардани такягоҳи миллӣ ба миқёси васеъ дар Осиёи Миёна муҳоҷирони русро ҷойгир намуд. Ҳукумати подшоҳӣ дар хусуси пешрафти хоҷагии кишоварзии Осиёи Миёна хеле кам ғамхорӣ мекард. Ҳамчуноне, ки вай барои сохтмони

З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С.41.

системаи обёрӣ дар воҳаҳои асосии пахтакорӣ ҳеҷ як чорае намедид, хоҷагии муҳоҷиронро низ аз эътибор сокит намуда буд. Муҳоҷирон дар ҳама ҷо маҷбур мешуданд, ки аз системаи куҳнаи каналҳои обёрикунанда истифода баранд."[15]

Яке аз сиёсати ҳукумати подшоҳии рус аз он иборат буд, ки ниҳоят реалистона зикр кардааст академик Б.Ғафуров:"Ҳукумати подшоҳӣ дар гӯшаву канорҳои империяи худ тартиботи асорати патриархалию феодалӣ, дарвоқеъ ҷорӣ будани ғуломдорӣ ва бесаводию нодонии мардумро қасдан бақарор медошт. Бисёр заминҳои ҳосилхез ба ихтиёри қисми дорои муҳоҷирон дода шуда, аҳолии маҳаллӣ ба заминҳои камҳосили баду вайрон ронда мешуданд. Маълум, ки ин кор алангаи низои миллиро бармехезонд. Ҳукумати подшоҳӣ ба ривоҷи мадании мардуми Туркистон мутлақо аҳамият намедод ва ночизтарин падидаҳои афкори инқилобиро бераҳмона нест мекард."[16]

Дар ин маврид бояд таъкид кард, ки дар натиҷаи таъсири капитализм ва дар соҳаҳои хоҷагии халқи Осиёи Миёна ва аз ҷумла Тоҷикистони кунунӣ ҷойгирифтани муносибатҳои капиталистӣ чӣ дар хоҷагии кишоварзӣ чӣ дар соҳаи саноат ва илму маданият новобаста аз амру хоҳиши ҳукмatдорони подшоҳии рус қонуни объективӣ шуда буд. Ин ҷараён бегуфтугу ба воридшаваии унсурони капиталистӣ дар хоҷагии кишоварзӣ ва ба табақаҳо қисмат шудани аҳолии деҳот мусоидат намуд.

Маълум, ки дар давраи сохти мустамликадорӣ меҳнаткашони Осиёи Миёна ба истисмори то ин давр вуҷуд надоштаи сангин ва ҷонгудози дуҷониба рӯ ба рӯ

---

[15]Б. Ғафуров.Тоҷикон. таърихи қадимтарин, қадим, асри Миёна ва давраи нав. Душанбе 2020, С.734.

[16] Б. Ғафуров.Тоҷикон. таърихи қадимтарин, қадим, асри Миёна ва давраи нав..С. 735.

нагашта буданд. Кишвари Осиёи Миёна, ки дар он вақт кишвари аграрӣ-деҳқонӣ маҳсуб буд, дар натиҷаи ба ин ҷо ворид гардидани капитали рус ва ба вуҷуд омадани муносибатҳои пуливу молӣ арзи вуҷуд кардан, оммаи деҳқонон муфлис гардида, ҷараёни ба табақаҳо қисмат шудани онҳо дида мешавад. Аз ҷониби дигар, Русияи подшоҳӣ кӯшиш ба харҷ медод, ки ҳарчи зудтар ва зиёдтар капитали хешро ба Осиёи Миёна ворид намуда, қабл аз ҳама роҳҳои оҳан, заводу фабрикаҳоро зиёд карда, истеҳсоли саноатиро афзуда, бо қувваи кории ниҳоят арзони собиқ деҳқонон соҳиби арзиши изофа гардад. Буржузияи рус баҳри амалӣ кардани мақсаду мароми хеш дар мавзеъҳои стратегӣ ва ба моли хом наздик буда сохтмони фабрикаву заводҳоро низ тезонид. Дар навбати худ ин ҷараён ба зиёд гардидани сафи коргари маҳаллӣ оварда расонд, ки ин омил барои бедории шуури сиёсии мардуми маҳаллӣ як таконе ба ҳисоб мерафт.

Дар мамолики Шарқ дар даврони мустамликадории ҷаҳони сармоядорӣ аз ҷониби онҳо стратегияи дар мустамликаҳо инкишоф надодани саноати маҳаллӣ ҳукмфармо буд, ба он мақсад,ки буржуазияи маҳаллии саноатӣ ва синфи коргар арзи вуқуд накунад. Мустамликадорон дар ҳарос буданд, ки буржуазияи маҳаллӣ ба ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ сарварӣ карда, истиқлолиятро ба даст мегирад ва онҳо аз бозори моли хом ва меҳнати арзони коргарони таҳҷоӣ маҳрум хоҳанд гашт. Аммо, мустамликадорон бе иштироки миёнаравҳо аз намояндагони халқи таҳҷоӣ, аз оммаи меҳнаткаш моли хомро ба нархи арзон ситонида наметавонистанд. Аз ин ҷо ба буржуазияи рус лозим буд, ки ба воситаи миёнаравҳо моли хомро аз истеҳсолкунандагон бо нархи дилхоҳ дастрас намояд. Дар натиҷа ин миёнаравҳо сафи буржуазияи компродорӣ яъне савдоиро ташкил мекарданд ва чун мустамликадорони рус, бо ҳар роҳу восита халқи

хешро низ бераҳмона истисмор менамуданд. Дар натиҷа меҳнаткашони Осиёи Миёна, минҷумла, меҳнаткашони Тоҷикистони кунунӣ дар зери асорати ҳам капиталистони саноатии рус ва ҳам капиталистони савдоии маҳаллӣ дучор гардиданд.

Дар солҳои 1865-1890 дар кишвари Туркистон корхонаҳои начандон калони саноати сабук пайдо шуданд, лекин маҳсулоти онҳо нисбат ба маҳсулоти корхонаҳои косибии Туркистон мавқеи чандон муҳимро намебозиданд. Масалан, соли 1885 дар Тошкент, дар маркази Туркистон ҳамагӣ 27 корхонаҳои саноатӣ буд, ки дар ҳар яки онҳо на зиёда аз 10 нафар коргарон кор мекарданд, ки даромади умумӣ дар ин корхонаҳо дар муддати як сол ба 20 ҳазор сӯм мерасиду халос. Аммо, дар давраи солҳои 1890-1917 бовуҷуди мавҷуд будани усули мустамликавӣ дар Туркистон вазни нисбии саноат хеле зиёд гардид. Корхонаҳои пахтатозакунӣ, равғанкашӣ, ордбарорӣ, винопазӣ, чармгарӣ ва ғайра ташкил шуда буданд. Дар солҳои 1900-1906 дар Туркистон 552 муассисаи фабрика-заводӣ, 30 муассисаи кӯҳӣ таъсис ёфта буд. Агар дар солҳои 1900-1910 дар вилоятҳои Самарқанд, Сирдарё ва Фарғона 188 заводи пахтатозакунӣ мавҷуд бошад, дар муддати солҳои 1910-1914 дар ин вилоятҳо боз 180 корхонаи нав кушода шуда ба кор даромада буд.[17]

Заводҳои пахтатозакунӣ ба соҳибонашон даромади зиёд меоварданд. Ин даромад аз он ҳисоб, ки моли хом, яъне пахтаро аз деҳқонон кӯшиш мекарданд, ки бо нархи арзон харида, онро дар заводҳои пахтатозакунӣ нахашро аз пунбааш ҷудо карда, бо нархи дучанд ба корхонаҳои бофандагӣ мефурӯхтанд. Аз ин рӯ шумораи заводҳои пахтатозакунӣ дар Осиёи Миёна аз ибтидои солҳои 80-уми асри X1X саркарда, босуръат меафзуд, соли 1914, яъне дар соли оғози ҷанги якуми ҷаҳон то ба 378 адад расид, ки аз

[17]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии..., С.42-43.

он 338 завод танҳо дар кишвари Туркистон (аз ҷумла танҳо дар вилояти Фарғона-240 завод), дар аморати Бухоро-29 завод ва дар хони Хева-11 завод мавҷуд буд.[18]

Дар натиҷаи таъсири капитали рус бо мурури вақт дар ҳаёти иқтисодии мардуми маҳаллӣ дигаргуниҳое ба амал омада, аз байни аҳолӣ одамони дорандаи заводу фабрикаҳо ба воя мерасанд. Масалан, соли 1903 аз 83 заводи пахтатозакуние, ки дар Туркистон амал мекард, 48-тояш аз- они капталистони маҳаллӣ маҳсуб буд. Дар ҳамин сол 56 % тамоми заводҳои Фарғона ба буржуазияи маҳаллӣ таалуқ дошт.[19] Ин далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар аввали сиёсати мустамликадорӣ ҳукумати подшоҳӣ хоҳиши аз байни мардуми маҳаллӣ пайдо шудани капиталистонро намехост. Аммо, ин ҳодиса ба таври холисона ба амал омад.

Баъд аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия бо мақсади ба даст даровардани даромад капиталистони рус дар мавзеъҳои ба моли хом наздик ва дастрас ҷараёни сохтмони корхонаҳои саноатиро метезониданд. Корхонаҳои саноатӣ дар ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон ҳам аз ҷониби капиталистони Русия ва ҳам маҳаллӣ рӯйи кор омада, ҳаргуна маҳсулотҳои саноатӣ истеҳсол менамуданд. Дар шаҳрҳои калони ноҳияҳои имрӯзаи Шимолии Тоҷикистон, ки ба мавҷи ҳаракати сармоядорӣ чун Хуҷанду Конибодому Ӯротеппа мунтазам ворид гашта, ба савдои истеҳсоли маводҳои корхонаҳои пахтатозакунӣ, пиллакашӣ, винобарорӣ ва ғайра машғул шуда, гардиш ва афзоиши капитали худро васеъ мекарданд.

---

[18].Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. Таърихи халқи тоҷик. (Китоби дарсӣ барои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе “ЭР-граф”, 2015, С.224.

[19]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С.45.

Ба гуфтаи академик З. Раҷабов, пас аз гузаронидани роҳи оҳан дар музофоти Хуҷанд якчанд заводҳои пахтатозакунӣ,ки ҳам барои пешрафти савдои дохилӣ ва берунии капиталистони рус ва ҳам маҳаллӣ хизмат карда, омили зарурии ба даст даровардани фоида маҳсуб буд. Аввалин заводҳои пахтатозакунӣ дар шаҳри Хуҷанд солҳои 1891-1892 сохта шуда буданд. Соли 1895 дар музофоти Хуҷанд шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 16 адад расид. Ин корхонаҳо мавсимӣ буда, дар онҳо 125 коргар машғули кори мавсимӣ гардид. Соли 1916 шумораи заводҳои пахтатозакунӣ ба 8 расид, ки 5-тои онҳо азони бойҳои маҳаллӣ буд.[20]

Бояд як масъалаи муҳими иҷтимоӣ -иқтисодро фаромӯш набояд кард, ки пас аз ба Русия ҳамроҳ гаштани Осиёи Миёна вазъи зиндагии ҳунармандону косибон ниҳоят вазнин мегардад, зеро то дами ба ин ҷо ворид гаштани капитали рус намудҳои гуногуни касбу ҳунармандӣ ба мисли бофандагӣ, шоҳибофӣ, хелҳои гуногуги пойафлзолдӯзӣ, нону собунпазӣ як дараҷа тараққӣ карда буд. Инчунин устохонаҳои равғанкашӣ, чармгарӣ, хиштпазӣ, кулолӣ ва дигар хелҳои ҳунарҳои дастӣ амал мекарданд. Соли 1912 дар музофоти Хуҷанд 2 ҳазору 308 устохонаи косибӣ мавҷуд буда, қисми зиёди онҳо дар ҳудуди шаҳр ҷойгир буданд ва дар онҳо 3122 нафар одамон кор мекарданд.[21]

Савдогарони рус чун дигар мустамликадорони Аврупо дар такопӯи ҳарчи зудтар ва зиёдтар ба фурӯш андохтани молҳои саноатиашонро бо нархи гарон Осиёи Миёнаро чун манбаи савдои молҳои саноатии хеш истифода бурда, аз он даромади дилхоҳро ба даст

---

[20]З.Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., с..46.

[21] З.Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С. 48.

меоварданд. Вақте ки дар бозорҳои Осиёи Миёна аз ҷумла ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон молҳои саноатии Русия зиёд ворид мешуданд, истеҳсоли корхонаҳои дастии саноати маҳаллӣ ба он тоқатпазир набуд ва корхонаҳои маҳаллӣ тез ба касодӣ дучор гардида, синфи коргари таҳҷоӣ бекор мемонд ва рӯ ба муҳоҷират мекард.

Монополистони рус кӯшиш мекарданд, ки баҳри ба даст даровардани боигарию фоида тамоми роҳу воситаҳои мавҷударо ба таври зиёдтарин истифода баранд. Бо ин мақсад ба хулосае омаданд, ки дар ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон боигариҳои зеризаминиро баҳри ривоҷ додани маҳсулотҳои корхонаҳояшон истифода баранд. Чун пештара яке аз воситаҳои инкишофи истеҳсолоту онро ба бозорҳои дохилӣ ва берунӣ бароварда фурӯхтан ин мунтазам ба ҳаракат даровардани роҳҳои оҳани Осиёи Миёна мебошад, ки кишварро бо Русия пайваст мекард. Барои мунтазам кор кардани роҳҳои оҳан сари вақт аз ангишт таъмин кардани ҳаракати қаторахо мебошад. Дар ибтидои солҳои 80-ми асри X1X ин ҷараён оғоз меёбад. Ба гуфтаи устод З. Раҷабов соли 1880 дар Қарамкӯл ва соли 1882 дар волости Исфара кор карда баромадани конҳои ангишт оғоз гашт. Соли 1908 бошад дар тамоми музофоти Хуҷанд шумораи конҳои ангишт ба 6 расида буд. Соли 1911дар музофоти Хуҷанд то 3,5 миллион пуд ангиштсанг истеҳсол карда мешуд. Соли 1909 дар музофоти Хуҷанд 13393 пуд мис ҳосил карда шуд.[22]

Меҳнаткашони Осиёи Миёна ва минҷумла ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистони ва Помир дар зери асорати ҳам капиталистони саноатии Русия ва ҳам капиталистони савдоии маҳаллӣ дучор гардиданд. Ин ҷараён ба масъалаи бунёди заводу фабрикаҳо, сохтмони роҳҳои оҳан ва баъзе дигар корхонаҳои саноатӣ вобастагӣ дошта, дар натиҷа аз

---

[22] З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С. 47.

ҳисоби сафҳои камбағалон ва деҳқонони муфлисгаштаи деҳот ва мардикорон армияи синфи коргари маҳаллӣ, ки аз воситаҳои истеҳсолот орӣ гашта буданд, рӯз то рӯз меафзуд.

Аз солҳои 80-ум ва 90-уми асри X1X сар карда муборизаҳои мардуми Осиёи Миёна ба муқобили амалдорони ҳукумати подшоҳӣ ва маҳаллӣ бо оҳанги миллӣ- озодихоҳӣ оғоз меёбад, гарчанде ки онҳо ҳоло бештар шакли стихиявиро доро буданд. Тавре ки маълум аст аввалин баромади норозигии коргарон дар қаламрави имрӯза Шимоли Тоҷикистон ба муқобили амалдорони рус ва маҳаллӣ соли 1885 рух дод. Ин воқеа дар волости Панҷакент, округи Зарафшон дар кони ангишти Заврон–Киштуд сар зад, ки зиёда аз 100 нафар коргарон талабҳои иҷтимоӣ- иқтисодиро ба пеш гузошта, чанд рӯз корпатоӣ карданд. Онҳо дидбонҳоро лату куб карда, таҷҳизотро шикаста, корношоям намуданд ва штейгерро (устои конҷӣ А.Р.) бо худ гирифта барои аз болои ӯ ба ҳокимон арз кардан ба волости Панҷакент бурданд. [23] Баромади коргарон аз ҷониби генерал-губернатори Туркистон бераҳмона пахш карда шуда, 42 нафар иштироккунандагони корпартоӣ ба суд дода шуд. Ба чунин ҷазоҳо нигоҳ накарда, қисми зиёди дар озодӣ мондаи коргарон, ба кони ангишт ба кор рафтанро рад намуданд.[24]

Ин баромадҳои коргарони кони ангишти Заврон-Киштуд роҳи муборизаи минбаъдаи коргарону деҳқонони Осиёи Миёна, минҷумла ноҳияҳои Шимоли Тоҷикистон ва Помири баландкӯҳро боз кард. То давраи оғоз ва анҷоми инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус, чунин баромаду норозигиҳои синфи коргару деҳқонони безамину

---

[23]Б. Гафуров. История таджикского народа.. М., 1955, С. 454.

[24]И. Стеценко. Из истории народных движений в Таджикистане во второй половине X1X и начале XX вв. ( 1870- 1917 гг.) Душанбе, 1963, С. 103.

муфлисгашта ба муқобили истисморгарони маҳаллӣ ва мустамликадорони подшоҳи рус баромаду корпартоиҳо карда, мунтазам ба рафти ҳаракати инқилобии халқи рус ҳамроҳ мешуданд. Масалан, моҳи феврали соли 1898 дар роҳи даромадан ба Қӯқанд зиёда аз 130 коргарони бинокор аз сабаби бад будани аҳволи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ корпартоӣ карда аз корфармоён талаб намуданд, ки музди меҳнаташон баланд бардошта шавад. Аммо, талаби онҳо аз ҷониби амалдорон иҷро нагардид. Дар Осиёи Миёна корпартоиву баромадҳо ва норозигии синфи коргару деҳқонони заҳматкаш нисбат ба ҷабру зулми амалдорони ҳукумати подшоҳиву бойҳои маҳаллӣ ва намояндагони руҳониён то дами ғалабаи инқилоби пролетарӣ бо ҳамроҳии пролетариати Русия ва деҳқонони дар солҳои инқилоби якуми буржуазӣ-демократии солҳои 1905-1907 аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ муҳоҷир шуда, сол то сол мазмуни сиёсӣ мегирифт.[25]

Зулми дутарафа нисбат ба мардуми таҳҷоии ноҳияҳои Шимоли Тоҷикистон ва Помир ба дараҷае реша гирифта буд, ки онҳо дар баъзе ҳолат қариб аз воситаҳои истеҳсолот маҳрум гардида, бо мақсади коркобӣ худро ба ҳар гӯшаву канори Осиёи Миёна мезаданд. Факту далелҳои зиёд шаҳодат медиҳанд, ки заминҳои кораму ҳосилхез аслан дар ихтиёри бойҳои маҳаллӣ ва мустамликадорони ҳукумати подшоҳӣ ғун шуда, истеҳсолкунандагони асосии хоҷагии кишоварзӣ, дар шахси деҳқонони асил аз он маҳрум буданд. Масалан, мувофиқи маълумотҳои баҳисобгирӣ соли 1917 танҳо дар 9 волости уезди Хуҷанд 1315 хонадон, ки 9,65 фоизи хоҷагиро ташкил мекарданд, ба куллӣ безамин буданд. Баъзан хоҷагиҳое буданд, ки аз 1 то 2 таноб, дигарашон аз

[25] Ниг. Р.Абулҳаев. Аз таърихи барпо ва мустаҳкам шудани ҳокимияти шуравӣ дар Тоҷикистони шимолӣ ва Помир ( солҳои 1917-1924),. Душанбе- 2022. С. 30-31.

3 то 6 танобӣ чунин замин доштанду халос. Хонаводаҳои дар он вақт бой бошанд, то 51 таноб соҳиби замин буданд.[26] Ин мисол шаҳодат медиҳад, ки дар Хуҷанд дар охири инқилоби якуми буржуазӣ- демократии рус чи тавр дар байни оммаи меҳнаткаш нобаробарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ дида мешуд.

Дар ҳамин давра деҳқонони Помир дар шароити баладкӯҳ ва мавзеъҳои камзамин зиндагии ниҳоят пурмашаққат ва сангинро аз сар мегузарониданд. Ин мардумро амалдорон, ҳарбиёни сарҳадии ҳукумати подшоҳӣ ва сулолаи манғитии аморати Бухоро, боёну амалдорони дину мазҳаб сахт истисмор ва ҷабру зулми гӯшношунид мекарданд. Чунин мушкилиҳо ба он оварда мерасонд, ки ҳар сол садҳо нафар ҷавонон ва миёнасолон ба марказҳои саноатии Осиёи Миёна чун мардикор раҳсипор шаванд. Дар ин муддат онҳо бо намояндагони синфи коргари миллату халқиятҳои гуногун вохӯрда, бо ҳам кору зиндагӣ карда шуури сиёсиашон бедор гашта, хашму ғазабашон нисбат ба табақаҳои дорою истисмогар афзуда, орзуи тамоман решакан кардани зулми онҳоро мекарданд.

Мувофиқи баъзе маълумотҳои нопурра дар уезди Хуҷанди Шимоли Тоҷикистон дар рафти ҷанги якуми империалистии ҷаҳон соли 1916, 30 фабрикаю завод, аз он ҷумла 11 заводи пахтатозакунӣ буд, дар ҳамаи ин корхонаҳо 416 нафар коргарон  кор мекарданд.  Ба ҷуз ин, дар кони ангишти Сулюкта 580 коргар кор мекард ва дар конҳои  Шӯроб ва “Санто”шумораи коргарон хеле зиёд шуда буд.[27]Зеро дар давраи ҷанги якуми ҷаҳон, ки Русияи подшоҳӣ бо якҷоягии мамолики Антанта ба муқобили Иттифоқи сегона меҷангид, маҳсулоти саноатиро зиёд

---

[26] Т. Каримов. Шӯриши соли 1916 дар Тоҷикистон. Нашриёти “Ирфон”, Душанбе 1966. С.15, 16.

[27] Дар ҳамон ҷо. С.37.

кардан лозм буд. Бояд гуфт, ки коргарони ин конҳо дар шароити ниҳоят вазнини иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ ҳар рӯз аз 17 то 18 соат кори вазнин мекарданд. Музди кори солонаи онҳо ба ҳисоби миёна 180 сӯм буд, музди кори коргарони маҳаллӣ аз ин миқдор ҳам камтар ба назар мерасид. Музди якрӯзаи коргарони заводҳои пахтатозакунӣ аз 30 то 50 – тинро ташкил мекард.[28]

Устод З. Раҷабов дар асараш бо мисолу далелҳои равшан шумора ва таркиби миллии коргарони корхонаҳои кишвари Туркистонро дар ибтидои асри XX ба он хотир таҷассум кардааст, то ки дараҷаи ба табақаҳо ҷудо шудани аҳолӣ ва ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолии ин кишвар то кадом дараҷа ворид гаштани муносибатҳои капиталистиро баён намояд. Масалан, олими донишманд З. Раҷабов илман зикр намудааст, ки дар давраи инқилоби якуми рус дар Туркистон дар корхонаҳои саноатӣ тақрибан 32 ҳазор коргар машғули кор будааст, ки аз онҳо 15 ҳазор нафар дар сохтмони роҳҳои оҳани ин кишвар ширкат варзидаанд. Таркиби миллии коргарони заводҳо ва фабрикаҳои кишвари Туркистон дар соли оғози ҷанги якуми империалистии ҷаҳон чунин ба назар мерасид: Дар соли 1914-ум 77,2 %- коргарони милатҳои маҳаллӣ ташкил дода, аз он 22, 8 % русҳо буданд. Аз лиҳози ихтисосмандӣ коргарони рус нисбат ба мардуми маҳалӣ дар пояи баланд меистоданд. Манбаи асосии коргарони маҳаллиро деҳқонони деҳаҳо ташкил мекарданд, ки онҳо ҳоло қадамҳои нахустинро ба истеҳсоли саноатӣ гузошта будаднд.[29]

Ҳаракати аграрии деҳқонон пас аз шикасти инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус, дар давраи реаксияи столипинӣ ва болоравии нави ҳаракати инқилобӣ ҳам

---

[28] Т. Каримов. Шӯриши соли 1916 дар Тоҷикистон С.38.
[29] Ниг. З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С. 50, 51.

хомӯш нагардид. Дар солҳои 1908-1912 дар бисёр волостҳои саргаҳи Зарафшон ошӯбҳои деҳқонон ба амал омаданд, ки бар зидди системаи мустамликадории ҳукумати подшоҳӣ, бойҳои маҳаллӣ ва дигар табақаҳои истисморгар равона карда шуда буданд.

Тобистони соли 1911 дар Тоҷикистон баробари ҳаракатҳои коргарӣ ошубҳои деҳқонон низ ба амал меомаданд. Масалан, 13 август сардори политсияи участкаи Исфаҳона ба сардори уезди Хуҷанд хабар додааст, ки "дар деҳаи Янгиқишлоқ, волости Ғӯлакандоз аз барои об дар байни аҳолии деҳаҳои Янгиқишлоқ ва Ғӯлакандоз занозанӣ ба амал омад, ки дар натиҷа як кас кушта ва чор кас яродор шуданд. "Барои барқарор намудани "тартибот"ба он ҷо взводи казакҳо фиристода шуд. Аммо, деҳқонон аз омадани дастаи казакҳо ҳам натарсиданд. Дуюм маротиба ба Хуҷанд аз Драгамирово телеграмма бо чунин мазмун расида омад:"ҷанҷоли ғӯлакандозиҳо то рафт авҷ гирифта истодааст, барҳам додани он имконнопазир аст, кушташудагон ҳастанд, барои барқарор намудани тартибот хоҳишмандам қувваи ҳарбӣ фиристед."Ба ҷавоби илтимоси сардори уезди Хуҷанд губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд чунин телеграмма дод:"Се взводи казакҳо муддати як моҳ ба ихтиёри шумо фиристода шуд. Бо расида омадани казакҳо ҷанҷоли деҳқонон хомӯш гардид."[30]

Дар Осиёи Миёна ва аз ҷумла ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон ҳоло дар соли аввали ҷанги империалистии якуми ҷаҳон ҷавобан ба афзудани шаклҳои гуногун ва гӯшношуниди истисмори мустамликадорони ҳукумати подшоҳӣ ва бою амалдорон ва намояндагони руҳониёни маҳаллӣ баҳри озодии миллӣ ва иҷтимоӣ ҳаракатҳои инқилобӣ авҷ гирифтанд. Дар шаҳру посёлкаҳои коргарӣ, дар сохтмонҳои иншоотҳои саноатӣ ва аграрӣ зуд–зуд

[30] Ниг. Т. Каримов. Шӯриши соли 1916 дар Тоҷикистон. С.42-43.

корпартоиву баромадҳо нисбат ба истисморгарони ҳукумати подшоҳӣ ва амалдорону руҳониёни маҳаллӣ рух медоданд. Масалан, моҳи августи соли 1914 корпартоии коргарони кони ангшти Сулукта, моҳи ноябри ҳамон сол корпартоии когарон ва хизматчиёни роҳи оҳани навбунёди Бухоро ба амал омад. 21 июли соли 1915 коргарони заводи "Бешбош"-и шаҳри Андиҷон корпартоӣ карданд.

Дар ин давра ошӯбҳои зиёди деҳқонон барои зуран кашида гирифтани замину оби синфҳои доро ба авҷи аъло расида буд, ки ба ин воқеаи ҷамъиятӣ мисолу далелҳои раднашаванда овардан имкон дорад. Масалан, баҳори соли 1916 қариб тамоми Туркистонро мавҷи ба ном"исёнҳои гуруснагон"фаро гирифт, ки дар ин ҷараён ҳатто занони маҳаллӣ бетарсу ҳарос иштирок намуданд. Аз рӯзҳои 29 феврал то 1март дар маркази сиёсӣ ва маъмурии кишвари Туркистон шаҳри Тошкент гурӯҳи занони ба хашму ғазаб омада, дуконҳои савдогарони чӣ маҳаллӣ ва чӣ ҳукумати подшоҳиро талаву тороҷ карда, фурӯшандагони муқобилият нишондодаро бо сангу чӯб латукӯб карданд. Дар бозори Намангон аз сабаби ба фурӯш набаровардани ширинворӣ онҳо ошӯб бардоштанд. 11 январи соли 1916 дар деҳаи Исфаҳонии уезди Хуҷанд анбуҳи аҳолии маҳаллӣ аз қимматии нархи газвор ба ғазаб омада, ба растаи баззозӣ ҳамла оварда, матоъҳоро паҳну парешон карда, пароканда шуда рафтанд.[31]

Дар солҳои болоравии ҳаракати инқилобӣ дар Русияи подшоҳӣ, инчунин дар давраи ҷанги якуми ҷаҳон, вақте ки асорати миллию иҷтимоӣ пурзӯр гардид, дар саросари кишвар ҳаракатҳои тавонои инқилобӣ ба амал омаданд. Яке аз баромадҳои пурзӯри меҳнаткашони Осиёи Миёна бахри озодии миллӣ ва иҷтимоӣ шӯриши соли 1916 маҳсуб буд. Ин воқеаи инқилобӣ, қабл аз ҳама ба муқобили

[31]М. Эркаев.Барпо ва мустаҳкам намудани ҳокимияти советӣ дар Тоҷикистон. Нашриёти "Ирфон", Душанбе, 1966. С. 19.

капиталистон, помешикҳо ва дигар табақаҳои золимони рус, инчунин ба муқобили асорати вазнини бойҳо, заминдорони калон, судхӯрон, руҳониён ва дигар табақаҳои истисморгар равона карда шуда буд. Ин шӯриши меҳнаткашон тамоми Осиёи Миёна ва Қазоқистонро низ фаро гирифт.

Баҳонаи сар задани ин шӯриш дар Хуҷанд фармони саризми рус аз 25 июни соли 1916 оид ба корҳои ақибгоҳ сафарбар кардани аҳолии музофотҳои Русия, аз он ҷумла Осиёи Миёна гардид. Меҳнаткашони Хуҷанд дар ҷавоб ба ин фармони мустамликадорӣ ва ба халқҳои маҳаллӣ бовар надоштан 4-июл рӯйрост ва шуҷоатмандона ба муқобили сармоядорони рус ва истисморгарони маҳаллӣ баромаданд. Баромади оммавие, ки дар Хуҷанд рух дод ва дар он намояндагони синфи коргар, деҳқонон, ҳунармандон ва дигар табақаҳои ҷамъиятӣ ширкат варзиданд, ба оғози шӯриши соли 1916 дар қаламрави Осиёи Миёна ва Қазоқистон асос гузошт.

Дар шӯриши Хуҷанд бисёр мардикорони ноҳияҳои кӯҳиву баланкӯҳ, аз ҷумла мардикорони ноҳияҳои водии Зарафшон ширкат варзида, норозигии хешро нисбат ба ҷабру зулми амлдорони русу маҳаллӣ баҳодурона изҳор намуданд. Маслан, сокини деҳаи Ҳадишоҳи волости Мастчоҳ Муллонаврӯз Ҳусейнов баъдҳо дар зери таъсири синфи коргари заводу фабрикаҳои кишвари Туркистон дар байни аҳолии таҳҷоии шаҳри Хуҷанд зидди истисмогарони рус ва маҳаллӣ муддатҳо тарғибот мебурд. Дар қарори идораи политсияи шаҳри Хуҷанд аз 7 августи соли 1916 дар бобати барои ташвиқоти инқилобӣ ҳабс кардан чунин қайд карда шуда буд:"Ман, сардори политсияи шаҳри Хуҷанд, штабс-капитан Устимович барои таъсири бад расониданаш ба аҳолии таҳҷояи маҳаллаи Маддоҳони қисми Раззоқи шаҳри Хуҷанд ҳангоми ба армияи амалкунанда хоста гирифтани коргарон сокини деҳаи

Ҳатишоҳи волости Мастчоҳ уезди Хуҷанд Муллонаврӯз Ҳусейновро датгир карда ва ба ҳабс гирифта шавад..."[32]

Шӯриши соли 1916, ки тамоми Осиёи Миёна ва Қазоқистонро фаро гирифта буд, характери зидди феодалӣ, зидди империалистӣ дошта, дар ҳаёти сиёсии халқҳои ин кишвар ҳодисаи бузурги прогрессивӣ буд. Ин воқеаи сиёсӣ звенои муборизаи якҷояи пролетариат ва деҳқонони канори Русия ба муқобили ҳукумати подшоҳӣ ба шумор мерафт.Шӯриш дар тайёр кардани инқилоби февралии буржуазӣ-демократии соли 1917 ва барқарор кардани ҳокимияти муваққатӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат тағйироте наоварда бошад ҳам, бовуҷуди ин худи далели сарнагун кардани ҳукумати подшоҳӣ ҳам дар марказ ва ҳам дар гӯшаву канори Русия болоравии зиёди сиёсии меҳнаткашонро ба амал овард. Бо сарварии синфи коргари инқилобии рус дар ҳама марказҳои саноатии Осиёи Миёна ва Қазоқистон коргарони миллатҳои маҳаллӣ намоишҳо, митингу маҷлисҳо гузарониданд, ки дар онҳо ба ғалабаи пролетариати Русия аҳсану офаринҳо мехонданд.

Дар боби аввали асари олими варзида, академик З. Раҷабов,ки оид ба тамоми ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии кишвари Туркистон ва аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри X1X ва ибтидоӣ асри XX бахшида шудааст, таҳқиқотчӣ ин масъаларо бо тамоми нозукиҳояш бо такя ба ҳуҷҷатҳои боварибахш илман таҳқиқу таҳлил кардааст. Муаллиф, дар ин боби асараш ба ҷуз ин масъалаҳо пайваста, инчунин ба таври хулоса оиди таъсири прогресивии маданияту илму фанни ин мамлакат ба пешрафти афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқҳои Осиёи Миёна ва аз ҷумла халқи тоҷик читавр таъсир расондааст каме истода мегузарем.

---

[32] Бойгонии маркази Ҷумҳурии Тоҷикистон. (минбаъд БМҶТ) Ф1, р.1, д. 976. В.1.

Таҷрибаи таърихӣ исбот менамояд, ки суръати таъсири маданияти пешқадами халқи рус ба ҳаёти илмиву фарҳангии халқи тоҷик асосан аз нимаи дуюми асри X1X оғоз ёфта то асри XX идома ёфт. Аз он даме, ки қисми Осиёи Миёна ба ҳайати империяи Русия ворид гашт сар карда, олимони ховаршинос, бостоншинос, мардумшинос ва кишваршиноси русу русзабон ба омӯхтани таърихи бою ғании халқи бумии ин кишвар-тоҷикон ба таври ҷиддӣ машғул гаштанд ва то имрӯз, яъне дар давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ машғуланд. Ҳақ ба ҷониби академик З. Раҷабов аст, ки фармудааст:"Таърих хизматҳои барҷастаеро, ки олимони рус ба халқҳои Осиёи Миёна кардаанд, ҳаргиз фаромӯш намекунад. Чуноне, ки маълум аст, олими забардасти  рус П.П. Семён-Тян-Шанский дар олами илм аввалин бор аҳволи растаниҳо ва географияи қисми муҳимми кӯҳҳои Тиёншонро омӯхт; асарҳои Н. А.Северцев оид ба омӯхтани табиати Тиёншон ва олами ҳайвоноти Осиёи Миёна ба ҳама маълум аст. А. П. Федченко боигариҳои  табиии  водии Алайро омӯхт; Н. В. Мешкетов дар омӯхтани геоморфология ва геологияи районҳои кӯҳии  Осиёи Миёна бисёр заҳматҳо сарф кард."[33]

Дар соҳаҳои омӯзиши илми геология, география, зоология, набототшиносӣ ва ғайра дар нимаи дуюми асри X1X ва ибтидои асри XX чунин олимони машҳури рус ба мисли Г. Д. Романовский, П.К. Залесский, В.Л. Комаров, С.И. Коржинский, В. И. Липский,Н.М. Пржевалский, П.К. Козлов ва бисёр дигарон дар Осиёи Миёна хизматҳои барҷаста кардаанд.

Муаррихи машҳур академик З. Раҷабов хизматҳои ховаршиносони барҷастаи русро оид ба омӯхтани таъриху бостоншиносӣ ва мардумшиносии халқҳои Осиёи Миёна

---

[33]З. Раҷабов.Аз  таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С. 52.

ва пеш аз ҳама халқи тоҷикро сипоскорона ба риштаи тадқиқ даровардааст. Масалан, академик З. Раҷабов бо қадршиносӣ изҳор намудааст, ки шарқшиносони рус В.В. Радлов ва И.Н. Березин нисбат ба омӯхтани забонҳои халқҳои Осиёи Миёна заҳматҳои олимона кардаанд. Олимони дигар ба монанди В. И. Дал, В.В.Веляминов-Зернов, Г. Н. Потачин, Н. Я Аристов таърих, тарзи зисту зиндагонӣ ва маишати мардумони Осиёи Миёна ва Қазоқистонро омӯхтаанд. Дигар шарқшиноси рус А. Кун (Искандартӯра) ҳоло соли 1872 дар шаҳри Петербург ба забони соддаи тоҷикӣ дар матбаи сангӣ бо номи "Таърихи императори бузург подшоҳи ҷомеаи мамлакати Урусия"таърихи Петри 1-ро нашр карда баровард. Баъдан ин китоб дар Бухоро аз дасти чоп баромад ва аз он хонандагони сершумор ба таърихи Русия шинос гашта, ба онҳо бисёр маълумотҳои таърихӣ, аз ҷумла муносибатҳои иқтисодӣ-савдоӣ ва дипломатии аморати Бухоро бо ҳукумати подшоҳӣ дода шудааст.

Устод дар хусуси яке аз ховаршиноси машҳури рус В. В. Бартолд фикру андешаи хешро чунин иброз кардааст:"Ӯ бо вуҷуди маҳдуд будани назари таърихиаш дар бораи таърихи давраҳои асри миёнагии Осиёи Миёна, дар хусуси давраҳои бостоншиносӣ ва мардумшиносии ин сарзамин аввалин бор асарҳои калон ба вуҷуд овард. Асарҳои Хаников, М. С. Андреев ва А.А. Семёнов дар бораи таърих ва мардумшиносии халқҳои хонигарии Бухоро ба вуҷуд оварданд,ки он яке аз бобҳои муҳимми илми шарқшиносӣ мебошанд."[34]

Дар ин қисми асар академик З. Раҷабов бо тавсил корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони соҳаҳои кулли фанҳои табииро аз ҷумла А. Леман, А. П. Федченко, Л.С. Берг, В. Ф. Ошанин, В.Л. Комаров, В. И. Липский, Э. Регел, О.А. ва

---

[34]З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С. 53.

Б.А. Федченко, А. Архангелский, Д.В. Налифкин ва дигарон,ки дар соҳаҳои мухталифи илмҳои аниқ таҳқиқот бурдаанд, бо арзи сипос ба забон мегирад, ки ин рамзи қадршиносии фарзандони имрӯзу фардои тоҷик нисбати хизматҳои арзандаи чунин таҳқиқотчиён маҳсуб аст.

Бо нишондоди устод З. Раҷабов ховаршинос В.В. Григорев соли 1861 дар Қазон ба забони тоҷикӣ нусхаи аслии асари Мирзо Шамсӣ Бухороиро бо номи “Баъзе ҳодисаҳои Бухоро, Қӯқанд ва Қошқар”нашр карда баровард. Этнографи (мардумшинос) машҳур М.С.Андреев соли 1907 ба водии Хуф ,ки яке аз ноҳияҳои дар он вақт душворгузари Помир ба ҳисоб мерафт ҷасурона азми сафар карда,чанд вақт дар он ҷо ҳаёт ба сар бурда, аз наздик забони мардум,тарзи зисту зиндагонӣ, лаҳҷаҳои одамони он ҷоро омӯхта, баъд аз чанд вақт асари машҳури хешро бо унвони “Тоҷикони водии Хуф”-ро аз дасти чоп баровarда, пешкаши натанҳо тоҷикон, балке ховаршиносони машриқзамин кард. Дигар ховаршиноси номдори рус, ки собиқ корманди дастгоҳи генерал-гудернатори Туркистон буд, дар ин муддат бо тамоми ҳастӣ ва шавқу рағбат ҳаёти худро ба омӯхтани таърих у этнографияи халқҳои Осиёи Миёна ва махсусан халқи тоҷик бахшидааст А. А. Семёнов мебошад.

Ӯ соли 1898 ҳанӯз дар вақти донишҷӯи пажуҳишгоҳи забонҳои шарқии Лазарев буданаш ба омӯхтани таърихи Осиёи Миёна оғоз мекунад ва ба сифати аъзои экспедитсияи ҷамъияти ҳаваскорони табиатшиносӣ, антропология ва этнографияи Университети Маскав ба ин сарзамин сафар мекунад. Роҳбарии ин экспедитсияро санъатшинос ва этнографи машҳур А.А. Бобринский сарварӣ мекард. Баъд аз ба анҷом расидани ин экспедитсия А.А. Семёнов, бо маводҳои дар ин сафар ғун карда, сарчашмаҳои зиёд ва асарҳои таърихӣ камари ҳимматро маҳкам баста, чандин асарҳои бунёдӣ таълиф карда ,

пешкаши аҳли илму фарҳанг намуд. Аз ҷумла ӯ асаре бо номи “Материалҳо барои омӯхтани лаҳҷаҳои тоҷикии Осиёи Марказӣ” аст, ки солҳои 1900-1901 дар шаҳри Маскав дар ду қисм нашр гашт. “Очерки этнографияи кӯҳҳои Зарафшон, Қаротегин ва Дарвоз” соли 1903 дар Маскав низ дарҷ гардид [35]

Масъалаи саҳми олимони рус дар кори инкишофи ҳам ҷабҳаҳои мухталифи илмҳои табиӣ ва ҷамъиятӣ дар ин қисми асари академик З. Раҷабов бо мисолу далелҳои зиёд таҳлилу таҳқиқ карда шудааст, ки хонанда метавонад ба таври мукаммал аз он баҳраманд шавад. Ва ҳангоми мутолиаи ин асари бунёдӣ бегуфтугу метавон ба фикру ақида ва хулосаи мантиқии академики муҳтарам З. Раҷабов оид ба ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия ҳодисаи прогресивӣ буд, сад то сад ҳамфикру ҳамақида буд.

Олими нуктасанҷ академик З. Раҷабов масъалаҳои минбаъдаи афкори ҷамъиятӣ ва сиёсии халқи тоҷикро дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ-ро идома дода мегуяд, ки дар ин асар доир ба муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии Туркистон дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ сухан рафт, инчунин баъзе ҷиҳатҳои таърихи он давраи аморати Бухороро низ дида баромадем. Минбаъд ӯ таъкид мекунад,ки ба ин масъалаҳо муфассалтар истода мегузарем. Дар ҳақиқат агар ин асари арзишманди олимро бо диққат мутолиа намоем, ба хулосаи мантиқӣ меоем, ки З. Раҷабов бо диду ақидаи ҳақиқатан олимона дар асоси маводҳои бебаҳс дигаргуниҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии пас аз дар солҳои 60-ми асри Х1Х амалан ба Русия мутеъ гаштани хонигарии Бухороро дидан мумкин аст. Агар то забти Осиёи Миёна хонигарии Бухоро парокандагии феодалӣ ва ҷараёни марказгурезиро аз сар гузаронида бошад, пас аз ба тобеии саризми рус дучор

---

[35] Ниг. З.Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С.54.

гаштан бо мадади артиши ҳукумати подшоҳӣ ин аморат як дараҷа аз марказгурезӣ дур гашт, ки ин ҷараёнро устод бо мисолҳои аниқ бахубӣ нишон дода аст. Масалан, чанде аз амадорони маҳаллӣ аз вазъияти мутташанниҷи ҳарбӣ-сиёсӣ истифода бурда мехостанд, ки аз аморати Бухоро ҷудо гашта мустақил шаванд. Аммо, амир Музаффар бо мадади артиши рус муқобилияту шӯришҳои онҳоро сари вақт пахш намуд. Соли 1869 амир Музаффар беки Ҳисорро бо тамоми заминҳояш ба аморат ҳамроҳ намуд ва дар ҳамин сол беки Кӯлобро низ ба мулкаш пайваст кард. Инчунин дар ҳамин муддат ҳукмронии Қаротегину Дарвозро низ ба худ тобеъ кард ва масъалаи Помир низ ҳал гардид.[36]

Дар хоҷагии ба ном мустақили аморати Бухоро муносибатҳои пӯлӣ-молӣ тез шуд. Ба ин ҷо мунтазам капитали ҳукумати подшоҳӣ ворид гашта, доду гирифти байни Русия ва аморати Бухоро авҷ мегирад, ки ин сабаби афзудани шумораи буржуазияи савдоӣ мегардад. Дар натиҷа меҳнаткашони кишвари Туркистон, аз ҷумла аморати Бухоро дар зери асорати дутарафа гирифтор мешаванд. Ба гуфтаи З. Раҷабов саноати Бухоро дар солҳои 1905-1908 аз 20 заводи пахтатозакунӣ ва як кони тилло иборат буд, ки дар онҳо 734 нафар коргар кор мекарданд. [37] Буржуазияи Бухоро ва буржуазияи рус мутаносибан коргарони маҳаллиро бераҳмона истисмор мекарданд.

Бояд зикр кард, ки пешравии истеҳсоли саноати капиталистони рус бегуфтугу ба вазъи истеҳсоли хоҷагии кишоварзии аморати Бухоро пайвастагӣ дошт. Аз ин рӯ капитали Русия мунтазам ба ҳаёти хоҷагии кишоварзӣ ворид шуда, аз як тараф баъзе мониаҳои феадилиро барҳам

---

[36] Ниг. З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С. 57-58.
[37] Дар ҳамон ҷо. С. 62.

диҳад, аз ҷониби дигар чандин хоҷагиҳои деҳқононро бо фишори хеш хароб мекард.

Ин ва дигар тағйиротҳои дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмиву фарҳангӣ, сиёсии Осиёи Миёна ва минҷумла аморати Бухоро,ки пас аз ғасб ва ба империяи Русия ҳамроҳшавии ин кишвар ба вуҷуд омада, бечунучаро ба афкори ҷамъиятӣ ва сиёсии халқҳои он таъсир нарасонида наметавонист.Ҳақ ба ҷониби олим Н. Ҳотамов, ки оид ба ин масъала дар асараш бо маводҳои боварибахш сабабҳои аз ҷониби капиталистони ҳукумати подшоҳӣ шитобан оғоз намудани сохтмонҳои роҳҳои оҳанро дар Осиёи Миёна ба роҳ монда шуда буд, ба риштаи сухан кашидааст. Зеро бе сохтмони роҳҳои оҳан капиталистони рус  молҳои саноатии Осиёи Миёна ва аз ҷумла аморати Бухороро ба марказҳои истеҳсолоти саноатии Русия сари вақт бурда расонида наметавоистанд.Аз ин рӯ соли 1895 сохтмони роҳи оҳани Осиёи Миёна идома ёфт. Аллакай пас аз чор сол, яъне соли 1899 ин роҳ ба шаҳри Хуҷанд ва аз он ҷо то ба Андиҷон омада расид. Ба анҷом расидани чунин роҳ барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳияҳои имрӯзаи Шимолии Тоҷикистон аз аҳамият орӣ набуд.

Пас аз сохтмони роҳи оҳан маҳсулотро аз Осиёи Миёна ба воситаи қаторахо ба маркази Русия ва аз он ҷо ба воситаи дарёи Волга киштиҳо ба шаҳрҳои Астрахан ва Қазон бурда мерасониданд. Аз ин рӯ зарурияти бо ҳам пайвастани роҳи оҳани шаҳри Тошкент-Оренбург ба амал омад, ки он бо иштироки фаъолонаи коргарони маҳаллӣ дар муддати солҳои 1900-1906 сохта шуд. Ин оварда ба он расонд, ки роҳи оҳани Осиёи Миёна бо роҳи оҳани умумирусиягӣ пайваст гардид.[38]

Тавре ки маълум аст дар ҳаёти инсонӣ ҳастии ҷамъиятӣ шуури ҷамъиятиро бавуҷуд меоварад. Ин фикру

---

[38]. Ниг.Н. Ҳотамов. Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро. Душанбе-2022, С. 49-50.

андешаро пайвастагии ҳаёти иқтисодии Русияи подшоҳӣ бо ҳаёти иқтисодии Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ равшан нишон медиҳад. Масалан, то дами забти ин кишвар ва ба худ мутеъ кардани он аз ҷониби Русияи подшоҳӣ ба сохти сиёсӣ ва амирони Бухоро назари тамоман душманона дошт. Ва пас аз ба тобеъи хеш гардонидани Осиё Миёна ва ҷорӣ намудани назорат аз болои ҳаёти иқтисодии кишвар сиёсати подшоҳони рус нисбат ба давлату давлатдорони аморати Бухоро ранги дигар гирифт. Доир ба ин масъала академик З. Раҷабов дар асари бунёдии хеш бо мисолу далелҳои ҷолиб ба ҳам “наздикшавии” сарварони мамлакати мустамликадор ва мустамликавиро бо як эҳсосоти ба худ хос ба қалам дода аст. Масалан, аз рӯйи нуқтаи назари устоди гиромиқадр З. Раҷабов, ки фармудааст: “Амир сардори чунон як сохти сиёсие буд, ки дар он ба ҳеҷ як осори навигарӣ роҳ дода намешуд ва он дар чорчӯбаи формаҳои сиёсии асримиёнагӣ шахшуда монда буд. Дар хонии Бухоро чӣ дар маишад ва чӣ дар аркони давлат, тамоми нормаҳои асримиёнагӣ нигоҳ дошта шуда буданд, ки сиёсати мустамликадоронаи ҳукумати подшоҳии рус ҳам ба ин тарафдорӣ мекард.”[39]

Бо мақсади дурустар муайян намудани сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳӣ нисбати аморати Бухоро устод З. Раҷабов бо мисолу далелҳо андешаи хешро қавӣ гардонидан фармудааст, ки мувофиқи дастурамале, ки барои агентии сиёсии Русия дар аморати Бухоро аниқ карда шуда буд, тамоми мурофиаҳои ”...оид ба даъво ва шикоятҳои фуқароёни рус нисбат ба бухороиён бо мувофиқати ҳукуматдорони Бухоро, бо ба назар гирифтани расму қоидаҳои маҳаллӣ аз тарафи агенти сиёсии рус дида мешуд.” Ва боз дар ҳамон ҳуҷҷат нишон

[39]З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С.68.

дода шуда буд, ки “... агентии сиёсии рус на аз рӯи қонунномаҳои мо, балки мувофиқи қонун ва урфу одатҳои маҳалли Бухоро кор бурданаш лозим аст.”[40] Аммо маълум, ки дар Бухорои онвақта чунин қонун аслан вуҷуд надошт, танҳо ҳукми “Қуръон”ҷорӣ буд, ки он ҳам на ҳама вақт аз руи адолати инсонӣ ба кор бурда мешуд.

Чунин беқонуниро дар аморати Бухоро донишманди машҳури тоҷик, Аҳмади Дониш, ки муддате дар даргоҳи сулолаи манғитиён кору фаъолият карда, ба шароити сиёсии давлатдории онҳо аз наздик шиносоӣ дошт, пас аз дарбор дур карда шудан дар охири асри Х1Х дар ёддоштҳояш бо дарду алам ва орзуҳои зиёд хоҳони он буд, ки дар ин ҷо тартиботи конститутсионӣ чун дар мамолики Аврупо ҳаётӣ гардад ва мардум аз шароити беқонунӣ раҳоӣ ёбанд. Ба гуфтаи олим ва мунақид Расул Ҳодизода “... Вай дар ин ҷо кушоду равшан мегӯяд, ки яке аз мақсадҳои ҳаёти ӯ дар корҳои давлатӣ иштирок кардан будааст. Баъди аз дарбор дур афтодан ҳам ҳанӯз ба амалӣ шудани ин орзуяш умед мебастааст (“асари иҷобати ин дуо низ зиҳир каст”) ва ба шарте ки дар тартиби давлатдории Бухороислоҳоти куллӣ дохил гардад (яъне низоми давлатҳои хориҷӣ, ки мурод аз ин сохти конститутсионӣ аст, ҷорӣ шавад), Аҳмади Дониш ба машғулияти корҳои давлатӣ мепардохтааст. Азбаски он орзуҳо ҳоло барбод рафтааст, Аҳмади Дониш ягона гурезгоҳ ва манзилгоҳи покро дар истиқомати мадраса мебинад.”[41]

Баҷуз дар Бухоро вуҷуд доштани ҳукмронии беҳуқуқӣ, инчунин оммаи меҳнаткаш дар зери асорати дутарафаю сетарафа монда, ба армияи қашшоқон табдил ёфта буданд. Амирони бераҳму бешавқати манғитӣ аз

---

[40]З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С.68.

[41]Р. Ҳодизода. Аҳмади Дониш. Нашриёти “Ирфон”, Душанбе-1976.С.59.

болои оммаи халқ ба таври зӯриву таҳдид ситонидани хироҷ ва андоз назорате намекарданд. Амалдорони амирӣ аз поён то ба боло ҳар қадар ва ҳартавре ки мехостанд, аз оммаи меҳнаткаш ҳаргуна хироҷу андоз мегирифтанд. Ба замми чунин рафдору кирдори бераҳмона дар ҳолати бо карру фар ва дабдабаҳои зиёд ба вилояту маҳалҳои гуногун сафар кардани амирони манғитӣ хароҷотҳои аз ҳад ҷонгудоз ба душии меҳнаткашони Бухоро бор карда мешуд.Тавре ки устод З. Раҷабов ба сарчашмаҳо такя карда мефармояд: ”Сафарҳои амир ба Шаҳрисабз, Камина, Нурато ва дигар ҷойҳои мамлакати Бухоро боиси хараҷотҳои фавқулода мегардид. Ин сафарҳо дар муддати як сол то 5 моҳ давом мекарданд.”[42]

Бояд зикр кард, ки дар Бухоро тарзи ҳаёт ба сар бурдани амир ва думравони ӯ аз андозаи рафтори инсонӣ берун буд, ки чунин амали номатлубро мардуми аморат ба хубӣ медонистанд ва ба таври пинҳонӣ дар ҳама ҷо ва ҳама вақт мазамат мекарданд, зеро онҳо дар пеши зулму ҷаҳолати ғайриинсонӣ дигар чорае надоштанд. Ба гуфтаи Садриддин Айнӣ:”Аз ин миён танҳо Аҳмад-маҳдуми муҳандиси Дониш,ки ба “Аҳмади Калла” шуҳрат дошт, дар ошкоро ва ниҳон мансаби ҳақгӯӣ ва интиқодро аз даст надод. Ин шахс ба хоҳиши як толеъи баланд ё ки тасодуфии аҷиб ба ин ҳаракоти танқидкоронаи худ аз амир муохазаи сахт ҳам надид.

Аҳмади Калла ҳарчанд дар мадрасаҳои Бухоро тарбият ёфта, аз мусоидати бахти баланд ва истеъдоди комил хеле аз ҷузъиёту куллиёти улумро дар бар карда, чашмаш ба зудӣ ба тарафи ибрат ва ҳақиқат боз шуда, ҳама чизро аз назари мӯшикофонаи мунаққидон мегузаронид, дар ошкору ниҳон на танҳо амир ва аҳли дарбор, балки уламои сӯъро низ танқидоти сахт мекард.”[43]

---

[42]З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик..., С. 74.

[43]Садриддин Айнӣ. Куллиёт, ҷилди 7. С. 296.

Тамоми тарзи зиндагии фисқу фуҷури амирони манғитиро устод З. Раҷабов дар асараш ба таври холисона фош ва ба риштаи танқид кашидааст, зеро тарзи ҳаёти амир ва наздикони вай хеле нафратангез буд. Тавре ки устод З.Раҷабов мефармояд:"Амир мисли ҳар як мусулмон ихтиёр дошт, ки чор зан дошта бошад, ба зиёда аз ин шариат рухсат намедод. Аммо, бо ҳиллаи шаръӣ роҳи дигари инро меёфтанд. Дар замонҳои пеш, то замони Аҳадхон дар Бухоро ғуломдорӣ мавҷуд буд ва ҳар як суннии муъмин бо рухсати шариат бо канизи зархариди худ муносибат дошта метавонист. Масалан, амир Музаффар 4 зани шаръӣ ва ба ғайр аз ин, қариб 40 нафар каниз дошт. Бовуҷуди ин ки ӯ дар байни фуқарои мамлакати худ ба "занбозӣ" шуҳрат пайдо карда буд, дар назари мардуми Бухоро як мусулмони муъмин ба шумор мерафт, чунки аз фармудаи шариат як қадам ҳам ба берун по нагузошта буд."[44] Хароҷоти якрӯзаи амир Музаффар ба дарбор ва аз он ҷумла ба ҳарамхонааш 16-20 ҳазор танга буд.

Дар асари устод З. Раҷабов ҷазоҳои амирони Бухоро ниҳоят сахт маҳкум шудааст, ки бояд рафтори ғайриинсонии амирони манғитиро наслҳои имрӯзаю ояндаи инсоният дониста гирад. Зеро пас аз пош хӯрдани давлати абадқудрати Шуравӣ, дар қаламрави Осиёи Миёна ашхосе пайдо гардида, даъвои сафед кардани амири манғитӣ Саид Олимхонро ба миён гузоштанд, ба ҳамагон маълум гашт, ки ӯ дар замони ҳукмрониаш читавр бақатли омавии меҳнаткашон ва зиёиён даст додааст. Ба гуфтаи устод З. Раҷабов,ҷазоҳое, ки дар аморати Бухоро дида мешуд, ниҳоят ба таври ваҳшиёна сурат мегирифт. Масалан, ҷазои ба зиндони "канахона"маҳкум кардани айбдорон, аз манораи баланд ба замин партофтан, садҳо ва ҳазорон одамонро дар бозорҷой, дар назди Арк чун

[44]З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии..., С.82.

гӯсфанд сар буридан ва ҷазоҳои тоқатфарсои ҷисмонии дигар амалӣ карда мешуд.[45]

С. Айнӣ, ки худ зодаи Бухоро буд бо чашмони хеш дидааст, ки читавр ҷаллодони хунхор бо амри болонишинҳо одамонро ҷазоҳои гӯшношунид медоданд. Бо гуфтаи ин нависандаи нобиға раис ва одамони ӯ мардуми бечораву пойлучро якеро рӯзахӯр, дигареро қиморбоз гуфта, ё ягон гуноҳи дигарро ба сарашон бор карда меоварданд ва раис онҳоро ба ҷазо маҳкум карда, дарра мезад ва ҳукм фавран иҷро мешуд. Мо аз гуфтаи С. Айнӣ огоҳ мешавем, ки "Дар Бухоро ба ғайр аз кушишхонаи чорпоён кушишхонаи одамон низ будааст."[46]

Яке аз ховаршинос ва мардушиноси рус ва олими машҳур М.С. Андреев, ки ҳаёти тираву тори амирони Бухороро бо чашмонаш дида бо гӯшҳояш шунида, амалиётҳои одамкуширо дар Бухоро чунин тасвир кардааст:"Вақте ки маҳкумро аз зиндон барои куштан мебароварданд, ду дасти ӯро дар пеш чунон мебастанд, ки онҳо ба болои шикамаш рост меомаданд. Аз худи ҳамин маҳкум пай мебурд, ки ӯро ба куштан мебаранд, чунки агар ба шаллоқ задан мебурда бошанд, дастҳои маҳкумро одатан ба пушташон гузаронида мебастанд. Ду нафар аз одамони миршаб аз бозувони маҳкум гирифта,ӯро пеш андохта мебурданд. Пешо-пеши онҳо ҷаллод мерафт. Инҳо бо ҳамин тарз омада, ба пеши қушбегӣ мерасиданд, ки вай дар дарвозахонаи арк дар ҷои муайяни худ меистод ва ҳукми мӯҳр карда шудаи амирро ба дасти вай медоданд. Қушбегӣ ҳукми амирро ба овози баланд хонда, ҳақиқатан ҳамон маҳкум будани ин шахсро аз касони дар атроф будагӣ пурсида, баъд рухсат медод, ки ӯро ба куштан баранд. Баъд аз дарвозахонаи арк поин фуромадан, миршаб ба асп савор мешуд ва тақрибан даҳ нафар аз

[45] Дар ҳамон ҷо. С.83.
[46]С. Айнӣ. Ёддоштҳо,ҷилди 4, С. 87.

мулозимони вай гунаҳкорро ба миён гирифта, ба ҷои куштор мебурданд. Миршаб аз аспаш нафаромада ба иҷро шудани ҳукм назорат мекард.

Ҳамин ки ба ҷои куштор омаданд, аввал либосҳои маҳкумро кашида мегирифтанд, ки ин баъд аз куштор ба кашонандаи ҷасад мерасид. Дар тани маҳкум як куртаэзор ё ба ҷои курта як яктак мемонд. Маҳкумро маҷбур мекарданд, ки зону зада нишинад. Баъзан мешуд, ки маҳкум муқобилият мекард, дар ин маврид ҷаллод аз миёнбандаш ханҷари худро бароварда, бо вай ба маҳкум чанд зарба мезад, ки бо ҳамин муқобилиати вай суст шуда мемонд. Ӯро ба зону зада нишастан маҷбур карда, ба тарзе ба як паҳлу мехобониданд, ки як рӯяш ба замин часпида истад. Як нафар дар ҳамин аҳвол сари ӯро зер карда меистад, дигарон аз боло тахтапушти ӯро зер мекарданд ва ҷаллод аз соқи мӯзааш корди дудамаро бароварда,ба ҳалқи маҳкум фурӯ мебурд ва бо ҳаракати дуюми корд ҳалқро тамоман бурида, гардани маҳкумро ба замин зер мекард.Ӯ кордро аз гардани маҳкум бароварда, чунон ки дар ҷаллодони Осиёи Миёна ва умуман ба одамкушон расм аст, дами кордро андаке лесида мегирифт, ки бо ин гуё хуни одами кушта шударо аз гарданаш соқит мекард. Дар аснои куштор ҳеҷ як маросими динӣ, дуохонӣ иҷро карда намешуд.”[47]

Вақте ки ҳар як шахс асарҳои С. Айниро ва махсусан “Ёддоштҳо”-ро бодиққат мутолиа мекунад шоҳиди он воқеаи даҳшаднок мешавад, ки читавр дар бозори Бухоро аз тарафи амалдорони амирӣ чун мол сар буридани одамони бегуноҳро дар ҳавои кушод, ки ба назари ҳамагон маълум буд,ӯ бо чашмони худ дидааст ва ба риштаи сухан кашидааст. Ва чунин мисолҳои даҳшадангези зидди меҳнаткашон содир кардаи сулолаи манғитиёнро устод дар

[47]Иқтибос аз З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик...,С.84-85.

асараш барои хонандагони имрӯзу фардо ҷой додааст. Аз байни чунин факту рақамҳои фошкунандаи сиёсати ғайриинсонии сулолаи манғитиён мо аз гуфтаҳои олими намоёни рус М,С. Андреев, ки чун С. Айнӣ шоҳиди гирудори бевоситаи ҳамон замон буд, дар ин ҷо оварданием.

Масалан, шарқшиноси машҳур ва мардумшиноси намоён М.С. Андреев дар асари илмиаш”Як рӯзи амири Бухоро” зиндони “канахонаи” Бухороро чунон ба риштаи тасвир даровардааст, ки хонанда андеша мекунад, ки ӯ гуё шоҳиди он воқеаҳо бошад: “Як тафсилоти аҷибу даҳшаднок!Болорҳои раҳрави аркро қасдан ба якдигар зич накарда, дар байни онҳо шикофӣ мегузоштанд, чунки ин шикофиҳо ягона роҳи ҳаводароии зиндони “канахона” буданд. Баъд аз андохта шудани маҳбус дар ин зиндон ва баста шудани даричаи хурди он барои ҳаводарой роҳи дигаре намемонад”. Дар арк хонаи махсусе буд, ки дар он ҷо “дар замони амир Музаффар ва як бор дар замони Абдулаҳад занҳо кушта мешуданд. Зани маҳкум ба кушторро ба сутуне, ки дар муқобили тирезачаи зиндон буд, баста аз берун истода ӯро мепаронданд.”[48]

Маълум,ки дар шароити ҳукмронии амирони манғитӣ муллоён тарғибгари зулму истибдоди ҳокимон нисбати халқи меҳнаткаш маҳсубанд. Дар ин хусус С. Айнӣ дар асарҳояш ба таври мушаххас оид ба он ки муллоён хизматгори “ҳалқа бар души” амирон буда, ҷабру ситами онҳоро нисбати аҳли меҳнат бо таълимотҳои динӣ гуё “қонунӣ” ва “асоснок” мекарданд. Ба гуфтаи С. Айнӣ дар замони ҳукмронии амирӣ дар аморати Бухоро муллоён ҳокими мутлақ ва такягоҳи ҳукумати амирӣ, ба шариат мувофиқкунандаи зулму асорат ва бедодгарии амирон маҳсуб буданд.[49]

---

[48]Иқтибос аз З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик...,С. 85.

[49]С. Айнӣ. Ёддоштҳо, қисми 4, С.128.

С. Айнӣ дар солҳои 90-уми асри X1X ба таври ниҳоят ваҳшиёна аз ҳаёт маҳрум кардани як аробакаши камбағал, ки соҳиби чандин фарзандони ноболиғ буд, ниҳоят бо як хашму ғазаб ва нафрати зиёд, ки ин ҳодисаро бо чашми худ дида буд, ба хотир меоварад. "Гуноҳи" ин аробакаши камбағал аз он иборат будааст, ки чанд нафар одамонро аз як макон ба макони дигар ба аробааш савор карда мебарад. Дар вақти ба манзил расидан ва аз ароба фуромадан мусофирон роҳкироро ба аробакаш медиҳанд. Аммо, се домуллои дигар, низ савор омада буданд мо мулло гуфта аз додани музди роҳ даст мекашанд. Ин арзи муллоҳо ба нафси аробакаш мерасад ва мегӯяд, ки ман дар хона ҳашт нафар хӯранда дорам, илтимос,ки музди меҳнати маро диҳед. Дар ин ҳолат онҳо аробакашро бо номи "кофир" айбдор карда, ӯро бо иғвои уламоҳо ба ҷазои сангсор гирифтор мекунанд. Ӯро сипас ба аробаи худаш дасту пояшро баста, ба шаҳр давр занонида, бо иғвои диндорон то дами вопасин ваҳшиёна сангсор мекунанд. Ҳатто ҷасадашро ба соҳибонаш надода чун "кофир ба "ахлодҷой" мепартоянд, ки шабона наздиконаш онро пинҳонӣ бурда қабр мекунанд.

Мувофиқи нишондоди С. Айнӣ падараш ба муллоёни расмӣ, яъне имом, қозӣ ва раисҳо ҳисси нафрат дошта, доимо ин табақаро дар торикиву нодонӣ айбдор карда, бевиҷдон меномидааст". Падараш,ки муллоёни расмии Бухороро бо тамоми ҳастиашон мешинохтааст, қабл аз маргаш ба писараш васият кардааст, ки ҳатман "Хон! Ҳарчиқадар душвор бошад ҳам, хон. Аммо, қозӣ нашав, раис нашав, имом нашав, мударис шавӣ, майлат".[50]

Академик З. Раҷабов дар асари хеш мавқеи иртиҷоии муллоён, ки бо ҳар роҳу восита мехостанд, дар байни мардуми Бухоро нисбат ба Русия ва халқи рус нафрат ва нобоварӣ пайдо намоянд, истода мегузарад. Дар Бухорои

[50]С. Айнӣ. Ёддоштҳо, қисми 1, С.219.

амирӣ ба хондану азбар кардани илмҳои дунявӣ шавқу рағбат надоштанд, ки чунин вазъиятро муллоёни иртиҷоӣ дар ҷамъият ташвиқу тарғиб мекарданд, ки чунин рафтор дар байни оммаи меҳнаткаши Бухоро тухми бесаводӣ пошид.

Ба замми чунин бесаводиву ақибмонӣ бошандагони Бухоро ва қабл аз ҳама аз байни мардуми ҷафопешаву камбағал касалиҳои ваҳшадноки сироякунанда ниҳоят доман паҳн карда буд, ки ин ҷараён бегуфтугу ба дараҷаи пасти ҳаёти маишиву мадании мардум алоқаманд буд. Тавре ки доммуло С.Айнӣ дар "Ёддоштҳо"-яш бо як дарду алам менависад, ки дар Бухоро қариб ҳар сол нисфи аҳолӣ ба касалии даҳшатнок ва пуразоби ришта, ки дар асоси истеъмоли оби ифлос пайдо мешуд, азобу ранҷ мекашид. Худи С. Айни ҳам якчанд вақт ба ин касалии вазнин гирифтор шуда буд. Гарчанде ки дар ҳамон замон тамоми обҳои ҳавзҳои калону чуқури Бухоро чунин обҳои ифлос дошта бошанд ҳам, аморати манғитӣ ба тозакардани обҳои нӯшокӣ эътибор намедод. Амалдорони Бухоро қуввати асосиашонро танҳо аз мардум ситонидани андозҳои вазнин сарф мекарданду халос.

Бағайр аз ин, дар аморати Бухорои амирӣ боз як бемории ниҳоят вазнин ба мисли вараҷа бо тезӣ дар байни мардум паҳн мегашт. Мувофиқи гуфтаи А. Галкин "Дар Бухорои Шарқӣ ҷойҳое ҳастанд, ки дар он ҷо вараҷа як ҳодисаи доимӣ мебошад ва мардуми зиёдеро ба гӯр мебарад." Инчунин мухбири рӯзномаҳои онвақтаи рус ҳам, ки дар соли 1885 дар Қаршӣ будааст, чунин менависад:"Дар ду соли охир (1884-1885) дар мавсимҳои тобистон ва тирамоҳ дар шаҳри Қаршӣ вараҷаи эпидемикии ҳалокатоваре ҳукмфармо будааст, ки аз бадии шароити покизагӣ ва хусусан ба сабаби набудани оби покизаи нӯшокӣ сар мезанад".Дар тирамоҳ ва зимистон шаҳри Ҳисор "ба лойқаи одамногузар фурӯ меравад"

гуфта навишта буд як нафар, ки дар соли 1884 дар ин ҷо будааст.[51]

Дар давраи мустамликадорӣ дар кишвари Туркистон, ки онро маъмурияти генерал-губернатори Туркистон роҳнамоӣ мекард, нисбат ба аморати Бухоро муолиҷаи тиббии мардум дар пояи баланд меистод. Дар Бухоро бошад,-аз рӯйи маълумоти С. Айнӣ,-дар он як беморхона буд, ки дар он як табиби рус, як тарҷимон аз мардуми маҳаллӣ ва як фелдшери қашқарӣ кор мекард, ки чунин вазъияти ногувор ба дарди мардум сари вақт даво карда наметавонист. Барои ҳамин ҳам беморон дар шароити ниҳоят зарурӣ ба табибони рус, ки дар шаҳри Когон кор мекарданд, муроҷиат менамуданд ва таҷриба нишон дод, ки онҳо ягон вақт муолиҷаи худро ба мардуми Бухоро дареғ намедоштанд, ки академи З. Раҷабов дар ин бобат дар асараш мисолҳои фаровон овардааст.

Энсиклопедисти тоҷик Аҳмади Дониш дар охири умраш ба касалии дармондани пешоб дучор гардида, ниҳоят ранҷ кашидааст, ки онро ӯ дар ёддоштҳояш хотиррасон кардааст, ки порчае аз он олим Расул Ҳодизода дар китобаш чунин овардааст:"Дар ёддоштҳояш Аҳмади Дониш ҷараёни бемории худро, ки қариб  чор- панҷ моҳ давом кардаст, хеле ба тафсил тасвир мекунад. Дониш баъд аз муолиҷаҳои  бенатиҷаи худ ва табибони маҳаллӣ ба бемористони Когон рафта пеши духтурҳои рус чанд вақт мехобад. Дар вақти он ҷо буданаш  тарзи муолиҷаро аз духтурҳо омӯхта, кор фармудани аппарати  махсуси пешобгириро ёд гирифта, ба ҳавлиаш меояд ва баъд аз ин дар вақти хуруҷи беморӣ худаш худашро муолиҷа мекунад."[52] Аҳмади Дониш дар ёддоштҳояш аз табибони

[51]Ниг. З. Раҷабов.Аз  таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик...,С. 89.

[52]Р. Ҳодизода. Асари номбаршуда. С.61.

халқи рус бисёр миннатдорӣ карда, аз таҷрибаи кории онҳо барои худ баҳра бурдааст.

Ҳаминро бояд изҳор кард, ки ҳукумати подшоҳии рус ҳам барои синфи коргару деҳқони Русия ва ҳам меҳнаткашони Осиёи Миёна аз ҷумла меҳнаткашони аморати Бухоро, душмани синфӣ буд ва аз ин ҷо он бо ҳар роҳу восита сиёсати амирони Бухороро дастгирӣ мекард. Масалан, ба гуфтаи З. Раҷабов "Сиёсати "мудохила накардан" аз ҳамин иборат буд, ки дар аморати Бухоро сохти истибдодии феодалии мавҷуда нигоҳ дошта шавад, ҳукумати подшоҳии рус аз рӯйи табиати иҷтимоияш ба ин кӯшиш мекард. Дар яке аз маърузаҳои як мансабдори рус , ки дар бораи хонии Бухоро навишта шудааст сатрҳои зерин дида мешавад: "Қонунҳои мусулмонӣ бо вуҷуди номукаммал будани худ ба хусусиятҳои маишӣ ва сохти патриархалии ҳаёти аҳолии маҳаллӣ пурра мувофиқ мебошад".[53]

Устод З.Раҷабов барои қувват бахшидани фикру андешаи хеш оид аз ҷониби саризми рус истисмор кардани меҳнаткашони Бухоро чунин мисоли дигар меорад. Сарбози эҳтиётии аскарони савораи гвардиягӣ А.Т. Талалаев, ки се сол дар Бухоро зиндагӣ намудааст, менависад:" Мардуми Бухоро,ки бо русҳо алоқа ва наздикӣ надоранд, ё ин ки фақат дар аснои хобондани шӯришҳои дохилӣ русҳоро мебинанд, ҳарчанд аз онҳо метарсида бошанд ҳам, аммо нафрат доранд. Онҳо русҳоро (дар ин ҷо ҳукумати подшоҳӣ ва мансабдорони рус дар назар аст А.Р.) сабаби асосии ҳалокати моддии худ мешуморанд ва чунин эътиқод доранд, ки тамоми андозҳо ба нигоҳ доштани аскарони рус сарф мешаванд..."[54]

---

[53]. З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик...,С.90.

[54] З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик...,С.90.

Вақте ки мардуми кишвари Туркистон ва аморати Бухоро дар зери истисмори дутарафа, яъне ҳукумати подшоҳӣ ва аморати Бухоро монда буд, норозигии худро дар шакли баромадҳо ва шӯришҳои халқӣ изҳор мекард. Маълум, ки дар ниммаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ дар қаламрави аморати Бухоро ва махсусан Бухорои Шарқӣ ва Помир баромаду шӯришҳои халқӣ ба вуқуъ пайваста буданд. Масалан, соли 1885 дар Балҷувон шӯриши деҳқонон бо сарварии Восеъ  сар зад, ки он ба муқобили истибдоди амалдорони маҳаллӣ ва аморати Бухоро равона карда шуда буд, ки он аз ҷониби бекҳои маҳаллӣ ва аморати Бухоро бераҳмона пахш карда шуд.

Меҳнаткашони аморати Бухоро ва аҳли илму фарҳанг орзу мекарданд, ки дар ин ҷо чун мамолики Шарқу Ғарб ислоҳотӣ сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ гузаронида шавад, то ки ба ҳаёти меҳнаткашон ва умуман мардуми аморат сабукиҳо оварда шавад. Аммо, ба ин масъалаи тақдирсози мардуми Бухоро дар аҳди сулолаи манғитӣ фикру андешаи аллома Аҳмади Дониш, ки солҳо дар ин дарбор кору фаъолият карда, тору пуди онҳоро аз наздик дидаву санҷида буд тамоман дигар аст.

Ба гуфтаи профессор Р. Ҳодизода “рисолаи охирини Аҳмади Дониш ба хубӣ маълум аст, ки  нависанда дигар ба воситаи ислоҳоти ҷузъӣ тағйир ёфтани тартиботи мавҷударо умед ҳам намекардааст. Дониш ба ақидае омада будааст, ки натанҳо тартиботи мавҷуда, балки худи сулолаи ҳукмрони манғития бояд сарнагун гардад ва ба ҷои он як системаи тамоман наве ба миён биёяд.”[55]

Аҳмади Дониш суқут ва аз ҳам пош хӯрдани манғитияро бо як ҷасорат ва заковати шоистаи таҳсин хеле аниқу равшан пешгӯӣ кардааст: “Дар оянда касоне, ки зиндаанд, хоҳанд дид,ки ҳарчи давлат  ва моле,ки дар хизонаи омира бад-ин гуна зулмузаҷр ҷамъ гардидааст,

[55]Р. Ҳодизода. Асари нобаршуда.С.255.

тӯшаи куффор ва ғанимати фуҷҷор гардида, саркардагон охир сари худҳоро  ба дор хоҳанд супорид... Давоми салтанат низ дар Мовароуннаҳр ба дасти ин табақа пойдор намонад ва муқоталаи азима ва тағайюроти аҷиба зуҳур кунад... Ба ҳар кайфи назар ба аморат ва аломати зоҳира... дар Мовароуннахр ... вуҷуди ин амирони ҷоҳил ва олимони коҳил ва сипоҳиёни гумроҳи ғофил бас аст ... Ҳоло ин давлати  манғития ва ман таабаи инҳо дар оянда чӣ шавад? Рехтани моҳу ситора чист? Осмон бар сари онҳо фуруд ояд”.[56]

Тавре ки С. Айнӣ доир ба итоати хеш кашидани Бухорои манғитияро аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ ба воситаи генерал-губернатори Туркистон мегӯяд:”Дар солҳои охири аҳди амир Абдулаҳад ба таҳти дарвозаи Бухоро аз тарафи ҳукумати Тошкант ба унвони пристав як шахс таъйин шуда, як идораи забтия кушод. Ин идора бе ҳеҷ восита хонаи бухориёнро тафтиш ва баъзе ашёи мамнуаро забту мусодира карда метавонист.Маълум аст, ки баъд аз ба ин дараҷа расидани кор истиқлолу ихтиёрро чӣ маънӣ мемонад?”.[57]

Устод З. Раҷабов дар асари хеш диққатро ба масълаҳои болоравии ҳаракати инқилобӣ дар Русия ва баъд дар кишвари Тукистону аморати Бухоро, ки синфи коргару деҳқон ба муқобили ҷабру ситами дутарафа баромадҳо мекарданд,ки ин воқеаи нави ҷамъиятӣ буда, ба набарди умумии меҳнаткашони Русия ва Осиёи Миёна ба муқобили мустамликадорони рус ва сулолаи манғития равона карда шуда буд, диққати зиёд додааст. Дар натиҷа дар Русия синфи коргару деҳқон бо сарварии ҳизби коммунистӣ солҳои 1905-1907 инқилоби якуми русро барпо намуд, ки  дар он меҳнаткашони Осиёи Миёна низ ширкат варзиданд. Дар Осиёи Миёна ҳаракати инқилобиро

---

[56]Р. Ҳодизода. Асари нобаршуда.С273-274.
[57]С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 7.С.327.,

ташкилотҳои сотсиал-демократӣ ва баъдан ташкилотҳои ҷавони коммунистӣ сарварӣ мекарданд. Гарчанде ки инқилоби якуми буржуазӣ-демократӣ бо якчанд сабабҳои объективӣ ва субъективӣ аз болои саризми рус ғалаба накарда бошад ҳам, шуури сиёсии оммаро бедор намуд ва як санҷиши бузург ва таҷрибаи таърихӣ барои инқилоби минбаъдаи пролетарӣ роҳ кушод.

## 3. Аҳмади Дониш маорифпарвари барҷаста

Дар таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри X1X ва аввали асри XX Аҳмади Дониш ҷои намоёнро ишғол менамояд. Кайҳо боз диққати олимон-адабиётшиносон ва таърихшиносонро омӯхтани замон, ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва илмиву фарҳангии шоир, олим ва маорифпарвари бузурги нимаи дуюми асри X1X Аҳмади Дониш ба худ ҷалб мекард. Аз ин ҷост, ки дар бораи ин мутафаккири бузург олимони давраи шуравӣ асарҳои бисёре эҷод намуданд. Моҳи ноябри соли 1964 нашриёти “Ирфон” асари доктори фанҳои таърих, профессор, академик З.Раҷабов “Маорифпарвар Аҳмади Дониш”-ро ба забони тоҷикӣ аз чоп баровард.

Китоби мазкур якумин асари таърихиву монографиест, ки муаллифи он тарафҳову ҷабҳаҳои диққатҷалбкунандаи истеъдоду ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои дар ҳақиқат инсодӯстиву маорифпарварии Аҳмади Донишро ҳамаҷониба мавриди таҳлилу таҳқиқ намуда пешкаши аҳли илму фарҳанг ва дастраси хонандагони сершумор гардондааст. Дар ин асар пеш аз ҳама, муаллиф ҳаёти ҷамъиятӣ–сиёсӣ ва илмиву фарҳангии ҳамон давраи аморати Бухороро ҳаматарафа баррасӣ намуда, мавқеи маорифпарварии Аҳмади Донишро возеҳу равшан ба риштаи сухан кашидааст. Асари мазкур аз он китобе, ки бо

номи “Выдающийся просветитель таджикского народа Ахмад Дониша”,ки соли 1961 аз чоп баромада буд, фарқ дорад. Дар нашри нави асар зербобҳои нав ба мисли “Зиёиёни тараққипарвари Русия дар бораи халқҳои хурди Русияи подшоҳӣ”, “Аҳмади Дониш магар ҷадид буд?”, “Ичрои орзуҳои Аҳмади Дониш”дохил шуданд, ки он аз сарсухан, 7 боб ва боби сеюмаш аз 3 зербоб иборат буда, бо хулосаи пурмазмун ба охир мерасад.

Дар боби аввал, ки “Замони Аҳмади Дониш” номгузорӣ шудааст, муаллиф, масъалаҳои тарзи ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ -иқтисодии аморати Бухоро, ки маорифпарвари бузург Аҳмади Дониш дар он ҷо зиндагонӣ мекард, бо факту далелҳои ниҳоят аниқу равшан ва боварибахш кушодааст. Дар асар тамоми зиддиятҳо ва норасоиҳои ҷамъиятии дохили аморати Бухоро, ки сабаби қашшоқу бенаво гардидани оммаи халқ гардид, таҳлил карда шудааст. Олими донандаи ҳамаҷонибаи таърих ва пуртаҷриба дар асоси маводу сарчашмаҳои бой дар ин асар нишон медиҳанд, ки Аҳмади Дониш дар чунин шароите ҳаёт ба сар мебурд, ки дар он вақт аморати Бухорои ҳукмронии сулолаи манғитӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ яке аз кишварҳои қафомондатарин ба ҳисоб мерафт.

Барои ҳамин ҳам, чи хеле ки муаллиф менависад, дар асарҳои Аҳмади Дониш танқиди ҳаёти вазнини замонаш, амалиёти амирон ва амалдорони сулолаи манғитӣ, сохти ба таназзул расидаи давлатдорӣ дар аморати Бухоро, муносибати Бухоро ба Русияи подшоҳӣ, зиндагии вазнин ва қашшоқонаи оммаи меҳнаткаш, қафомонии мадании онҳо ва аз ин рӯ кӯшиши мамлакати қафомондаро ба мамлакати пешқадам табдил додан ва дигар масъалаҳо равшан инъикос ёфтаанд. Дар ин боб масъалаи ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Руссия ва аҳамияти прогрессивии он бо далелҳои хеле аниқу равшан таҳлил шудааст.

Ғайр аз ин, дар ин боби асар муаллиф бо мисолҳои равшан норозигию шӯришҳои халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷиконро ба муқобили амалдорони подшоҳӣ ва истисморкунандагони маҳаллӣ, ки дар натиҷаи таъсири ҳаракатҳои инқилобии пролетариати Русия ба амал омада синфҳои истисморкунандаро ба ларза оварда буд, ниҳоят равшану возеҳ ва боварибахш таҳлили илмӣ кардааст.

Тавре ки ба хонанда маълум шуд, дар ин ҷо каме ба таври умумӣ ва мухтасаран оид ба мазмуни боби аввали асари академик З. Раҷабов зикр карда шуд. Минбаъд кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки фаҳмиш ва биниши худро доир ба ақидаву андешаҳои олим ба масъалаи замони маорифпарвар Аҳмади Дониш ва афкори ҷамъиятӣ ва сиёсии ӯ таваққуф намоем.

Пас аз он ки ҳукумати подшоҳӣ дар ҷанги Қрим (солҳои 1853-56 бо Туркияи усмонӣ) шикаст хӯрд, ба назди худ мақсад гузошт, ки барои масштаби империро васеъ намудан ва манбаи моли хом ва меҳнати арзони коргариро ба даст овардан ба Осиёи Миёна ҳуҷум карда, онро забт карда ба империяи худ ҳамроҳ намуд. Дар ин масъала З. Раҷабов аҳмияти прогрессивии ин ҳамроҳшавиро барои халқҳои Осиёи Миёна ва минҷумла мардуми Бухоро нишон дода зикр мекунад: ”Ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна объективона муттафиқ гардидани халқи рус ва халқҳои Осиёи Миёна дар муборизаи зидди ҳукумати подшоҳӣ ва синфҳои истисморкунандаи маҳаллӣ заминаи лозима бавуҷуд овард”[58]

Маълум, ки ҳамроҳшавӣ ва аҳамияти прогрессивии он, аз ҷониби дигар барои халқҳои Осиёи Миёна аз ҷумла, мардуми меҳнаткаши аморати Бухоро зулму таадии дутарафаро ба бор овард. Мардуми меҳнаткаш дар зери асорати вазнини дутарафа, аз як тараф капиталистон ва

[58]З. Раҷабов. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. Нашриёти “Ирфон”Душанбе-1964, С.7.

амалдорони ҳукумати подшоҳӣ ва аз тарафи дигар истисморгарони маҳаллӣ дар шахси бойҳо, хонҳо, бекҳо, руҳониён ва ғайра монданд. Тавре ки таҷрибаи таърихӣ нишон дод, пас аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия муносибатҳои капиталистӣ ба ҳаёти иқтисодии ин кишвар ворид шуда, дар натиҷа заводу фабрика, роҳи оҳан, банкҳои хурду калон ва вобаста ба ин қавӣ гардидани робитаҳои иқтисодии Русия бо Осиёи Миёна, сабаби инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда мешавад. Ин ҷараён ба оғози ташаккули буржуазия ва синфи коргари маҳаллӣ оварда, алоқаи пролетариати рус бо пролетариати Осиёи Миёна густариш ва мустаҳкам мешавад, ки ин масъалаҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ дар боби аввали асари устод З. Раҷабов таҳлили худро ёфтааст.

Дар бораи ба хоҷагии кишоварзии хонигарии Бухоро пайдо шудани унсурони капиталистӣ дахл карда, устод З. Раҷабов аз ҷумла чунин ақидаронӣ кардааст:”Капитализм ба доираи хоҷагии кишоварзии хонии Бухоро то рафт зиёдтар сар даровapда, аз як тараф, бисёр мониаҳои феодалиро вайрон, аз тарафи дигар, бисёр хоҷагиҳои деҳқониро қашшоқ мекард”[59].

Маводу сарчашмаҳои эътимоднок гувоҳӣ медиҳанд, ки аморати Бухоро нисбат ба халқи ҷафопеша, ки бе ин ҳам ҳамавақт дар зери азобу азияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ монда буд, хироҷу андозҳои зиёд ва ниҳоят бераҳмонаро ба таври зуриву таҳдид ситонида мешуд. Дар ин бора устод дар асар чунин  мисоли нафратангезе овардааст, ки ба чашм мехӯрад:”Амалдорҳо дар вақти рӯёндани хироҷ аз ҳеҷ як чора рӯ намегардонданд. Агар заминдор барои пардохтани хироҷ пули нақт намедошт, чизу чораи дигари ӯро мегирифтанд ва ё духтарашро бо зӯрӣ ба касе ба шавҳар дода, пули маҳри духтарро ба хироҷ мегузаронданд. Агар ин ҳам камӣ мекард, он вақт барои

[59]З. Раҷабов. Маорифпарвар Аҳмади Дониш.С. 14.

хироҷ писари заминдорро ба ягон шахси бой ба ятимӣ ва ё ба сифати “бача” медоданд ва пули бо ин роҳ ситонидашуда ба хазинаи амир ва кисаи амалдорон медаромад”.[60]

Хироҷу андозҳои дар аморати Бухоро аз мардум ва минҷумла аз бенавоён ситонидашуда дар ин асари олим З. Раҷабов бо маводҳои зиёди бебаҳс ба қалам дода шудааст, онро ичунин дар асарҳои дигар муаррихони барҷастаи тоҷик низ дида метавонем. Ба гуфтаи академик Б.Ғафуров, “ дар Бухоро ҳаҷм ва миқдори андозҳо торафт меафзуд. Дар аҳди амир Музаффар (1860-1885) кор ба дараҷае расид, ки нафақат аз замини зироат, балки аз замини нокорам низ хироҷ ситонида мешуд ва дар ин маврид амалдорони аморат чунин баҳонаеро пеш меоварданд, ки гӯё ин замин ба сабаби камҳавсалагии деҳқон нокишта мондааст.” [61] Чунин гапҳои бофтаю сохтаи амирони манғитӣ ва амалдорони он ҳар вақт барои боз ҳам зиёд кардани андоз аз меҳнаткашон “эҷод” карда мешуд.

Андоз аз шумораи чорво гирифта мешуд, ки онро закот меномиданд ва чӣ амалдорони марказии хонигарии Бухоро ва чӣ амалдорони маҳаллӣ аз мардуми меҳнаткаши чорводор бо роҳҳои гуногун дар як сол чанд бор закот мегирфтанд, яъне як закотчӣ аз чорводор закот гирифта ба вай дидаву диниста дастхати тасдиқкунанда намедод ва дар натиҷа закотчии дигар омада аз ҳамон чорводори закотдода бори дигар закот талаб мекард, чорводор исбот карда наметавонист, ки ӯ аллакай ин шакли андозро кайҳо супоридааст, зеро дар дасти ӯ ҳуҷҷати тасдиқкунанда вуҷуд надошт. Ин амали ноҷавонмардонаи амалдорони аморати Бухоро онро нишон медод, ки дар ҳаёти сиёсии давлати манғитиҳо тартиботи ҷамъиятӣ нисбати мардуми

---

[60] З.Раҷабов. Маорифпарвар Аҳмади Дониш С. 24.

[61]Б.. Ғафуров. Тоҷикон.Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. Душанбе нашриёти “Дониш”2008, С. 598.

заҳматкаш ва беҳтар гардонидани ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳо дидаву дониста дағалона вайрон ва ҳаргиз ба инобат гирифта намешуд.

Пас аз он ки Бухорои Шарқӣ ва Помири Ғарбӣ ба тобеияти аморати Бухорои манғитиҳо гузашт, аҳволи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии мардуми ин кишвар, дар натиҷаи истисмори дутарафа, яъне ҳам амалдорони маҳаллӣ ва ҳам аморати Бухоро ниҳоят ба дараҷаи паст қарор гирифт.

Мунтазам ва бераҳму шафқат ситонидани ҳаргуна хироҷу закот ба саросар камбағалу бенаво табдил шудани деҳқонону чорводорони Бухорои Шарқӣ ва Помири Ғарбӣ оварда мерасонд. Ба ақидаи академик Б. Искандаров, ”беки Қаротегин Худойназар-атолиқ” бо ихтиёру хоҳиши хеш аз чорводорони бекигариҳои Балҷувон, Қурғонтеппа, Ҳисор ва Деҳнав закот меситонд”[62]. Чунин худсариҳои ҳокимони маҳалиро чӣ дар мавзеъҳои Бухорои Шарқӣ ва чӣ Помир бо таври зӯрӣ ҷамъоварӣ кардани хироҷҳо ва закотҳои дар он вақт барои заҳматкашон ниҳоят сангинро дар асарҳои олимони ховаршиноси пеш аз инқилоб ва баъд аз он ва таҳқиқотчиёни маҳаллӣ, инчунин дар дигар маъхазҳову сарчашмаҳо хеле зиёд дучор шудан мумкин аст.

Ба гуфтаи устод З. Раҷабов, ”дар доираи амалдорони маъмурияти подшоҳ дар Туркистон дар бораи сахтӣ ва бори вазнини андозҳо аз халқи Бухоро сухан мерафт. Аз мактуби генерал-губернатори Туркистон ба вазири ҳарбии ҳукумати подшоҳӣ, дар бораи маҷлиси машваратии махфии 2-3 феврали соли 1909, ки дар ҳузури генерал-губернатор дар Тошкент шуда гузашта буд, маълум мешавад, ки мавзуи музокираи ин маҷлиси машваратӣ қисман масъалаи аз андоза берун хироҷ ва андоз андохта шудан ба аҳолии хонии Бухоро ва ба сабаби бениҳоят

---

[62]Б. Искандаров. Восточная Бухара и Памир во второҷ половине Х1Х в (Издание второе)., Душанбе “Дониш”2012, С. 406.

ноинсофона рафтор кардани амалдорони маҳаллӣ ба дӯши аҳолӣ бори гароне шуда афтодани он будааст”[63]. Дар ҳамин ҷо устод ба маводҳои бойгонӣ такя карда сухани хешро давом дода изҳор мекунанд, ки дар ин маҷлиси машваратӣ гумоштаи сиёсии ҳукумати подшоҳӣ дар аморати Бухоро Лютш гуфтааast, ки “... маблағи даромади амир махфӣ нигоҳ дошта мешавад ва дар воқеъ чӣ қадар будани он маълум нест. Мувофиқи маълумотҳои хусусӣ аз андозҳои гуногун ҳар сол ба хазинаи амир 7 миллиону 349 ҳазор сӯм дохил мешавад...Худи Лютш ночор иқрор шуд, ки “дар вақти гирифтани андозҳо сӯистеъмолҳо мешавад. Мавридҳое шудааст, ки аҳолӣ гурехта ба хоки тобеи рус гузаштаанд”[64].

Академик З.Раҷабов асарҳои Садриддин Айниро дақиқназарона ва чуқур омӯхта, ба ӯ баҳои баланд дода, эшонро барҳақ муаррихи бузурги аморати Бухоро номидааст. Ва ба фикру ақидаҳои ин устоди сухан ва донандаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсиву ҷамъиятии аморат ҳамовозу ҳамоҳанг шуда, З.Раҷабов дар кори илмии хеш ба таври васеъ аз асарҳои ӯ мавриди истифода ва баҳрабардорӣ қарор додааст. Масалан, ба ифодаи сардафтари адабиёти навини тоҷик Садридин Айнӣ дар Бухоро андозу андозситонӣ аз меҳнаткашон як навъи ниҳоят вазнин ва ваҳшониятро ба худ гирифта буд. Деҳқонони камбағалу бенаво сари вақт андози муайяншударо дода наметавонистанд ва маҷбур мешуданд, ки як порча замин, чорво ва ҳатто фарзандони худро ба нархи ночиз ба бойҳо фурӯшанд. Ҳатто ҳукумати амир аз деҳқонон баҷои андоз писарони онҳоро ба номи ғуломбача қабул мекард.

Дар аморати Бухоро инчунин аз амалдорони дараҷаи болоӣ саркарда то амалдорони хурду калони маҳаллӣ дар

---

[63] З. Раҷабов.маорифпарвар...,С.26-27.
[64] З. Раҷабов.маорифпарвар...,С.27.

тамоми соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ ришвахӯрӣ ба дараҷаи “аъло” расида буд, ки ин вазъиятро Садриддин Айнӣ бо мисолу далелҳо дар асарҳояш дарҷ кардааст ва устод З. Раҷабов дар китобаш аз осори ӯ мисолҳо овардааст. Тавре ки ин олими нуқтасанҷ дар асараш зикр кардааст, устод Садриддин Айнӣ дар қисми 1V “Ёддоштҳо”-и худ барои исботи худсаронаи аз ҳад зиёди амалдорони амир, ки нисбати камбағалон содир кардаанд далелҳои зиёде оварда, таъкид мекунад, ки:”...умуман маъмурони амир (қозиҳо, раисҳо, ҳокимон ва дигарҳо) аз хазина моҳона намегирифтанд”, балки асосан бо ришваҳое, ки аз халқ мегирифтанд зиндагонӣ мекарданд. Устоди зиндаёд суханашро идома дода менависад, ки Лютш дар мактуби махфии хеш ба амалдори дипломатии маҳкамаи генерал-губернатори Туркистон аз 31-моҳи маи соли 1909 чунин хабар дода буд: “Дар бораи порахӯрии қозиёни Бухоро ва бо ҳилаю найранг аз халқ пул гирифтани маъмурони Бухоро ба ман шикояти бисёре меояд...”[65] Каме поёнтар устод аз асари Садриддин Айнӣ хеле бомаврид мисоле меорад, ки чунин мазмун дошт, “...яъне миршаби Бухоро ошкоро аз як камбағал 200 ҳазор танга пора талаб кардааст, то бародари гунаҳгори вайро, ки ҳукми қатли он аз тарафи Ҷаноби олӣ мӯҳр шуда, ба дасти қушбегӣ расидааст, аз куштан халос намояд.”[66]

Чунин мисолу далелҳои даҳшатангез, ки ҷаҳолату бешавқат ва бераҳмии гӯшношунид нисбати мардуми меҳнаткашу ҷафопешаи аз ҷониби аморати Бухоро ва лаганбардорони маҳалии он дар замони ҳукмронии сулолаи манғития содир карда шуда буд, дар асари устод З. Раҷабов хеле зиёд ва бомаврид таҳлил ёфтааст.Сиёсати амирони манғития аз он иборат буд, ки дар амалӣ намудани сиёсати чӣ дохилӣ ва чӣ берунӣ асосан ба авлоду

[65] З. Раҷабов. Маорифпарвар... С.30.
[66] Дар ҳамо ҷо, С. 31.

ашрофи сулолаи манғития такя мекард. Амирони Бухоро кӯшиш мекардан, ки мансабҳои калидӣ ва асосии ҳукуматиро ба ашрофи феодалии сулолаи манғития диҳанд. Аз ин рӯ беку хонҳои манғития чӣ дар марказ ва чӣ дар маҳалҳо мувофиқи таъбу хоҳишашон нисбати мардуми ғайри сулолаи манғития ҷабру зулмро раво медиданд.

Дар асари устод З.Раҷабов бо далелҳои раднопазир тарзи зиндагонии амирон ва муқаррабони онҳо, ки нафратовар буд, ниҳоят ба таври беғаразона ба қалам дода шудааст. Дар замони қаблӣ то давраи Аҳадхон дар Осиёи Миёна ва аз ҷумла дар Бухоро муносибатҳои ғуломдорӣ вуҷуд дошт ва Аҳмадхон низ чун амир Музаффар дар ҷорӣ намудани фисқу фасод устухон надошт, аз ҷумла, ба ҷуз занбозӣ ӯ инчунин одати ҳайвонсифати "баччабозӣ" низ дошт. Дар ин ҷо устод иқтибосе аз асари яке аз ховаршиносони машҳури рус А.А. Семёнов,ки ҳаёти қабл аз инқилобии мардуми аморати Бухороро бахубӣ медонист, овардааст, ки ӯ барҳақ чунин изҳор кардааст."Фосиқӣ ва шаҳватпарастӣ хислати хоси амирони манғития буд. Онҳо барои қонеъ гардонидани ҳирси разилонаи худ аз ҳеҷ як ҷиноят ҳазар намекарданд"[67]. Таърих ҳаргиз чунин рафтору ҳиссиёти ҳайвонсифати амирону гузаштагони онҳо, ки аморати Бухороро ба чунин ҳолат ва тартиботи ҷамъиятиро дағалона вайрон намуда, ҳуқуқи аҳли меҳнатро ҳамеша поймол мекарданд фаромӯш нахоҳад кард. Аллома Аҳмади Дониш чунин вазъияти ногувори аморат ва аҳволи ниҳоят вазнину беҳуқуқии аҳли заҳматкашро бо чашмонаш дидаю бо ақлу идрокаш санҷидаю хулосаҳояшро дар асарҳои ҷовидонааш баровarda, барои наслҳои минбаъда чун ёдгор мерос гузоштааст.

[67]Ниг. З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С. 37.

Баробари ҳамаи ин ноадолатиҳо ба ақидаи олимони ховаршинос ва Садриддин Айнӣ боз чандин дигар ҷазоҳои ғайриинсонӣ ва даҳшатовар ҳукмфармо будааст. Масалан, чунин ҷазоҳои ниҳоят бераҳмона дар аморати Бухоро, яъне солҳои дароз аз манора ба поён партофтани одамон, садҳо ва ҳазорон шахсонро дар майдони бозори Бухоро, дар назди омма ба мисли гӯсфанд сарзадани ҷаллодони амирӣ ва бисёр ҷазоҳои тоқатнопазири ҷисмонӣ ва ғайра амал мекарданд.

Ба гуфтаи устод З. Раҷабов Садридин Айнӣ дар вақтҳои муллобачаи мадраса буданаш борҳо аз руҳониёни Бухоро шунидааст, ки “агар ба мардуми авом ҷазо надиҳанд, дин аз даст меравад”. Айнии мадрасахон борҳо ҷазоҳои мудҳиши тарзи дарразании ҷаллодони амирро бо чашми хеш дидааст. Яке аз қаҳрамонони қисми дуюми “Еддоштҳо”-и  Садриддин Айнӣ-Пирак-боре дар ҳангоми суҳбат ба ӯ гуфтааст, ки “дар Бухоро ба ғайр аз кушишхонаи чорпоён кушишхонаи одамон низ ҳаст”. Ба ақидаи А. Борнс ”барои андак гуноҳ ҷазои қатл ногузир буд”[68].

Дар Бухорои амирӣ, ки сулолаи манғития ҳукмфармо буд, мавқеи руҳониёни дини ислом ниҳоят қавӣ ва ҳамчун идеология ва такягоҳи ҳукумати истибдодӣ баҳисоб мерафтанд, дар ҳаёти ҷамъиятӣ мавқеи ҳукмрониро доро буданд, ки ба ин мисолҳои зиёде шаҳодат медиҳанд. Руҳониёни исломӣ ҳимояткунандагони рафтори пур аз ҷабру ситами амалдорони бухороро аз рӯйи қонунҳои шариат тасдиқ ва ҳаққонӣ мебароварданд. Ва баъдан, дар системаи давлатдории аморат руҳониёни иртиҷоӣ кӯшиш мекарданд, ки муносибати байни Русия ва амрати Бухороро коҳиш дода, нобоварии мардуми маҳаллиро нисбат ба халқи ин мамлакат ба вуҷуд оранд ва онҳо дар талоши он буданд, ки маданияти бою ғании  Русияро аз

[68]Ниг. З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С.39- 40.

оммаи халқ ҳарчи дур ва пинҳон доранд. Устоди арҷманд З. Раҷабов оид ба ин масъалаҳо дар асоси маводҳову сарчашмаҳо ақидаҳои зараровари диндоронро чун оина равшану возеҳ  дар ҳаёти Бухорои амирӣ таҳлилу таҳқиқ намудааст. Ба ақидаи устод З. Раҷабов қатъи назар аз сершумории ҷоҳилони салладор, қариб сар то сари мамлакат бесаводӣ ва ҷаҳолат ҳукмфармо буда, ҳамаро таассуби динӣ,ки манбаи он масҷиду мадраса ва мактабу хонақоҳ буд, фаро гирифт. Масалан,соли 1820 дар Бухоро 360 масҷид ва 285 мадраса вуҷуд дошт, ки дар он 300 нафар мударрис кор мекард. Ҷавонони ташнаи илм мадрасаҳои сершуморро зер мекарданд, вале онҳо аз он ҷо ҳеҷ як дониши лозимӣ нагирифта, дар айни ҳол дараҷаи олии аблаҳӣ ва риёкории пастро ёд мегиранд,"- навишта буд муаррих А Вамберӣ дар асараш:" Очерки Средней Азии. М., 1868.[69]

Тавре маълум аст, амалдорони марказиву маҳаллии аморати Бухоро ба ҷуз девонавор аз омма ғун кардани ҳаргуна андозу хироҷ ва закот, дар бораи илму маърифат ва саводнокии мардуми Бухоро ягон барномаи мушаххасе надоштанд ва ба баланд бардштани сатҳи маърифатнокии меҳнаткашон фикру андешае намекарданд.

Аллома Б. Ғафуров дар асари безаволи хеш "Тоҷикон" менависад, ки "вазъияти аҳолӣ дар аморати Бухоро , ки қисми зиёди тоҷикони Осиёи Миёна дар он ҷо зиндагонӣ мекарданд, назар ба кишвари Туркистон бадтар буд.

Усули идораи аморат,ки пеш аз истилои ҳукумати подшоҳӣ мавҷуд буд, бе ҳеҷ гуна тағирот давом кардан гирифт. Аморати Бухоро ба 27 вилоят  (бекигарӣ) тақсим гардида, ба ҳар яке аз онҳо бек ё ҳоким, қозӣ, раис ва муфтӣ аз тарафи амир таъйин карда мешуд...ҳамаи ин

---

[69] З.Раҷабов. Маорифпарвар..., С.45-46.

касон дар навбати аввал ва асосан манфиати доираҳои ҳукмрон ва фоидаҳои шахсии худро таъмин мекарданд”.[70]

Маълум, ки дар асарҳои таърихӣ вазъияти муташанниҷи мардуми Бухори Шарқӣ ботафсил баррасӣ карда мешуд. Ин масъала низ дар асари Б.Ғафуров ҳам аз ҷумла, чунин тасвир карда шуда буд:”Хусуан, аҳволи оммаи васеи мардуми Бухорои Шарқӣ бағоят вазнин буд. Қариб аҳолии тамоми ин маҳалҳоро тоҷикон ташкил медоданд. Ҳукумати амирӣ аслан Бухорои Шарқиро чун мустамликаи худ қарор дода, дар ин ҷо назар ба қисми ғарбии аморат тартиботи сахттаре ҷорӣ намуд. Табақаҳои ашрофи қадимаи ин ҷо, сипоҳ ва нукарҳо, руҳониён, заминдорони калон ва бойҳо ба такягоҳи амоорат табдил ёфтанд”.[71]

Муаллифи китоби “Маорифпарвар” академик З. Раҷабов дар ин асар бисёр масоили ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиро дар шароити ҳукмронии амирони манғития таҳлилу таҳқиқ намуда, бо як ҳиссиёти амаловар изҳор мекунад, ки баробари бесаводӣ ва ҷаҳолати умумии мардуми Бухоро бемориҳои даҳшатнок низ дар ин мамлакат ҳукмфармо буд. Дар маишат ба нигоҳдории тандурустӣ ҳеҷ риоя карда намешуд. Ҳар сол дар Бухоро қариб нисфи аҳолӣ  ба касалии мудҳиш ва пуразоби ришта гирифтор мешуданд, ки аз оби бӯйноку ифлоси ҳавзҳои сершумори шаҳр ба вуҷуд меомад.

“... Оби шаҳр (Бухоро) ,-навишта буд дар китобаш В.В. Крестовский ( в гостях у амира бухарского),- нафақат нӯшиданбоб нест, ҳатто барои саломатӣ зарарнок аст ва маҳз сабабгори паҳн гардидани касалии ришта

---

[70]Б. Ғафуров. Тоҷикон.Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. С. 740.
[71]Б. Ғафуров. Тоҷикон.Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. С. 740.

мебошад.”Аммо ҳукумадорони Бухорои амирӣ баҳри пешгирӣ кардани чунин касалиҳои оммавӣ, ки сабабгори аз ҳаёт маҳрум гаштани одамон мешуданд, ягон чораҷӯӣ намекарданд.

З.Раҷабов оид ба чунин масъалаи иҷтимоӣ суханро идома дода мегӯяд, ки ба гуфтаи муаррихи ҳамон замон Галкини мазкур “Дар Бухорои Шарқӣ ҷойҳое ҳастанд, ки варақаи шум як ҳодисаи доимӣ мебошад ва мардуми зиёдро ба гӯр мебарад.”Мухбири яке аз рӯзномаҳои онвақтаи рус ҳам, ки соли 1885 дар Қаршӣ будааст, чунин менависад: “Дусоли охир (1884-1885) дар мавсимҳои тобистон ва тирамоҳ дар шаҳри Қаршӣ варақаи шуми ҳалокатоваре ҳукмфармо будааст, ки аз шароити бади ифлосӣ ва хусусан ба сабаби набудани оби хушсифати нӯшокӣ сар мезанад.”[72]

Устод З. Раҷабов дар асараш оид ба ниҳоят бад будани масъалаи ёрии тиббии оммаи меҳнакаш дар аморати Бухоро истода гузашта ба хулосае меояд, ки аксарияти аҳолӣ танҳо аз хизмати табибони маҳаллӣ ва дуохонҳою афсунгарон “баҳра” мебурданду халос. Аммо агар бойҳою диндорони калони Бухоро бемор мешуданд, аз Чорҷӯй ва ё Самарқанд духтур ҷеғ мезаданд. Чунин имконият ба муздурону камбағалон ва умуман оммаи меҳнаткаши аморат вуҷуд надошт. Аз ин рӯ, тамоми меҳнаткашони аморати Бухоро аз амирону амалдорони маҳаллӣ безор гашта, онҳоро чун душмани қаттоли хеш мепиндоштанд ва солҳои сол чӣ дар марказ ва чӣ дар маҳалҳои аморат норозигӣ ва ошӯбҳои зиёди зидди тартиботи он замон дида мешуд.

Ба фикру андеша ва ақидаи устод, олими мӯшикоф З. Раҷабов сад дар сад бояд розӣ шуд, ки дар охири садаи XIX шаклҳои муқобилияти халқ тезутунд гашта, мавҷҳои

---

[72]Ниг. З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С.48.

инқилобии зидди амирӣ ва мустамликадории саризми рус ба ҳам наздиктар мешаванд.

Ба гуфтаи Д.Н. Логофет, аз соли 1875 то соли 1890 дар музофотҳои Бухорои Шарқӣ шӯришҳои деқонон ҳаргиз паст ва хомӯш нагардида буданд. Бузургтарини ин шӯришҳо шӯриши деҳқонон буд, ки соли 1885 дар бекигарии Балҷувон сар шуд ва сарвари он фарзанди далеру тавонои халқи тоҷик Восеъ буд. Ин шӯриш бо роҳбарии Восеъ сар зада, ба муқобили беку бикигарӣ ва зулми амирони манғит равона шуда буд. Дар адабиёти таърихӣ то имрӯз доир ба соли сарзадани шӯриши деҳқонон дар бекигарии Балҷувон бо сарварии Восеъи шуҷоъу адолатхоҳ ҳаргуна фикру андешаҳои ба ҳам мухолиф дида мешаванд. Масалан, олими пуркору сермаҳсул профессор Ҳ. Пирумшоев дар асари хеш[73] таърихи оғози ин шӯришро ба соли 1888 нисбат медиҳад, ки чунин фикру ақидаро профессор Намоз Ҳотамов низ дар асари навбатиаш ҷонибдорӣ менамоя[74].Мутахасиси таърихи барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Кӯлоб дотсент Б.Шарифзода дар китобаш зикр кардааст, ки шӯриши Восеъ соли 1887 дар бекигарии Балҷувон оғоз ёфтааст.[75] Устод З.Раҷабов ин санаро ба соли 1885 нисбат медиҳад[76]. Сабаби асосии гуногунфикрӣ оид ба санаи сарзадани шӯриши Восеъ, дар он асос аст, ки то имрӯз таҳқиқотчиён дар асоси ҳуҷҷати аслии дар бойгонҳо маҳфӯз бударо дарёб накардаанд.

Таърихи сарзадани шӯриши калони деҳқонон дар қисми Бухорои Шарқӣ бо сарварии Восеъ сабаби иҷтимоӣ-

---

[73]Ҳ. Пирумшоев.Тали озодӣ дар аҳди бедодӣ.-Душанбе, 2018.

[74] Н. Ҳотамов.Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро. Душанбе-2022, С.97.

[75]Б.Шарифзода. Барқарор шудани ҳокимияти Советӣ дар гурӯҳи районҳои Кӯлоб. Душанбе 1962.

[76]З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С.54.

иқтисодӣ ва сиёсӣ дорад. Ҳамроҳшавии Осиёи Миёна, аз ҷумла Бухорои Шарқӣ ба Русияи подшоҳӣ дар шароити ба худ хос доир гардид. Заминҳои тоҷикон дар байни генерал-губернатори Туркистон ва тасарруфи аморати Бухоро тақсим гардид, ки ин ҷараён оварда ба он расонд, ки халқҳои Тоҷикистони имрӯза дар зери асорати дутарафа гирифтор шуданд. Заминаи асосии сарзадани ин шӯриш тамоми сохти пӯсидаи аморати Бухоро ва шароти номусоиди сиёсии дохилии он маҳсуб буд.

Шӯриш, ки характери стихиявӣ дошт, ягонагии қувваҳои шӯришгарон дар як самти муайян равон карда нашуда буд ва баробари ин дар байни шӯришгарон наҳама вақт ҳамдигарфаҳмӣ ба чашм мерасид ва ашхоси хиёнаткор ва буздилу тарсончаке ширкат доштанд. Бо вуҷуди нисбатан муддати дароз давом кардани шӯриши Восеъ аз ҷониби қувваҳои аморати Бухоро ва амалдорони маҳаллӣ пахш карда шуд. Сарвари шӯриш Восеъ ва чандин ҳамақидаҳои ӯ ба асир афтода, ба азобу шиканҷаҳои амирии мағития гирифтор шуданд. Дар натиҷаи пахш намудани шӯриш 120 нафар ширкаткунандагони ин воқеа асир гирифта шуда, баҷуз Восеъ боз 46 нафар диловарон ба қатл расонида шуда, чанд муддат чунин ҷазодиҳии бераҳмона идома меёбад, то ки пеши роҳи муборизаҳои зиддиамирӣ гирифта шавад. Аммо, шӯришҳову баромадҳои зидди ҳокимони сулолаи манғития дар дигар гӯшаву канорҳои Бухорои Шарқӣ идома мекард.

Дар асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ зулму таҳдии тамоми табақаҳои амалдорони Бухорои амирӣ нисбати меҳнаткашон ба дараҷае расида буд, ки дар муборизаи тартиботи асримиёнагӣ ва аз меъёри зиндагии инсонӣ берун мондани тартиботи ҷамъиятии сулолаи манғития ба он оварда расонд, ки дар баромаду шӯришҳо натанҳо намояндагони меҳнаткаш, балки намояндагони табақаҳои бойҳо ва диндорон низ ширкат меварзиданд. Дар ин хусус

олимон Н.Ҳотамов, Д. Довудӣ, М. Исоматов ва С. Муллоҷонов изҳор кардаанд, нисбат ба ин шӯриш баъзе дороён ва диндорон низ хайрхоҳ буданд. Масалан, ҳангоми ҳабси Восеъ, эшони халифа писарони Восеъ-Ҳасан ва Давлатро дар ҷову манзили зисти худ аз таҳдиди амалдорони амирӣ пинҳон намудааст. Ё худ ба Шаҳрисабз фиристонидани Восеъ, ҳамроҳи ӯ чунин гунаҳкорони ашадии ин воқеа, аз ҷумлаи мансабдорони маҳаллӣ, ба монанди: Абдулҳакимхоҷаи Соҳибзода, Муллобойи тӯқсабо, Қурбон қаровулбегӣ, Хӯҷамурод мирохӯр ва чанде дигарон шомил буданд.[77]

Аҳамияти шӯриши зидди тартиботи асримиёнагии ҳокимони манғитӣ ва амалдорони маҳаллӣ аз он буд, ки ба мубориазаҳои минбаъдаи зидди тартиботӣ, бо иборои энсиклопедист Аҳмади Дониш, пӯсидаву фарсуда шудаи аморати Бухоро замина гузошт.

Ба андешаи профессор Н. Ҳотамов, моҳияти дигари шӯриши Восеъ боз дар он буд, ки пас аз баъди бераҳмона пахш намудани он ҳукуматдоронӣ амирӣ маҷбур шуданд, ки миқдори ситонидани баъзе намуди андозҳоро кам намоянд (масалан аз наску нахуд) ва баъзеашро (ба монанди”сабзапулӣ”, ки аввали баҳор аз ҳар оила 4 тангагӣ руёнида мешуд) аз байн бардоранд.[78]

Дар натиҷаи таъсири шӯриши Восеъ соли 1887 боз дар наздикиҳои дарёи Ёхсу шӯриши навбатии деҳқонони бекигарии Балҷувон ва вобаста ба он дар дигар мавеъҳои Бухорои Шарқӣ ҳаракатҳои зидди ҳокимони амирӣ ва маҳаллӣ ҷараён мегирад, ки ин вазъият аморати Бухороро

---

[77] Н Ҳотамов, Д. Давлатов, М.Исоматов ва С. Муллоҷонов. Таърихи халқи тоҷик. (Китоби дарсӣ барои ихтисосҳои ғайритаърихи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе “ЭР-граф”, соли 2015, С. 239.

[78] Н. Ҳотамов.Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро. С.102.

ба ташвиш наоварда наметавонист. Барои аниқу боваринок зикр кардани ҷараёни ин шӯриши халқӣ устод З. Раҷабов пас аз ҷустуҷӯйҳои заҳматталаб дар асарҳои таърихиву бойгониҳо маводҳои аслии ин воқеаро дарёб кард. Тавре ки олими мӯшикоф ва таҳлилгари воқеаҳои таърихӣ З. Раҷабов андеша меронад, мувофиқи ҳуҷҷатҳо ҳодиса ба ин тариқ сар задааст: “закотчӣ аз Бухоро ба Хаволинг омада, аз аҳолӣ пули нақд дода шудани закотро талаб кардааст. Аҳолӣ ба сабаби фақирию қашшоқӣ хоҳиш кардааст, ки ба ҷои пули нақд чорпо қабул кунад. Закотчӣ албатта, ба ин розӣ нашудааст. Баъд аз ин аҳолии як чанд деҳот анбӯҳи калоне шуда, манзили закотчиро зер кардаанд ва ӯро куштаанд. Беки Кӯлоб аз ин воқеа хабардор шуда, барои нест кардани “бетартибӣ”нерӯҳои калони ҳарбӣ фиристод. Дар байни навкарони бек ва шӯришгарон ҷанги сахте ба амал омад, ки дар натиҷаи он аз ҳар ду тараф ҳам даҳҳо нафар кушта ва захмдор шуданд.[79]

Аз руи маводҳои зиёд устод ба хулосаи аниқе меояд, ки солҳои 80-ум ва 90-уми асри Х1Х дар кулли қаламрави хонии Бухоро, қабл аз ҳама Бухори Шарқӣ, байни мардум ба муқобили амалдорони хонигарии Бухоро ҳаяҷон ва норозигии ошкоро дида мешуд.

Маълум,ки дар давраи мустамликадорӣ аҳволи меҳнаткашони Помири дурдасту бероҳа, ки ба зери асорати дутарафа, яъне аз як тараф истисмори мансабдорони ҳукумати подшоҳии рус аз ҷониби дигар заминдорону бойҳои маҳаллӣ ва диндорону ифротгарон монда буданд. Чунин шароити вазнину ҷонкоҳона, ки солҳо идома ёфта буд, шӯришҳои зиёди деҳқонон ба амал омада буданд, ки ин вазъият дар асари номбурдаи устод З.Раҷабов бо далелу бурҳон тасвири илмии худро ёфтаанд. Масалан, олими маъруф З. Раҷабов аз навиштаҷоти

[79] Ниг.З. Раҷабов. Маорифпарвар..., с.55.

сардори отряди Помир чунин иқтибосе меорад, ки дар он читавр аз аҳолӣ гирифтани закоту хироҷ акс ёфтааст":Вақте ки беки Шуғнон, Рӯшон ва Вахон-Юлдошбий- фармони ҷаноби олии амирро дар бораи аз аҳолии ин ҷо гирифтани закот молиёт ва хироҷ эълон кард, аз ҳамин тирамоҳ дар байни тоҷикон балво сар шуд ва аҳолии Вахон ба воситаи вакилони мунтахаби худ ба сардори отряди Помир ариза навишта, маълум карданд, ки онҳо ба сабаби фақирию қашшоқӣ ба пардохтани ин андозҳо ҳеҷ қудрат надоранд ва бинобар ин илтимос мекунанд, ки аз пардохти ин андозҳо озод шаванд. Бошандагони Вахон менависанд, ки дар акси ҳол мо маҷбур мешавем, ҳамагӣ ба хоки тобеи рус...бикӯчем".[80]

Шӯришу бaромадҳо дар Помир дар охири асри X1X ва ибтидои асри XX ниҳоят бисёр рух дода, аморати Бухорою мустамликадорони русро ба андеша кардан водор мекарданд, ки яке аз онҳо шӯриши сол 1903-ум дар Вахон маҳсуб буд. Албатта ин шӯриш ҳамчун шӯришҳои қаблина аз ҷониби қувваҳои ҳарбии аморати Бухоро ва мустамликадорони ҳукумати подшоҳии рус бераҳмона пахш када шуд.

Агар қисми ғарбии хонигарии Бухоро макони амирони манғитии Бухоро баҳисоб рафта бошан, ҳудуди Бухорои Шарқӣ ва ё ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон бо Помир то солҳои 70-уми асри X1X ҳокимони ниммустақил бо роҳбарии ҳокимон меросӣ ба ҳисоб мерафтанд. Танҳо дар зарфи солҳои 70-90 асри X1X тамоми ин мулкҳо бо ибтикори саризми рус ба ҷуз Помири Шарқӣ ба ихтиёри амарати Бухоро гузаштанд.[81]

Сабаби асосии камбизоатии мардуми Бухорои Шарқӣ камзаминию безаминӣ маҳсуб буд. Дар чунин вазъият деҳқонон маҷбур буданд, ки дар заминҳои хусусии

[80]З. Раҷабов. Маорифпарвар..., с.58.
[81]Ниг. асари нобурдаи Б. Искандаров, С. 427.

начандон калон ва заминҳои вақфӣ ба сифати чоряккор заҳмат кашанд. Дар ин вазъият аз онҳо андози зиёд ситонида мешуд.

Баъзан чунин ҳолатҳое ба чашм мерасиданд, ки аз гирифтани андози зиёд деҳқонон аз киштукори замини амирон дастмекашиданд. Дар чунин ҳолат деҳқононро маҷбур мекарданд, ки дар заминҳо киштукор намоянд. Дар ин хусус Аҳмади Дониш навишта буд: “Заминҳои амирӣ баъзан бекор мехобиданд, дар чунин вазъият амалдорони бухороӣ камбағалонро маҷбур мекарданд, ки онҳо ин заминҳоро бо олоти худ коркард намоянд”.[82]

Устоди қадрманд академик З. Раҷабов  дар боби аввали ин асар доир ба характери мустамликавӣ доштани ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русияро бо маводҳои чопшудаву ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ба қалам дода, дар айни замон масъалаи аҳамияти прогресивӣ доштани ин воқеаи таърихиро дар ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва илмиву фарҳангии   мардуми ин кишвар аз лиҳози илмӣ исбот намудааст.

Устод З.Раҷабов дар боби дуюми асар ба таҳлили масъалаи  тарҷимаи ҳол ва ҳамчун маорифпарвар ташаккул ёфтани Аҳмади Донишро бо тамоми душворӣ ва шикастурехти замонаш ба риштаи сухан кашидааст. Ин боб давоми мантиқии боби аввали асар буда, дар он муаррихи донишманд ва маъруф академик, устоди арҷманди муаррихони Ҷумҳурии Тоҷикистон З. Раҷабов, ба андешаи мо хеле дуруст фикру ақидаронӣ карда, аввал ҳаёти тираву тор ва пур аз зиддияту ҳараҷу мараҷи аморати Бухороро ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ намуда, ба хонандагони имрӯзу фардо, ақибмонии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҳокимони сулолаи манғитияро илман исбот кардааст. Аҳмади Дониш кулли сабабҳои нисбат ба дигар минтақаҳои Осиёи Миёна ин ақибмонии

[82] Ниг. Б. Искандаров,асари нобурда С. 429 Б. Искандаров,

асримиёнагии Бухороро бо назари чуқури олимона дидаву эҳсос намуда, то дами вопасин фикру андеша ва роҳҳои маърифатнокӣ ва беҳтар кардани шароити зисти оммаи халқро ҷустуҷӯй мекард.

Дар оғози боби дуюми асар олим ба таври холисона ба диққати аҳли илму фарҳанг ва хонандагони сершумор мерасонанд, ки то ин дам тарҷумаи ҳоли Аҳмади Дониш аз ҷониби намояндагони илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва қабл аз ҳама адабиётшиносону муаррихон ба таври лозимӣ таҳқиқ карда нашудааст (ин фикр албатта дар солҳои 60-уми асри XX гуфта шудаст А.Р.). Устод таъкид мекунад, ки барои пурра кардани тарҷумаи ҳоли мутафаккир эшон бевосита ба асарҳои ӯ такя кардааст. Ва ба он асарҳои назмиву насрии шогирдони маорифпарвар, ки дар бораи ӯ маълумотҳо доштанд, аз ҷумла аз “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ истифода бурдааст. Мувофиқи маълумоти З. Раҷабов Аҳмади Дониш соли 1827 дар шаҳри Бухоро ба дунё омададст. Вале дар дигар адабиётҳои таърихӣ соли таваллуди Аҳмади Донишро ба соли 1826 нисбат медиҳанд. Бо маълумоти З. Раҷабов падари Аҳмади Дониш Носир имоми миёнаҳол буд. Муаррихи донандаи таърихи амирони Бухоро профессор Н. Ҳотамов дар асари хеш мегӯяд, ки Аҳмади Дониш писари Носир ном мулло буда, соли 1826 дар Бухорои куҳна таваллуд шудааст ва маълумоти ибтидоиро дар мактаби духтаронаи модараш гирифта, дар мактаби қориён (ҳофизони Қуръон) ҳам таҳсил кардааст.[83]

Ба гуфтаи З. Раҷабов худи Аҳмади Дониш нақл мекунад, ки ӯ то ба мактаб дохил шудан хондан ва навиштанро ҳамроҳи дигар бачагон аз модараш ёд гирифтааст. Ва дар ҳамин муддат ӯ хушнависиро нағз омухта, нақши ҳарфҳои ривоятҳои гуногуни диниро ниҳоят зебо мекашидааст.Ӯ дар ҳамон вақт ҳунари

[83]Н. Ҳотамов.Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро.С. 129.

сураткаширо низ оғоз  кардааст. Аҳмади Дониш китобҳои динӣ, аз ҷумла “Чаҳор китоб ” мехонд. Аммо, ҳикматҳои бардуруғи ингуна асарҳо Аҳмади Дониши ҷавони илмдӯстро қонеъ намекард. Пас аз 9-10 соли зиндагӣ ва таҳсил падараш ӯро ба мактаб медиҳад.[84]

Аҳмади Дониш, солҳо дар мактабу мадраса таҳсил кард, аммо фанҳо ва мударисоне, ки ӯро таълим медоданд талаботи илмиашро қонеъ карда наметавонистанд. Аз ин рӯ, пас аз бо азоб аз фанҳои схолистикӣ таълим гирифтан, ин ҷавони илмдӯст роҳҳои азбар кардани асосҳои илмҳои гуногунро меҷуст.Ӯ пас аз фикру андешаҳои зиёд касби мударрисиро рад карда, касби котибиро вазифаи ҳаётии хеш андешид. Истеъдоди баланду худододи Аҳмади Донишро ба инобат гирифта, амир ӯро ба вазифаи саркотиб таъин кард.

Ба нишондоди академик З. Раҷабов дере нагузашта, истеъдоди табиии Аҳмади Дониш ба аҳли илму адаб аён гардид. Амалдори  тараққипарвари амир Садри Зиё, ки мехост ду ҷиҳати ба ҳам муқобили замона-ҳукумати амир исбот кунад, дар ҳаққи Аҳмади Дониш навишта буд, ки ин одам тамоми илмҳоро аз худ кардаасту математик, духтур, муаррихи забардаст, хаттот ва нақоши ҳунарманд буда, Улуғбек барин ситорашиноси бузург, мусиқанавози баландистеъдод ва Саъдии Шерозӣ барин шоири ширинкалом мебошад ва ғайра.[85]

Устод З. Раҷабов асарҳои безаволи аллома Аҳмади Донишро ҳамаҷониба аз нуқтаи назари таърихӣ таҳлил карда, ба хулосаи ҳаққонӣ омада мегӯяд, ки ӯ дар замони худ дар ҳақиқат донандаи бисёр ҷабҳаҳои гуногуни илм буда, ба дараҷаи энсиклопедист расида буд. Аз ин рӯ амирони Бухоро донишу заковати Аҳмади Донишро

[84]З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С. 86.
[85]З Раҷабов. Маорифпарвар..., С.91.

эътироф мекарданд. Бесабаб набуд, ки ӯро барои муътадил нигоҳ доштани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳукумати подшоҳии рус се маротиба (солҳои 1857, 1869 ва 1874) чун ҳайати сафирони аморати Бухоро ба Петербург фиристонида шуд, ки ҳар як сафари аъзоёни дипломатӣ, ки Аҳмади Дониш ҳамчун мирзои ҳайати сафар ба ҳисоб мерафт ба як мақсаде фиристонида мешуд. Масалан, ба ақидаи устод З. Раҷабов дар сафари сеюм амир Музаффар сафиронро бо он мақсад фиристонд, ки ҳайати онҳо аз номи ҳукумати Бухоро ба императори Русия Александри ду изҳори шукру миннат кунанд, зеро ӯ заминҳои соҳили рости Амударёро аз хони Хева гирифта,ба амири Бухоро дода буд.

Се сафаре, ки Аҳмади Дониш бо супориши амирони Бухоро ба Русия кард, ба васеъшавии ҷаҳонбинии ӯ ва бо аҳли донишу зиёи пешқадами рус аз наздик шинос гардида, ба тафаккури ин маорифпарвар ва намояндаи дилсӯзу халқпарвари кишвар таъсири ниҳоят зиёди диди нави ҷамъиятӣ ва муқоисаи байни ҳаёти капиталистиву ақибмондагии феодалии аморати Бухоро такони зиёде дод.

Аҳмади Дониши маорифпарвар ва ислоҳотгар тараққиёти давраи капиталистии саризми русро дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ бо чашмони хеш дида, бо ақлу заковати олимона таҳлил карда, аз ақибмонии Бухорои феодалӣ ва зиндагии мардуми бенавои он ба фикру андеша афтода, мехоҳад, ки бо роҳи ислоҳотпарастӣ ин ҳаётро дигар намояд. Бо ҳамин мақсад ӯ ҳоло ибтидои солҳои 70-уми асри Х1Х фикру андешаи ислоҳотпарастиро пеша менамояд. Масалан, бо нишондоди профессор Н. Ҳотамов дар ин давра рисолае таълиф намуд, ки андешаҳояшро оид ба адолат ва тартибу низоми идора намудани давлат ва ҷамъият зикр карда буд. Маорифпарвар баъдтар ба он номи”Рисола дар назми

тамаддун ва таовун” -ро гузошт. Ин асари Аҳмади Дониш амалан роҳҳои ислоҳоти ҷиддии тарзи давлатдорӣ ва асосҳои иҷтимоии аморати Бухоро ба ҳисоб мерафт.[86]

Дар аввали солҳои 80-уми асри XX бо ибтикори Аҳмади Дониш дар Бухорои амирӣ дар байни ҷавонон ғояҳои маорифпарварӣ ва ба маданияти пешқадами рус наздик шудан ба амал меояд ва тадриҷан як гурӯҳи ҷавонон дар гирду атрофи Аҳмади Дониш ҷамъ мешаванд. Дар чунин вазъият Аҳмади Дониш бо эътимоди он, ки амир Музаффар фикру ақидаи маорифпарварии ӯро мепазирад, дар шакли қасида, ки дар он қафомонии маданияти Бухороро бо мисолу далелҳо меорад, пешниҳод мекунад. Вале афсӯс, ки ин амири бефарҳангу хирад ба гуфтаи устод З. Раҷабов “...вай ба шунидани ҳеҷ ислоҳот тоб надошт. Ба Музаффар ислоҳотчӣ ва маорифпарвар не, балки бандаи дарбор ва фолбин даркор буд, ғайразин худи амир ҳам дар мошинаи мураккаби зулми феодалӣ ва мустамликавӣ “як дастгоҳи иҷрокунанда” буд”[87]. Яке аз сабаби асосии даргоҳи амирро тарк кардани Аҳмади Дониш аз ҷониби амир дастгирӣ накардани афкору хоҳиши маорифпаварии ӯ буд. Аммо, аз дарбор рафтани Аҳмади Дониш монеи эҷодиёти ӯ нашуд, балки ӯ боз бештар ва самармандтар вақти азизи худро сарфи навиштани асарҳои илмӣ- маорифпарварӣ сарф намуд. Бо гуфтаи З. Раҷабов “...вай ба хушнависӣ, шеъргӯӣ, мусиқӣ, ситорашиносӣ, таърихнависӣ шуғл мекард. Дар ҳамин давра вай асари машҳури худ “Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития”-ро таълиф намуда, дар он тамоми разолат ва қабоҳати ҳукуматдорони Бухороро равшан тасвир кардааст.”[88]

---

[86]Н. Ҳотамов.Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро.С. 131.
[87]З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С.98.
[88]Ниг.З.Раҷабов. Маорифпарвар...,С.99.

Аҳмади Дониш дар хонааш бо шогирдонаш ва аҳли илму фарҳанг дар мушовират  ва гуфтугузору суҳбатҳои хосса қарор дошта бошад, аз ин рӯ ҳавлии ба анҷуман ва машварату суҳбати шоиру нависанда, рассому мутриб ва ёру дӯстони қадрдон табдил ёфта буд. Ва ӯ мегуфт, ки дар ҳалқаи мардуми илму маърифатдӯст бештар тафаккури эҷодияш кушода мешавад ва кораш хубтар пеш меравад. Ва ин ба он сабаб гардид, ки дар атрофи ин нобиға як анҷумани гурӯҳи ҷавонони соҳибзавқ ва ҷӯяндаи ҳаёти нав гирд омаданд ва пас аз вафоти Аҳмади Дониш (1897) ба тамоили ҳаракати маорифпарварии Бухоро як таконе шуданд.

Боби сеюми асари З. Раҷабов ба масъалаи "Ақидаҳои ҷамъиятӣ ва сиёсии Аҳмади Дониш" сухан меравад. Дар ин боби асар устод дуруст таъкид кардааст,ки "то рафти инкишофи тадриҷии ақидаҳои Донишро ба ҳисоб нагирем, майли умумии маорифпарварии ӯро мушоҳида кардан мумкин намешавад. Зеро ин майли маорифпарварӣ аз орзуи беасоси ширини "подшоҳи ориф" то ақидаҳои демократии ҳукмронии халқ, ки дар ҷаҳонбинии шогирдон ва пайравони Аҳмади Дониш равшантар изҳор гаштааст, инкишоф ёфта буд.[89]"Ана, барои ҳамин ҳам устод ба адабиёту манбаъҳои боварибахш такя намуда, дар ин қисми асар заминаи иҷтимоӣ-таърихии фаъолияти Аҳмади Донишро аниқу равшан муайян кардааст. Таҳқиқотчӣ ҳаёти ҳақиқии аморати Бухороро, ки дар боби гузашта ба қалам дода буд, "маҳз дар чунин шароит, дар чунин заминаи иҷтимоӣ хоҳишу орзуҳои муътадили Аҳмади Дониш, ки дар "Наводир-ул-вақоеъ" изҳор шудаанд, ба эътибори талаботи  ҷасуронаи маорифпарварӣ хизмат карданд ва дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ барои инкишофи ҳаракати демократӣ дар Бухоро қадами аввалин шуда тавонистанд."[90]

---

[89]. Ниг.З.Раҷабов. Маорифпарвар..., С. 106.
[90] Дар ҳамон ҷо. С. 107.

Дар ақидаҳои ҷамъиятӣ ва сиёсии Аҳмади Дониш масъалаи тартиб додани лоиҳаи ӯ роҷеъ ба ислоҳот дар аморати Бухоро мавқеи муҳимро ишғол мекард. Ҳатто мутафаккир дар назди амир Музаффар чунин талаботи қатъӣ гузошта буд, яъне ё нуқтаи назари ӯро оид ба ислоҳот тарафдорӣ намояд ё ба истеъфояш иҷозат диҳад. Амири якрав ва бехирад таклифи маорифпарварро қабул накард ва дар натиҷа байни онҳо ҷудоӣ ба вуқуъ пайваст. Ба муносибати ноодилонаи амир Музаффари ҷоҳил нисбат ба ӯ нигоҳ накарда, олими энсиклопедист Аҳмади Дониш дар асарҳои дар охири умр эҷодкардааш бо таври мушаххас ва боварибахш кору кирдори амиронро фош намуда, роҳҳои гуногуни минбаъд беҳтар гардидани сохти фарсудаи давлатдории сулолаи манғитияро бо далелу мисолҳои илмӣ нишон додааст. Масалан, оиди беадолатии амирон ва мақеи онҳо дар пешравӣ ва ё баракс ақибмонии ҷамъият диди назар кардааст.

Роҳу равиши ислоҳот ва дигаргуниҳои ҷамъиятиро дар аморати Бухоро маорифпарвар Аҳмади Дониш дар шоҳасараш “Наводир-ул-вақоеъ”,ки дар ибтидои солҳои 70-уми асри Х1Х оғоз кардааст, онро дар муддати 15-сол навишта, пешкаши аҳли илму маърифат кардааст. Тавре ки профессор Н. Ҳотамов андеша меронад, Аҳмади Дониш дар асараш “Наводир-ул-вақоеъ”ҳамчун шоҳиди гирудори замони амирӣ иллатҳои иҷтимоӣ, нобаробарӣ ва беадолатиҳои ҷамъияти феодалии Бухоро, қафомонии ҳаёти маданӣ, тарзи шахшудамондаи таълим дар мактабу мадрасаҳо, симои манфии табақаҳои ҳукмрони амирӣ, ки нисбат ба мардум хеле, бераҳмӣ зоҳир менамуданд, ҷаҳолат ва ғафлатзадагии арбобони динию маъмурии давр ва ғайраҳоро низ ба тозиёнаи танқид гирифтааст.[91]

[91] Нигаред Н. Ҳотамов.Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро.С. 134..

Ба гуфтаи устоди гиромиқадр З. Раҷабов Аҳмади Дониш, ки амалдорони амoратро нағз медонист, тамаъкорӣ, беақлӣ ва ноуҳдабароии онҳоро бераҳмона фош мекард. Ӯ мегуяд, ки “ бад-ин иллат ба даргоҳи солотин ҳеҷ як уқало камари бандагӣ натавонад баст ва ба хидмат қиём натавонад намуд, магар касе, ки аз хирад бегона бувад ва аз ҳоли имрӯз то пагоҳ андеша накунад ва ҳамин ҳолро мушоҳида кунаду бас; мадори ҳаётро бархӯрду хоб ва либос ва саворӣ донад ва надонад, ки хидмати мулук чӣ мекунад”[92].

Ҳамин тавр, устод З. Раҷабов дар ин қисми китобаш хеле дақиқназарона моҳияту мазмуни асари бузурги Аҳмади Дониш “Наводир-ул-вақоеъ”-ро таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Масъалаи дигаре, ки муҳаққиқ дар таҳқиқоташ мавриди пажуҳиш қарор додааст, оид бамасъалаи Аҳмади Дониш ҳамчун мунаққиди Бухорои амирӣ баҳс мекунад. Дар ин қисми асар муҳтарам З. Раҷабов изҳор мекунад, ки маорифпарвар дар дилаш ҳамеша орзу мепарварид, то ки аморати Бухороро як мамлакати манбаи илму маърифат ба мисли Русияи капиталистӣ бинад, аммо дар амал хоҳиши ӯ ҷомаи амал напӯшид. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш дар асарҳояш ва махсусан дар китоби аз лиҳози илмӣ арзандааш “Наводир –ул- Вақоеъ” кӯшиш намуд, ки системаи давлатдории аморати Бухороро аз поён то ба боло ба тозиёнаи танқид бигирад.

Аҳмади Дониш пас аз ҳамаҷониба дидаву санҷида ва таҳлилу таҳқиқ кардани тору пуди ҳукмронии амалдорони сулолаи манғития, ба хулосаи мантиқие омад, ки дигар дар аҳди онҳо, ки тамоми кору кирдорашон нисбат ба меҳнаткашон ноодилона, ҷоҳилона, бераҳмона ва ниҳоят ғайриинсонист, ҳаргиз ба нафъи халқи ҷафопеша ислоҳот нахоҳанд кард.

---

[92]З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С. 123.

Академик З. Раҷабов дар ин қисми асар ба фаъолияту ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш дар он давру замони тираву тори феодалӣ ба фаъолияти ҷамъиятии ӯ баҳо дода мегӯяд, ки сарфи назар аз нияту орзуҳои субъективияш, тарғиби маърифат, танқидҳои ҷонситон ва нафрат ба ҷаҳолат зулму ситам ва қабоҳат ва умуман, тамоми ин ҷиҳатҳои фаъолияти ғоявии вай дар муттаҳиду маъруф кардани он қувваҳои иҷтимоӣ, ки бояд аморати пусидаистодаро сарнагун мекарданд, мавқеи ҷиддии инқилобкунанда бозид.

Аҳмади Дониш дар асарҳояш ва минҷумла дар асари "Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития"изҳор менамояд, ки давраи ҳукмронии онҳо яке аз давраҳои ториктарини аморати Бухоро маҳсуб аст. Маорифпарвар тартиботи давлату давлатдории манғитияро ба роҳу равиши ғоратгарию ситамкории чингизиён нисбат ба мардуми Осиёи Миёна кардаанд, баробар медонад. Масалан, ба гуфтаи устод З. Раҷабов Аҳмади Дониш дар бораи амир Дониёл (солҳои 1758-1785) чунин навиштааст: "Бидон, ки дар айёми ҳукумати амир Дониёл...аксари мадрасаҳо ва масоҷид аз дарс ва намоз таътил ёфта, ҳуҷароти мадорис , коҳхонаи хари обкаш ва ғалладони баққол шуда, ба сабаби он ки мардуми ӯзбак[93]дар умури давлатӣ тадохул ёфта, ҷиҳати безабтии салтанат, ҳар чӣ аз ҳар ҷо ёфтаанд, мутасарриф ва молик шуда, шуъла аз чароғи бивазан ва нон аз анбори авқоф duздида, ба масрифи шикаму харҷи худ мерасониданд ва касеро маҷоли бозхост набуд ва бозор хар ва қимор ва фисқ ва фасод бисёр роиҷ ва гарм буда дар миёни умаро ва ҳукком, лекин фуқаро ва раоёро маҷоли ҳаракат ва сукун набуд..."[94]

[93]Дониш дар ин ҷо"ӯзбак"- ро ба маънои манғития дар назар дорад.(шарҳи З Раҷабов).
[94]Нигаред. З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С. 129.

Дар замони ҳукмронии Шоҳмурод (солҳои 1785-1800) мефармояд устод З Раҷабов Аҳмади Дониш монанди дигар таърихнависони дарборӣ аморати замони Шоҳмуродро таърифу тавсиф накардааст, баракс ӯ ҷангҳои пай дар пай ин амирро мазамат карда, мегӯяд, ки аз чунин ҷангҳо қабл аз ҳама мардуми меҳнаткаш зарари ҷиддӣ мебинанд. Устод Садриддин Айнӣ ҳам давраи ҳукмронии ин амирро мазаммат карда иброз дошт, ки дар замони амир Муззафар мамлакат рӯ ба таназзул ниҳода зулму ситам боз ҳам зуртар шуд ва ҳатто амали нангини ғуломфурӯшӣ низ дида мешуд.

Устод З. Раҷабов ақидаҳои маорифпарвар Аҳмади Дониш, ки дар асарҳояш зикр ёфтаанд, чуқур таҳлил карда, ба хулосае омада менависад, ки "маорифпарварӣ, кӯшиш ба ҷорӣ кардани интизом ва тартибот дар корҳои давлатӣ ва ғамхорӣ ба рушду ривоҷи тиҷорат,-ин аст он хислатҳое, ки Аҳмади Дониш ба "амирони накӯкор" лозим мешуморад. Барои Аҳмади Дониш аҳамият надорад, ки амирон дорои ин ё он хислатҳо буданд ё набуданд, балки ба ақидаи вай тартиб додани барномаи муайяни сиёсӣ,"утопияи сотсиалии махсуси ҳукумати мутлақаи маорифпарвар" ҷиҳати муҳим мебошад"[95].Дар ин ҷо устод каме ба амирон майл доштани Аҳмади Донишро таъкид мекунад, чунки дар он замон ӯ ҳоло намефаҳмид, ки танҳо бо роҳи инқилобӣ сохти амириро дар Бухоро барҳам надода, масъалаи маорифпарварӣ ва ба ин вобаста гузаронидани ҳаргунаислоҳот аз имкон берун буд.

Академик З. Раҷабов барҳақ зикр кардааст, ки дар рисолаи Аҳмади Дониш таҳлили ҳамаҷонибаи сабабҳои нисбат аз дигар кишварҳо ақибмонии мадании Бухоро ҷои махсусро ишғол мекунад. Дар Бухоро набудани нишонаҳои одитарини маданияти дунявӣ, яъне театр, клуб, китобхона, матбаа,литография (чопи сангӣ А.Р.) ва умуман

---

[95]Дар ҳамон ҷо. С.135.

вуҷуд надоштани матбуот маорифпарварро ба изтироб меовард; дар мактабу мадрасаҳо фиқҳу қавоиди динӣ, ки ба ҳақиқат ҳеҷ алоқа надоштанд, омӯхта мешуданд. Аҳмади Дониш дар сарсухани “Наводир-ул-вақоеъ”бо як ғазабу нафрат гуфта буд, ки дар Бухоро “Сайқалнома” ва”Абӯмуслимнома”барин китобҳое паҳн шуданд, ки майнаи мардумро гарангу гиҷ мекунанд.[96]

Хуллас маҷмуаи ғояҳои ҷараёни маорифпарварии ибтидоиро дар асарҳои Аҳмади Дониши танқидкунанда ва фошкунандаи ҳаёти сиёсӣ ва дилгиркунандаи аморати Бухороро дар нимаи дуюми асри Х1Х барало дида мешавад.

Масъалае, ки дар боби сеюми асари маорифпарвар устод З. Раҷабов мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додааст”Аҳмади Дониш дар бораи Русия ва маданияти рус” номгузорӣ гардидааст.Оид ба ин масъала муҳаққиқ дар бобу зербобҳои қалбӣ ба таври умумӣ ёдовар шудааст. Дар зербоби сеюми боби сеюм устод махсус барои ҳалли ин масъала аз бисёр адабиёту сарчашмаҳо ва махсусан асарҳои чопӣ ва дастнависҳои Аҳмади Дониш фаровон истифода бурда, шарҳу эзоҳҳои илмӣ додааст.

Дар охири асри Х1Х ба кулли маорифпарварони Осиёи Миёна ва аз ҷумла, сарвари онҳо Аҳмади Дониш маълум буд, ки Русияи подшоҳӣ барои мардуми ин кишвар ва инчунин аморати Бухоро ҳамчун истилогару истисморгар вонамуд мешуд. Аммо, бо мурури гузашти замон, яъне аз нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ сар карда, ба мардуми Осиёи Миёна ва табақаҳои гуногуни ҷамъият ва қабл аз ҳама ба ҷараёнҳои маорифпарвар маълум мешавад, ки ду Русия ҳаст, аз як ҷониб Русияи подшоҳӣ ва аз ҷониби дигар Русияи инқилобӣ. Дар ин самт пролетариат ва деҳқонони Русия ва деҳқонони Осиёи Миёна дар як ҷараён қарор доранд, яъне душмани синфии

[96]З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С.157.

ҳам ҳукумати подшоҳӣ ва ҳам аморати Бухоро мебошанд. Аз ин рӯ, вақте ки Аҳмади Дониш се маротиба ба Русия сафар карда, ҳам маданияти моддӣ ва ҳам маданияти маънавии ин кишварро бо чашми хеш дид, онро бо вазъияти онвақтаи аморати Бухоро муқоиса кард ва дар фикру ақидаи ӯ ғояи чун ин мамлакат пеш рафтани Бухорои амирӣ пайдо шуд.

Устоди устодон, муаррихи намоёни халқи тоҷик З. Раҷабов дар ин қисми асар он дигаргуниҳои нави ғоявии маорифпарвари барҷастаи халқи тоҷик Аҳмади Донишро, ки пас аз сафарҳои дипломатии Русия дар асарҳояш нисбат ба маданияти пешқадам ва инқилобии ин мамлакат ба амал омадааст, ба самти амирони Бухоро ва аҳли зиёиён-маорифпарварони ҷавоне, ки аз байни шоиру нависандагон, адабиётшиносон ва умуман аҳли илму фарҳанг баромадаанд, ниҳоят аниқу равшан ба қалам додааст.

Аз ҷониби дигар, устод фикру ақидаи маорифпарвар Аҳмади Донишро дар ҷараёни ҳуҷуми артиши рус ба Осиёи Миёна, аз ҷумла ба Бухорои амирӣ, ки дар асараш "Рисола..." нишон додааст, таъкид мекунад, ки амири Бухоро ниҳоят дилпуру худписанд буда, қувваҳои мусаллаҳи Русияи подшоҳиро ба эътибор намегирифт. Аммо, худписандии аблаҳонаи амири Бухоро Музаффар бо торумор анҷомид ва ҳамин ки садои тӯпҳо баромад, бухороиҳо" ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда, ҳарчи дар сару бар доштанд, ба ҳар ҷо партофта, ба кадом тараф,ки рост омад, рӯй ниҳоданд ("Аҳмади Дониш Рисола...",С. 48.)[97]. Дар ин ҷо Амади Дониш изҳор кардани буд, ки аморати Бухоро барои мамлакатро аз ҳуҷуми беруна ҳифз кадан бинкул омода набуд, ки ин ғоя ҳам ғояиривоҷи маорифпарастӣ дар мамлакат маҳсуб буд.

Аҳмади Дониш таассуроти се сафари хешро ҳамчун аъзои сафирони дипломатии аморати Бухоро ба Русияи подшоҳӣ ба қалам дода, бо ин мехост, ки мардуми Бухоро

---

[97]З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С. 179.

бо ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангии Русияи подшоҳӣ шиносоӣ пайдо карда, ба он шавқу ҳаваси пешравии ҷамъият ва беҳтар гардидани тарзи зиндагии мардумро бедор намояд.

Бо гуфтаи муаррриxи ганҷшинос З. Раҷабов, дар назари Аҳмади Дониш амирони манғития ҳама золиманд ва ногузир ба марг маҳкум гаштаанд. Аҳмади Дониш менависад, ки "дар оянда касоне, ки зиндаанд, хоҳанд дид, ки харҷи давлат ва моле, ки дар хазинаи амир бад-ин зулму заҷр ҷамъ гардидааст, тушаи куффор ва ғанимати фуҷҷор гардида, саркардагон охир сари худро ба дор хоҳанд супорид ва амирон ва волиён ҳачунон бенасиб ба хусрони абадӣ гирифтор хоҳанд шуд."[i]

Боби чоруми асари З. Раҷабов фикру андешаи маорифпарвар Аҳмади Дониш доир ба ақидаҳои шогирдону ҳамзамононашро дарбар мегирад. Аҳмади Дониш дар тамоми асарҳояш фикру андешаи ба адабиёту илми дунёвӣ кашидани Бухоро ва аҳли қалами он талқин мекард. Ва дар натиҷаи мутолиаи асарҳои ин нобиға аз ҷониби шогирдон ва ҳамзамонон майли онҳо ба илму маданияти дунявӣ ва аз ҷумла Русия равон мешавад. Ба зумраи чунин шогирдону ҳамзамонони Аҳмади Дониш–Савдо (1823-1873), Шоҳин (1859-1894), Ҳайрат (1878-1902), Асирӣ (1864-1815), С. Айнӣ (1878-1954) ва дигарон шомил буданд.

Савдо ба ҷуз шоиру адабиётшиноси маълум будан, инчунин барои азбар намудани дигар соҳаҳои илму маърифат рағбати калон дошт. Ӯ мусиқишиноси забардаст, ситорашиноси моҳир, насрнависи комил ва донандаи дигар касбу ҳунарҳои замони худ буд. Тавре ки устод З. Раҷабов мефармояд, ба аққидаи Савдо сабаби қафо мондани маданияти Бухоро ва бедодгариҳои ваҳшиёнаи дарбори амирони манғития ин дар мамлакат вуҷуд надоштани маълумоти дунявӣ мебошад. Савдо ба маданияти дунёвӣ

шавқу рағбат дошт. Ӯ ҳам Дониш барин ба омӯзиши илмҳои табииёт, ки дар Русия хеле инкишоф ёфта буд, даъват мекард.

Шогирду ҳамзамони дигари Аҳмади Дониш Шоҳин ба ҳисоб мерафт, ки ӯ маорифпарвари барҷаста ва шоири намоёни замони худ буд.Тамоми умеду орзу ва фикру зикри ин шоири баркамол дар ҷамъият ба пешравии маориф равона карда шуда буд. Ба фикру андешаи вай, маҳз маориф ба мардум-рафоқат, ба давлат-осоиш, ба мулк-равнақ мебахшад, хулосабарорӣ намуд дар асари номбурдааш академик З. Раҷабов. Фикру андешаи З. Раҷабовро муаррихон ва адабиётшиносони номии Тоҷикистон ва берун аз он оид ба истеъдоди худододи Ш. Шоҳин ҷонибдорӣ менамоянд.

Ба гуфтаи адабиётшиноси маъруф Р. Ҳодизода, Ш . Шоҳин дар қасидае, ки дар мадҳи Аҳмади Дониш навишта буд, ин шахси бузургро яке аз баргузидагони даврони худ ва "Наводир-ул-вақоеъ"–ро яке аз асарҳои муҳим ва арзандаи замонаш дониста, бо самимият ситоиш кардааст. Ҳам таъсири "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмади Дониш ва ҳам таҷрибаи зиндагӣ Шоҳинро ба ақидае овард, ки тартиботи тарзи усули давлатдории ҷамъияти он замонро бо ислоҳоту дигаргуниҳои ҷузъӣ беҳтар кардан имконопазир аст. Шоҳин чунин фикру андешаи ҷасуронаи хешро дар "Бадоеъ ус- саноеъ"ном асараш, ки дар солҳои охири ҳаёташ таълиф шуда, ба бисёр хонандагони замонаш кам маълум буд, баён намудааст.[98]

Шоҳин дар он муҳити сахту мудҳиши иҷтимоӣ ва дар доираи дарбор, дар рикоби амир фоҷиаи зиндагии худро медид, аз ин вартаи ҳалокатроҳи халосиро меҷуст, аммо ҳайҳот пайдо карда натавонист ва дар яъсу навмедӣ дар охири асараш "Бадоеъ ус-саноеъ" бо ин байти Хоҷа Ҳофиз ифода кардааст:

---

[98]Р. Ҳодизода. Мухтасаре дар шарҳи рӯзгори Шоҳин. Дар кит: Шамсиддин Шоҳин. Куллиёт. Душанбе "Адиб"-206, С.12-13.

Мо озмудаем дар ин шаҳр бахти хеш,
Бояд бурун кашидан аз ин варта рахти хеш.

Шикоят ва эътирозҳои сахти шоир, - ба гуфтаи профессор Р.Ҳодизода,- ғазаби ҳукмрони замонро бедор месохт. Аммо, амир Шоҳинро аз дарбор дур накард. Сахтиҳои зиндагӣ охир ҷисми шоирро ба шикаст оварданд ва оқибат соли 1894 бо касалии сирояткунандаи сил аз олам чашм пӯшид.[99]

Устоди Садриддин Айнӣ шоири шаҳир ва нававар Ҳайрат ба забони фаҳмою равони тоҷикӣ шеърҳои сеҳрофарине гуфта, дар онҳо табиати ҷонфазои Ватани хеш, азобу уқубат ва бенавоии сарзаминашро тасвир кардааст. Ба ақидаи вай, бенавоӣ оқибати бедодгарии амалдорони амир ва муллоёни риёкор мебошад. Шоири оташинсухан ва ҳақгӯ Ҳайрат муллоёни мутаассибро ниҳоят чашми дидан надошт. Ҳайрат яке аз шоирони забардаст ва лирики машҳури охири асри Х1Х ва аввали асри ХХ буда, баҳри адолат, маданияти дунявӣ бо ҷасорат ва шуҷоат мубориза мебурд, ҳатто Садри Зиё (қозикалони Бухоро) иқрор шудааст, ки Ҳайрат шоири “содиққавл” мебошад.[100]

Ин фикру ақидаи устод З. Раҷабовро оид ба афкори Ҳайрат нисбат ба бедодгариҳои амирони манғитӣ адабиётшинос номдор, профессор Р. Ҳодизода дар сарсухани китоби: “Ҳайрат. Ашъори мунтахаб”низ ҷонибдорӣ карда фармудааст:”Бедодӣ ва худсарии арбобони давлат (манғития А.Р.), ҷавру ситами дастнишондаҳои амир дар ҳаққи аҳолӣ Ҳайратро ба қаҳру ғазаб меоварад ва оҳанги танқиду ҳаҷви ин гурӯҳи золим дар ашъори ӯ роҳ меёфт. На танҳо шеърҳои коллективӣ, ки дар эҷоди онҳо Ҳайрат иштирок мекард, балки рубоӣ,

---

[99] Р. Ҳодизода дар ҳамон ҷо. С. 15.
[100]Нига З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С. 213-214.

қитъаҳои ҳаҷвомези шоир дар ҳаққи қозиву раис, миршабу арбобҳои золим як тозиёнаи сахте буд ба муқобили аморати зулмбунёди Бухоро.” Ва олим барои исботи андешаи хеш чанд мисраи шеъри Ҳайратро ба хонанда пешкаш кардааст:

Фарёду фиғони ман зи дасти писарат,
Вожуниям аз қадди фарасти писарат,
Эй шаҳна, ба манъи мо зи май кӯшӣ чанд?
Нокарда назар ба чашми масти писарат.[101]

Устод Р. Ҳодизода дар шарҳи ин мисраъҳои Ҳайрат афзуда аст, ки “ Ин рӯбоӣ аввал чун як шеъри лирикӣ садо медиҳад. Аммо, аз “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ маълум мешавад, ки ин рубоӣ дар ҳаққи як миршаби золим ва писари ӯ навишта шудааст.”[102]

Гарчанде ки Ҳайрат ниҳоят ҷавон, яъне дар синни 24-солагӣ ин дунёро падруд гуфта бошад ҳам, ниҳоят пурғайрату пурмаҳсул буда, дар бораи инкишофи илму техникаи Русия доимо бохабар буд, бо шавқу завқ забони русӣ ва адабиёти русро меомӯхт. Ӯ ба устоди худ Аҳмади Дониш вафодор буда, дар эҷодиёташ ғояҳои маорифпарварии ӯро дар байни омма тараннум мекард.

Пас аз Ҳайрат муаррихи ҳақиқатҷӯй академик З. Раҷабов боз дар бораи чанде шогирдону ҳамзамонони Аҳмади Дониш ба таври мушаххас маълумоте додааст. Аз ҷумла, дар бораи маорифпарвари Бухорои асри Х1Х Возеҳ (1817-1894) хонанда дар асари устод чанд маълумоте гирифта метавонад. Возеҳ чун Аҳмади Дониш он масоили муҳими Бухорои феодалиро ба қалам медиҳад, ки онро низ Аҳмади Дониш дода буд, яъне дар ҷараёни маорипарварӣ пайрави ӯ маҳсуб буд.

---

[101]Ҳайрат. Ашъори мухтасар. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Душанбе-1964, С.29-30.
[102] Дар ҳамон ҷо С.30.

Устод З. Раҷабов дар асари хеш фикру андешаашро нисбат ба шоир ва маорифпарвар Возеҳ баён карда, арз кард, ки ӯ яке аз одамони намоёну машҳӯри ҳамон замони Бухоро дониста мешуд. Возеҳ мутафаккири равшанфикри пешқадам дониста мешуд. Вай барои азбар намудани бисёр илмҳо-математика, тиб, таърих ва ситорашиносӣ рағбати зиёд дошт. Ин шоири хушзавқ қариб тамоми забонҳои шаркро медонист, назми Носири Хисрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Навоӣ, Бедил ва Камолро азбар карда буд. Дар шеър худаш қудрати зиёде дошт ва ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, арабӣ эҷод мекард. Возеҳ "Тӯҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул асҳоб" ("Тӯҳфаи дӯстон ва тазкираи ҳамсуҳбатон") ном тазкираи аҷоибе таълиф кардааст..[103]

Ҳангоме ки Возеҳ ба дараҷаи шоири баркамол расида, дар байни мардум шуҳрат пайдо кард, дарбориёни манғитӣ бо мақсади шуҳрати хешро машҳур кардан ӯро ба хизмати амирӣ кашиданд. Аммо, дере нагузашта Возеҳ мақсади разилонаи дарбориёнро фаҳмида, ба амри онҳо хунукназарона рафтор карда, аз даргоҳ ронда мешавад.

Устоди зиндаёд З. Раҷабов дар охири боби чоруми асараш дар хусуси воқеаҳои намоёне, ки охири асри Х1Х ба маорифпарварони тоҷик таъсир расонидани маданияти нисбатан пешқадами Русияро нишон медиҳанд, дар асари тоҷики самарқандӣ, муосири Аҳмади Дониш-Мирзо Мулло Абдураҳмон ибни Муҳаммад Латифи Мустаҷир гирд оварда шудаанд. Абдураҳмон Мустаҷир ба сифати тарҷумон дар вақти экспедитсияи ҳарбии ба ном "Искандаркӯл" (соли 1870, ки бо мақсади забт карда, ба Русия ҳамроҳ кардани ноҳияҳои болооби водии Зарафшон ташкил карда шуда буд А.Р.) ховаршиноси машҳур А. Л. Кунро (1840- 1888) ҳамроҳ карда буд, ки вай дар Кӯҳистон хеле сафар кардааст. Абдураҳмон бо ҳамроҳии экспедитсияе, ки онро генерал Абрамов сарварӣ мекард,

[103]Ниг. З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С.215.

сафар карда, рӯзномае навиштааст. Ба гуфтаи устод З. Раҷабов, дастнависи он дар фонди дастнависҳои пажуҳишгоҳи ховаршиносии собиқ АФ СССР дар Ленинград маҳфуз аст. Нусхаи ин рӯзнома дар шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии А И Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.[104] Дар охири ин боб устод ба хулосаи дуруст омада, изҳор кардааст,ки маорифпаварони нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ шиори "Маорифпарвар"-ро танҳо эълон карданд, вале аз ин пеш нарафтанд, яъне роҳи инқилобии ҳалли масъаларо илман исбот карда натавонистанд.

Боби панҷуми таҳқиқоти олими дақиқсанҷ З. Раҷабов ба масъалаи таъсири маънавии маорифпарвар Аҳмади Дониш ба таҳқиқотҳои зиёиёни пешқадами халқи тоҷик дар ибтидои асри ХХ баҳс мекунад. Маълум, ки ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш ва пайравону ҳамасрони ӯ дар нимаи асри Х1Х ташаккул ёфта, мувофиқи шароити иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳамон замон гуфта мешуд. Ин воқеа ба он оварда расонд, ки баъзе аз таҳқиқотчиён ба хулосае меомаданд, ки дар ибтидои асри ХХ аз сабаби дар ҳаракати когарӣ ғояҳои инқилобӣ сахт ҷой гирифтан ва наздик омадани инқилоби пролетарӣ, ба ҷуз таълимоти марксистӣ-ленинӣ дигар таълимоти маънавӣ бояд иртиҷоӣ (реаксионӣ А.Р.) тавсиф карда шавад. Аз рӯйи таълимоти онҳо гӯё адибони пешқадами тоҷик дар ибтидои асри ХХ аз ғояҳои Аҳмади Дониш дур шудаанд. Устод меафзояд, ки агар дар аввали асри ХХ шароити иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва сиёсии ҳам аморати Бухоро ва ҳам Туркистони мустамликавиро ба назар гирем, бо он ақида розӣ шудан мумкин нест.[105]

Дар ҳақиқат то ғалабаи Инқилоби Халқӣ-демократии соли 1920-ум дар Бухоро дар тамоми риштаҳои иҷтимоӣ-

[104]Ниг. З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С.218.
[105] Ниг. З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С.224.

иқтисодӣ ва сиёсиву маданӣ ҳоло муносибатҳои феодалӣ ҳукмрон буда, оммаи меҳнаткаш дар зери зулми дутарафа қарор дошт. Дар кишвари Туркистон нисбат ба дигар қисмҳои ҳукумати подшоҳӣ ҳаракати сотсиал-демократӣ суст буда, таассуби динӣ ниҳоят сахт ба назар мерасид, синфи коргари маҳаллӣ ташаккул наёфта буд. Дар чунин шароит маорифпарварони аввали асри XX, ки онҳоро "насли дуюм"меномиданд барои оядаи халқи худ маҷбур буданд, бо ҳарроҳ мубориза баранд. Бо ифодаи устод З. Раҷабов "магар гуфтан ҷоиз аст, ки Асирӣ ва ё Айнӣ пеш аз инқилоб барин маорифпарварон теғи ақидаҳои маорифпарвариро бар зидди идеологияи револютсионӣ равона кардаанд? ...мутафаккирон тарафдори табадуллоти инқилобӣ набуданд... Вале онҳо ислоҳоти маданиро ба иннқилоб муқобил намегузоштанд, балки ҳамавақт ва дар ҳама кор (ҳатто дар вақти хато карданашон ҳам) чунин мешумориданд, ки халқ ҳарқадар маъруфтар, маданитар, озодтар, фаъолтар бошад, ҳамон қадар тезтар тақдири худро ба даст мегирад (вале онҳо чӣ тавр ба дасти халқ даромадани инро намедонистанд)"[106].

Маълум, ки дар ибтидои асри XX дар арафаи Инқилоби якуми буржуазӣ- демократии рус дар кишвари Туркистон ва аморати Бухоро ҷараёнҳои гуногуни сиёсӣ ба майдон баромаданд. Дар Бухоро пеш аз ҳаракатҳои сотсиал-демократӣ ҳаракати ҷадидон (навоварон) ба майдони сиёсӣ баромаданд. Ҷадидон ба ақидаи мо, зиёиёне буданд, ки аз дохили буржуазияи компрадорӣ (савдоӣ) баромада, мехостанд, ки ақидаву фаҳмиши маорифпарваронро ба муқобили инқилоби наздик омада равона ва тартиботи мавҷудаи аморати Бухороро нигоҳ доранд. Аммо, дар ин ҷо агар шартан ҷадидҳоро ба ду қисм, яъне чапу рост тақсим кунем, агар ҷадидҳои тарафи рост барои бо роҳи ислоҳотҳои ночиз тартиботи амириро дар Бухоро нигоҳ

[106]Ниг.З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С. 225.

доштан бошанд, вале аз рӯйи ақидаҳои ҷадидони чап пай бурда мешавад, ки онҳо ҷонибдори ислоҳотҳои ҷиддии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ ба манфиати оммаи меҳнаткаш буданд.

Устод З. Раҷабов дар таҳлили баҳо додан ба ҷадидҳои Бухоро таъкид мекард, ки ниҳоят боэҳтиётона рафтор кардан лозим аст, зеро дар ҳайати ҷадидҳо зиёиёни ниҳоят маърифатнок ва халқпарасту озодихоҳ низ буданд. Бо ҳамин мақсад эшон дар ин боби асари маорифпарвар... чунин васият кардааст:"Такрор мекунам, ки таҳлил (нисбати ҷадидҳо А.Р.) бояд басо муфассал ва боэҳтиёт бошад, вале ин кор ба мо ҳақ намедиҳад, ки тамоми зиёиёни пешқадами аввали асри XX халқи тоҷикро ба ҷадидон ҳавола кунем ва онҳоро зӯран ҷадид кунем. Ин кор нисбат ба одамоне, ки ҳаёти худро ба хизмати халқ гузоштаанд, ноодили мебуд."[107]

Табақаҳои доро, феодалону бойҳо, сарони буржуазияи компрадорӣ, намояндагони дину мазҳаб ва зиёиёне, ки аз байни онҳо баромада, аз лиҳози сиёсӣ ташаккул ёфтаанд, бо он сабаб аз инқилоби иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар тарсу ваҳм буданд, ки дар натиҷаи инқилоб онҳо аз ҳаёту зиндагии "олии" худ мемонанд. Аз ин лиҳоз аҳли зиёи ҷонибдори нигоҳ доштани тартиботи амирӣ дар назди халқи аз лиҳози сиёсӣ сусту бемадор тарғиботи аз Русия ҷудошавиро тезутунд мекарданд. Ба ақидаи мо чунин зиёиёнро ба гурӯҳи ҷадидони "қаноти рост" нисбат додан ба ҳақиқат наздик мебуд.

Тавре ки устод ба ин муносиб меафзояд: "Амирпарасти либералӣ Садри Зиёи бухороӣ (қозикалони Бухоро А.Р.) навишта буд, ки халқи рус соли 1905 "бар зидди давлати матбӯъа (писандида А.Р.) ҳаракатҳои ваҳшиёна менамуд"[108]

---

[107]З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С.226.
[108] Дар ҳамон ҷоС. 228.

Аз рӯйи асарҳои безаволи Садриддин Айнӣ, ки эшон шоҳиди воқеаҳои иҷтимоӣ сиёсии аморати Бухоро дар ибтидои асри XX ҳаст, маълум мешавад, ки бо таъсири ҳаракатҳои инқилобии Русия дар мамолики Шарқ аз ҷумла, дар аморати Бухоро ва Туркияи усмонӣ, дар Хитою Ҳиндустон ҷараёнҳои нав ба майдони сиёсӣ қадам мемонанд. Бо ифодаи Садриддин Айнӣ "дар вақтҳои охир бо таъсири газетаҳо ва дар натиҷаи инқиобҳои Русия ва Туркия касоне зиёд шуда буданд, ки ба аҳволи илмӣ ва иҷтимоии Бухоро ва ба зулму разолатҳои доираҳои давлатӣ бо назари танқидӣ менигаристанд.

Ба гуфтаи донандаи таърихи ҳаёти онвақтаи Бухорои амирӣ Садриддин Айнӣ "Баъди дар Бухоро кушода шудани мактаби нав ва шуҳрат пайдо кардани он касоне, ки дар онҳо андак бедории фикрӣ пайдо шуда буд, ба атрофи мактаб ҷамъ шуданд ва боз як гурӯҳ ҷавонфикрони нав ба воя расиданд...мунавварфикрони пештара бо ҷавонфикрони тоза ба воя расида ба таври табиӣ ба ҳам наздик шуданд, бо ҳам ҳамфикр ва ҳамдард шуда, гӯё ранги ҷамъиятеро гирифтанд."[109]

Садриддин Айнӣ доири пайдоиши калимаи ҷадид ва ҷавонбухороиён фикру андешаашро дар куллиёти тозанашр чунин баён кардаст:"...Азбаски барои ба ҳамдигар наздик шудани ин соҳибфикрон дар марҳалаи аввал мактаби усули ҷадида сабаб шуда буд, уламо ва арбоби ҳукумат ин фирқаро "ҷадид" ё "ҷадидӣ" номиданд. Азбаски маслаки ин фирқа тараққӣ ва пешрафт ва роҳбаронашон ҷавонон ва ҷавонфикрон буданд, онҳо худро"ҷавонбухороиён"(мисли ҷавонтуркон) меномиданд."[110] Аз рӯйи гуфтаҳои Садриддин Айнӣ ҷавонбухориён ба эътибори мансуб ба синфи камбағал, соҳибони касбу корҳои гуногун таалуқ доштанд, ки ин афкорро акадеик З. Раҷабов низ ҷонибдор буд.

---

[109]С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 7., Душанбе: "Дониш" 2021, С.457-458.
[110]С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 7., Душанбе: "Дониш" 2021, С.459.

Олими тозабаён профессор Н. Ҳотамов низ дар хусуи пайдоиши калимаи “ҷадид” дар қаламрави аморати Бухоро чунин фикру назари хешро дорад: ”Калимаи “ҷадид” арабӣ буда, форсии тоҷикӣ маънои “нав”, “тоза”-ро дорад ва дар он ягон ифодаи таҳқиркунанда ё худ таҳқиркунӣ дида намешавад. Вале он солҳо махсусан, дар шароити аморати Бухоро, ҳомиёни тартиботи куҳна ҳар каси ба худ аз рӯи ақида муқобилро “ ҷадид” гӯён таҳқир менаиуданд

Дар асл “ҷадидон” дар марҳилаи аввал худро “ҷавонон”, “ҷавонфикрон”, “маорифпарварон”, тараққипарварон”, “ислоҳотпарварон”, “навпарастон”ва ғайра меномиданд. Ҷадидони Бухоро ба ҷавонтуркони Туркия пайравӣ намуда худро ”ҷавонбухориён” меномиданд.”.[111]

Дар давра ва пас аз воқеаҳои Колесов ва вобаста ба ин рӯзҳои мудҳиши террори Амир Олимхон Садриддин Айнӣ чунин менависад:”Як қисми ҷавонбухориён бо зан, духтар ва хоҳарони худ ба Туркистон ҳиҷрат карданд ва ғурбату фалокатҳои сесоларо дар як ҷо ба сар бурда, пас аз инқилоб (инқилоби Бухоро дар назар аст А.Р.) ҳамчун зану духтарони ба тамоми маъно инқилобчӣ ба Бухоро баргаштанд” [112] . Аз рӯи гуфтаҳои Садриддин Айнӣ ҷавонбухориён аз табақаҳои меҳнаткаш ва зидди тартиботи амирӣ буда, ба гурӯҳи инқилобчиён дохил мешуданд, яъне маорифпарварони ибтидои асри XX буданд.

Ҷавонбухориён бо кӯшишу талоши зиёд ва ба воситаи вакили сиёсии Русия моҳи марти соли 1912 ба дарҷи аввалин рӯзнома бо номи “Бухорои шариф” ба забони форсӣ ва дере нагузашта газетаи “Турон” ба забони туркӣ нашр гардида, дар муддати начандон зиёд доираи

---

[111]Н. Ҳотамов. Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро. Душанбе- 2022, С. 139.
[112]С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 7. С.643..

васеъи хонандагони худро чӣ дар Бухоро ва чӣ дар кишвари Туркистон дарёфтанд. Дар шумораҳои ин газетҳо дар он замон масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсиву маданӣ дарҷ гардида, баъзан ҳаёти тираву тор ва зиндагии душвори оммаи меҳнаткаш низ инъикос меёфт. Ва пас аз як сол бо ёрии вакили сиёсии Русия аморати манғития чопи ин рӯзномаҳоро манъ кард. Аҳамияти ин рӯзномаҳо аз он иборат буд, ки ба воситаи маводҳои дарҷшудаи онҳо шуури ҷамъиятии меҳнаткашони аморати Бухоро ва Туркистон як дараҷа бедор гардид.

Дигар маорифпарвари тоҷик Тошхуҷа Асирӣ (1864-1915) дар шаҳри Хуҷанд ҳаёт ба сар бурда ба косибӣ машғул буд. Ин шоири инсондӯст касби дар ҳаёт интихоб кардааш сангиосиётарошӣ буд ва ҳаёти камбағалона мегузаронд. Ӯ тарғиботчии моҳири маданияти рус ва маорифи дунявӣ ба ҳисоб мерафт. Асирӣ худро шогирди маорифпарвар Аҳмади Дониш мепиндошт. Дониш,- мегӯяд Асирӣ,- пеш аз ҳама донандаи илмҳое мебошад, ки метавонанд оламро дигар карда, обод кунанд. Ба ин маъно ӯ суруда аст:

Ҳамон илме ки дунё гардад обод,
Туро созад зи банди ҷаҳл озод.
Ҳамон илме ки бошад ҳосили ақл,
Бувад он илму ҳикмат мояи адл.[113]

Тошхуҷа Асирӣ ба мисли дигар пайравони Аҳмади Дониши маорифпарвар нисбати тартиботи куҳнашудаи амирони Бухоро, нисбат ба золимону ғоратгарони оммаи халқ ва амиру амалдорон ва рӯҳониёни маккору риёкор “аз таҳти дил нафрати сӯзон дошт, то ба дараҷае, ки дар ҳаққи амири Бухоро ақидаи хешро чунин баён кардааст:

---

[113] З. Раҷабов. Маорифпарвар...,С. 233.

Ман амиратро ба як мирӣ намегирам, бирав!
Илтифоти ӯ надорад қимати як дона ҷав.
Гарчи номи ман Асирӣ, хуш асираш нестам,
Варна медод ӯ азоби беҳисобам нав ба нав.

Шоири баркамол Тошхуҷа Асирӣ хулқу атфоли намояндагони руҳоиёнро ба хубӣ омӯхта бо як ҷасорат фош намудааст. Ӯ аз аввалин аҳли қалами тоҷик буд, ки моҳияти зидди халқӣ доштаи балвои соли 1898 Андиҷон-Суфӣ Муҳаммадалихалифа (Дукчӣ эшон)-ро эҳсос намуда, ӯро сахт ҳаҷв кадааст.[114]

Тошхуҷа Асирӣ дар доираҳои адабӣ-ҷамъиятии Бухоро, Самарқанд, Истарафшон, Қӯқанд ва ғайра машҳур буд. Тошхуҷа Асирӣ на ба он дунёю охират рағбат дошт, балки ба масъалаҳои ҳаёти реалии инсон, муборизаи инсон ба ояндаи дурахшон тарафдор буд. Дар эҷодиёти ӯ танқиди рӯҳониён ҷои махсусро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, вай ки ба муқобили уламо тезутунд баромад мекард, онҳо ба ин маорифпарвар "унвони"аҳли бидъат доданд. Дар назми Тошхуҷа Асирӣ мақсади зидди рӯҳониён аниқу равшан акс ёфтааст. Мутафаккир Тошхуҷа Асирӣ донишмандиро муқобили ҷаҳолат, маданиятро муқобили таассуби динӣ гузоштааст.[115]

Тошхуҷа Асирӣ ҳамчун Аҳмади Дониш бо шавқу завқ ва бо тамоми ҳастӣ маорифро тарғибу ташвиқ карда, ақида дошт, ки ба воситаи ривоҷи он мардумро аз зулму тааддӣ, аз ҷаҳлу ҷаҳолат наҷот додан мумкин аст. Вале чун маорифпарварони ниммаи дуюми асри X1X ва ибтидои асри XX бо кадом роҳ ин мақсад бояд амалӣ шавад пешгӯӣ карда наметавонист.

---

[114]Нигаред.Тошхуҷа Асирии Хуҷандӣ. Ашъори мунтахаб. Душанбе, нашриёти "Адиб", 1987.С. 6.
[115]Нигаред: История таджикского народа том 1V, душанбе 2010, С. 901.

Устод З. Раҷабов ба қатори дигар маорифпарварон Садриддин Айниро ба забон гирифта, дар бораи ҳаёту эҷодиёти илмиву адабии пешазинқилобӣ ва даврони шуравии ин нобиға муфассал истода мегузарад. Устод барҳақ эҷодиёти Садриддин Айниро ба ду давра қисмат карда, афкори адабӣ ва сиёсии ӯро бо хусусиятҳои хоси худ, дар солҳои ҳараҷу мараҷи доираҳои ҳукмрони амирони Бухоро ва даврони вуҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ ба таври холисона ба риштаи таҳқиқу таҳлил гирифтааст.

Мисли дигар маорифпарварони то инқилобии Осиёи Миёна ва минҷумла Бухорои амирӣ Садриддин Айнӣ ба гуфтаи олими нуктасанҷ З. Раҷабов "Пеш аз револютсия Айнии ҷавон равшан намефаҳмид, ки мамлакаташ ба кадом роҳ рафта истодааст ва эшон мешуморид, ки ҷадидҳо кишвари ӯро маърифатнок мекунанд. Ин гумони хатои ҷиддие буд. Ҷадидҳо аслан аз баъзе ислоҳот талаби зиёде надоштанд, вале онҳо мағали калоне бардоштанду худро сарвари халқ эълон карда, халқро фиреб доданд"[116].

Маълум, ки дар он вақт дар ҳудуди Бухорои амирӣ ҳоло ташкилотҳои сотсиал-демократӣ ба тарзи кушоду равшан амал намекарданд. Амирони манғития бо тамоми вуҷуд бахри тарсонидан ва аз балвоҳои зиддиамирӣ дур кардани омма, қатли оми меҳнаткашонро рӯз то рӯз афзун мекарданд. Садриддин Айнӣ ва дигар аҳли қалам дар ин шароит ба ҳаракату кӯшишҳои ҷадидон диққат карда, роҳҳои ба халқ хизмат карданро меҷустанд ва кӯшиш ба харҷ медоданд ва орзу мекарданд, ки дар мамлакате, ки қонунҳои асримиёнагӣ ҳукмфармост, маданияти дунявӣ ҷорӣ карда шавад.

Дар хусуси азобу шиканҷае, ки амирони Бухоро ва махсусан амири охирини сулолаи манғития амири ҷоҳилу ҷаллодсифат Олимхон нисбат ба аҳли илму фарҳанг ва ҷавонони навҷӯю навақида ва минҷумла асосгузори насру

---

[116]З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С. 237.

назми давраи навини халқи тоҷик устоди зиндаёд Садриддин Айнӣ содир кардаанд, асрҳо сипарӣ шаванд ҳам аз ёди наслҳои имрӯзу оянда ҳаргиз нахоҳад рафт. Нафрати аҳли қалам ва тамоми халқи тоҷик ва инсонияти фарҳангу тараққипарвар нисбати амлдорону амирони манғития дар Бухоро ҳаргиз аз ёдҳо дур намешавад.

Доир ба он рафторҳои ғайриинсоние, ки амиру амалдорни сулолаи манғития нисбат ба устод Садриддин Айнӣ содир кардаанд, адиби намоёни замон, шахси илмдӯсту фарҳангшинос, олим ва ҳамзамони эшон Муҳаммад шариф Садри Зиё, ки сарвари маънавии ҳавзаи адабии равшанзамирон дар Бухорои тоинқилобӣ маҳсуб буд, дар ин бора чунин гуфтааст:"Бародари муҳтарамам Садриддинхоҷаи Ғиждувонии Айнитахаллусро, ки назман ва насран аввал Амирхонд ва сонӣ Саъдии Шерозӣ ва дар ҳадди зоташ ранҷур ва касалманд буд, аз мадрасаи Кӯкалтош ба ҳоли аҷибе оварда, ба дарвозаи Арки Бухоро бераҳмона ва бешармона амиру вазир ба иқтизои аҳли балво ҳафтоду панҷ чӯб таъзир карданд ва ба яке аз маҳбасҳои он ҷо, ки "Обхона" меномиданд, ба ҳамон ҳол андохтанд."[117] Бо амри Олимхон дар як рӯз Садриддин Айнӣ ва дӯсташ Мирзо Назруллоҳ, ки яке аз ҷавонони равшанфикри замонаш буд, ба ҷазои ҳафтоду панҷ тозиёнаи сахт гирифтор карда шуданд. Мирзо Назруллоҳ ба ин ҷазои золимона тоқат карда натавониста, дар беморхонаи Когон ҷонро ба Ҳақ супорид. Тақдири баланди халқи тоҷик будааст, ки бо мадади табибони рус Садриддин Айнӣ пас аз 52 рӯз саломат шуда, аз беморхонаи шаҳри Когон баромада, солҳои тулонӣ дар шаҳри бостонии Самарқан иқомат ва эҷод намудааст.

Садриддин Айнии бузургвор баъдан гуфтааст, ки дар беморхонаи шаҳри Когон вазъаш ниҳоят тоқатнофарсо буд, чунин байт дар майнааш чарх мезад:

---

[117] С. Айнӣ. Ёддоштҳо. Қисми паҷум. Душанбе 2021, С.3.

Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад,
Ин тифли нозпарвард дар ба дар шавад.[118]

Зиндагӣ нишон дод, ки устод Садриддин Айнӣ ҳамаи он азобу ҷазобе, ки амирону амалдорони ҷоҳил нисбат ба ӯ раво диданд, ба хотири ояндаи забону адабиёт ва фарҳанги халқи азияткашидааш, сабру тоқат намуда, баъдан дар шароити оромӣ бо килки оташини хеш таърихи ҳаёти дузамон, яъне ҳаёти замони пеш аз инқилобии тираи сулолаи манғития ва даврони шуравӣ, ки барои мардуми тоҷик бахту саодат ва хушбахтиро ато намуд,баҳои ҳаққонӣ додааст.

Дар ибтидои асри XX дар натиҷаи таъсири Инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус (солҳои1905-1907) дар тамоми мамолики Шарқ ва аз ҷумла, Осиёи Миёна фикру ақидаҳои гуногуни дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуқуъ пайвата, матбуоту китобҳои нав, асосан ба забонҳои туркӣ, яъне тоторию озорбойҷонӣ рӯйи кор омада, дар байни зиёиён паҳн мешуданд. Ба ақидаи устод З. Раҷабов:”Аз Закавказия ба Осиёи Миёна асарҳои адиби забардаст Мирзо Фатҳалӣ Охундов расида меомаданд, адибони пешқадами Осиёи Миёна бо асарҳои саҳнавии Озорбойҷон шинос мешуданд ва онҳо ба эҷодиёти он сахт таъсир мекарданд. Дар инкишофи ғояҳои тараққипарварӣ маҷаллаи озорбойҷонӣ “Мулло Насриддин”аҳамияти калон дошт.[119]

Дар ҳамин давра китобе, ки “Саёҳатомаи Иброимбек” ном дошта, дар байни зиёиён ва тараққипарварони Закавказия хеле хуб пазируфта шуд, ба қаламрави Бухорои амирӣ ворид гардид. Дар ин маврид Садриддин Айнӣ чунин ақидаеро иброз намуд:” Аз соли 1905 то 1908 вазъият (таъсири инқилоби якуми рус Р.А.) хеле тағйир

---

118.С. Айнӣ. Ёддоштҳо. Қисми панҷум. Душанбе 2021,  С. 4.
119З. Раҷабов.Маорифпарвар..., С. 238.

ёфт. Дар давоми ин солҳо матбуоти турку тотор, Истамбул, Миср ва Ҳиндустон дар Бухоро хеле хуб кор кард. Хусусан, китоби ба форсӣ таълифёфтаи “Саёҳатомаи Иброимбек”дар Бухоро паҳн шуд.

Ин китоб доир ба аҳволи Эрон навишта шуда бошад ҳам, ҷойҳои танқидияш ба сохти аморати Бухоро тааллуқ дошт. Бино бар ин, мутолиаи ин китоб низ ба дигаргунии фикрии баъзе касон сабаб гардид.”[120]

Аз хулосаҳои устод З. Раҷабов чунин фикри мантиқӣ бармеояд, ки баъзе муттафаккирони Осиёи Миёна тарафдори ҳукмронии амирони Бухоро буданд ва дар ин хусус устод Садриддин Айнӣ барҳақ чунин андеша дорад:”Агар Аҳмади Дониш, Возеҳ, Ҳайрат, Шоҳин, Савдо, Асирӣ ва пеш аз револютсия Садриддин Айнӣ тарафдори ҷиҳати муттараққии қисмати халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла халқи тоҷик бошанд, Қурбонхон Фитрат, Сомӣ ва онҳо барин “фаъолон”сохти нафратангези амирро ҳимоя мекарданд.”[121]

Дар асарҳои асосгузори мактаби маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ муносибат ба Русия ва маданияти дар он замон пешқадамаш муносибати нек дида мешавад, ки дар ин хусус дар асари номбурдаи академик З. Раҷабов чунин фикр омадааст:”Мо мутмаин гаштем, ки дар эҷодиёти Аҳмади Дониш муносибат ба Русия ва маданияти он мақоми намоёне дорад. Шогирдони вай Шоҳин, Ҳайрат, Асирӣ ва пеш аз револютсия Садриддин Айнӣ барои донишҳои дунявӣ, барои дар Тоҷикистон паҳн кардани маданияти пешқадами рус мубориза мебурданд ва афкори баландпарвози муаллими худро боз инкишоф доданд. Аҳмади Дониш ва шогирдони ӯ дар ин бобат орзуву уммеди халқро моҳиятан ифода карданд. Ин афкор фолклори тоҷик ва асарҳои гӯяндагони халқро низ фаро гирифтааст.”[122]

---

[120]С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 7., Душанбе: “Дониш” 2021, С. 410-411.
[121]З. Раҷабов. Маорифпарвар... С. 244.
[122]З. Раҷабов. Маорифпарвар... С. 245.

Боби шашуми асари З. Раҷабов “Аҳмади Дониш магар ҷадид буд”? номида шудааст, ки ин номгузорӣ тасодуфӣ нест. Ӯ бо қатъият ва дилпурона оғози ин фасли таҳқиқоти ҳақиқатан илмиашро бо чунин тезис оғоз намудааст:”Баъд аз ҳамаи он чи ки дар боло дар ҳаққи Дониш гуфта шуд, ӯро ҷадид ҳисоб кардан ноинсофист” [123] .Яъне, ӯ фавран олимону хонандагони таҳқиқоташро гӯшрас кардааст, ки сардафтари ҷараёни маорифпарвари кишвари Осиёи Миёна Аҳмади Донишро ҷадид ном бурадан аз ҳақиқати таърихӣ дур мебошад.

Аҳли илму маърифат баъд аз ҳамаҷониба омӯхтани мероси илмию адабӣ ва сиёсии маорифпавари барҷаста Аҳмади Дониш чуқур дарк карданд, ки ӯ дар асарҳои хеш як ғояи пешқадам, яъне бо ҳар роҳу восита сулолаи манғитияро аз сари ҳокимият дур карда, оммаи асрҳо дар зери асорату зулми асримиёнагӣ азияткашидаро бояд озод кард. Тавре ки аз мазмуни асари академик З. Раҷабов маълум гашт, олим бо мисолу далелҳои ҳуҷҷатӣ ва қабл аз ҳама ба осори безаволи Аҳмади Дониш пурра такя карда, аз ибтидои асар то охири он нишон додааст, ки Аҳмади Дониш чун ифодакунандаи манфиатҳои меҳнаткашон, танқидкунандаи ҷасуру нотарси сохти пӯсидаи аморати Бухоро ва яке аз аввалин ифодакунандагони ғояиислоҳоти усули сиёсии Бухоро ва оқубат хоҳони таназзулу аз байн рафтани сохти амирии Бухоро маҳсуб буд.[124]

Профессор Аскаралӣ Раҷабов ниҳоят дақиқназарона ақидаҳои Аҳмади Дониш ва шогирдони ӯро нисбат ба амирони Бухоро баҳо дода афзудааст, ки Аҳмади Дониш ва ҳамақидаҳои ӯ тамоми нобасомониҳои замони хешро аз бемаърифатию тангназарии амирони манғития медонистанд. Ҳамандешону ҳамсуҳбатони ӯ чеҳраҳои донишманду одамдида, сухансанҷу огоҳ аз вазъи сиёсию иҷтимоию

[123]Дар ҳамон ҷо. С.256.
[124]Ниг. З. Раҷабов. Маорифпарвар... С.256.

фарҳангии Русия, кишварҳои Шарқи Миёнаю Наздик ва Аврупо буданд ва ниҳоят хоҳони он шомиланд, ки сохти фарсудаи манғитиро дигар намоянд ва дар натиҷа оммаро ба сӯйи донишу маърифат, озодӣ раҳнаммоӣ кунанд. Танқиди сохтори идораи давлатӣ, бенизомии таълиму тарбия, бологирии таассуби динию мазҳабӣ, муфтхӯрӣ, донишманишию андешамандӣ ва амсоли ин мавзӯи маҳофили Аҳмади Дониш буданд.[125]

Устод З. Раҷабов дар масъалаи замони ба майдони сиёсии Осиёи Миёна қадам мондани ҷараёни ҷадидиро шарҳу эзоҳ дода, ақидаҳои гӯё ин ҷараён дар нимаи дуюми асри Х1Х ба майдон баромаданро рад карда, изҳор мекунад, ки он танҳо дар ибтидои асри ХХ, яъне ҳамчун идеологияи буржуазияи маҳаллӣ ва ё савдоии Осиёи Миёна маҳз дар давраи инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус (1905-1907) ба вуҷуд омадааст. Ба ақидаи устод З. Раҷабов, вақтеки ба факту рақами таърихи ҷадидизми Осиёи Миёна огоҳ мешавед, ба он хулоса меоед,ки аввалин рӯзномаву рисолаҳо, авввалин кружокҳои ҷадидӣ, аввалин баромадҳои барномавии роҳбарони ин ҳаракат дар ин кишвар ба муқобили Инқилоби якуми рус равона карда мешуд. Ба чунин ҳолат он сабаб мешуд, ки дар миёнаи асри Х1Х, ки ҳоло муносибатҳои феодалӣ дар ҷамъият ҳукмрон буд, дар ҳаёти иқтисодӣ буржуазияи маҳаллӣ ҳамчун синф ташаккул наёфта буд. Ин ҷараён дар охирҳои асри Х1Х ва аввали асри ХХ, ки муносибатҳои капиталистӣ дар ҳаёти иқтисодии Осиёи Миёна бо таъсири Русия ворид гашта буд, буржуазияи маҳаллӣ ташаккул меёфт.[126]

Ба хулосаи боварибахши устоди гиромиқадр З.Раҷабов, ки андешаи онро дорад, ҷадидизм маҳсули

---

125Ниг.А. Раҷабов. Аҳмад Маҳдуми Дониш ва фарҳанги мусиқии замони ӯ.( Нигоҳи таърихӣ,сарчашмашиносӣ ва назарӣ). Душанбе,2022. С.20.

126Ниг. З.Раҷабов. Маорифпарвар..С.258.

аввали асри XX ва замони империализм аст, аз ин ҷо маълум мегардад, ки падари ҷадидияи Осиёи Миёна будани Аҳмади Дониш исботи илмӣ нахоҳад буд, хулоса баровардани эшонро тарафдорӣ накардан аз одоби илмӣ берун буданро мефаҳмонад. Чунин фикри бикрро идома дода З. Раҷабов дар андешаи ҳақиқатан реалӣ буда, арз кардааст, ки ҷадидизм дар аввали ба майдони сиёсат омадани хеш ҳам ҷараёни дорандаи ғояи инқилобӣ ҳисоб намеёфт. Аз ин лиҳоз ниҳоят характернок мебошад, ки ҷадидизм дар Осиёи Миёна дар давраи реаксияи столипинӣ тараққӣ кард, зеро вай як ҷараёни либерал-реформистии ғоявии ба кадетӣ монанди буржуазияи миллии маҳаллии Осиёи Миёна буда, барои ҳукумати подшоҳӣ хавфе надошт.

Аз ин рӯ, ба ақидаи устод З. Раҷабов бояд ҳамовозу ҳамфикр бошем, ки ӯ барҳақ исбот кардааст, ки ҷадидизм маҳсули аввали асри XX, давраи империализм ва тайёрии инқилоби пролетарӣ дар қаламрави Осиёи Миёна пас аниқу равшан аст ки баҳси падари адабиёти ҷадидии Осиёи Миёна будани Аҳмади Дониш худ ба худ аз байн меравад.[127]

Дар ҳамон давра дар байни маорифпарвар Аҳмад Дониш ва ҷадидҳо як чанд нофаҳмӣ ва ихтилофҳо оид ба масъалаҳои асосии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии вазъияти Осиёи Миёна дар охири асри X1X ва ибтидои асри XX ҷой доштанд, ки устод дар ин қисми асар хеле дақиқназарона ва бо далелу бурҳони қотеъ ба қалам додааст.

Ҳаминро бояд зикр кард, ки ба ақидаи академик З. Раҷабов, ки Аҳмади Дониш мавҷудияти Бухороро бе Русия тасаввур кардан душвор аст, мегуфт, доктори илмҳои фалсафа, профессор А. Баҳоваддинов бо ӯ ҳамақида буда, дар асараш зикр намудааст, ки сафарҳое, ки ин маорифпарвар дар нимаи дуюми асри X1X ба Русия карда

[127]Дар ҳамон ҷо. С.259.

буд, ба ӯ таассуроти фаромӯшнашаванда расонда, ба таври куллӣ ба ақидаҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фалсафияш таъсири калон гузошт. Ва баъдтар дар асарҳояш ин нобиға зарурияти ҳатмии аз байн бурдани истисмори одам аз ҷониби одамро дар Осиёи Миёна ва қабл аз ҳама дар аморати Бухоро, бо тарзи Русия гузаронидани ислоҳотҳоро тавсия медод, ба ақидаи ӯ мавҷудияти сохти давлатдорӣ дар Русия барои инкишофи илм, техника, пешрафти шаҳрҳо ва дигар масъалаҳои ҳаёти инсонӣ мусоидат мекард. Инчунин Аҳмади Дониш орзуи онро дошт, ки тартиботи пас аз ислоҳотии Русияро дар Бухорои худаш бинад.[128]

Бо роҳи ислоҳот беҳтар намудани аҳволи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Аҳмади Дониш ва дар роҳи ба даст даровардани чунин дигаргуниҳо ба Русия умед бастани сарварони аморати Бухоро ва умуман мавзеи Осиёи Миёнаро ӯ орзу мекард.Чунин ақидаҳои маорифпарварию халқдӯстии Аҳмади Дониш, ки дар асарҳои олимони намоёни тоҷик ба мисли З.Раҷабов, А. Баҳоваддинов ва дигарон дарҷ ёфтаанд, олими баркамол, профессор, яке аз мутахассиси таърихи нимаи дуюми асри X1X ва ибтидои асри XX аморати Бухоро Н.Ҳотамов ба ақидаҳои олимони дар боло номбар шуда, ҳамфикру ҳамақидааст. Ӯ чун устодон ба Аҳмади Дониш баҳои сазовор дода, ибрози назар мекунад, ки Аҳмади Дониш аз барҷастатарин ва фозилтарин шахси шаҳри бостонии Бухоро баҳисоб мерафт.

Ин алломаи аср аз ибтидо то интиҳо мехост, ки Ватан аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба мисли мамолики Аврупо ва аз ҷумла Русия пеш равад. Орзу дошт, ки мулкаш обод ва мардуми он хушбахту озод

---

[128]А.М. Баҳоваддинов. Очеркҳо доир ба таърихи фалсафаи тоҷик ( ба заб.русӣ- Очерки по истории таджикской философии), Таджикгосиздат, Сталинабад ,1961, С. 265-266.

бошанд. Аммо, қайд мекунад олим, Аҳмади Донишро пасту баланд ва норасоиҳои замонаш рӯҳан азоб медод. Маорифпарвар дар пайдо намудани роҳҳои амалӣ кардани мақсаду мароми хеш ба шиори подшоҳи маърифатнок рӯ овардааст. Ба фаҳмиши ӯ агар амир ба манфиати маорифи халқ "бовар кунонда шавад" гӯё худи ҳамин барои ба тарзи нав сохтани ҳаёти воқеии Бухоро кофист. Аммо, дар айни замон Аҳмади Дониш барои таъсис додани идораҳои машваратӣ, яъне ба монанди парламент ва ба ин восита маҳдуд кардани яккаҳукмронии амирӣ ҷасурона баромад мекард.[129]

Олим Н.Ҳотамов фикру ақидашро идома дода фармудааст, ки Аҳмади Дониш дар орзуи он буд, ки чӣ амир ва чӣ амалдору машваратчиён аз ҷумлаи фозилони давр бошанд. Аммо, ҳам худи амир, амалдорону машваратчиёнаш аз ҷумлаи ҷоҳилон, муқобилони ҳаргуна ислоҳоту навоварӣ дар системаи аморат гирд омада буданд. Мақсаду мароми онҳо мардуми меҳнаткашро дар зулмоти асримиёнагӣ монда, онҳоро чи тавре ки хоҳанд, ҳамон қадар бераҳмона истисмор намоянд. Дар чунин вазъият ақидаҳои маорифпарварӣ ва мардумпарварии ӯ барои бедории афкори ҷамъиятию сиёсии аҳли қалами Бухоро як ҳодисаи ҷиддие маҳсуб буд. Барои ҳамин ҳам Садриддин Айнӣ Аҳмади Донишро барҳақ ситораи дурахшон дар осмони тираи Бухоро нисбат додааст.[130]

Адабиётшинос, мунаққид ва олими маъруфи тоҷик Р. Ҳодизода оид ба Аҳмади Дониш андешаҳои зиёде дошта дар асарҳояш эътироф кардааст, ки ӯ мехост, аз обрӯи хеш истифода бурда, ба амир бо маслиҳату насиҳат талқин намояд, ки салоҳи кори мамлакат қабл аз ҳама аз ривоҷи илму маърифат ва дастгирӣ намудани аҳли он аст. Вай дар як қасидае, ки ба амир Музаффар бахшида буд, таъкид

---

[129] Ниг. Н. Ҳотамов. Асари нобаршуда.С. 136-137.

[130] Дар ҳамон ҷо.

намудааст, ки соҳиби давлат бояд дар атрофи хеш қабл аз ҳама олимон, адибон, табибон ва дигар табақаи илму санъатро ҷамъ кунад ва аз тӯдаи  золимони хунхор ҳазар намояд[131].

Маълум, ки дар асарҳои доир ба пайдоиши ҷадидизм дар Осиёи Миёна бахшида нуқтаи назари ҳархела вуҷуд доранд ва устод З. Раҷабов он асарҳоро ба таври фаҳмиши олимона таҳлил карда, ба хулосае меояд, ки дар ҳақиқат дар байни маорифпарвар Аҳмади Дониш ва ҷадидҳо  ихтилофҳое вуҷуд доштанд. Ин ихтилофҳо оид ба масъалаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятии ҳамон замон, яъне ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсе,ки дар Осиёи Миёна дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ дида мешуд,ҷой доштанд, олим бо мисолу далелҳои боварибахш онро ба риштаи таҳқиқ гирифтааст.

Бо фаҳмишу идроки устод З. Раҷабов яке аз чунин масоил муносибати Осиёи Миёна ва минҷумла Бухоро, ки дар он ҷо ҳукмронии сулолаи манғития фармонфармоӣ мекард, ба Русия мебошад. Аҳмади Дониш инкишофи ҳамаҷонибаи Бухороро бе Русия тасаввур намекард. Муаррихи барҷастаи халқи тоҷик З. Раҷабов  андеша дорад, ки дараҷаи тараққиёти илму техникаи Русия нисбат ба Бухоро натанҳо сабаби шодмонии Аҳмади Дониш мешуд, балки ӯ дар асарҳои безаволаш бепарда изҳор мекард, ки тараққиёти ҳам иқтисодӣ ва ҳам мадании Бухоро куллан ба Русия вобастагӣ дорад. Ба ин муносибат мутафаккир Аҳмади Дониш ба амир Абдулаҳад (1885-1910) чандин маротиба мурожиат карда буд. Ӯ дар хусуси роҳу воситаҳои дар заминҳои Бухоро сарфакорона истифода бурдани обро нишон дода, ба чунин натиҷае омад, ки бе ёриву мадади мутахассисон рус аз дарёи Аму ё худ Сир заминҳои Бухороро обшор кардан аз имкон берун аст.[132]

---

[131] Р. Ҳодизода. Мухтасаре дар шарҳи рӯзгори Шоҳин.... С 37.
[132]Ниг. З.Раҷабов. Маорифпарвар.. .С.259..

Чунин фикру ақидаи Аҳмади Донишро доир ба ёрии Русияи подшоҳӣ дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ва дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ дар хусуси обёрӣ намудани садҳо ҳазор гектар заминҳои бекорхобидаю ташналаби Осиёи Миёнаро таҷрибаи таърихӣ тасдиқ намуд.

Аммо, идеологҳои буржуазияи компрадорӣ (савдоӣ) ва доираҳои феодалон дар асарҳояшон кӯшиш мекарданд, ки ғояҳои аз Русия ҷудо намудани Бухороро ташвиқу тарғиб намоянд, ки ба чунин ақидаҳо қисме аз ҷадидҳо низ ҳамфикр буданд.

Устод З. Раҷабов барҳақ дар хусуси омӯхтани таърихи ҷадидҳо ақида ронда зикр кардааст, ки онҳо аз як тараф, дар Иттифоқ бо Русияи подшоҳӣ ҳамчун бозори фӯруши моли хом ҳавасманд буданд ва аз ин лиҳоз дар назди ҳукумати подшоҳӣ сари таъзим фурӯд меоварданд. Онҳо инчунин барои ба кори зиддиинқилобии ҳукумати подшоҳӣ ӯро таърифу тавсиф мекарданд, зеро ҷадидҳо аз инқилоб ниҳоят сахт дар тарсу ҳарос буданд. Аз ҷониби дигар, онҳо ғояҳои пантуркистиро ташвиқу тарғиб карда, дар зери ҳимояи Туркия ба таъсири давлати ба ном "мустақил" аммо мазмунан туркӣ кӯшиш мекарданд.

Академик З. Раҷабов доир ба ҷадидҳо ақидаронии хешро идома дода фармудааст:" Агар ҷадидҳо ҳукумати подшоҳии русро халоскори кишвар ва асосгузори маданияти нав барои мусулмонон мешуморида бошанд, Аҳмади Дониш вақти гап задан дар бораи Русия Русияи меҳнат, илм, ва техникаро ба назар мегирифт. Аҳмади Дониш дар аснои сафарҳои худ ба Русия аз тартиботи ҳукумати подшоҳӣ изҳори хурсандӣ накарда, балки комёбиҳои илм, техника ва санъатро таъриф мекард."[133]

Манбаи аввал, ин ақидаҳои маорифпарварии фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Аҳмади Дониш ва

---

[133]З.Раҷабов. Маорифпарвар.. .С.262.

фарзандони халқи ӯзбек Зокирҷон Фурқат, Муҳаммад Аминхоҷа Муқимӣ, Завқӣ ва дигарон маҳсуб буданд. Махсусан, аз байни онҳо Аҳмади Дониш шуҳрати зиёд пайдо карда буд.

Манбаи дигари маънавии ҳаракати ҷадидияи Осиёи Миёна ин таъсири ҳаракати ҷадидияи тоторҳо, ки ҳанӯз солҳои 80- уми асри Х1Х ташаккул ёфтааст, баҳисоб меравад. Маркази асосии ҳаракати ҷадидияи тоторҳо Боғчасарои Қрим ва шаҳри Қазон буданд. Дар ин вақт дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна тоторҳои зиёд кору зиндагӣ мекарданд ва онҳо бо тоторҳои Қрим ва Поволже робитаи наздик доштанд, аз ин рӯ ақидаҳои ҷадидияи тоторҳо дар байни тоторҳои  осиёимиёнагӣ бо тезӣ паҳн гардид. Дар натиҷа аз ин ақида тоҷикон ва ӯзбекон дар канор намонданд.

Манбаи сеюми ҳаракати ҷадидияи Осиёи Миёнаро таъсироти инкишофи муносибатҳои нав-молию пулӣ ташкил медиҳад, яъне ба иқтисодиёти ин кишвар ворид шудани муносибатҳои капиталистӣ мебошад.

Манбаи чоруми ташаккулёбии  ҳаракати  ҷадидия таъсироти матбуоти даврӣ гардид. Дар охири асри Х1Х ва хусусан ибтидои асри ХХ ба Осиёи Миёна бештар маҷалла ва рӯзномаҳое, ки дар давлатҳои ҳамсоя ба забонҳои форсӣ, тоторӣ, русӣ ва туркӣ нашр мешуданд, паҳн гардиданд.

Аз ҷумлаи ҳамон рӯзномаҳо “Тарҷумон” буд, ки солҳои 1883- 1914 дар Боғчасарой, бо ташаббуси яке аз саромадҳои асосии ҳаракати ҷадидия тотор Исмоили Ғаспарӣ (1851-1914), ба забони тоторӣ дарҷ мегардид. Маҳз ҳамин манбаъҳо асоси ташаккулёбии ҳаракати ҷадидия дар Осиёи Миёна гардиданд.[134]

Тавре ки дар боло зикр карда шуд, нуқтаи назари олимони фанҳои ҷамъиятӣ минҷумла таърих оид ба

---

[134]Ниг. Н. Ҳотамов. Асари нобаршуда.С. 142-143.

фаъолияту консепсияи ҷадидон мувофиқи шароити мавзеъҳои Осиёи Миёна ҳархела аст. Ба назари профессор Н. Ҳотамов ҳаракати ҷадидия дар кишвари Туркистон то давраи сарзадани инқилоби буржуазӣ-демократии февралии (соли 1917) рус ба тарзи ташкилӣ ташаккул наёфта бошад ҳам, вале ҷонибдорони он шароити кишварро ба эътибор гирифта, дар назди хеш масъалаҳои зеринро гузошта буданд: оид ба тарбия-ҷавонони маҳаллиро қабл аз ҳама ба илму маърифат, тараққӣ додани тиҷорати саноат даъват менамуданд. Дар ин ҷабҳа онҳо тарафдори ислоҳи усули таълим дар мактабу мадрасаҳо ва бунёди мактабҳои усули нав буданд; оид ба сабук кардани шароити иҷтимоии халқи меҳнаткаш-ба низом даровардани андозҳо; қатъ кардани ҷароёни муҳоҷиркунии деҳқонони рус ба Осиёи Миёна; дар масъалаи идоракунии кишвар-ислоҳ кардани тарзи идоракунии мустамликавӣ ва ғайраҳо равона карда шуда буд. Аммо, дар шароити ҳукмронии аморати Бухоро вазъият барои фаъолияти ҷадидон ба куллӣ фарқ мекард. Зеро ҳукуматдорони амирӣ аз рӯзҳои аввали фаъолияти ҷадидон ҷонибдорони онро ба зери фишору таъқиби сахт гирифта, фаъолияти мактабҳои усули нави онҳоро манъ карданд. Ин муносибат суръати аз ҷиҳати ташкилӣ танзим ёфтани ҳаракати ҷадидияро дар Бухоро тезонид.Тарафдорони мактаби усули нав минбаъд бо якдигар тез- тез вохӯрда, оид ба тақдири Бухоро ва мардуми он, мактабу мадрасаҳо суҳбатҳо доир мекарданд.[135]

Устод академик З. Раҷабов дар асоси ниҳоят чуқур омӯхтани таърихи ҷадидия ба хулосаи мантиқие омада дуруст арз мекунад, ки ин ҷунбиш дар байни тоторҳо, ки хеле пештар аз ҷадидизми Осиёи Миёна рӯйи кор омадааст, ба ташаккул ва тараққии ин мафкура дар ин кишвар таъсири калон расонидааст. Буржуазияи турку

---

[135]Ниг. Н. Ҳотамов. Асари нобаршуда.С. 144-145.

тотор ба воситаи гумоштагонашон дар байни ҷадидҳои Осиёи Миёна фаъолияти таъсирнок доштанд. Анҷуманҳои умумироссиягии мусулмонон дар зери таъсири ғояҳои пантуркистӣ гузаронида мешуд. Намояндагони буржуазияи турку тотор бо мадади "Иттифоқ" ном ташкилоташон кӯшиш мекарданд, ки буржуазияи халқҳои мусулмонро, ки дар империяи Русия ҳаёт ба сар мебурданд, муттаҳид намояд. Панисломизм ва пантуркизм дар роҳи расидан ба ин мақсад дар ихтиёрашон яроқи ниҳоят муносибе амал мекард. Рӯзномаҳои "Тарҷумон", (Қрим), "Вақт" (Оренбург), "Иршод" ва "Ҳаёт" (Боку), "Улфат ( Петербург), "Юлдуз"( Қазон) ва ғайра дар ин маврид мавқеи калонро бозӣ мекарданд.[136]

Пантуркистони ашадӣ ба мисли Гаспаринский, Мақсудӣ ва дигарон борҳо ба Осиёи Миёна сафар карда, бо ҷадидони кишвари Туркистону Бухоро робита ва гуфтушуниди наздик доштанд. Гаспаринский, ки чандин солҳо дар Туркистон ҳаёт ба сар бурдааст, асосҳои ғояҳои пантуркизмро чуқур азбар карда буд ва бо тарзи рӯйрост дар кори паҳн намудани ғояҳои пантуркизм дар Қрим, Тотористон, Озорбойҷон ва Осиёи Миёна ташаббус нишон додааст.

Сафари баъзе ҷадидони Бухоро ба Миср ва Истамбул низ бенатиҷа анҷом наёфтааст. Аз Туркистон ва Бухоро бисёр шахсон баҳри таҳсил ба Туркия сафар мекарданд ва дар он ҷо бо рӯҳи шовинизми ҷанговари турк тарбия меёфтанд. Асарҳои муҳимми яке аз намояндагони ҷадидизм Абдурауф Фитрат дар матбаи Туркия ба чоп расида буданд. Доираҳои мухталифи миллатгароёни турк бо баҳонаи ташкил кардани ҷамъият ва кумитаҳои гуногуни "хайрия" барои Бухоро ва рушди ҷадидия дар Осиёи Миёна талош мекарданд. Дар байни ҷадидҳои Осиёи Миёна рӯзномаву маҷаллаҳои туркӣ хеле зиёд паҳн

---

[136]З.Раҷабов. Маорифпарвар.. .С 263-264.

мегашт.Дар ин рӯзномаву маҷаллаҳо бо сарлавҳаҳои “Сӯйқасд ба истиқлоли Бухоро”, “Олами ислом ва Русия” мақолаҳои боғараз рӯйи чопро медид. Ин мақолаҳо бо мақсади зиёд кардани нафрати ҷадидони Бухорою Туркистон нисбат ба Русия дарҷ мешуданд ва барои дар байни онҳо паҳн намудани ғояҳои ҷудо кардани Осиёи Миёна аз Русия хизмат мекарданд.[137]

Порфессор Қаҳҳори Расулиён ба тақвияти ақидаи академик З.Раҷабов оид ба он ҷавонони Бухоро, ки ба Мисру Истамбул бо мақсади таълим сафар карда, пас аз фосилаи муаяни таҳсил аз он ҷо пантуркист шуда, ба Бухоро бармегарданд, афсудааст, ки воқеан ҳам дар охири соли 1910 дар шаҳри Бухоро бо ибтикори Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, мударрис Ҳоҷӣ Рофеъ ва Мукаммил-махдум Бурҳонзода созмоне бо номи “Тарбияи атфол” таъсис ёфта буд. Тавассути ин созмон якчанд ҷавони ташнаи илму маърифат ба мисли Абдурауфи Фитрат, Аҳмадҷони Ҳамдӣ бо писаронаш Афзал ва Акрам, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Ҳошими Шоиқ ва дигарон барои таҳсил ба Истамбул фиристонида шуданд, ки аз байни онҳо яке аз боистеъдодтарини ҷавонони Бухоро Абдурауфи Фитрат ба гирдоби пурталотутуби пантуркизм кашида шуд ва ба яке аз пантуркистони ашадӣ ва душмани забони модарии хеш бадал гардид.Ӯ ақидаи фикриашро сонитар чунин баён кардааст:”Як хаёли пӯсида будани ғояҳои панисломизмро рӯз то рӯз кашф мекардам. Чун дарк кардам, ки панисломизм як хаёли ношуд аст, ба хаёли пантуркизм афтодам.”[138]

Буржуазияи турк, ки мақасади ба миён гузоштани ғояҳои панисломизму пантуркизм ба даст даровардани

---

[137]Ниг. З. Раҷабов. Маорифпарвар... С.264-265.
[138]Қаҳҳори Расулиён. Осори мунтахаб. Ҷилди 2, Душанбе “Бухоро”, 2017, С.455.

кишвари аз ҳар лиҳоз аз ҷиҳати боигариҳои зеризаминӣ ва мавқеи хеле муносиб Осиёи Миёна ба даст даровардани ин кишвар буду бас. Ва аз ин рӯ, душмани қавии пеши роҳи амалӣ кардани мақсадҳои ба пеш гузоштааш мамониатрасон саризми рус маҳсуб буд. Бино бар ин, буржуазияи турк бо ҳар роҳу восита ин мамлакатро бо ташвиқу тарғиб дар асарҳои панисломистону пантуркистон ва воситаҳои ахбори умум дар пеши назари меҳнаткашони Осиёи Миёна чун ғосиб ва душмани ғаддор муаррифӣ мекард. Пантуркистони Осиёи Миёна, яъне ҷадидҳо бо ғояву амалиёти хеш барои амалӣ намудани мақсадҳои нопоки буржуазияи турк мадад мерасониданд.

Ба гуфтаи устод З. Раҷабов,ҷадидҳо дар ҳар як мавриди қулай бо мансубияти худ"ба қабилаи бузурги турк", ки ба андешаи онҳо"ба дунё нур ва маданият биёварад" фахр мекарданд. Масалан, яке аз намояндагони олимақоми ҷадидони Самарқанд Ҳоҷимуин гуё аз номи Туркистон ба халқи ин сарзамин муроҷиат карда навишта буд: "Он рӯзҳои саодатманди ҳаёти ман, он айёми таърихӣ, ки мамлакатро фарзандони ҳақиқии ҷасури ман Чингиз ва Темур идора мекарданд дигар барнамегарданд."[139]

Аз рӯи нишондоди профессор Р. Ҳодизода маорифпарвари барҷаста Аҳмади Дониш пас аз сафари Петербург баргаштан оиди роҳу воситаҳои илмии идораи давлат ва тартиботи маъмурияти ҳукумат фикру андеша ва пешниҳодҳои хешро ба тарзи рисолае тартиб дода ба ҳузури амир тақдим мекунад. Ин маҷмуа, ки дертар " Рисола дар назми тамаддун ва таовун" номида шудааст, барномаи тағироти куллии соҳаҳои асосии идораи давлатии аморат буд. Аммо, амир ва атрофиёни ӯ чунин пешниҳодҳоро қабул кардан намехостанд, зеро дар он сурат тамоми салтанати сулолаи манғития аз беху бунёдаш хароб мегашт.[140]

---

[139] З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С. 266.

[140] Р. Ҳодизода. Асари номбаршуда. С.-43-45.

Бояд гуфт, ки амир ва атрофиёни ӯ Аҳмади Донишро ба ҷои он ки барномаи илмииислоҳоти давлатии ӯро қабул кунанд ва дар амал ҷорӣ намоянд, баракс онро напазируфтанд. Шахсан амир Аҳмади Донишро аз корҳои давлатӣ дур карданӣ буд, ки ин мақсади амирро ин донишманди закӣ кайҳо ҳис карда буд. Аҳмади Дониш шунида буд, ки ӯро амир аз дарбор дур мекунад ва ба муқаррабояш гуфта будааст:" "Ман фалониро (яъне Аҳмади Донишро-Р.Ҳ.) ба суфарои давлат ба ҷониби Русия ҳамроҳ кардам, дар охир ба ман насиҳатгар шуд. Ман баъд аз ин ӯро намефиристонам. Аҳмади Дониш бо як ғуруру ҳифзи нафсоният гуфтааст:" Ман ҳам ба навкарии ин каллахарон толиб нестам."[141]

Аз ин рӯ Аҳмади Дониш дар солҳои 1880-1882 аз амиру дарбори ӯ тарки алоқа карда ва чуноне ки дар муқаддимаи "Наводир –ул-вақоеъ"ишора кардааст дар гӯшаи оромӣ ба таълимоту таснифоти асарҳои хеш машғул гаштааст. Аммо, амир Музаффар аз ин "оромиданҳои" Аҳмади Дониш дар ташвиш ва мақсади онро дошт, ки сабабе ва баҳонае ёфтаву бофта ӯро аз маркази илму фарҳанг- Бухоро дур намояд, то ки таъсири ӯ аз байни аҳли илму маърифат бардошта шавад.[142]

Яке аз донишмандони мулки Бухорои амирӣ дар хотираҳояш зикр мекунад,ки Аҳмади Дониш дар замони амир Музаффар чанд вақт ба қозигии туманҳои Ғузор ва Наҳрпай таъин гашта буд. Дар ду дафтари мусаввадаи Аҳмади Дониш баъзе ёддоштҳо ва ашъоре ки ба дасти худи ӯ навишта шудааст сана ва дар Ғузор сапт гардидани ин навиштаҷот нишон дода мешавад. ба ин чунин шеъри вай шаҳодат медиҳад:

---

[141]Иқтибос аз Р. Ҳодизода.Асари номбаршуда. С. 45.
[142]Ниг. Р.Ҳодизода асари номбурад.С. 46-47.

Рӯзе ки аҷал кунад шабехун,
Албатта бибояд аз ҷаҳон рафт.
Гар дил набувад асири дунё,
Осон раҳи он ҷаҳон тавон рафт.[143]

Гуфтаҳои боло ва ақидаҳои олимони нуктасанҷи донишнавис ва қабл аз ҳама афкори академик З. Раҷабов аниқу равшан исбот мекунад, ки Аҳмади Дониш ҳаргиз ҷадид набуд ва асосгузори ҳаракати маорифпарварии охири асри Х1Х Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт.

Акадмик З. Раҷабов ғояи аз ҷадиҳо қисмат кардани маорифпарвари барҷаста Аҳмади Донишро дар мадди аввал гузошта, изҳор кардааст, ки ҷадидизми Осиёи Миёна нуқтаи назари миллатчигӣ дошт ва дар тахти таъсири бевоситаи пантуркистони турку тотор ташкил шуда, пеш мерафт. Қисми асосии ҷадидҳо дар пеши саризми рус итоат ва фармонбардорӣ карда, боз ба воситаи асару мақолаҳошон ба Туркия майлу хоҳиши хешро кушоду равшан баён мекарданд ва орзуву ният доштанд, ки бо ёриву мадади ин мамлакат Осиёи Миёнаро аз Русия ҷудо карда, ба гирдоби Туркияи пантуркистӣ ҳавола намоянд, гарчанде, ки онҳо мардуми аҳли савод буданд.

Бо фаҳмишу идроки устод З. Раҷабов ҷадидҳо ҳеҷ гоҳ барзидди амири Бухоро ва амалдоронаш садои эътироз баланд намекарданд. Ҷадидҳо кӯшиш мекарданд, ки амир дар назди мардуми Бухоро бадном нашавад. Онҳо андак “маорифпарвар” шудани амирро мехостанд ва амир бояд дар сари давлати Бухоро бошад. Фикру андешаи ҷадидҳо ҳамин буд, ки феълан ҳокимияти амирро дар Бухоро ҳифз ва посбонӣ намоянд. Баракси ҷадидҳо ақидаи Аҳмади Дониш куллан дигар буд:” Аҳмади Дониш нуқсону фасодҳоеро, ки дар аморат ҷой доштанд, бераҳмонона фош намуда, исбот мекард, ки замоне фаро мерасад, ки халқ

143.Ниг. Р.Ҳодизода асари номбурад.С. 47.

сари амирон, ин ҳукмдорони манфури худро ба дор хоҳад овехт. Аҳмади Дониш дар вақти фошу расво кардани амирҳо хайрият ва садоқати халқро ба эътибор мегирифт. Замоне Аҳмади Дониш мегуяд, ки "Агар ваҷҳи хун, об ва ситам ба султон арз накунем, ба мо амир ба чи муҳим даркор аст, аз барои ҳимоъ кардани духтарони мо ба кор аст-мӣ, охир?"[144]-ба гуфтаи устод З. Раҷабов,-ин садои халқи меҳнаткаш аст.

Олими серкору сермаҳсул Н. Ҳотамов дар асари хеш таъкид мекунад, ки ҷадидзм давомдиҳандагони маорифпарварони асри Х1Х буданд.( дар ин маврид бояд ниммаи дуюми асри Х1Х гуфт, на асри Х1Х, зеро ин аср аз соли 1800 оғоз мешавад, дар он вақт дар Осиёи Миёна ҳанӯз ҳаракати маорифпарварӣ вуҷуд надошт Р. А.). Бино бар ин онҳоро маорифпарварон номидан хато нест. Аммо, ин ҳаракатро нисбат ба маорипарварони асри Х1Х "як қадам ба қафо" гуфтан хатост. Баръакс ҳаракати ҷадидия нисбат ба маорифпарварии гузашта як қадам ба пеш аст. Зеро ,маорифпарварони аввал норасоиҳои замонро дар асарҳо, сӯҳбатҳо, шеъру сурудҳои худ сахт танқид карда, худ барои амалии онҳо чандон корҳои назаррасе накардаанд. Ҷадидон бошанд (эшон ҷадидҳои ибтидои асри ХХ, ки авҷи ҳаракати инқилобӣ ҳама ҷоро фаро гирифта буд дар назар дорад. Р.А.), дар давраи аввал аксари фаъолияти худро бо кори амалӣ- ташкили мактабҳои усули нав, нашри рӯзномаҳо, ислоҳи усули таълим дар мадрасаҳо ва ғайра сар карданд.[145]

Чунин фикру андешаи олим Н. Ҳотамов дуруст аст, зеро ҷадидон дар шароити нави таърихӣ, яъне инқилобӣ фаъолияти хешро сар карданд, дар ин хусус академик З. Раҷабов ва муаррихону файласуфҳо ва дигар намояндагони фанҳои ҷамъиятӣ ба мисли академик А Баҳоваддинов,

[144]Иқтибос аз З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С.267.
[145]Ниг. Н. Ҳотамов. Асари нобаршуда.С. 148.

прфессорон Р. Ҳодизода, Н. Ғаффорӣ, Ғ. Ашӯров ва ғайра низ хизматҳои илмию фарҳангӣ ва ислоҳотхоҳии ҷадидонро дар асарҳояшон дарҷ кардаанд. Тавре ки дар боло зикр карда шуд З. Раҷабов дар асарҳояш ҷадидҳоро ба ду гурӯҳ яъне ба гурӯҳи аввал тарафдорони бо Русияи инқилобӣ, ки дар он ҷо синфи коргару деҳқон барои нест кардани синфҳои истисморгар инқилоб карда буданд дохил мешуданд ва ба гурӯҳи дуюм онҳое, ки алоқа кардан ва тарафдорони ғояҳои Туркияи усмонӣ, ки мехост Осиёи Миёнаро аз Русияи инқилобӣ ҷудо карда, соҳиби ин сарзамин шавад ва бо тамғаи панисломизму пантуркизм мақсади разилонаи хешро ба иҷро расонанд шомил буданд.

Дар мавриди дигар муҳтарам профессор Н. Ҳотамов зикр мекунад, ки ба ҷадидон тамғаи исломпарастӣ (панисломизм)-ро часпонда сиёҳ кардан низ хатост. Чуноне ки таъкид намудем фаъолони ин ҳаракат аксаран аҳли савод, муллоию муллозодаҳо, мударисҳо ва талабагони мадрасаҳо, яъне қариб ҳама аз аҳли ислом буданд. Ин фикри олимро ягон мунақид инкор намекунад, зеро ҷадидҳо ҳама аҳли савод буданд, лекин гап дар сари он аст, ки аз байни онҳо баъзеҳо буданд, дар ғояи панисломиз монданд ва баъзеи онҳо ба мисли Абдуррауф Фитрат сонитар аз ақидаи панисломизм худро дар канор гирифта, ба ҷараёни пантуркизм ғелида рафт. Тавре ки маълум аст ҷараёни панисломиз ва пантуркизмро Туркни усмонӣ “эҷод” карда, бо ҳамин мехост, ки аз ҳисоби баъзе ҷадидони Осиё Миёна тарафдоронашонро афзун намоянд.

Профессор Н. Ҳотамов каме баъдтар дуруст андеша меронад, ки пантуристҳо”ягонагии миллӣ ва давлатии “ ҳамаи халқҳои туркзабонро тарғиб мекарданд. Аҷоиби кору рафтори онҳо аз он иборат буд, ки роҳу воситаи асосии амалӣ кардани мақсаду маромашон дар ягонигии забони туркӣ дида, барои ба туркӣ гардонидани забонҳои ғайри туркӣ ва қабл аз ҳама забони тоҷикӣ шурӯъ

намуданд. Туркпарастӣ ба гуфтаи пофессор дар ҳудуди империяи Русия байни миллатчиёни totори Қриму Поволже махсусан ҳамовозии зиёде пайдо кард. Зеро онҳо дар ин равия воситаи ягонаи ҷудоӣ аз давлати Русияро медиданд.[146]

Тавре ки дар боло дида шуд академик З. Раҷабов борҳо дар асарҳояш таҳлил кард, ки мақсади ҷадидҳои Осиёи Миёна ҳамчун яке аз ҷараёни пантуркистӣ ин мамлакатро коре карда аз Русия ҷудо кардан буд. Ақидаи маорифпарвар Аҳмади Дониш бошад ҳама вақт ба Русия тая карда, хоҷагии халқи Осиёи Миёнаро бо иштироки муҳандисон, кишоварзон ва дигар мутахасисони рус тараққӣ додан лозим буд. Чунин муқоиса бори дигар исботи он аст, ки  ба гуфтаи академик З. Раҷабов, Аҳмади Дониш ҳаргиз ҷадид набуд, касе ки ӯро ба чунин тағма айбдор мекунад ноинсофтарин кирдор аст.

Профессор Н. Ҳотамов дар хусуси ҷавонони  Осиёи Миёна аз ҷумла аморати Бухоро ба хондан ба шаҳрҳои Туркистон ва қабл аз ҳама ба шаҳри Истамбул равона мешуданд андешаи дуруст рондааст.. Пас аз чад соли хониш ба ватани хеш меоянд, аллакай дар шуури онҳо ғояҳои пантуркистӣ сахт ҷой гирифтанд. Олим сухани худро идома дода чунин ибрози ақида намудааст. Дар натиҷа ҷавонони осиёимиёнагие, ки ба Туркия ва ба Қриму Поволже сафар кардаанд, ё худ аз тарафи ҷадидон барои таҳсил фиристода шудаанд , бо зудӣ  ба таъсири ҳамин равия меафтоданд. Минбаъд онҳо чун шахсони барои забони худ бегона , тарғибатгарони равияи туркпарастӣ ба воя расида ба ҳамин рӯҳия дар ҷамъият кору амал мекарданд

Дар шароити Осиёи Миёна туркпарастон мавҷудияти натанҳо тоҷиконро, балки ӯзбекон, туркманҳо, қазоқҳо, қиғизҳо ва дигар халқҳои туркзабонро низ тамоман ба

---

[146]Ниг. Н. Ҳотамов. Асари нобаршуда.С. 149.

эътибор намегирифтанд.Тоҷиконро бошад “туркҳои бо таъсири адабиёти класикии форс забони худро гум карда” ҳисоб мекарданд. Бино бар ин , онҳо мегфтанд:” тоҷикҳо бояд ба асли худ-туркҳо табдил дода шаванд [147]

Муҳтарам профессор Н. Ҳотамов каме аз ин болотар ба хонандагон такид намуд , ки тоҷиконе, ки аз шаҳри Бухоро ба шаҳрҳои Туркия ва Қриму Поволже ба таҳсил рафта буданд, пас аз он ҷойҳо ба Ватан баргаштан дар шуӯри онҳо ақидаҳои зараноки пантуркистӣ ҷой гирифта буд ва мувофиқи нишондодҳои тургароиҳо амал мекарданд. Ҳатто як шахси ниҳоят маълумотнок, нависандаи машҳури Бухорой Абддурауф Фитрат ба забони хеш изҳор кард, ки баъди ба Туркия рафта омадан ӯ аз ғояи панисломизм худро канор гирифта ба пантуркизм даст дод. Аз ин ҷо чунин хулосаи мантиқӣ мебарояд, ки шахсони дар Туркия таълим гирифтаи Осиёи Миёна пантуркист шуданд. Ва дар ҳаёт наҳамаи онҳо то охир аз ин равияи барои халқи тоҷик зараровар даст кашиданд. Баъд аз ғалабаи инқилоби пролетарӣ ва сарнагум кардани сулолаи манғития дар Бухоро ва ташкил шудани ҷумҳурии халқӣ- шуравӣ ва тақсимоти миллӣ ҳудудӣ баъзеҳое, ки тарафдори ин ҷараёни реаксинӣ- пантуркизм буданд моҳияти инқилобе, ки  ба халқ озодӣ овард худро аз ин ҷараёни миллатгаро ва зараровар ба канор гирифта, баҳри беҳбудии халқи хеш софдилона хизмт карданд.

Таҷрибаи таърихӣ бармалло исбот кард, ки ғояҳои пантуркистӣ на ин ки аз байн рафтааст, балки дар шароити ҷаҳонишавии имрӯза низ авҷ гирифта, талоши барпо кардани халифати туркро дорад. Аммо, мардуми охири асри XX ва ибтидои асри XX1 ҷаҳонбини дигар доранд, нисбат аз он бухорҷавонони ибтидоӣ асри XX, ки ба ташвиқу тарғиби пантуркистон майл карда буданд.

[147]Ниг. Н. Ҳотамов. Асари нобаршуда.С.149.

Бояд ибрози ақида кард, ки профессор Н. Ҳотамов дар боби v-ум ва зербоби 3-уми асари номбурда, ки номи «Ҳаракати ҷадия”-ро гирифтааст чунин хулоса баровардааст:” Оиди муайян намудани туркпарастии ҷадидони Осиёи Миёна ҳушёрии ҷиддӣ лозим аст. Пеш аз ҳама бояд ба инобат гирифт, ки ҳаракати ҷадидия ва туркпарастӣ ҳеҷ гоҳ ҳаракати ягона набуд ва на ҳамаи ҷадидон дар тамоми даври фаъолияташон туркпараст буданд. Махсусан дар давраи аввали фаъолияти ҷадидони Бухоро таъсири равияи туркпарастӣ нисбатан хеле кам буд. Аз ҳамин сабаб ҳам ҷадидони Бухоро аввалин мактаби усули нав ва аввалин рӯзномаро ба забони форсии тоҷикӣ ташкил намудаанд. Вале пӯшида нест,ки нуфузи туркпарастӣ дар фаъолияти онҳо сол аз сол меафзуд. Зеро, худи ҷадидони Осиёи Миёна дар симои давлати Туркия намунаи ибратбахши давлати тараққикардаи исломиро дида, нисбат ба он таваҷҷӯҳи зиёде пайдо карда буданд.

Дар натиҷа қисми зиёди зиёиёни бедоргаштаи тоҷик, ки дар равия ё худ ҳаракати ҷадидия дохил буданд, низ ба равияи туркпарастӣ заҳролуд шуда, минбаъд худро турк ҳисоб намуда, нисбат ба миллат ва забони худ хиёнатҳои зиёде кардаанд.”[148]

Дар ин ҷо мо бо нуқтаи назари профессор Н. Ҳотамов, ки дар кори аниқу равшан намудани туркпарастони Осиёи Миёна таҳқиқотчиён ниҳоят боэҳтиёт ва мулоҳизакор бошанд розӣ ҳастем, яъне ба ин равия бо баҳои беғаразона назар бояд кард. Дар ҳақиқат на ҳамаи ҷадидҳо ва махсусан ҷадидҳои Бухоро туркпараст буданд, ба ақидаи мо онҳо аз ҷадидҳои Осиё Миёна фарқ мекарданд. Вақте ки мо ҷадидҳои Осиёи Миёна мегуем бо истисноии мардуми аморати Бухоро ҳамашон аз нажоди турк буданд ва табиист, ки онҳо бо хоҳиши том ба ҷараёни пантукизм дода шуда мебошанд, ба ҷуз муттафакирони шинохта,

[148]Н. Ҳотамов. Асари нобаршуда.С. 149-150.

баъзан тоҷикон низ буданд. Инчунин эшон мефармояд, ки махсусан дар давраи аввали фаъолияти ҷадидони Бухоро таъсири равияи пантуркистӣ нисбатан кам ба назар мерасид. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки сабабаш дар чист? Ба фаҳмиши мо сабабаш аз он иборат аст, ки дар аввал ҳоло шумораи толибилмоне, ки ба Туркия мерафтанд хеле кам буд. Бо мурури гузаштани вақт шумораи онҳо зиёд мешавад ва солҳои зиёд дар Туркия таҳсил мекунанд ва бо ибтикори пантуркистони ашадӣ онҳо ба ин равия ҳамроҳ мешаванд ва таъсираш ба онҳо зиёд мешавад.

Баъд аз ин фикру ақидаҳо ба хулосаи академик З. Раҷабов, ки Аҳмади Дониш ҳаргиз ҷадид набуд ва ашхосе, ки онро ба ҷадид нисбат медиҳад қатъиян розӣ нестем мегуяд устод ва мо андша мекунем,ки ба ин ақида розӣ нашудан ба этикаи илмӣ дуруст намеояд.

Ба ин муносибат лозим мешуморем, ки хулосаи қатъии академик З. Раҷабовро, барои тасдиқи фикрамон, оиди оё Аҳмади Дониш ҷадид буд? мисоле дар ин ҷо орем. Устод дар хулосааш чунин фармудааст:"Ба ҳамин тариқ, мо бо он фикре, ки Аҳмади Донишро падари адабиёти ҷадидӣ мешуморанд, розӣ шуда наметавонем. Дар ин ҷо дар байни маорифпарварон ва ҷадидони Осиёи Миёна ихтилофоти ҷиддии синфӣ вуҷуд дошт, ки баъзе касон инро намефаҳманд. Фарқи маорифпарварон аз мафкурачиёни ҷадидизм дар ин ҷост, ки якум инҳо манфиати оммаи халқро ба назар гирифта кор мекарданд... Аммо, ҷадидҳо бар хилофи Аҳмади Дониш, бо ҷону дил манфиатҳои буржуазияи маҳаллии Осиёи Миёнаро ҳимоя намуда, бо ҳама роҳ кӯшиш мекарданд исбот кунанд, ки буржуазияи маҳаллӣ ҳаққи комил ва беҳудуди истисмори оммаи меҳнаткашони "худӣ"-ро дорад.

Инак барои ҳамин ҳам халқ аз паи ҷадидон намерафт. Инак барои ҳамин ҳам яке аз намоёнтарин роҳбарони ҷадидони Осиёи Миёна Фитрат, баъдҳо шикоят мекард, ки халқ мақсади ҷадидҳоро намефаҳмад..

Баъд аз ҳама он чи ки дар боло гуфта шуд, оё мо метавонем Аҳмади Донишро падари адабиёти ҷадидии Осиёи Миёна шуморем? Ба фикри қатъии мо –не!”[149]

Дар ин ҷо зарур мешуморем оиди мавзуи ҷадидҳои Бухоро барои хонандагони гиромӣ як мисоле аз китоби журналисти намоёни халқи тоҷик, номзади илми таърих Ҳасанбой Шарифов биёрем, фармудааст:”Аксар ноинсофие, ки он солҳо дар ҳаққи тоҷикони бухороӣ содир шуд, бо гуноҳи фарзандони нохалафи худи ҳамин мардум рух дод. Эшон барои идома додани инқилоби устодони ғоявияшон ҷавонтуркони усмонӣ қариб буд аз ҷилди хеш бароянд. Ин миллатфрӯшони кӯтоҳандеш дар роҳи бунёди “Тӯрони Бузург”ҳатто аз аҷдоди худ мункир мешуданд. На хешу пайвандонашон ба ёд меомаду на оядаи тифлони маъсум. Боз рӯй меоварем ба хотираҳои Ҷалол Икромӣ: “Ин гуноҳ барои мард бас,ки обрӯи бародарашро бубарад ва ин шарм барои ӯ бас аст, ки бародарашро таҳқир кунад”,- гуфтааст Пайғамбари Худо – Муҳаммад (С.). Ҷадидони Бухоро ин корро карданд. Ҳама тоҷик буданду худро “турк”гуфтанд, онҳо дар Туркия таҳсил карда омада буданд, худро турк эълон намуданд.Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро чун давлати мустақили турк шинохта шуд. Фитрат, ки то инқилоби Бухоро асарҳои бисёр хубе ба тоҷикӣ менавишт, якбора турк шуд. Файзулло Хоҷаев дар Туркия нахонда бошад ҳам (гӯё миллаташ араб буд), бо таъсири пантуркистон туркизабон шуд ва ба газетаи “Бухоро ахбори” мақолаҳои туркӣ менавишт. Қисми ками ҷадидон ба мисли Абдуқодир Муҳиддинов, Ҳамдӣ ва Мунзим ба тоҷикӣ менавиштанду ҳарф мезаданд.

Пас аз инқилоб дар Бухоро мактабҳои нав кушода шуд: “Намуна”, “Тӯрон”, “Авлоди шуҳадо” ва ғайра, ки дар ин мактабҳо ба забони туркӣ, баъдтар ба забони ӯзбекӣ

---

[149] З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С.267-268.

таълим медоданд. Ман ба мактаби “Учунчи Тӯрон” ба хондан даромадам. Солҳои аввал ба суолҳои туркии муаллим дуруст ҷавоб дода наметавонистам. Ба “туркӣ” гап задани мо туркон механдиданд, вале мугуфтанд, ки шумо забони ҳақиқӣ-милии худро гум кардаед, дар оилаатон ба забони тоҷикӣ гап мезанед,ки ин нодурус аст. Бояд ҳама ба забони туркӣ гап занед![150]...

Сababи порчае аз хотираҳои нависандаи халқии тоҷик Ҷалол Икромӣ дар ин маврид оиди ҷавонони бухорои, ки барои таҳсил ба Туркия рафта пас аз чанд сол ба Ватан баргаштан ба ғояҳои пантуркистӣ дода шуданд ҳамчун мисол оварда шуд, зеро давраи ҷавонии ин нависандаи барҷастаи тоҷик дар шаҳри Бухоро, ки маркази авҷи ҷаҳонбинии туркгароӣ ба ҳисоб мерафт гузаштааст. Ҷалол Икромӣ, ки аз оғози дар мактаби ибтидоӣ таҳсил кардан то дами ғалабаи Инқилоби Халқии Бухоро (соли 1920) шоҳиди ташаккули ҷадидон ҳамчун ҷараёни сиёсӣ ва қисме аз онҳо ба ҷараёни пантуркизм гузашта, эҷодиёти хешро ба таъриху маданияти тоҷик не, балки ба туркҳо бахшида буданд, шоҳиди ин воқеаҳои нангин шуда буд. Ӯ дар асарҳои хеш тамоми ваҳшонияти сулолаи манғития , ки нисбати халқи бумии тоҷик содир карда буданд ва ҷадидоне ки аз забону таърих ва халқу Ватани худ ру гардонда ба пантуркизм рӯ оварданд, бо мисолу далелҳои раднопазир ба тозиёнаи танқид гирифтааст. Аз ҷумла ин фидоии миллати тоҷик, дар асари безаволаш “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро”ҳаёти асримиёнагии сулолаи манғития ва ба халқи худ хиёнат кардани қисме аз ҷадидони Бухоро, ки аслан намояндагони табақаҳои доро буданд ба таври ҳақиқӣ нишон додааст.

Иқтибоси дуру дарозе, ки мо дар ин ҷо оварданашро лозим мешуморем, боз як далели дигар, ки ҷадидони

---

[150]Ҳасанбой Шарифов. Тоҷики гумгашта боз ояд...,Назаре ба баъзе паҳлуҳои таърихи ниёгон. Хуҷанд-2003.С. 205-206.

Бухоро бо вуҷуди тоҷик будан пантуркист буда, ба решаи халқу миллати хеш барои шуҳрат ва мақом ёфтан теша заданд, наслҳои имрӯзу оянда ҳаргиз чунин хиёнатҳоро фаромӯш нахоҳанд кард. Ин мисол бори дигар хулосаҳои ҳақиқатан илмии академик З. Раҷабовро исбот мекунад, ки олими энсиклопедисти тоҷик Аҳмади Дониш ҷадид набуд, зеро ӯ дар нимаи дуюми асри Х1Х ҳаёт ба сар бурдааст, ҷараёни ҷадидизм бошад дар ибтидои асри XX ба рӯи кор омада аст.

Боби ҳафтум ва охирини асари устод З. Раҷабов ба масъалаи иҷрои орзуҳои маорифпарвари барҷастаи халқи тоҷик Аҳмади Дониш дар ҳаёт бахшида шудааст. Орзуҳои ин маорифпарвари бузург аз он иборат буд, ки халқи тоҷик пеш аз ҳама аз асорати ҷонкоҳонаи амирони манғития озод шуда, ба ҳаёти ҳақиқатан озоди инсонӣ ноил гардад. Мамлакат бо роҳи инкишофи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давлатҳои Аврупо ва махсусан Русия қадами устувор гузошта, беҳтарин муттахассисон дар ҳама ҷабҳаи ҳаёт фаъолият намоянд.

Ба гуфтаи академик З. Раҷабов “Аҳмади Дониш ба омӯзиши “илми фарангистон”яъне аврупоӣ саргарм орзу дошт, ки замоне меояду дар кишвари ӯ одамон баробарҳуқуқ, беҷангу ҷидол, дӯстона, бародарона зиндагӣ мекунанд, зурони ҷаҳонгири бечоракуш намемонанд, дар сари давлат каллахарон намеистанд, дар мамлакат қашшоқӣ, бемаданиятӣ ва ҷоҳилӣ нест мешавад.”[151]

Таҷрибаи таърихӣ ба он далолат мекунад, ки ҳама орзуҳои муттафаккири зиндаёд Аҳмади Дониш, ки дар асарҳояш (чун васиятнома ) зикр карда буд, имрӯз дар ҳаёти мардуми тамоми ҷаҳон, аз ҷумла, Осиёи Миёна ва Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳаётӣ гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мамлакати озоду демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ аз ҷониби садҳо мамолики дунё бо

[151]З. Раҷабов. Маорифпарвар..., С. 269.

сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эътироф гардидааст ва мардуми меҳнатқарини он зиндагии хушу хурсандона бурдаистодаанд, ки зиёда аз сад сол пеш аз ин фарзанди фарзона ва энсиклопедисти тоҷик Аҳмади Дониш бо тамоми вуҷуд ва ҳиссиёташ, қалби пуршӯраш ин пешравиро орзу мекард.

Олими зиндаёд академик З. Раҷабов аз аввал то охири ин асар, ки "Маорипарвар Аҳмади Донш" номгузорӣ шуда, шаст сол қабл аз ин аз чоп баромада, ба дасти дӯстдорони мероси илмиву адабии Аҳмади Дониш расида, аз ҷониби аҳли илми таърих ва дигар таҳқиқотчиёни илмҳои ҷамъиятӣ сазовори баҳои арзанда гардидааст.

## 4 .Ақидаҳои илмии академик З. Раҷабов оиди шогирдон, пайравон ва ҳамзамонони А. Дониш

Бузургии аллома Аҳмади Дониш дар шароити тангутори сохти асримиёнагӣ дар он буд, ки ғояҳои зидди сохти куҳнагаштаи амирони сулолаи манғития аз ҷониби ӯ ба зери тозиёнаи танқид гирифта, дар байни аҳли илму маърифати Осиёи Миёна ва ҳатто берун аз он тарафдорону шогирдон ва пайравони зиёде пайдо намуд. Ғояҳои маданияту маорифпарварии Аҳмади Дониш ва ба он наздик намудани Бухорои амирӣ ва мардуми заҳматкаши он, баробари ин бетарсу ҳарос фош кардани айбу нухсонҳои ҳокимони халқ, илман исбот кардани манфиати хайрхоҳона доштан ба Русия, қабул ва эътироф кардани маданияти пешқадами халқи русу мардуми Аврупо, зарурати сари вақт гузаронидани ислоҳот ва дигар масоили зиёде, ки таваҷҷуҳи ин маорифпарвар ва халқдӯстро ба худ ҷалб мекарданд, дар ин самт шогирду пайравони зиёде низ ба майдони илму маърифат баромада, рӯ ба ҷониби ӯ мекарданд.

Аз ин рӯ, академик З. Раҷабов боби 3-уми асари дар боло зикр шуда: “Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1Х ва аввали асри ХХ” ба фаъолияти илмиву адабии шогирдон, пайравон ва ҳамасрони шинохта ва эътироф кардаи Аҳмади Дониш бахшидааст. Устоди гиромиқадр З. Раҷабов дар оғози ин боб чунин саволи барҷое ба хонанда пешниҳод кардааст, яъне “Киҳоро шогирд ва пайрави Аҳмади Дониш шуморидан мумкин аст? Ба мо маълум аст, ки Садриддин Айнӣ Абдулмаҷиди Зуфунунро, ки мунаҷҷим ва шоир буда, аз илмҳои гуногун низ хабардор будааст, Яҳёхоҷаро, ки танқид ва масхаракунандаи гузаро будааст, Содиқхоҷаи Гулшанро, ки аз фозилони замон ва дӯстдорони адабиёт ба шумор мерафтааст, шоирон Ҳомидбек Ҳомидӣ, Абдуллохоҷаи Таҳсин, Қориабдулкарими Офарин (Дӯзахӣ), Азизхоҷаи Азиз, Мирзоҳаит Саҳбо, таърихнавис Мирзоазими Сомӣ ва шоир Шамсиддин Шоҳинро аз шогирдони Аҳмади Дониш ҳисоб мекунад”.[152]

Устод дар ин ҷо ба хонандагон ишора кардааст, ки “Мо инчунин медонем, ки тазкиранавис Ҳоҷиазими Шаръӣ, шоир ва мусиқашинос Исомахдум, Қорикароматти Дилкаши танбурӣ низ аз ҳамсуҳбатони Дониш будаанд. Айнии ҷавон, Муҳаммадсиддиқ Ҳайрат, Тошхуҷа Асирӣ дар эҷодиёти худ аз пайравони А. Дониш мебошанд.”[153]

Дар ин ҷо ҳақ ба ҷониби академик З. Раҷабов аст, ки дар як асар доир ба фаъолияти эҷодии шогирдон, пайравон, ҳампешагон муфассал фикру ақида рондан аз имкон берун аст. Ва устод аз байни онҳо баъзе шогирдон, пайравон ва ҳампешагонеро интихоб намудааст, ки Аҳмади Дониш нисбат ба онҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Ва устод З.Раҷабов дар асари хеш қабл аз ҳама ба

---

[152] З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик ...,.С. 207-208.

[153]Дар ҳамон ҷо. С. 208.

таҳлили эҷодиёти аке аз наздиктарин шогирд ва пайрави Аҳмади Доиш Шамсиддини Шоҳин истода мегузарад.

Шамсиддин Шоҳин соли 1859 дар шаҳри Бухоро дар оилаи мударриси оддӣ чашм ба дунёи ҳастӣ кушодааст. Падари ӯ Мулло Амон дар синни наврасӣ баҳри таҳсили илму фан аз Хатлон ба шаҳри бостонии Самарқанд меояд. Баъд аз хатми таҳсил ӯ ба Бухоро сафар карда, таҳсилро идома медиҳад ва дар ҳамон ҷо низ хонадор мешавад. Мулло Амон барои таълиму тарбияи писари ягонааш саъю кӯшиши зиёде мекунад. Ҷавони ҳафт-ҳашсоларо падараш ба мактаби духтарона месупурад, ба он хотире, ки мабодо фарзанди боистеъдодаш дар мактаби домуллоҳои маҳалла дар зери лату шаллоқ намонад. Шамсиддин Шоҳини даҳ-дувоздаҳсола дар мактаби бибихалифа мафтуни ашъори Ҳофизи Шерозӣ гардида, ғазалҳои ӯро аз бар мекард.[154]

Дере нагузашта ба сари писари 11-сола Шамсиддин Шоҳин мусибати зиёде омад, яъне падараш ва каме сонитар модараш аз ҳаёт даргузаштанд ва ӯ гуруснаву бараҳна дар кӯчаву растаҳои шаҳри Бухоро дар ба дар мегашт. Бо гуфтаи академик З. Раҷабов ”Шоҳинро яке аз босаводони Ҷӯйбор ба таҳти ҳимояи худ гирифт ва Шоҳин бо ёрмандии вай мадрасаро тамом кард. Сонӣ ӯ дар ҳамон мадраса муваққатан мударрисӣ кард. Лекин маълумоте, ки вай дар мадраса гирифта буд, ӯро қонеъ намекард...Пас аз хатми мадраса дере нагузашта, шуҳрати шоирии вай дар тамоми Бухоро ва атрофи он паҳн гардид. Амир Абдулаҳад Шамсиддин Шоҳинро ба қатори шоирони дарбори худ қабул мекунад, ки тахти хунини худро бо ном ва назми ин шоири забардаст зиннат диҳад. Шоири шаҳири тоҷик дар

[154]Расул Ҳодизода. Мухтасаре дар шарҳи рӯзгори Шоҳин. Дар китоби:”Шамсиддин Шоҳин Куллиёт”, Душанбе “Адиб”, 2006 С. 7.

аввалҳо ба амир бовар дошт, вале ҳамин ки ӯро аз наздик шинохт, сахт пушаймон шуд"[155]

Солҳо пайи ҳам мегузаштанд ва бахту тахти шоир рӯйӣ об мебарояд ва соли 1887 ӯ хонадор мешавад, ки ин дар ҳаёташ як саҳифаи дурахшон маҳсуб буд. Аммо, дере нагузашта дар ҳаёти саодатмандонаи Шамсиддин Шоҳин як фоҷиаи нобаҳангоме рух медиҳад, яъне завҷааш дар вақти таваллуди фарзанди нахустин аз дунё дармегузарад. Шоир муддатҳои зиёд ин фоҷиаи оилавиро аз ёд набароварда, дар достони машҳури хеш бо унвони "Лайлӣ ва Маҷнун",ки ба ёди ҳамсари гумкардааш бахшида буд, бо як алам ва сӯзу гудози ба худ хос ба риштаи сухан кашидаст.

Танқидҳои Шамсиддин Шоҳин нисбат ба тартиботи пӯсидаи иҷтимоӣ ва сохти мамлакатдории амирони манғития обдор ва ниҳоят далерона бошад ҳам, аммо тоҳол як шакли мутаносиб ва муназзамро нагирифта буданд. Шоири ҷӯянда ва пӯянда баъдтар бо асари бунёдии Аҳмади Дониш "Наводир ул-вақоеъ"шинос гашта, аз он илҳоми нав гирифта, нисбати сохти куҳна ва ҳараҷу мараҷи замони сулолаи манғития таассуроти зиёд пайдо кард. Шамсиддин Шоҳин дар қасидае, ки дар мадҳи Аҳмади Дониш эҷод карда буд, ин олими бузургро яке аз энсиклопедистони даврони хеш ва асари "Наводир ул-вақоеъ"-ро аке аз таҳқиқотҳои намоён ва ниҳоят зарурии замон эътироф карда, бо самимият ситоиш кардааст.[156]

Бо ифодаи академик З. Раҷабов "Шамсиддин Шоҳин шоири пуристеъдоде буд. Мавқеи вай дар таърихи адабиёти тоҷик хеле бузург аст. Ӯ дар навиштаҳои худ мавзуъҳоеро интихоб кардааст, ки аҳамияти бузурги

---

[155]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ - сиёсии халқи тоҷик..., С.210.

[156]Ниг", .Расул Ҳодизода. Мухтасаре дар шарҳи рӯзгори Шоҳин. Дар китоби:"Шамсиддин Шоҳин Куллиёт", Душанбе "Адиб, 2006 С. 12-13..

ҷамъиятӣ доранд. Шамсиддин Шоҳин барои мо ҳамчун маорифпарвар, шоир ва равшанфикре аҳамият дорад, ки дар муҳити буғикунандаи дарбор базур нафас мегирифт. Ӯ шоире буд,ки ба амир ва дарбори вай бо кароҳат нигоҳ мекард. Шоире буд, ки қалби бузурги инсонӣ дошт. Аз ӯ достони манзуми "Лайлӣ ва Маҷнун", "Тӯҳфаи дӯстон"ва "Бадоеъус-саноеъ"ном се асар ва як қатор ғазалҳои лирикӣ боқӣ мондааст. Аз шоири шаҳир 12 ҳазор байт мерос мондааст"[157]

Ба аҳли илму адаб маълум ва равшан аст, ки дар бораи ашъори тозабунёди Шамсиддин Шоҳин чӣ адабиётшиносон, чӣ шоирону нависандагон ва муаррихону файласуфҳо ва дигар намояндагони илмҳои ҷамъиятшиносӣ фикру андешаҳои хешро баён кардаанд ва минбаъд низ баён хоҳанд кард. Масалан, асосгузори адабиёти давраи навтарини халқи тоҷик, устод Садриддин Айнӣ ҳоло дар асари илмии хеш "Намунаи адабиёти тоҷик"дар хусуси эҷодиёти адабии шоири номдори халқи тоҷик Шамсиддин Шоҳин маълумоти аниқу равшан ва ҳақиқӣ додааст.[158] Инчунин дар таҳқиқи мероси адабии Шамсиддин Шоҳин саҳми профессорон Х. Мирзозода, З. Раҷабов, Р. Ҳодизода, С. Брагинский, А. Мирзоев ва дигарон шоистаи таҳсин аст.

Ба ақидаи профессор Р. Ҳодизода "Ҳам таъсири "Наводир ул-вақоеъ"-ъ-и Аҳмади Дониш ва ҳам таҷрибаи зиндагӣ Шамсиддин Шоҳинро ба ақидае овард,ки тартиботу тарзи усули давлатдории ҷамъияти он замонро бо ислоҳоту дигаргуниҳои ҷузъӣ беҳтар кардан имконнопазир аст. Барои беҳтар кардани аҳволи халқ ва ба назми муайяни адолатпарварона даровардани усули давлатдорӣ ва идораи давлат як тағйироти куллӣ лозим

---

[157] З.Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С.210.

[158]С адриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. М., 1926, с. 352-372.

буд. Шамсиддин Шоҳин ин фикрҳои далеронаи худро дар “Бадоеъ ус-саноеъ” асари мансураш, ки дар солҳои охири зиндагиаш таълиф шуда, ба бисёр хонандагони замонаш кам маълум буд, баён намудааст”.[159]

Бояд зикр кард, ки маорифпарварони ниммаи дуюми асри Х1Х–и тоҷик Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин, Асирӣ ва дигарон гарчанде, ки дар асарҳояшон сохти истибдоди сулолаи манғития, ки ба сари мардуми меҳнаткаши аморати Бухоро ҷабру ситами зиёдро бор карда буд, сахт танқид карда буданд, аммо роҳи инқилобии аз он озод кардани оммаро муайян карда наметавонистанд. Зеро шароити иқтисодӣ ва сохти феодалӣ имконият намедод, ки синфҳои инқилобӣ дар шахси буржуазия ва пролетариат ба саҳнаи ҳаёти сиёсӣ дилпурона бароянд.

Барои ҳамин ҳам маорифпарварони нимаи дуюми асри Х1Х тоҷик орзую умди хешро оид ба маърифатнокшавӣ ва озодии ҷамъиятии оммаи меҳнаткашро бо худ ба гӯр бурданд.

Дар вақти дар дарбор хизмат кардани Шамсиддин Шоҳин муносибати сарди ӯро нисбати сохти амирӣ Абдулаҳад ҳис кард.Тавре ки академик З. Раҷабов мефармояд “Боре, вақте ки амир ба яке аз туманҳои Бухоро сафар мекард, Шамсиддин Шоҳин бо ҳамроҳии вай рафтанро қатъиян рад кард. Амир дар мактубе, ки ба қозикалони онвақтаи Бухоро навиштааст, ба ин кори Шамсиддин Шоҳин ишора карда, талаб мекунад, ки ба ҷои вай фавран каси дигаре таъин карда шавад.

“Мисли ҷавонмарги Шамсиддин Шоҳин кунад хуб не, ҷавонмарг баромада узот ҳам накард ё ман бетоб гуфта, арз ҳам накард. Асло мо аз кӯлобию ҳисорӣ толеъ надоштем ...,”[160]-гуфт амир Абдулаҳад.

---

[159]Расул Ҳодизода. Мухтасаре дар шарҳи рӯзгори Шоҳин. Дар китоби:”Шамсиддин Шоҳин Куллиёт”, Душанбе,2006, С.13.

[160]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С.215.

“Амир (Абдулаҳад А.Р.) ҳар вақт таъна мекард, ки,- менависад С. Айнӣ,- Шамсиддин Шоҳин як муллобачаи пойлуч буд. Ман ӯро ба мансаби олии надимӣ нишондам, ба қатори умаро ва ҳуккомаш ҷой додам, чун пастмояи давлатнодида буд, бори давлатро бардошта натавонист, қуфрон, ғурур ва кӯрнамакӣ мекард...”[161]

Тавреки аз гуфтаҳои амир Абдулаҳад маълум мешавад ва аз он маънои мантиқӣ бармеояд, натанҳо намояндагони онвақтаи мардуми Кӯлобу Ҳисор ва шоири баркамоли халқи тоҷик Шамсиддин Шоҳин кӯрнамак буданд, балки маводҳои зиёди таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар асл кӯрнамаки асосӣ сулолаи манғития бо сарварии амир баҳисоб мерафт. Зеро сулолаи манғития аз он давраи ба сари қудрат омадан, яъне аз нимаи дуюми асри XVIIIто ғалабаи инқилоби халқӣ-демократии Бухоро (2-уми моҳи сетябри соли 1920) халқи тоҷикро бо тамоми ҷаҳлу ҷаҳолат истисмор карда, ба хуни фарзандони ин халқи бумӣ ва тамаддунофар зомин шудааст.

Тавре ки маълум аст, амир Абдулаҳад аз истеъдоди баланди худододи Шамсиддин Шоҳини ҷавон ба воситаи гумоштагонаш бохабар гашта, ӯро бо зур ба дарбор кашид, то ӯ шоири дарборӣ шуда, тамоми умр васфу санои ӯро кунад. Шамсиддин Шоҳин баъд аз ҳамаҷониба омӯхтани гирудорҳои ҳаёти сулолаи манғитияро чуқур азбар намудан нафраташ нисбат ба сиёсати ин сулолаи хунхор зиёд гашт. Аммо, афсӯс ӯ аз чанголи хунолуди ин сулола худро ба канор гирифтан наметавонист. Тавре ки мегӯянд:

Булбул зи ҳунармандии хеш гирифтори қафас шуд,
Аз беҳунарӣ фароғате дорад зоғ.

Чанд муддате, ки ин шоир аллакай дар синни ҷавонӣ дар байни аҳли адибу суханварон машҳур гашта, дар даргоҳи амири манғития Абдулаҳад кору зиндагӣ карда, як

---

[161] З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С.215.

рӯзи хушро надидааст. Аз як тараф, нохушиҳои оилавӣ, аз тарафи дигар, нисбат ба амиру амалдорони дигар дар замираш бавуҷуд омадани нафрат, Шамсиддин Шоҳини ҷавонро ба касалии сил гирифдор кард. Ва ниҳоят ӯ соли 1894 аз дунё гузашт ва танҳо марг ӯро аз қафаси оҳанини манғития раҳо кард. Шасиддин Шоҳин гарчанде, ки аз дунё ҷавон гузашт, дар умри кӯтоҳи хеш мероси бою ғании худро ба ҳаводорони назми волои тоҷик мерос гузошт.

Шамсиддин Шоҳин дар солҳои дар дарбор хизмат кардан бо дилу чашм ва зеҳни тези хеш кулли нуқсон, фасодҳои дарбори амирро медид, таҳлил мекард, аммо илоҷ надошт, ки ба муқобили ин нобаҳангомиҳо барояд, яроқи ӯ суханаш  ва килкаш маҳсуб буд. Устод З. Раҷабов дар асари хеш, мероси адабии Шамсиддин Шоҳинро чуқур таҳлил карда, ба хулосаи мантиқӣ меояд, ки ин шоири шаҳир ва оташинсухан ба таври пӯшидаву ошкоро сохти сулолаи амирони манғитияро сахт ба риштаи танқид ва маломат гирифтааст.

Ба ақидаи академик З. Раҷабов “Ҳоло дар шеърҳои Шамсиддин Шоҳин дар баробари шикоят аз толеи худ ба унвони амир суханони талху тунд шунида мешавад. Ӯ давраи ҳукмронии амир Абдулаҳадро давраи тираютор ва нафратангез мешуморад ва онро ба (қир), яъне сиёҳ ташбеҳ мекунад. Худи амирро бошад, “хазафпора” (сафолпора А.Р.), “гандапир”ва “Заҳҳок”меномад ва дар бораи вай ҳамчун душмани худ гап зада мегӯяд, ки  аз душман умедворӣ хатост”.[162]

Шамсиддин Шоҳин дар охири умраш як асари начандон калон эҷод мекунад, ки “Бадое-ус-саноеъ”номгузорӣ карда буд ва дар он хулосаҳои танқидии худро нисбати амир Абдулаҳад гирд овардааст. Ба гуфтаи устод З. Раҷабов, Шамсиддин Шоҳин аз ибтидо ва то

[162]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С.216.

интиҳои ин асар фикру ақидаи хешро зикр карда, дар шароити террори амирӣ ноилоҷ фикру андешаи худро ба тарзи рамз ва ишора ифода намояд. Шамсиддин Шоҳин истеъдоди табии шоирро доро буд, ӯ мутафаккири барҷаста буда, шогирд ва пайрави Аҳмади Дониш маҳсуб буд. Ин шоир ва мутафаккир дар шароити Бухорои ақибмондаи феодалӣ ифодакунандаи ғояҳои пешқадам: озодии сухан, муҳаббат, виҷдон ва паҳн кардани илмҳои дунёвӣ маҳсуб буд. Ин мутафаккир, инчунин тарафдори дар ҷамъият рушду нумуи касбу ҳунар, илм ва адабиёти реалиро ҷонибдорӣ мекард .[163]

Вақто ки асарҳои Шамсиддин Шоҳинро бо диққат мутолиа мекунед, ба хулосае меоед, ки ин шоири ҳақиқатҷӯй ва адолатхоҳ чун устоди мънавиаш Аҳмади Дониш мехост, ки дар мамлакат илму маърифат танинандоз гашта, оммаи халқ саводнок шуда, зиндагии озодона дошта бошанд. Аммо, ӯ чун устодон ва пайравонаш ҳоло бо кадом роҳ ба чунинин дигаргуниҳо расиданро муайян карда наметавонист.

Дар асари номбурдаи устод З. Раҷабов ба зумраи шогирд, ҳамақидаю ҳампешаи маорифпарвари барҷастаи халқи тоҷик Аҳмади Дониш Асирӣ низ дохил карда мешавад. Гарчанде ки бевосита бо ин нобиға во нахӯрда бошад ҳам, Асирӣ баъд аз омӯхтани асарҳои бунёдии Аҳмади Дониш,ҷонибдори ақидаҳои маорифпарварӣ, зидди тартиботи амирӣ ва озодии халқи тоҷик мегардад. Агар Аҳмади Дониш ва шогирдони вай дар шароити тираву тори ҳаёти феодалии сулолаи манғития кору эҷод карда бошанд, Асирӣ дар шароити мустамликадории саризми рус ба дунё омад ва дар вазъияти сахти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳаёт ба сар мебурд ва ба чунин вазъият нигоҳ

[163]Дар ҳамон ҷо. С. 218.

накарда, ҳамчун яке аз шоирони боистеъдоди халқи тоҷик шинохта шуд.

Мувофиқи маълумоти писари Асирӣ-Акмалхӯҷа Тошхӯҷаев,ки аксари навиштаҷотҳои падарашро китобат кардааст, Асирӣ соли 1869 дар шаҳри бостонии Хуҷанд ба дунёи ҳастӣ чашм кушодааст. Бо маълумоти устод З. Раҷабов шоири баркамоли тоҷик Асирӣ дар тули ҳаёти хеш ба касби сангтарошӣ машғул гаштааст. Дар байни халқ бештар Асириро Тошхӯҷа эшон меномиданд. Аммо, дар асл Асирӣ эшон набуда, балки ин лақаб ба вай ба туфайли насабаш дода шудааст. Падари ӯ аз хонаводаи хоҷаҳо бошад ҳам, аммо зиндагии миёнаҳолонаро аз сар гузаронида, дар синни 61-солагии Асирӣ аз дунё даргузашта аст. Асирӣ аввал дар мактабҳои динии Хуҷанд хонда, баъд "аз паи донишомӯзӣ" ба Қӯқанд меравад ва дар инҷо якчанд сол таҳсил карда, забони русиро аз бар мекунад.[164]

Асирӣ табиатан интернатсионалист буда, дар вақти дар шаҳри Қӯқанд таҳсил намуданаш, ки он ҷо маркази савдою саноат ба ҳисоб мерафт, бо намояндагони халқи рус, ӯзбеку қазоқ ва қирғиз аз наздик шинос шуда, робтаи дӯстӣ пайдо мекунад. Махсусан, суҳбати Асирӣ бо аҳли қалам хеле авҷ мегирифт. Шоирон ва нависандагони кишвари Туркистон ва Бухорои амирӣ бо шоири тоҷик Асирӣ дӯстиву рафоқати наздик пайдо карда буданд. Фикру зикри Асирӣ бо меҳнати ҳалол ва арақи ҷабини худ таъмин кардани аҳли хонавода ва эҷоди насру назм доимо банд буд.

Дар ин хусус академик З. Раҷабов бо мисолу далелҳои боварибахш хонандаро бовар мекунонад. Ба андешаи устод шоир Асирӣ ба он нигоҳ накарда, ки оилаи калон дорад ва ҳаёти сангинро аз сар мегузаронад, мансаби

---

[164] З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик...,С. 220.

қозигиро рад мекунад ва сангтарошӣ карда, бо меҳнати пурмашаққат нон ёфтанро авлотар медонад.

Садриддин Айнӣ, ки эҷодиёти Асириро хуб медонист ва бо худи ӯ шиносоӣ дошт, нисбат ба вай чунин андешаро раво медонад:"Асирӣ марди қаландармизоҷ ва озодтабъ буда, хушомадгӯӣ ва мудоҳинаро (маккориро А.Р.) намедонист, аз риё, нифоқ, мутанаффир ва аз тамаъ барӣ буд. Бо вуҷуди соҳиби илму камол будан мансабҳои илмиро қабул накарда, ба санги осиётарошӣ таъмини маишат менамуд".[165]

Асирии Хуҷандӣ ба монанди дигар шоирони маорифпарвари тоҷик ва қабл аз ҳама Аҳмади Дониш нисбат ба тартиботи ҳукмронони замони худ, ба золимони халқ ва табақаҳои риёкор нафрати зиёд дошт. Масалан, ӯ дар ҳаққи амири Бухоро чунин гуфтааст:

Ман амиратро ба як мирӣ намегирам, бирав!
Илтифоти ӯ надорад қимати як дона ҷав.
Гарчи номи ман Асирӣ, худ асираш нестам,
Варна медод ӯ аз оби беҳисобам нав ба нав.

Асирӣ дар эҷодиёташ бо тамоми вуҷудаш тарғибгари маориф ва илму маданият маҳсуб буд. Шоири шаҳир ва инсондӯст боварии комил дошт, ки маҳз ба воситаи илму дониш дар ҷамъият меҳнаткашонро аз зулму асорат, аз ҷаҳлу ҷаҳолат раҳо бояд дод.[166]

Дар солҳое, ки Асирӣ зиндагӣ ба сар дошт ва пайваста адабиёти классикии тоҷик ва умуман машриқзаминро бо тамоми шавқу завқ ва хоҳиши том азбар мекард, дар пайӣ эҷод буд, дар иқтисодиёти кишвар капитали рус ворид гашта, мунтазам дар гардиш қарор

---

[165] Дар ҳамон ҷо.С. 222-223.
[166]Тошхоҷа Асирии хуҷандӣ. Ашъори мунтахаб. Душанбе,нашриёти "Адиб", 1987, С. 6.

дошт. Сохтмонҳои корхонаҳову роҳҳои оҳани Хуҷанду умуман, водии Фарғона дар ҷӯшу хурӯш ба назар мерасид, дар он намояндагони халқҳои гуногуни Русияи подшоҳӣ ва халқҳои таҳҷоӣ ширкат меварзиданд. Дар чунин шароит шоири тоҷик Асирӣ бо онҳо ва қабл аз ҳама бо намояндагони халқи рус аз наздик рафтуомад ва робитаи наздик пайдо карда, забони Пушкину Толстой ва дигаронро азбар мекард.

Асирӣ, ки худ ба ҷуз касби сангиосиётарошӣ, инчунин ба соҳаҳои кишоварзӣ шуғл дошт табақаи деҳқонон, ки дар ҷамъият истеҳсолкунандагони асосии неъматҳои моддӣ ба ҳисоб мераванд, алоқаи ногусастанӣ дошта, онҳоро ниҳоят ҳурмату эҳтиром мекард. Ин масъаларо низ дар эҷодиёти худ бо муҳаббат тасвир кардааст.

Рӯз то рӯз дар байни аҳли илму адаб обрӯву эътибори шоири тоҷик Асирии Хуҷандӣ зиёд мегардад. Ба қавли устод З. Раҷабов, Асириро на танҳо дар Хуҷанд ва гирду атрофи он, балки дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Қӯқанд, Тошкент, Ӯротеппа, Фарғона ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна низ мешинохтанд ва эътирофаш мекарданд. Дар якчанд тазкираҳое, ки дар ибтидои асри XX дар Тошкент чоп шудаанд, номи Асирӣ зикр мешавад. Аз ҷумла Афзал махдуми Пирмастӣ дар тазкираи худ дар бораи Асирӣ маълумоти мухтасаре додааст.[167]

“Асирӣ дар назм ва дар наср тамоман” тақлидкунандаи шоири намоён ва маъниофари халқи тоҷик Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) аст. Пайравии Асирӣ ба Бедил танҳо дар сабку забони осори ӯ мушоҳида мешавад. Аз лиҳози мазмунофаринӣ ва баёни маънии бикр Асири аз шоирони бузурги замони худ мебошад.

[167]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик...,С. 223.

Асирӣ з моҳи марти соли 1915 аз олам чашм пӯшид. Баъд аз вафоти Асирӣ шоир Зуфархон Ҷавҳарии Истаравшанӣ (1860-1945), ки яке аз дӯстони ӯ буд, қитъаи зеринро сурудааст:

Асирии Хуҷандӣ Тошхоҷа,
Ки шамъи ҷамъи аҳли илму фан буд,
Чу он ҷӯши баҳори фазл бигзашт,
Хазонӣ шуд, гулистони сухан буд.
Барои ҳалли таърихи вафоташ,
Қалам ин нукта чун дурри Адан буд.[168]

Аз рӯйи нишондод ва маълумотҳои академик З. Раҷабов бармеояд, ки Асирӣ бо аҳли илму адаби Осиёи Миёна наздикӣ ва дӯстию рафоқат пайдо карда, дар бисёр масоили ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамақида будааст. Вай бо маорифпарвари ӯзбек Фурқат, шоир Таҷалло мукотиба ва рафтуомад доштааст.

Шоири тоҷик Асирӣ бо демократ ва шоири бузурги ӯзбек Муқимӣ (1850-1903) байни худ мукотиба дошта, ҳарду аҳли қаламу сухан рафиқи наздик буданд. Асирӣ мафтуни халқият ва лирикаи ашъори Муқимӣ ва образнокии забони назми ӯ будааст. Муқимӣ низ аз ҷониби хеш ба шоири тоҷик муҳаббат ва самимияти зиёде дошта, дар яке аз мубоҳисаҳои адабӣ ба қобилият ва забардастии Асирӣ қоил гашта буд.[169]

Асирӣ шоири прогресивии замони худ ба ҳисоб мерафт ва дар эҷодиёти назму насри хеш бисёр масоили зарурии ҳаёти ҷамъиятиро аз ҷумла, масъалаҳои маишат, маданият, маориф, муносибати байни халқҳо ва ахлоқро тараннум мекард. Вай тибқи воситаҳои ахбори умум ва

---

[168]Тошхоҷа Асирии хуҷандӣ. Ашъори мунтахаб. С.7.
[169]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ- сиёсии халқи тоҷик...,С. 224.

адабиётҳои таърихӣ аз ҳаёти иқтимоӣ-иқтисодӣ ва илмиву фарҳангии мардуми Аврупо ва минҷумла Русия бохабар буд. Ҳангоме ки пешравии ҳаёти ҷамъиятии чунин мамоликро дарк мекунад ва бо воқеаҳои ҷамъиятии Осиёи Миёна муқоиса менамояд, шоир ба ташвиш меояд ва дар назди хеш саволе мегузорат, ки кай ин кишвар ба дараҷаи ҳаёти ҷамъиятии мардуми Аврупо, минҷумла ба Русия наздик мешуда бошад? Асирӣ чун дигар маорифпарварони нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ, фикру андеша дошт, ки бо роҳи ислоҳот дар ҷамъият ва инкишофи илму маориф аҳволи халқ беҳтар мешуда бошад. Маорифпарварон, аз ҷумла Асирӣ бо роҳи инқилобӣ дигар кардани сохти ҷамъиятӣ ва беҳтар шудани аҳволи иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва илмиву фарҳангии оммавиро муайян карда наметавонистанд. Ғояҳои онҳо аз дараҷаи маорипарварӣ берун нарафт.

Дар хусуси шоир, нависандаи барҷаста, олими нуктасанҷ, муаррих, асосгузори адабиёти навини халқи тоҷик Садриддин Айнӣ аз ҷониби адибон, олимони соҳаи адабиёт, забон ва умуман ҷабҳаҳои илмҳои ҷамъиятӣ асарҳои зиёди бунёдӣ ва оригиналӣ навиштаанд ва таҳқиқотҳои зиёд имрӯз ҳам идома доранд. Имрӯз мо Садриддин Айниро натанҳо шоиру нависандаи намоён, олим, муаррих, Қаҳрамони халқи тоҷик, инчунин писандидаи халқҳои Осиёи Миёна ва ҷаҳон гуфтан ҳақ дорем, зеро ки вай ба чунин баҳо арзанда ва шоистааст. Дар муддати зиёда аз сад сол мешавад, ки асарҳои безаволи ӯ ба чандин забонҳои ҳалқҳои дунё тарҷума шуда, миллионҳо дӯстдорони илму фарҳанг онҳоро мутолиа мекунанд ва аз онҳо ғизои маънавӣ мегиранд.

Мавқеи Садриддин Айнӣ ҳамчун муаррих, шоиру нависанда, мунаққиди барҷастаи халқи тоҷик, яке аз пайравони мактаби маорифпарварии Аҳмади Донш ниҳоят

барҷастааст. Тамоми хизматҳои арзандаи ӯро барои халқу Ватан ба эътибор гирифта, Кумитаи Марказии ҲК (б) Тоҷикистон ва Шурои Вазирони РСС Тоҷикистон бахшида ба 70-солагии ин аллома аз ҷумла чунин гуфта шуда буд: “Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии (болшевикони) Тоҷикистон ва Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон Шуморо дар рӯзи ҳафтодсолагии таваллудатон гармуҷӯшон табрик мекунанд. Вақте ки Револютсияи Сотсиалистии Октябр ба ҳамаи халқҳои мамлакати бузурги мо озодӣ овард, шумо аз ҷумлаи зиёиёни калони мо, яке аз аввалин касоне будед, ки ин ғалабаро табрик кардед. Шумо дар фаъолияти маорифпарварии худ гумроҳиҳои ҷудогонаро мардонавор ва бошарафона бартараф намуда, роҳи дурусти ба халқ хизмат карданро ёфтед...”[170]

Таҷрибаи таърихӣ равшан нишон дод, ки истеъдод ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ ҳамчун муаррих, шоир, нависандаи сатҳи ҷаҳонӣ, мунаққид ва маорифпарвар маҳз дар давраи сохти нави шуравӣ рушду нашъунамо ёфт, ки доир ба ин вазъият худи ӯ чунин рӯ овардааст:”Ман дар ин ҷо аввал бояд бар болои худ истода гузарам,- менависад Садриддин Айнӣ,- Чунон ки аз ин пеш борҳо гуфтаам, ман то Октябр дар соҳаи адабиёт чизи ба назар намоёне ба майдон оварда натавониста будам. Аммо, Октябри пуршараф маро дар чилсолагиам дар мактаби худ қабул карда, тарбия намуд ва ман он асарҳоеро, ки ба хонандагон маълум аст, ба майдон оварда тавонистам.”[171]

Устод З. Раҷабов дар асари худ фаъолияти имӣ ва адабии Садиддин Айниро ба давраҳо қисмат кардааст, ки давраи аввали он солҳои овони ҷавонӣ,ки ниҳоят бо азобу ранҷ, гуруснаву азияткашида ва касалиҳои вазнини ӯ ва

---

[170]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С. 243.
[171]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ- сиёсии халқи тоҷик..., С,244.

аҳли оилааш паси сар кардааст. Инчунин воқеаҳои давраи таҳсил дар мактаби занонаю мадраса акс ёфтааст. Ин давра, ки асосан солҳои охири асри Х1Х-ро дарбар мегирифт, давраи асарҳои сарвари маорифпарвари тоҷик ва умуман кишвари Осиёи Миёна Аҳмади Донишро омӯхтан ва ба худи ӯ аз наздик шинос шуданро фаро мегирад, ки аз ҳамон замон саркарда, шуури ҷамъиятию одаму оламшиносии Садриддин Айнӣ бедор мегардад. Садриддин Айнии ҷавон аз рӯи зарурат дар хонаи Шарифҷон махдуми Садри Зиё, шахси бо илму фарҳанги замонаш чун хизматгор кор кардааст ва дар ҳамин ҳолат бо маорифпарвари барҷаста Аҳмади Дониш аз наздик шиносоӣ пайдо карда, чанд муддат дар шабнишинӣ ва маҷлисҳои илмии ӯ ширкат варзида, аз он хеле баҳраи зиёд бурдааст.

Устод З. Раҷабов дар асараш оид ба Шарифҷон махдум маълумоти махсус дода, арз кардааст, ки ӯ писари дуюми қозикалони Бухоро, феодали калон ва дар байни аҳли илму фарҳанги ин шаҳр шахси машҳуре маҳсуб буд, ки қариб тамоми умрашро дар хидмати амир ва аҳли дарбори сулолаи манғития гузаронида, дар давраҳои мухталиф дар вазифаи қозигӣ гузаронида, дар давраи инқилоби буржуазӣ-демократии февралии рус соли 1917-ум чанд муддат дар Бухоро қозикалон ҳам шуда кор кардааст. Баробари ин, ӯ шоир, нависанда ва муаррих низ буда, бо тахаллуси Садри Зиё асарҳо эҷод кардааст.[172]Аз сабаби он, ки Садри Зиё дар даргоҳи амир кору зиндагӣ ва эҷод мекард, ҷонибдори фикру ақидаҳои амир ва асарҳои хешро дар ғояи нигоҳ доштани сохти амирии сулолаи манғития навишта буд. Устод аз гуфтаи С. Айнӣ барҳақ дар китобаш оварда мегӯяд, ки намояндагони зиёиёни Бухоро дар истиқоматгоҳи Шарифҷон-махдум ҷамъ

---

[172]Писари Садри Зиё академики АМИҶТ, адабиётшиноси маъруф, мунаққид, Муҳаммадҷон Шукуров ҳаст.

мешуданд ва хонаи вай одатан ранги анҷумани шоирон, шеърнависону латифагӯён ва ширинкоронро мегирифт.[173]

Академик З. Раҷабов номҳои чанде аз ашхосе ки дар анҷуман бо гуфтаи Садриддин Айнӣ гирд меомаданд, зикр кардааст. Дар байни онҳо олими шинохта ва ҳамаҷониба Абдулмаҷиди Зуфунун, ҳикоянавис Содиқхоҷаи Гулшанӣ, шоир Ҳомидбек (ҳаҷвнавис А.Р.), Мирзо Ҳаити Саҳбо, Абдулхоҷа Таҳсин, донандаи машҳури адабиёти класикии тоҷик, қорӣ Абдулкарим Офарин (Дӯзахӣ) низ ширкат мекард, ки ин аслан чун  шоири ҳаҷвнавис машҳур буд, аз сабаби он ки ӯ амалдорони бевиҷдону истисмосгарони амирӣ халқро беибою рӯйрост сахт истисмор мекарданд, бетарсу ваҳм кушоду равшан ба тозиёнаи танқид мегирифт. Аз ин лиҳоз, баъзе ҳамсуҳбатони наздики Аҳмади Дониш ба ӯ лақаби (Дӯзахӣ)-ро часпонданд. Дар байни ин ҳамсуҳбатон Шарифҷон махдум Азизхоҷа Азиз ном шоир низ буд, ки аз кору кирдор ва рафтори қозиён ва махсусан аз кору рафдори қозикалони Бухоро нафрати сахт дошт. Дар ин ҷо бо хулосаи устод З. Раҷабов сар то сар бояд ҳамфикр буд, ки иштироки Садриддин Айнии ҷавон дар чунин ҷамъомаду суҳбатҳои хоса бо иштироки маорифпарвари барҷаста ва энсиклопедист Аҳмади Дониш ва шогирду пайравонаш ба вай таъсир расонд ва махсусан, аз ҷониби иштироккунандагони чунин махфилҳо фикру андешаҳои танқидӣ нисбат ба амалдорони амирӣ гуфта шуда, нависандаи ҷавонро бохабар кард.[174]

Бо нишондоди академик З. Раҷабов ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии Садриддин Айнии ҷавон боз асарҳои якчанд шоирони баркамоли он замон ба мисли Саҳбо, Савдо таъсири калон расонидаанд. Махсусан, ба эҷодиёти минбаъдаи Садриддин Айнӣ асарҳои шоири шаҳир

---

[173]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С. 246-247.
[174] Дар ҳамон ҷо. С.  248.

Шамсиддин маҳдум Шоҳин таъсир расонидааст. Садриддин Айнӣ бо шавқу завқ асарҳои Шамсиддин Шоҳинро, ки яке аз шогирдону дӯстону мухлисони маорифпарвари барҷаста Аҳмади Дониш ба ҳисоб мерафт, хонда, нисбат ба амалдорони сулолаи манғития нафраташ меафзуд, зеро худи шоир бо ҳукми замон бо онҳо дар як ҷой кору зиндагӣ мекард. Баъдтар Садриддин Айнӣ дар эҷодиёти хеш ба Шамсиддин Шоҳин ҳамчун шоири баркамол баҳои баланд додааст. Ҳамин тавр, Садриддин Айнӣ осори адибону шоирони намоёни он замонро хеле мӯшикофона таҳлил намуд, ки ҷои аввалро симои барҷастаи Аҳмади Дониш ба назар мерасид.

Устод З. Раҷабов дар асараш бо мисолу далелҳои ҳуҷҷатӣ аҳволи вазнини иҷтимоӣ- иқтисодии Садридин Айниро бо ҷузъиёташ ба қалам додааст. Ба ҳамаи азобу ранҷ ва масъалаҳои ҳалнашудаи зиндагӣ нигоҳ накарда, ӯ таҳсилро дар мадраса идома медиҳад. Дар давраи таҳсил дар мадрасаҳои Бухоро вай дар ҷодаи шеъру шоирӣ завқу шавқ пайдо карда, шеърҳои Собир, Навоӣ, Ҳофиз ва Ҳайратро мутолиа ва азёд мекард. Табиат ба Ҳайрат қобилияти нотакрори шеърнависӣ дода, дар айёми ҷавониаш аллакай шеърҳои баландғояву баландмазмун навиша, дар байни аҳли адаб ном бароварда буд. Беҳуда маорифпарвар Аҳмади Дониш Ҳайратро ба шогирдӣ қабул накарда буд.

Мувофиқи гуфтаи Садриддин Айнӣ, Ҳайрат ғазал, қасида, достон ва дубайтиҳо менавишт. Ашъори ӯ аз 2000 байт иборат буд. Садриддин Айнӣ ва Мирзо Абдулвоҳид ашъори Ҳайратро баъд аз вафоташ ба як ҷо ҷамъ карда буданд.[175]

Садриддин Айнӣ инқилоби буржуазӣ-демократии рус (1905-1907)-ро на ба хотири он ки он характери сиёсӣ дорад, балки танҳо ба хотири аҳамияти маорифпарварии

---

[175]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ -сиёсии халқи тлҷик...,С. 259.

он истиқбол гирифт. Дар он вақт ӯ ба моҳияти сиёсиии ин инқилоб сарфаҳм нарафта буд. Вай мехост, ки дар Бухоро мактабҳои нав кушода шуда, дар он ҷо фарзандони тоҷиконро таълим дода, онҳоро аҳли савод кунад ва бо ҳамин нияту мақсад соли 1908 Садриддин Айнӣ дар Бухоро барои тоҷикбачагон мактаби махсус мекушояд ва як алифбо ва як китоби қироатӣ низ тартиб медиҳад. Садриддин Айнӣ дар бораи ин китоб чунин зикр кардааст: Ин китоб характери адабӣ дошт, хонданаш барои бачагон шавқовар буд, дуруст аст, ки бо хоҳиши он замон дар он китоб чизҳои динӣ ҳам буд, аммо ҳар чи бошад, як чизи нав буд (ин китобро соли 1909 бо номи "Таҳзибус-сибён чоп кардам.")[176]

Ба гуфтаи устоди арҷманд З. Раҷабов, дар аввали асри XX дар шароити Бухорои ақибмондаи истибдодӣ мактабҳои усули нав кушодан, дар онҳо таҳсил кардан, барои хонандагон китобҳои дарсӣ навиштан, дар бораи манфиати мактаб шеър ва мақола навишта, чоп кардан, бе ягон шакку шубҳа аҳамияти маорифпарварона ва прогрессивӣ дошт. Садриддин Айнӣ ҳам мисли Фурқат ё Асирӣ ба воситаи ташкил намудани мактабҳо дар Бухоро паҳн кардани унсурҳои маданияти замонӣ ва донишҳои замониро фикр мекард."Хушбахт он аст, ки дар хонадони ӯ каси беилм ва бетарбият набошад", мегуфт Садриддин Айнӣ.[177]

Дар солҳои ҷанги якуми империалистии ҷаҳон Садриддин Айнӣ ба вазифаи аъзои ҷамъияти махфии ҷадидӣ "Тарбият-ул-атфол",ки"характери сиёсӣ надошта ҳаргиз ташкилоти револютсионӣ набуд"[178],мактабҳои нав, барои калонсолон курсҳои саводомӯзии шабона ташкил

---

[176]Ин асари Садриддин Айнӣ соли 1958 ба шакли китоб аз чоп баромад.

[177]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик...,С. 265.

[178]С. Айнӣ Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам. С.67.

медиҳад ва бо фаъолияти адабӣ машғул мегардад. Дар солҳои ҷанг дар Бухоро террори амирӣ хеле авҷ гирифта, он қабл аз ҳама, ба сӯйи аҳли илму маърифат ва равшанфикрон равона карда шуда буд. Айнии зираку дона ин сиёсати амири Бухороро бо тезӣ пай бурда, худро ба заводи пахтатозакунии Қизилтеппа мегирад ва дар он ҷо дар солҳои 1915-1916 дар заводи як бойи маҳаллӣ хизмат мекунад.

Баъд аз сарзадани шӯриши соли 1916, ки ба муқобили истибдоди Русияи подшоҳӣ ва истисмори беку амирони маҳаллӣ дар Осиёи Марказӣ равона карда шуда буд, амалиётҳои терорристӣ дар ин музофотҳо боз ҳам авҷ гирифт, ки дар ин хусус Садриддин Айнӣ баъдтар чунин арз кардааст:"Амир дар ҳар ноҳия ва деҳаҳои калон агентҳои махсус монда, мардумро аз гуфтугузор кардан дар бораи ин шӯриш қатъиян маън кард. Бойҳои калони Бухоро бо аризаи коллективонаи худ ба агентии сиёсии давлати Русия дар Бухоро ба муносибати шӯриши Туркистон садоқати худро ба подшоҳи Русия маълум карданд"[179]

Бо гуфтаи устоди муҳтарам З, Раҷабов,дар охири соли 1916 амири Бухоро Садриддин Айниро ба яке аз мадрасаҳои Бухоро ба вазифаи мударрисӣ шарафёб мекунад. Ин сиёсати амирӣ ба худ як найрангеро ниҳон дошт. Аввало, амир Садриддин Айниро дар ихтиёр ва назорати хеш як муддат нигоҳ доштанӣ буд. Дуюм, амир Садриддин Айниро аз доираи коргарони заводи пахтатозакунӣ ҷудо кардан хост, зеро хавфи он ки боз ягон баромади зиддиҳукуматии коргарон сар назанад, мавҷуд буд. Дар ин хусус Садриддин Айнӣ бадътар чунин мегӯяд:"Ҳарчанд ман ба ҳаракатҳои коргарӣ алоқа надоштам, ҳатто дар маънии сиёсӣ ва револютсионӣ чӣ будани ин ҳаракатҳоро намефаҳмидам, политсияи махфии

[179]С. Айнӣ Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам. С.75-76.

подшоҳӣ ва агенти давлати мутлақи Рус ба ман, чуноне, ки ҳастам, нигоҳ намекарданд. Онҳо, ки аз сояи худ метарсиданд ва дар шубҳа буданд, дар завод дар байни коргарон будани маро барои худ “хатар”мешумурданд. Албатта фаъолияти  Садриддин Айнӣ ба сифати мударрис бисёр давом накард. Ҳамин ки амир бетаъсир будани доми найранги худро дид, зуд аз баҳри ин кори худ гузашт.[180]

Устоди гиромиқадр академик З Раҷабов дар асари бунёдии хеш, ки оид ба он сухан меронем, давраҳои фаъолияти шоирии Садриддин Айнӣ, рушду нумуи ин фаъолият ва аз ҷониби шоирону тазкиранависон, аз ҷумла Афзал Махсум,  Пирмастии бухороӣ, Мир Муҳаммад Сиддиқи Ҳашмат, Абдуллохоҷаи Абдӣ ва дигарон ба қобилияти шоирии Садриддин Айнӣ баҳои сазовор додаанд.

Ба ақидаи академик З.Раҷабов, ки ба он бечунучаро бояд ҳамовоз шуд, дар муддати солҳои 1905, яъне аз оғози инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус то инқилобҳои февралӣ ва октябрии соли 1917 дар фаъолияти илмию адабӣ, маорифпарварии Садриддин Айнӣ як давраи бутуни самаранок, вале ниҳоят душвор ва печутоб пушти сар гашта буд. Дар ҳамин давра ӯ ба сифати як омӯзгор ва адабиётшиносу шоир бечуну чаро барои пешрафт ва рушду такомули мактаб, маориф ва донишҳои дунёвӣ дар Бухоро хизматҳои зиёд ва шоистае кардааст. Аммо, дар ҳамин давра фаъолияти ӯ бо фаъолияти ҷадидҳо робита дошт. Маълум, ки ҳаракати ҷадидҳо дар Бухоро ягона ҳаракати оппозитсионӣ маҳсуб буд. Аз ин рӯ, дар ин давра нафақат унсурҳои реаксионии шовинистӣ, балки зиёиёне буданд, ки руҳи оппозитсионӣ доштанд ва ба ин ҳаракат ҳамроҳ мешуданд.

---

[180] Ниг. З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъияти сиёсии халқи тоҷик...,С. 268-269.

Ҷадидизм дар Бухоро як ҷараёни бо ғояҳои панисломизм ва пантуркизм омезишёфтае буд. Ин мафкураи буржуазияи компрадор (созишкор)-и маҳаллӣ буд. Барномаи ҷадидони Бухоро,- ба ақидаи ин олими нуктасанҷ З. Раҷабов,- расман иборат буд аз ислоҳи ҷиҳатҳои ҷудогонаи ҳаёт, мактаб ва мадрасаҳо, танқиди худсараи амалдорони амир ва ба вуҷуд овардани як миқдор мактабҳои усули ҷадидӣ. Ҷадидҳо ҷиҳатҳои алоҳидаи ҳаёти феодалиро танҳо рӯякӣ танқид мекарданд. Ҷадидизм ба асосҳои сохти иҷтимоӣ-сиёсии мавҷуда кордор набуд.[181]

Ҷадидҳо ҳаргиз ҷонибдори барҳам додани сохти амирӣ дар Бухоро ва нест кардаи сиёсати ҳукумати подшоҳии рус дар қаламравӣ Осиёи Миёна набуда, баракс бо ҳар роҳу восита онро дар назди оммаи халқ ҳифз мекарданд.

Амири Бухоро аз тарси фишору норзигии оммаи васеи халқ, ки нисбат ба тартиботи кухнагаштаи он доштанд, маҷбуран 7-апрели соли 1917 дар бораи гӯё гузаронидани "ислоҳот" як манифест-фармони сохта ва риёкоронае нашр кард, ки ҷадидҳо онро бо шодиии бузурге истиқбол намуданд. Амир Олимхони ҷаллод мехост, гуноҳҳои содир кардашро бо чунин "Манифест"аз ниқору ҷазои халқ халос кунад.

Мувофиқи ақидаву хулосаи академик З. Раҷабов ҷадидони Бухоро ба муносибати эълон шудани манифести амир намоиши умумишаҳрӣ барпо карданӣ буданд. Онҳо дар атрофи "ислоҳот" доду мағал бардошта, бо ин баҳона диққати халқро аз муборизаи ҳақиқии муқобили амир ба ҷониби дигар кашиданӣ буданд. Садриддин Айнӣ ба ин намоиш муқобилият мекард.Ӯ хуб медонист, ки халқ аз пайи ҷадидон нахоҳад рафт ва қувваҳои иртиҷоӣ ҳатто аз

---

[181]Ниг. З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик...,С.277.

ин намоиши оромона низ истифода бурда, сар бардошта ба воситаи террор ҳамаи он чиро, ки бо Бухорои инқилобӣ ва пешқадамона мебошад, маҳву торумор хоҳад намуд. Ҳеҷ яке аз ҷадидон ба суханони Садриддин Айнӣ гӯш намедоданд. Намоиш сар шуд ва он чи ки Садриддин Айнӣ гуфта буд, ҳамагӣ дуруст баромад. Қатлу куштор авҷ гирифт. Дар кӯчаҳои Бухорои шариф хуни ноҳаққи мардуми бегуноҳ равон гардид. Аз ин моҷаро Садриддин Айнӣ низ зарар дид. Аввал,ӯро ба зиндони Бухоро-обхона андохтанд, ки яке аз мудҳиштарин зиндонҳои амир буд ва баъд ба ҷазои сахти амирӣ 75-зарби калтак маҳкум намуданд.[182]

Садриддин Айнӣ ин амали ваҳшиёнаи амалдорони амириро аз ҷумла чунин баён кардааст:"Вақте ки пушти маро бараҳна карданд, аз ду тараф ду маъмур (фармонбардорон Р. А.), ки мири ғазабашон лақаб аст, чӯб ба даст гирифта, ба қуввати тамом аз болои шона то зери миён ба тахтапушт мезаданд. Дарозии чӯб ба қадри якуним олчин, ғилзаташ ба қадри ангушти бузурги пой буд, чӯб аз ҷинси илғай буд, ки дар матонат мисли оҳан аст. Илова бар ин, аз ду тараф ва аз болои сар соирин (махлуқҳо Р. А.) бо мушт дар сару гарданам мезаданд. Дар ин ҳол намедонам қӯшбегӣ буд ё каси дигар, "сахт занед"-гуфта амр кард...ба асбобе, ки баён ёфт, пӯсту гӯштҳои баданам порча- порча аз ҳам ҷудо шуда буд. Аз ҳар нуқтаи бадан хун ҷараён дошт. Ҳатто баъзе устухонҳо намоён гардида буд."[183]

Баъди чанде Садриддин Айнии хуншорро аз зиндон сарбозони рус ва аъзоёни оддии Шурои депутатҳои коргару солдатҳои Когон наҷот доданд. Садриддин Айнии сахт маҷрӯҳ гаштаро барои ҳарчи тезтар муолиҷа кардан

---

[182]Ниг. З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С . 280.

[183]Садриддин Айнӣ.Ёддоштҳо. Қисми панҷум. Душанбе, "Адабиёти бачагона"-2021, с.176-177.

ба беморхонаи Когон оварданд, ки дар ҳамон вақт ягона беморхонаи дилпур баъд аз шаҳри Тошкент дар қаламрави кишвари Туркистон буд. Дар ин ҷо духтурони рус дар зарфи ду моҳ ҷароҳатҳои Садриддин Айниро муолиҷа карданд ва минбаъд ӯ ҳаёту эҷодиёти худро дар шаҳри бостонии Самарқанд гузаронд. Аммо қувваҳои иртиҷоӣ ва намояндагони дину мазҳаб дар ин шаҳр кору зиндагонӣ кардани Садриддин Айниро намехостанд ва бо ҳар роҳу восита ӯро аз он ҷо батанг карданӣ шуданд. Ва борҳо бо супориши амири Бухоро гумоштагонаш кӯшиши аз Самарқанд батанг карда баровардани Садриддин Айниро карда буданд. Ин мақсади разилонаи душманони нависанда бенатиҷа анҷом ёфт, зеро Самарқанд дар ҳайати ҳукумати муваққатӣ ва баъд аз ғалабаи инқилоби пролетарӣ ба яке аз вилоятҳои Ҳокимияти Шуравӣ дохил гашт.

Пас аз ғалабаи инқилоби пролетарӣ дар ҳаёти Садриддин Айнӣ давраи нав, давраи озодӣ, давраи эҷодиёти ҳамаҷонибаи илмиву адабӣ ва ҷамъиятӣ оғоз мегардад, ки сабаби дар майдони илму ирфон маълуму машҳур гардидани ӯ мешавад. Дар шароити мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ,ки ба ӯ имконияти муътадили эҷодӣ муҳайё гардида буд, ҳаёти халқи тоҷикро дар ду замон, яъне замони тираву тори пешазинқилобӣ ва замони нави сохти ҷамъиятӣ ба таври реалӣ ба риштаи сухан гирад. Бо гуфтаи академик З. Раҷабов, Садриддин Айнӣ дар шеъру мақолаҳои солҳои 1917-1920 эҷод кардааш талошу ҳаракатҳои ҷонкоҳонаи намояндагони сулолаи манғитияро барои мустаҳкам кардани ҳокимият хеле устокорона тасвир кардааст.

Устод З. Раҷабов ба афкори ҷамъиятӣ-сиёсии Садриддин Айнӣ баҳо дода ба хулосае меоянд, ки то дами соли 1918 ӯ ҳоло аз таъсири ҷадидизм озод нашуда буд ва натавонист муайян кунад, ки дар Бухорои амирӣ

амалиётҳои инқилобӣ чӣ гуна бояд сурат гирад. Аммо, ҳеҷ ҷои шубҳа нест,ки вай дар ин давра умед ва интизори барҳамхӯрдани аморати Бухороро дошта, афзудани нафрати оммаи халқро нисбати сохти амирӣ дуруст дарк мекард. Соли 1918 дар ин бора ба таври назм аз ҷумла навишта буд:"

Ё раб, он хонаи бедоду ситам вайрон бод!
Ё раб, он маҳкамаи ҷавр мазористон бод!
Ё раб, он тахт, ки шуд боиси бадбахтии мо
Реза-реза шуда бо хоки сияҳ яксон бод![184]

Тавре ки дар боло гуфта шуд, устод З. Раҷабов давраҳои асосии тоинқилобии ҳаёт ва фаъолияти адабӣ-эҷодии нависандаи барҷастаи халқи тоҷик Садриддин Айниро аз нуқтаи назари илмӣ хеле барҷаста ва дурандешона таҳлилу таҳқиқ карда, ба он баҳои холисона додааст.

Маълум, ки пирӯзии инқилоби пролетарӣ дар Русия ва ғалабаи инқилоби халқӣ-демократӣ дар Бухоро ба ҳаёту эҷодиёти илмиву адабӣ ва ҷамъиятии нависандаи барҷаста, асосгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ саҳифаи дар ҳақиқат нав оғоз намуд. Ва пас аз чунин воқеаҳои сиёсии ҷамъиятӣ ҳаёти пурҷушу huруш ва самараноки Садриддин Айнӣ доман паҳн карда, ӯ ба навиштани асарҳои пурарзиши илмиву бадеӣ ва таърихӣ камар мебандад ва дере нагузашта ба яке аз барҷастатарин нависандаи давру замон табдил меёбад.

Дар солҳои аввали ғалабаи инқилоби пролетарӣ дар қаламрави Осиёи Миёна ва аз ҷумла, имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсии рӯз озодии занон ба ҳисоб мерафт, ки он дар

---

[184]Ниг. З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С .286.

маркази диққати Садриддин Айнӣ қарор гирифт. Зеро ӯ ҳаёти ғуломонаи пеш аз инқилобии бонувонро бо ақлу ҳуш ва чашми binoяш дида буд ва ҳар замон аз дил мегузаронд, ки кай вақту имконияте мешуда бошад, ки озодии онҳоро дар ҳаёти ҷамъиятӣ  бо мамнуният бинад. Бесабаб нест, ки аввалин асари пас аз иқилобии Садриддин Айнӣ ба ҳаёти занон бахшида шуда "Қизбола ё ки Холида"ном дошт, ки соли 1922 ба забони ӯзбекӣ навишта шуда, соли 1924 дар Берлин  ба чоп расидааст.[185]

Ба гуфтаи академик З. Раҷабов дар эҷодиёти доманадори Садриддин Айнӣ як силсила образҳои занони фаъолро дарёфтан мумкин аст. Масалан, образи Гулнор дар романи "Дохунда" акс ёфтааст..

Устод З. Раҷабов дар назди хеш вазифа гузошт, ки ба асарҳои таърихии баъд аз инқилобии Садриддин Айнӣ баҳои дурандешона диҳад.  Бо чунин мақсад З. Раҷабов қабл аз ҳама "Таърихи амирони Манғитияи Бухоро"ном асари Садриддин Айнӣ, ки дар ибтидо дар шакли очеркҳои таърихӣ навишта шуда, соли 1920-ум аввал дар саҳифаҳои маҷаллаи "Шуълаи инқилоб"нашр шуда буд, ба таҳлил мегирад.Пас аз  нав кор карда баромадан ин китоб соли 1923 дар шаҳри Тошкент ба нашр расид. Ин асари таърихӣ як давраи хонигарии Бухороро-аз салтанати Раҳимбӣ Оталиқ (1753-1758) то инқилоби халқи–демократии Бухоро (сентябри соли 1920) дар бар гирифтааст. Инчунин академик З. Раҷабов дар таҳқиқоти хеш боз чунин асарҳои таърихии Садриддин Айнӣ ба мисли "Қаҳрамони халқи оҷик –Темурмалик", "Исёни Муқаннаъ", ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз чоп баромада, характери ватанпарварӣ доштанд, таҳлили ҳамаҷониба кардааст.[186]

---

[185]С. Табаров. Дар бораи як асари фаромӯшудаи С. Айнӣ. Рӯзномаи "Коммунист Таджикистана", 21 маи соли 1957.
[186]Ниг. З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъияти сиёсии халқи тоҷик...,С 288-289.

Садриддин Айнӣ инчунин оиди таърихи пеш аз инқилобӣ ва пас инқилобии халқи тоҷик як зумра очерку мақолаҳои характери таърихӣ дошта навишта, ба саҳми хонандагони сершумор пешкаш намуд.Тавре ки устод З. Раҷабов зикр менамояд, дар асарҳои ин аллома масъалаи маданияти бою ғании халқи тоҷик дар қаламрави Осиёи Миёна қадимӣ будани он исботи илмӣ карда шудааст, ки ин ақида ҷавоби қотеъ ба он идеологҳои пантуркистон, ки мавҷудияти ин халқи бумиро дар ин қаламрав бешармона инкор мекарданд.

Садриддин Айнӣ бо номи "Намунаи адабиёти тоҷик" асари илман баландғояе навишт, ки он соли 1926 дар шаҳри Маскав аз чоп баромад.Ӯ дар ин асар намунаи адабиёти халқи тоҷикро дар зарфи ҳазор сол таҳлилӣ илмӣ намуда, ба пантуркистон нишон дод, ки дар ҳақиқат тоҷикон халқи қадимӣ буда, ҳеҷ вақт "форс" ё "туркони форсигӯй" набуда, балки аз халқи бумӣ ва мустақили Осиёи Миёна ҳастанд. Садриддин Айнӣ асасгузори насри даврони шуравист.

Тавре ки академик З. Раҷабов дар асари номбурда зикр намудааст, повести аввалини бунёдгари насри пас аз инқилобии халқи тоҷик Садриддин Айнӣ бо унвони "Одина"мебошад, ки нависанда ин асари хешро "Аз хотироти истибдоди гузашта, саргузашти як тоҷики камбағал"номидааст. Ин асар солҳои 1924-1925-ум аввал дар рӯзномаи "Овози тоҷик" порча-порча ба нашр расид. Он соли 1927-ум дар шакли китоби алоҳида аз дасти чоп баромад. То соли 1940-ум ин аср чор маротиба ба забони тоҷикӣ, се маротиба ба забони ӯзбекӣ ва забонҳои дигари халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ низ тарҷума ва чоп шуда, дастраси ҳаводорони таърих ва ҳаёти пеш аз инқилобии халқи тоҷик гаштааст.

Пас аз ин повест нависандаи номдор ба навиштани асарҳои барҷаста хома ба даст гирифта, комёб мегардад.

Асари бунёдии пас аз повести “Одина” навиштаи Садриддин Айнӣ романи “Дохунда” мебошад. Дар он вақт ин роман ба забони тоҷикӣ аввалин асар маҳсуб аст. Барои навиштани он нависанда ду сол, яъне солҳои 1927-1929-ро сарф кард, ки он бори аввал соли 1930 дар шаҳри Қазон чоп гардид.

Асари калони навбатии Садриддин Айнӣ романи “Ғуломон”мебошад, ки онро нависанда солҳои 1932-1935 ба забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ навишта, соли 1934 ба забони ӯзбекӣ ва соли 1935 ба забони тоҷикӣ ба нашр расидаст. Ин роман аз панҷ қисм иборат буда, нависанда таърихи халқи тоҷикро аз нимаи аввали асри Х1Х сар карда, то солҳои сиюми асри ХХ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.[187]

Дар повести дигари нависанда “Мактаби куҳна”асосан давраи бачагии ӯ, воқеаҳои аз сар гузаронидаи муттафаккир хеле моҳирона ва ҷозиб тасвир шудааст, ки аҳмияти калони тарбиявӣ дорад. Устод Садриддин Айнӣ, ки тамоми пуду тор ва ҳар як ҷузъиёти тангу торики шароити таълиму тарбияи дар он вақт ин “дабистон”-ро бо чашму ҳуши хеш дидаву санҷида буд, беҳуда онро “Мактаби куҳна” ном намонда аст. Дар мактаби куҳна наврасон озодона фикру андеша рондан наметавонистанд, агар дар ҳалли баъзе масъалаҳои ҳалталаб ҳақ бошанд ҳам, ҳеҷ гоҳ ба фикру андешаи устодон муқобил баромада наметавонистанд, ки ин усули таълими мактаби куҳна пеши роҳи инкишофи афкори мустақилонаи мактабхонҳоро мегирифт. Дар мактаби куҳна барои таълимгирандагон озодӣ вуҷуд надошт, ки баъдтар Садриддин Айнӣ чунин зикр кардааст:

“Мо имрӯз аз мактаб озод шудем. Ман дар умри худ ду озодиро дидам, яке соли 1917 дар вақте ки 42-сола будам, аз зиндони амир, баъд аз 75 чӯб хӯрдан, дуйӯм дар

---

[187]Ниг. З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии...,С.290-291.

вақти шашсолагиам, он рӯзеки аз мактаб озод шуда будем. Аммо, ба назари ман ҳардуи ин озодӣ ҳам аз якдигарашон ширинтар менамуданд”[188].

Аз рӯи ақидаҳои дурандешаи адабиётшиноси маъруф, академики миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадҷон Шукуров:” Дар баъзе асарҳои дигари Айнӣ, ки хурдтаран ва мавзуашон хеле маҳдуд аст, низ қувваи ифшокори тасвир ҳаргиз кам нашудааст. Масалан, аз повести “Мактаби кӯҳна”(1935) ба ин ҳақиқат бовар ҳосил кардан мумкин аст. Дар ин асар фақат дар мактаби ибтидоии деҳаи Соктаре хондани муаллиф тасвир шудааст.Нависанда дар ин повести хурд тартиботи мактаби куҳна, дурустар ин, ки бетартибиву бенизомии он, бесаводиву ноинсофӣ ва камтамизии муллои мактабдор, усули зоҳирбинии таълим ва тарбияи сахтдилонаро, ки аз дили кӯдакон ҳама эҳсосоти наҷибу нозукро берун карда, онҳоро бо роҳи дуруштиву бераҳмӣ ва ҷаҳолату нодонӣ мебурд, сахт ба зери тозиёнаи ҳаҷву тамасхур гирифтааст.”[189] Аз чунин гуфтаҳо бармеояд, ки“Мактаби куҳна”-и нависанда барои бачагон навишта шудааст, то ки мактаббачагони даврони нав аз шарту шароити вазнини дабистонҳои замони сулолаи манғития огоҳ шуда, нисбати ҷабру ситами онҳо ғазаб ва нафраташон афзуда, дар шароити озодӣ тамоми ғайрату ҳиммат ва истеъдоди худододи хешро баҳри азбар кардани илму ирфони дурандешӣ сарф намоянд.

Асари дигари таърихии Садриддин Айнӣ, ки повести “Марги судхӯр” ном дорад ба яке аз масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ ва равоншиносии қабл аз инқилоби пролетарӣ навиштааст. Дар ин асари худ нависанда образи як бойи хасису мумсик, ки фикру зикри ӯ аз ҳисоби

---

188 Садриддин Айнӣ. “мактаби кӯҳна”, Сталинобод, 1950, С.18.
189Муҳаммадҷон Шукуров. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ. Душанбе, нашриёти Ирфон”,1987, С.195.

мардум рӯз гузаронида, пулу сарвати зиёд ғун мекард, бо номи Қорӣ Ишкамба,ки дар байни омма бо нафрат ба забон гирифта мешуд, нишон додааст. Нависанда дар образи Қорӣ Ишкамба симои манфур ва образи намояндагони дунёи феодалии Осиёи Миёнаро, ки хуни халқро макида, аз ҳисоби мазлумон ҳаёти муфтхӯронаро мебурданд бо санъати баланд ва сухани тезу бурро нишн додааст,ки дар ин хусус академик З. Раҷабов дар асараш ботафсил сухан ронда, ба он баҳои баланди илмӣ додааст.

Айнишиноси машҳӯр профессор И. Брагинский моҳияти аслии образи Қорӣ Ишкамбаро дурандешона баҳо дода, ин қаҳрамони асари Садриддин Айнӣ "Марги судхур"-ро бо дигар як "мумсики классикӣ"- Гобсеки нависандаи машҳури франсиявӣ Балзак муқоиса карда, чунин хулоса бароварда буд:

"Образи Гобсек баробари инқадар манфуру қабоҳатнок буданаш чун қаҳрамони майдони манфиату даромади бедардимиён бо сангдилии фалокатовари худ даҳшат илқо мекунад. Ин образ образи подшоҳи тилло ва пул мебошад...

Қабоҳати образи қаҳрамони "Марги судхур"Қорӣ Ишкамба аз ин монданӣ надорад, вале ба мо даҳшат илқо намекунад, балки дар мо ҳисси нафрат ба вуҷуд меоварад ва мо ҳақириву нотавонӣ ва таърихан маҳкум шудани ӯро дарк мекунем. Ин подшоҳи тиллову пул набуда, ғуломи он аст".[190]

Қаҳрамони халқи тоҷик Садриддин Айнӣ баъд аз навиштани асарҳои калонҳаҷму мақолаҳои зиёди илмӣ-оммавӣ ва повесту романҳои оламшумул, дар охири ҳаёти хеш мақсад гузошта буд, ки китобе бо номи "Ёддоштҳо"навишта барои насли ояндаи халқи тоҷик чун ёдгории таърихӣ мерос гузорад. Мувофиқи нақшаи ӯ ин

---

[190]Муҳаммадҷон Шукуров. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ. Душанбе, нашриёти Ирфон", 1987, С.192.

китоб бояд аз 5-6 ҷилд иборат мешуд. Нависанда дар назди хеш мақсад гузошта буд, ки дар ин асари бисёрҷилда натанҳо саргузашти худро аз овони кӯдакиву ҷавонӣ ба риштаи сухан кашад, балки "ҳаёти ... табақаҳои гуногуни аҳолии шаҳри Бухоро ва машғулияти онҳо", рӯзҳои ҳаракат ба муқобили сохтмони амирӣ" ва "воқеаҳои...рӯзҳои Октябрро" фаро гирад.

Мувофиқи маълумоти академик Муҳаммадҷон Шукуров ин асари бузурги Садриддин Айнӣ нотамом монд. Соли 1948 нашри ҷилди якуми он сар шуда, ҷилди чорумаш соли 1954 як ҳафта пас аз вафоти ӯ ба чоп имзо шудааст. Воқеаҳои ҷилди 1V фақат ба соли 1902-1903, яъне ба арафаи инқилоби соли 1905 расидааст.[191]

Академик З. Раҷабов ниҳоят дуруст ва ҳақиқатнигорона ба ин асари Садриддин Айнӣ баҳо дода зикр кардааст, ки "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ тарҷимаи ҳоли ибратбахши шахсе ҳаст, ки таҷрибаи бою ғании ҳаётӣ дорад. Аз ин рӯ аҳамияти ин асар барои таърих ва махсусан тахрихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна дар охири асри X1X ва оғози асри XX шоистаи таъриф аст. Дар ин асари нависандаи намоёни халқи тоҷик аморати Бухоро бо усулу рафтори мустабидонааш, бо худсарии амалдорон, гумроҳии руҳониён, бо тарзи ҷазодиҳиҳои мудҳиши асримиёнагӣ, бо фақирӣ ва беҳуқуқии табақаҳои меҳнаткаши аҳолӣ дар пеши назари мо муҷассам мешавад. Барои хонандаи сершумор ва доимӣ махсусан он бобҳои "Ёддоштҳо" моҳияти калон дорад, ки дар онҳо оид ба ҷиҳатҳои маънавии Бухорои феодалӣ фикру ақидаи ҳақиқатан реалӣ ронда мешавад. Нависанда доир ба шароитҳои вазнини мадрасаҳои Бухоро бештар диққат дода, арбобони пешқадами онрӯзаи Бухороро ва саъю

---

[191] Муҳаммадҷон Шукуров. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ. Душанбе, нашриёти Ирфон",1987, С. 216.

кӯшиши онҳоро барои паҳн намудани баъзе унсурҳои маориф ва маданияти дунявӣ нишон медиҳад. Дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ манзараи дуруст ва ҳақиқии ҳаёти табақаҳои гуногуни ҷамъияти Бухоро таҳлили худро ёфтааст.[192]

Умуман, як зумра олимони фанҳои ҷамъиятӣ ба хулосаи мантиқие омаданд, ки Садриддин Айнӣ намоёнтарин нависанда ва арбоби мактаби маорифпарварӣ буда, дар фаъолияти эҷодии хеш нуқтаи назари маорифпарварии Аҳмади Донишро бо муваффақият ва шоиста идома дод ва шогирду пайравони хешро низ тарбия намуд.

## 5.Обзори мухтасари фаъолияти маорифпарварони ӯзбек

Академик З. Раҷабов дар асаре, ки “Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуйӯми асри Х1Х ва аввали асри ХХ” ном дорад, масъалаи фаъолияти маорифпарварони барҷастаи халқи тоҷик дар охири асри Х1Х ва ибтидои аси ХХ  ба мисли Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин, Тошхӯҷа Асирӣ ва Садриддин Айниро таҳқиқ намуда, дар айни замон тамоман мантиқона ба хулосае меояд, ки дар ҳамин вақт низ маорифпарварони маълуму машҳури халқи ӯзбек ба мисли Фурқат,  Муқимӣ, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ масъалаи маорифпарвариро дар байни омма ба воситаи асарҳояшон ташвиқу тарғиб мекарданд. Чунин ҳамбастагӣ сабаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дошт, яъне дар ҳамин давра қисми Осиёи Миёна ба Русияи подшоҳӣ, ки сохти капиталистӣ ҳукмфармоӣ дошт, дар чунин сохти маъмурӣ ва сиёсӣ генерал-губернатори Туркистон ҳамроҳ карда шуд. Чунин дигаргуниҳои

---

[192]Ниг. З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъияти сиёсии...,С.292-293.

иқтисодиву сиёсӣ дар байни маорифпарварони тоҷик ва ӯзбек як навъ ягонагӣ ва баҳамойии ғоявиро бавуҷуд овард. Ҳам маорифпарварони тоҷик бо сарварии Аҳмади Дониш ва ҳам ӯзбек дар асарҳояшон бо ду забон афкори маорифпарвариашонро изҳор мекарданд.

Ба ақидаи нависандаи барҷастаи халқи тоҷик Садриддин Айнӣ:”Шумо ба хубӣ медонед, ки ӯзбекҳо бародарони дерини мо мебошанд.Тақрибан 500- 600 сол пеш аз Октябри Кабир ҳеҷ як шоир ва адиби ӯзбек набуд, ки забони тоҷикиро намедониста ва адабиёти тоҷикро дӯст намедошта бошад. Магар маълум нест, ки Навоӣ,Турдӣ, Муқимӣ, Фурқат ва бисёр шоирони ӯзбек забони тоҷикиро хеле хуб медонистанд ва дар забони тоҷикӣ низ шеърҳои хеле дилкашу зебо гуфтаанд...Забонҳои мо дигар буда, аммо ихтилофи забонҳо тоҷикон ва ӯзбеконро аз ҳамдигар дур карда наметавонист, чунки аксарияти тоҷикони Фарғона, Самарқанд ва Бухоро аз кӯдакӣ забони ӯзбекиро медонистанд”.[193]

Тавре ки устод З. Раҷабов ниҳоят дурандешона ва бо такя ба маводҳо ва сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ ба хулосае омадааст, ки маорифпарвари бузурги халқи тоҷик Аҳмади Дониш дар Бухоро ҳамеша бо аҳолии заҳматкаши ӯзбек алоқаи зич ва рафтуомад доштааст. Аз ин рӯ, вай забони ӯзбекиро хуб азбар карда буд. Ба ин восита ӯ адабиёти класикии ӯзбекро ба хубӣ медонист, бо адибони ин халқ робитаи доимӣ дошт. Маълум, ки ин нобиға дар асарҳояш сохти феодалӣ ва тираву тори сулолаи манғитияро беибо ба зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Аммо ӯ дар бораи ӯзбекҳо, дар хусуси ӯзбекони меҳнаткаш, ранҷидаю ситамкаш бо муҳаббати самимона сухан рондааст.

---

[193]Иқтибос аз З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С. 296.

Шоирон ва шогирдони Аҳмади Дониш, маорифпарварон Шамсиддин Шоҳин ва Тошхуҷа Асирӣ забон ва ададиёти ӯзбекиро бо хубӣ дониста, асарҳои адибони ӯзбекро ба забони халқи тоҷик тарҷума намуда, дастраси хонандагони дирӯзу имрӯзи халқи худ кардаанд.

Устод З. Раҷабов дар ин қисми асараш фаъолияти маорифпарварон ва адибони халқи ӯзбекро дар нимаи дуюми асри Х1Х ва аввали асри ХХ алоҳида мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст, ки ба ақидаи мо ниҳоят зарур ва дар ҷояш аст. Зеро чунин тарзи масъалагузорӣ таҳлилу таҳқиқ баҳри нишон додани якфикрӣ ва якмаромӣ ва умумияти нуқтаи назар ва ғояҳои дар он замон пешқадами халқи тоҷик ва ӯзбек айни муддаост.

Дар замони ҳукмронии сохти феодалӣ мафкураи исломӣ, яъне мафкураи ҳукмрон буд, дар замони бавуҷуд омадани муносибатҳои капиталистӣ, ки пас аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия амалӣ гашт, дере нагузашта ба муқобили ин ҷаҳонбинӣ ҷаҳонбинии нав ба майдон мебарояд, ки характери маорифпарварӣ ва демократӣ дошт. Яке аз маълумтарин намояндаи мафкураи исломӣ-шоири ӯзбек Ҳазинӣ буд, мазмуни эҷодиёти вай афсус хӯрдан аз умри гузаранда, дур истодан аз неъматҳои моддӣ ва побанд гаштан бо орзуҳои охират ва ғайра иборат буд. Фаҳмиши ҷамъиятии ин шоир инсонро ба тарки дунё кардан оварда мерасонд.

Шахси дигаре, ки дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ҷаҳонбинии феодалӣ-диниро ба тарзи хеле васеъ ба қалам додааст, шоири дигари халқи ӯзбек Муҳий мебошад.Ӯ дар асараш “Зилзилаи Андиҷон” изҳор кардааст, ки ин воқеаи табиӣ дар асоси ғазаби Худо рух дода, ин шаҳри бузурги сернуфус ва маркази тиҷорат барои ҳамин маҳву бо замин яксон гардид, ки мардуми он Худо ва динро аз хотир баровarданд. Чунин кайфияти динӣ-тасаввуфӣ танҳо ба шоири дарборӣ Муҳий ва шоири

ҳасраткаш Ҳазинӣ хос набуда, ҳатто дар осори Шавкат барин як шоире низ, ки адабиёти ӯзбекро бо шеърҳои лирикии худ бисёр ғанӣ кардааст, вомехӯрад.

Аз рӯйи нишондоди академик З. Раҷабов мавзуи асосии ашъори Ҳазинӣ, Муҳйӣ, Шавкат, Дилкаш, Азимхӯҷа, Ҳавоӣ ва дигарон- бадбинии амиқ, тасаввуф аз неъматҳои дунёвӣ чашм пӯшидан, шикояти доимӣ аз "вайрон" шудани қоида ва қонунҳои мусулмонӣ ва ғайра аст. Умуман, дар ашъори чунин шоирон кайфияти як тӯда ашхоси феодалӣ-клерикалии Туркистон дар замони мустамликавӣ акс ёфтааст.Устод зикр намудааст, ки барои асоснок кардани фикру андешаи гуфта кӯшиш мекунем, ки хонандагони худро ҳеҷ набошад ба таври умумӣ бо эҷодиёти ифодакунандагони намоёни фикри пешқадами ҷамъиятии Ӯзбекистон дар охири асри Х1Х ва аввали асри ХХ, аз қабили Фурқат, Муқимӣ ва Ҳамза Ҳакимзода шинос намоем. Онҳо бо шоирон ва мутафаккирони халқи тоҷик паҳлу ба паҳлу зиндагонӣ карда, бо якдигар робита дошта, асарҳое ба вуҷуд оварданд, ки дар онҳо халқҳои Осиёи Миёнаро ба мудофиаи ҳуқуқҳои инсонии худашон, ба пешрафти маданӣ, ба аз худ кардани маданияти халқи рус даъват мекарданд.[194]

Академек З. Раҷабов дар асари хеш очерки мухтасари таърихие доир ба яке аз шоир ва маорифпарвари намоёни нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ халқи ӯзбек Фурқат бахшидааст. Дар ин очерк аввал доир ба давраи кӯдакӣ ва наврасии шоиру мутафаккири ояндаи халқи ӯзбек Фурқат маълумот дода мешавад. Фурқат соли 1858 дар шаҳри Қӯқанд дар оилаи тоҷири майда чашм ба дунёи ҳастӣ воменамояд. Азбаски падари ӯ аҳли савдо буд, мехоҳад, ки фарзандаш низ саводнок шуда, чун аҳли савдо

---

[194]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С.303-304.

дар қабаташ буда, дар шароити ба Осиёи Миёна дохил гаштани капитали рус минбаъд ба тоҷири намоён табдил ёбад. Ва бо ҳамин ният падараш ӯро ҳоло дар синни шашсолагӣ ба мактаб мемонад. Аммо, Фурқат аз хурдсолӣ шавқу ҳавасаш ба мутолиаи эҷодиёти шоиру нависандагони Осиёи Миёна равона карда мешавад. Шоири ояндаи халқи ӯзбек дар тарҷумаи ҳоли хеш гуфтааст, ки ҳанӯз дар синни ҳаштсолагиаш асарҳои Аттор, Ҳофиз ва Бедилро хонда метавонист. Дар синни даҳсолагиаш шеърҳои чунин шоирони намоёни ӯзбек ба мисли Алишер Навоӣ ва  Фузулиро хонда, азёд мекард.

Мувофиқи маълумоти  устод З. Раҷабов, Фурқат таҳсилро идома дода, дар синни 14-солагӣ мактабро ба итмом расонида, ба мадраса дохил мешавад ва дар он ҷо се соли ҳаётро сарфи дониш карда, баъд таҳсилро ба итмом норасонида, боз бо падараш машғули савдо мешавад, ки ин соли 1875 дар давраи аз тарафи Русия истилои водии Фарғона рух дода буд. Ҳукумати подшоҳии рус ҳаракати зиддимустамликадорие, ки онро Пӯлодхон сарварӣ мекард, ниҳоят бераҳмона пахш карда, Қӯқандро ишғол намудва ба ҷои хонигарии Қӯқанд генерал-губернатории Фарғонаро таъсис дод. Фурқат шоҳиди чунин воқеаҳо буда, бино ба хабари ӯ  ба унвони  “Шӯриши қипчоқҳо  дар хонигирии Қӯқанд” асари бадеие навишта буд. Фурқати 21-сола бо даъвати амаки савдогараш ба Марғелон рафта, ба савдо машғул мешавад. Дар ин ҷо низ ҳамагӣ се сол кор карда, сипас ба Ватани хеш баргашта,ба  таври ҷиддӣ ба адабиёт машғул мешавад[195].

Пас аз он ки Фурқат худро ба чуқур аз бар кардани адабиёт ва навиштани шеър дода шуд, бо шоирони Фарғона ба мисли Муқимӣ, Завқӣ ва Нисбат дӯстӣ пайдо карда, пайваста доир ба шеъру шоирӣ баҳсҳо мероростанд.

[195] Ниг.З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С. 306.

Дар ҳамин муддат Фурқат ҳикояти машҳури “Чор дарвеш”-ро аз забони тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст ва ба забони ӯзбекӣ “Нӯҳ ман зар” ном маснавӣ эҷод кардааст.

Мувофиқи шароити онвақтаи замон ҳаёти шахсии Фурқат доимо дар дигаргунию ҳарҷоравӣ ва тағйири кору бор мегузарад, гарчанде ки дар вазъияти ҳархела дучор омада бошад ҳам, ӯ аз омӯхтани мероси адабии гузаштагони тоҷику ӯзбек даст накашида, онро боз бо шавқу завқи зиёд ва эҷодкорона азбар мекард. Баъд аз чанд соли дигар ӯ Қӯқандро тарк карда, бо даъвати дӯсташ савдогари дерина Муҳаммад Шариф ба Марғелони куҳна рафта, ба касби савдогарӣ машғул мегардад. Дар шароити вуҷудияти генерал-губератори Туркистон як рӯзномае бо унвони “Туркистон вилоятининг газетасӣ”, ки дар саҳифаҳои он ҳаёти дохилӣ ва хориҷии кишвари Осиёи Миёна ба қалам дода мешуд, ки онро Фурқат доимо мутолиа мекард. Ва минбаъд ашъори адабии худро дар он рӯзнома чоп мекард.

Устоди гиромиқадр З. Раҷабов дар асари хеш бо мисолу далелҳо нишон додааст, ки оҳиста-оҳиста ҷуғрофиёи зиндагиву эҷодиёти ин шоири адолатхоҳ ва маорифпарвару нававар Фурқат дар шароити ба Осиёи Миёна ворид гардидани муносибатҳои капиталистӣ васеъ мегардид. Масалан, бори нахуст соли 1890 Фурқат ба воситаи шаҳри Хуҷанд ба маркази маъмурӣ ва сиёсии кишвари Туркистон шаҳри Тошкент ба назди дӯсти давлатмандаш Ҳоҷӣ Аъзам рафта, ҳаёт ба сар мебарад. Пас аз як сол, яъне соли 1891 ӯ ба Самарқанд, Боку, Истамбул, Арабистон (Макка) ва Мисру Булғория сафар кардааст. Дар бозгашт аз Макка дар Бомбай, Деҳлӣ, Хутан ва дар Ёркент (Қошқар) ҳаёт ба сар бурдааст.Соли 1885 бошад Фурқат дар Боку, Харков,Тбилисӣ, Маскав ва Петербург буда доир ба Кремл, қасрҳои атрофи Петербург, ганҷинаи

Третяковский, дар бораи музейҳо ва китобхонаҳои Русия, дар бораи Эрмитаж ва дигар ҷойҳои намоёни таърихӣ шеърҳо эҷод кардааст.

Дар муддати истиқомати сесолааш дар Истамбул ва Ҳиндустон ӯ вақти хешро ба мутолиа сарф кардааст ва дар Ҳиндустон баъзан ба омӯхтани илми наботот шуғл варзидааст. Охирин макони истиқоматии Фурқат Ёркент (Қошғар) буда, мутафаккир соли 1909 дар он ҷо дар синни 51 аз ҳаёт чашм пӯшидааст.[196]

Ҷаҳонбинӣ ва ғояҳои Фурқат дар ҳамон замон оид ба муносибати ӯзбекон ба Русия ва ба маданияти халқи рус, наздик шуда якдигарро бой кардан буд. Вақте ки ӯ аз шаҳрҳои маҳаллии водии Фарғона ба шаҳри Тошкент меояд ва тараққиёти ҳамаҷонибаи онро бо чашмони худ мебинад, дар ҳайрат мемонад. Махсусан, Фурқат гимназияи шаҳри Тошкентро аз наздик мебинад ва бо мактабҳои водии Фарғона муқоиса мекунад, ба хулосае меояд, ки дар ҳақиқат муассисаи таълимии рус, ки дар он ҷо илмҳои дунёвӣ ва забонҳои зиёди аврупоӣ омӯхта мешаванд, фарқи калон дорад. Ва дар дил орзу мекард, ки шумораи чунин гимназияҳо дар Осиёи Миёна афзояд ва ҷавонони ин ҷо, аз ҷумла ӯзбекон дар ин таълимгоҳ таҳсил намуда, соҳиби илму маърифати дунявӣ шаванд. Дар шароити онвақтаи ин кишвар танҳо ягона шахсе, ки доир ба маданияту мактаби рус чунин ақидаҳои мусбӣ дошт, шоир Фурқат буд.

Аҳли дину шариат дар байни омма дар бораи русҳо ва Русия бо кинаву адоват ва нафрат гуфтугӯ мекарданд, аммо маорифпарвар Фурқат аз ин табақаҳои ҷамъият натарсидаву наҳаросида рӯйрост фикру андешаи худро чунин ифода мекард:"Агар халқи рус омӯхтани забон ва хату саводи худро ба мо таклиф мекарда бошад, бо ин кор

---

[196] Ниг.З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С. 308.

зарари моро намехоҳад, ӯ мехоҳад, ки мамлакати мо тараққӣ кунад, мардуми мо бо серию пурӣ ва осудагӣ зиндагонӣ кунад. Халқи рус ҳамеша ғами моро мехӯрад, ки мо таъмин ва розӣ бошем."[197]

Фурқат ба ҷуз шаҳрҳои генерал-губернатори Туркистон, манбаъҳои илмиву маърифатӣ, инчунин бо як шавқу завқи ба худ хос ба театрҳои русӣ рафта, намоишҳои дар он ҷо доир шударо бодиққат тамошо карда, ба худ хулосаҳои мусбӣ мебаровард. Ин шоири тезбину тезфаҳм намоишҳои театри русро бо ҳунарҳои масхарабозони ӯзбекон муқоиса карда мегӯяд:"Тамошо ва ҳунарҳое, ки онҳо нишон медиҳанд, мисли масхарабозиҳои мо маҳз аз барои ханда набуда, балки аз барои ибрат будааст. Дар тамошоҳои онҳо бозии айб ё сухани айб ҳаргиз намешудааст."

Агар мо,- мегӯяд З. Раҷабов,- "артистон"-и ӯзбеки замони Фурқатро, бозӣ ва маъракаҳои ононро дар майдончаҳои бозор ва дар сайргоҳҳо ба хотир биоварем ва инро ҳам ба эътибор бигирем,ки мутаассибони динӣ касби артистиро кори "ҳаром" мешумурданд, беихтиёр кас ба ҷасорате, ки Фурқат нишон дода, ба театри рус баҳои мусбат медиҳад, ҳайрон мемонад.[198]

Ба ғайр аз театрҳо, Фурқат ба клубҳо ва дигар ҷойҳои маданӣ- маърифатии русҳо дар шаҳри Тошкент рафта, ба чорабиниҳои ҳарвақта ва гуногунрангиин халқ аз наздик шинос шуда, аз он ба худ як лаззати маънавӣ мегирифт. Ва ин лаҳзаҳои фаромӯшнашавандаро дар шеърҳояш таҷассум мекард ва мардумро ба он даъват мекард, ки аз маданияти пешқадами рус баҳра баранд ва аз русҳо тарсу ҳарос накунанд.

---

[197]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С.316.;"Туркистон вилоятининг газети ",14 апрели соли 1891.
[198] З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С. 317.

Фурқат дар эҷодиёташ чунин зикр када буд:”Ман ба клубҳои шаҳри Тошкент рафтани якчанд мусулмононро дидам ва шунидам. Ба фикри ман ин гуноҳе надорад, балки баръакс, ба мо халқи мусулмон тарзи маишати Русияро дида, корҳои хурсандиовар ва марғуби онҳоро бо корҳои худамон қиёс карда тақлид намудан лозим аст.”[199]Тавре ки аз ин ҳуҷҷат бармояд, маорифпарвар Фурқат аз наздик ба маданияти халқи рус шинос шуда, онро дурандешона баҳо дода, мардуми мусулмонро даъват менамояд, ки ба он наздик шаванд.

Академик З. Раҷабов дар асари хеш дар асоси факту рақамҳои боваринок ва муфид фикру андешаҳои пешқадами шоири маорифпарвари хақи ӯзбек Фурқатро дар бораи аз ҷониби халқҳои кишвари Осиёи Миёна маданияти халқи русро эътироф намуда, аз он ҷиҳатҳои умумибашариашро қабул карда, дар ҳаёт истифода бурда шавад,ҷонибдорӣ намудааст.

Ба фикру андешаи устод З. Раҷабов шоири реалист Фурқат манзили зисти генерал-губернатори кишвари Туркистонро низ таърифу тасниф намуд, зеро ӯро ба ин ҷо борҳо ба бал таклиф карда буданд. Ба вай маъқул шудани бал баҳри хушомадгӯӣ ба генерал- губернатор набуд, балки барои он буд, ки ӯ сохт ва асбобу ускунаи европоии хонаҳоро, бетакаллуфии меҳмонҳоро ва саргармию дилхушии онҳоро дида писандид. Махсусан, бо мардҳо дар як ҷо гирд омада, суҳбат оростан ва ҳатто бо онҳо рақсидани занҳо ва ғайра ӯро ба тааҷҷуб оварда буд.Ӯ орзу мекард, ки занҳои ӯзбек, аз ҷумла хоҳаронаш низ зиндагии озод ва аъзоёни баробарҳуқуқи ҷамъият бошанд.

Фурқат ба виставкаи саноатӣ рафтани худро хеле аниқу равшан чунин тасвир мекунад. Ҳар як чизи ба намоиш гузошташуда боиси мароқи вай мешавад. Ӯ дар якчанд манзумаи хеш ин намоишро ботафсил ба қалам

[199]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С.316.;”Туркистон вилоятининг газети “, 1981,№ 23.

медиҳад ва завқу мароми худро аз самими қалб баён мекунад. Вай менависад, ки замони наве фаро расидааст, “ баҳои онро бо симу зарҳо муайян кардан мумкин нест”.[200]

Баҳри баҳо додан ба эҷодиёти адабии Фурқат манзумаи бузурги ӯ бо номи “Суворов”хизмат мекунад. Тавре ки академик З. Раҷабов зикр кардааст, таърихи эҷод намудани ин манзума чунин мебошад: Маълум, ки шоир Фурқат на таърихи Русияро медонист ва махсусан тарҷумаи ҳоли сарлашкари бузурги русро. Аммо ӯ 5-уми октябри соли 1890 дар театри русии шаҳри Тошкент аз ҳаёти Суворов як песаи дар руҳи либералӣ навишташудаеро дид. Фурқат дар натиҷаи таъсири ин асари саҳнавӣ манзумае навишта, дар он ҷо аз дарбор дур карда шудани Суворовро махсусан қайд мекунад.[201]

Академик З. Раҷабов ба ақидаи мо дар асари худ хизмати шоир ва маорифпарвари ӯзбек Фурқатро баҳои ҳаққонӣ дода, аз ҷумла гуфтааст, ки хизмати Фурқат аз ҳамин иборат аст, ки ӯ ҳоло соли 1890 халқи хешро бо лашкаркаши маълуму машҳури рус Суворов бори аввал шинос кардааст, ки то он дам халқи ӯзбек дар бораи ӯ ягон тасаввуроте надошт. Барои то ин дараҷа ба таври холисона тасвир ва баҳо додани образи лашкаркаши рус ҷасорати қавӣ лозим буд. Фурқат бузургии лашкаркаши русро дар амалиёти ҳарбӣ нишон дода, дар айни замон фурутании ӯро низ махсусан ба қалам додааст. Хонандаи ӯзбек ба воситаи ин манзумаи Фурқат на танҳо лашкаркаши бузург будани Суворов, балки аз тартиботи Павели I норозӣ будан ва бинобар ин хеле вақт аз кор дур кардани ӯро ҳам дониста гирифт. Устод сад фоиз ҳаққаст, ки фармудааст,- ҷамъияти онрӯзаи мусулмонон ин кӯшиши олиҷаноби

---

[200] З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С.316.;”Туркистон вилоятининг газети “, 1891, № 5.

[201] З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С.316.;”Туркистон вилоятининг газети “, 1891, № 5.

Фурқатро фаҳмида натавонистанд. Аз ин рӯ, ӯро кофир, ҷонибдори дини христианӣ, хоини ислом ва ғайра гуфта бадном мекарданд.[202]

Дар асл бошад шоир Фурқат дар шароити ниҳоят сахту қувваҳои иртиҷоӣ, мустамликадорӣ ва таассуби динrealие, ки дар ҳамон замон дар кишвари Туркистон ҳукмрон буд, натарсидаву наҳаросида тарғибгари ғояҳои дӯстии халқҳои Осиёи Миёна маҳсуб буд. Фурқат Русия ва маданияти пешқадами халқи русро меписандид ва дар кишвари Туркистон ӯ тарғибгари бо ин маданият ошно шудани мардуми ин сарзамин ба ҳисоб мерафт. Аммо, Фурқат ҳоло сиёсати мустамликадории Русияи подшоҳиро дар Осиёи Миёна фаҳмида, баҳо дода наметавонст.

Дар эҷодиёти адабии Фурқат хонандахарактери интернатсионалӣ доштаи онро яқин пай мебарад.Ӯ хусусан ба адабиёти тоҷик таваҷҷуҳи зиёд дошта, асарҳои адибони моро мутолиа кардаю ба он баҳои сазовор медод, зеро ин шоири мумтоз забони тоҷикиро бахубӣ медонист ва ба ин забон ҳатто шеър менавишт, асарҳои адибони тоҷикро ба забони ӯзбекӣ тарҷума мекард, ки дар ин хусус академик З. Раҷабов дар асарашон маълумоти зарурӣ додааст.

Шоир, маорифпарвари дигари халқи ӯзбек, ки дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ-ум дар шароити вазнини мустамликадорӣ ва тартиботи феодалӣ ҳаёт ба сар бурда, дар хориву зорӣ, серу нимсер асар эҷод кардааст, Муқимӣ ба ҳисоб меравад, ки устод З. Раҷабов дар асари худ, доир ба фаъолияти доманадори эҷодии ӯ сухан гуфта, ба таври илмӣ таҳлилу таҳқиқи чуқур кардааст. Ба гуфтаи устод, ин шоири ҳақиқатҷӯ намояндаи дилсӯзи манфиатҳои табақаҳои поёнии ҷамъият буда, дар зиндагии начандон дарози хеш, аз аҳволи вазнини аҳли заҳматкаш воқиф буда, онро мавзуи асосии эҷодиёт қарор

[202] Ниг.З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии..., С.323.

дода аст. Муқимӣ дар эҷодиёташ иллату нуқсонҳои замони худро ҷасурона ба зери тозиёнаи танқид мегирифт. Саволе ба миён меояд, ки бо кадом сабаб ӯ ба ин масъалаи дар он замон маълум бештар диққат карда, табақаҳои истисморгар ва намояндагони дину мазҳабро чашми дидан надошт? Зеро Муқимӣ дар ҳаёти нисбатан кӯтоҳи хеш нобаробарии иҷтимоии ҷамъиятиро натанҳо дар тарзи зисту зиндагонии муздурон дида санҷидааст, балки худаш ҳам дар ин шароити сахт қарор дошт.

Дар асари академик З. Раҷабов метавон доир ба тарҷумаи ҳоли мухтасари шоири ҳаҷвнавис Муқимӣ ошно гашт. Мувофиқи маълумотҳои устод, Муҳаммад Аминхоҷа писари Мирзохоҷа, ки дар адабиёт бо тахаллуси Муқимӣ машҳур аст, соли 1851 дар шаҳри Қӯқанд дар оилаи нонвой чашм ба дунёи ҳастӣ мекушояд.Ӯ дар яке аз мактабҳои Қӯқанд дохил шуда баъд ба “Хоним Ойим” ном мадрасаи Қӯқанд таҳсили илм мекунад ва муддате дар Бухоро ва Тошкент (мадрасаи Кӯкалтош) машғули дарс мегардад. Муқимӣ дар Қӯқанд, дар мадрасаи “Ҷаноби Ҳазрат” ҳуҷрае иҷора карда, мероси ночизеро, ки аз падараш монда буд, рад намуда, то охири умр бо адабиёт машғул мешавад. Дар ҳаёт ӯ асосан бо савдогарони майда, бо ҳунармандон ва намояндагони қисмҳои камбағалу бенасибаи аҳолии шаҳр алоқаи дӯстӣ дошт.

Наздиктарин дӯсту ҳампешаҳои Муқимӣ аз шоирони ҳамзамон Фурқат, Нисбатӣ, Насриддинхоҷа ва дигарон маҳсуб буданд. Ӯ хонадор буда Абубакрхоҷа ном писаре дошт. Муқимӣ 15-маи соли 1903 дар Қӯқанд аз олам чашм пӯшид.[203]

Устод З. Раҷабов роҳи тайкарда ва эҷодиёти Муқимиро таҳқиқу таҳлил карда, ба хулосаи дар ҳақиқат илмӣ омада, арз кардааст, ки Муқимӣ ҳамчун шоир-демократ дар байни ҳамқаламонаш симои ба худ хосеро

[203]Ниг.З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии..., С.327.

дорост.Ҳаракати демократӣ дар эҷодиёти ӯ бо анъанаҳое вобаста аст, ки дар адабиёти ӯзбек ҳанӯз чандин вақт пеш аз вай дар эҷодиёти Навоӣ (1441-1501), шоири охири асри XVII Турдӣ ва шоири давраи хони Қӯқанд-Умархон (1810-1822) Гулханӣ ва дигарон мавҷуд буданд. Муқимӣ бо осори чунин шоирон шинос ва дар таҳти таъсири онҳо будааст.

Ин шоири мубориз, ки ҳамеша ба муқобили беадолатии иҷтимоӣ мубориза мебурд, дар "Баҳорон" ном шеъраш ниҳоят афсус мехӯрад, ки дар атрофи вай "суруди булбул шунида нашуда, фақат фарёди зоғ ба гӯш мерасад."Ӯ худро "гадо" номида афсус мехӯрад, ки"давр тангу даврон ҳамчун зиндон тиpаву торик аст".

Ҳасратам бе интиҳову дар дил армонам зиёд!

Дар ҷои дигар Муқимӣ аз ҳолу аҳволи худ нолида мегӯяд:

Хотирам ношод, табъам ланҷ, ғаш доим дилам,
Иштиҳо кам, қувватам не, зарра дармон ассалом.

Ба назар шоири нуктасанҷ ва адолатхоҳ худро яке аз бенавоён менисандад ва мегӯяд, ки либоси худро бо ашкҳои хунини худ рангин кардан мехоҳад.

Муҳити буғикунандаи ҳаёти ҷамъиятӣ, муҳити кинаву адоват, ки дар байни табақаҳои давлатманди аҳолӣ ҷой доштааст, доир ба дӯстӣ дар дили шоири баландэҳсос, ҳасрати бузурге ба вуҷуд меорад. Ӯ дар байни омма муносибатҳои оддиву беғараз ва орӣ аз ҳар кинаву кудурратро тарғиб мекунад, дар фикриояндаи рушан мебошад. Дар ғазалҳои ӯ самимияти ҳиссиёти шоир дида мешавад, ки дар роҳи саодат ва хушбахтии мамлакати худ бисёр ашк рехтааст.

Муқимӣ дар ҳаёти начандон дуру дарози худ кӯшиш мекард, ки дар вақти ба худ қулай ва фурсатбоб барои аз наздик омӯхтани ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми бенаво ба шаҳру деҳаҳои водии Фарғона, ки аз

ҷониби артиши ҳукумати подшоҳӣ ғасб карда, ба генерал-губернатори Туркистон ҳамроҳ карда шуда буд, рафта аз наздик шиносоӣ пайдо намояд. Зеро пас аз ин воқеаҳои сиёсӣ мардуми заҳматкаши водии Фарғона ба зулми дутарафаю сетарафа гирифтор шуда буданд. Шоир дар "Ариза ба хон"ном манзумааш аҳволи яке аз деҳаҳои вайрону валангор ва хароб кардашудаи водии Фарғона-деҳаи Хафолакро ниҳоят бо санъати баланди шоиронааш равшану моҳирона тасвир кардааст. Вақте ки хонанда ба ин манзума шинос мешавад ва бо зуддӣ пай мебарад, ки ҳақиқат шоир Муқимӣ шароити вазнин ва тоқатфарсои мардуми маҳалро ниҳоят чуқур омӯхта, рафтори ношоиставу зидди халқии амалдорони маҳаллию русро сахт танқид кардааст.

Шоир Муқумӣ дар ашъори худ ба суроғаи "соҳибон"-и ҳукумати мамлакат суханони тунду тези таъсирбахш баён карда, худсарии онҳо ва дар байни омма вуҷуд доштани нобаробариро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ошкор менамояд. Маорифпарвар дар манзумаи худ шароити вазнини оммаи меҳнаткашро ҳаққонӣ ва боварибахш тасвир карда, хашму ғазаби хонандаро нисбат ба амалдорони ҳукумати подшоҳии рус ва бою руҳониёни маҳаллӣ бармеангезад. Вақте ки вай дар асараш амалиёти ғоратгаронаи истисморгаронро нисбат ба меҳнаткашон ба риштаи сухан медарорад, душмании онҳоро рӯйрост фош мекард.Ҳар як байти шеърҳои шоири ҳақиқатҷӯй бо қаҳру ғазаб нисбат ба доираҳои ҳукмрону идеологҳои онҳо, яъне намояндагони дину мазҳаб равона карда шуда буд.

Муқимӣ дар ашъори ҳаҷвияш амалдорони маҳкамаҳои давлатиро ашхоси худтаърифкуну лофзан номида, онҳоро таънаю маломат мекунад. Онҳо дар содир кардани айбу нуқсонҳо аз якдигар фарқе надоштанд:"Яке аз онҳо ҳиллагар буда, ҳама гапҳояшон дурӯғ аст ва дигаре кундфаҳм ва гавдахар мебошад..."Ба гуфтаи шоир, ин

амалдорҳо насабашонро ба ягон авлиё, шайх ва эшони машҳури гузашта нисбат дода ва худро диндор нишон дода дурӯғҳо мегӯянд, зулму тааддиҳо мекунанд ва нисбат ба меҳнаткаш ҳаргуна зулму тааддиҳоро раво мебинанд.[204]

Ҳофизи бузургвор дар ҳаққи чунин одамон мисраи таъсирбахше гуфтааст:"

Некномӣ хоҳӣ, эй дил, бо бадон суҳбат мадор,

Худситоӣ, ҷони ман, бурҳони нодонӣ бувад.

Бояд иқрор гашт, ки Муқимӣ дар ашъораш дар Осиё Миёна ба вуҷуд омадани муносибатҳои капиталистӣ, ки нисбат ба муносибатҳои феодалӣ пешқадамтар аст, дуруст дарк карда, баробари ин ҷабҳаҳои манфии чунин сохти нави ҷамъиятиро дар асоси фаҳмиши худ тасвир намудааст.

Тавре ки академик З. Раҷабов куллан дуруст хулосабарорӣ кардааст,ҳеҷ ягон аз табақаҳои истисморкунандагон дар тасвири бадеии Муқимӣ сифатҳои мусбат надошта, балки баръакс тамоми онҳо ба ҳамчун сифатҳои ниҳоят манфӣ ба қалам дода шудаанд, ки демократияи Муқимӣ дар ҳамин ҷо зоҳир мешавад.

Масъалаи дигаре, ки Муқимӣ дар ашъораш ҷой додааст, ин танқиди зиндагонии уламои мусулмони Кишвари Туркистонро ба зери танқиди реалӣ гирифтан аст. Ашхосе, ки ягон илму дониш надоштанд, ҳатто аз илмҳои динӣ бехабар буданд, худро олим ва раҳнамои маънавии халқ қаламдод карда, аз пеши дасти худ кору амалиётҳое содир мекарданд, ки ҳатто ба қоидаву қонунҳои асосии дин ва ахлоқ ҳам дуруст намеомад. Албатта, чунин амалу рафтори ин зумра одамон, қаҳру ғазаби шоири ҳақиқатҷӯйиро баланд накарда наметавонист. Шоир дар "Бачағар"ном шеъраш аз ҷумла навишта буд:"

---

[204]Ниг.З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С. 235.

Даҳонаш махзани холӣ, забонаш мори гӯёст, бачағар!
Суҳбаташ чун заҳри қотил- мисли дунёст, бачағар!
Худаш дангосаву дар майдони номардӣ саропо
бузургвор аст.
Дар аввали дафтари муттаҳамӣ номаш туғрост, бачағар.
Агар ба даст асо бигирад, ӯро айб накунед,
Воқеан чашмаш кушода, аммо ботинаш
аъмост, бачағар.

Олими нуктасанҷу ҳақиқатҷӯй академик З. Раҷабов ашъори Муқимии дар зиндагӣ азобу уқубаткашидаро ниҳоят бодиққат омӯхта ба ақидаи мо ба хулосаи мантиқӣ омада, хислатҳои манманӣ, кибру ғурур ва худписандии руҳониёнро ниҳоят релистона зикр кардааст. Шоир дар васфи аҳли дину мазҳаби замони хеш ниҳоят ибораҳои сахт ва таъсирбахш, ба мисли қаллоб, беҳаё, косалес, беинсоф, лофакӣ, худсито, нобакор ва ғайраро дар шеърҳояш истифода бурдааст. Ба андешаи шоир, образи эшоне, ки вай тасвир мекунад, ниҳоят нафратангез мебошад:"

Ҷомашӯӣ карда кафки мағзобаро ҷамъ мекунад,

Ва дар рамазон номи онро нишалло монда мефӯрушад, бачағар![205]

Дар асари академик З. Раҷабов ба ҷуз ашъори намакдори ҳаҷвии Муқимӣ, инчунин фаъолият ва асарҳои як зумра шоирони ӯзбек ба монанди Фурқати Завқӣ (1853-1921), Абдулкарими Самарқандӣ, ки бо тахаллуси "Писандӣ" шуҳрат дошт (вафоташ 1910), Мухайяр (вафоташ соли 1912), ки онҳо дар роҳи рушди жанри ҳаҷв дар адабиёти халқи ӯзбек саҳми бориз бозидаанд. Аммо,

---

[205].Ниг.З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С.340-341.

хизмати шоир Муқимӣ дар ин самти назми халқи ӯзбек дар пояи баландтар ҷойгир аст.

Як зумра олимони ӯзбек,аз ҷумла дотсент Р.К. Каримов ва академик И. Муминов доир ба эҷодиёти шоири машҳури охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ-уми ӯзбек Муқимӣ ақидаҳои хешро доир ба самараи ҳаёти адабияш зикр карда, ба хулосаи ҳақиқӣ меоянд, ки ӯ шеърҳои худро ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ навишта, бо ҳамин муносибатҳои анъанавии ин ду халқро дар Осиёи Миёна ифода кардааст.

Аммо чун маорифпарварони тоҷик Муқимӣ низ дар афкори ҷамъиятияш ба фаҳмиши дигаргуниҳои инқилобӣ нарасида, танҳо дар ашъораш фикру ақидаҳои маорифпарвариро ифода мекарду халос. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, бе дигаргуниҳои инқилобӣ дар қаламрави Осиёи Миёна масъалаҳои маорифпарварӣ дар ҳаёт шояд амалӣ карда намешуд, ки онро таҷрибаи таърихӣ равшан исбот кард. Шоир Муқимӣ чун маорифпарвари барҷастаи халқи тоҷик Аҳмади Дониш ва дигар фарзандони фарзонаи ин халқ пешгӯӣ мекарданд, ки дар ҳаёти мардуми Осиёи Миёна замоне ҳаёти хубе фаро мерасад, вале бо кадом роҳ гуфта наметавонистанд.

Замони дигаргуниҳои бузург пас аз инқилоби пролетарӣ дар Русия ва инқилоби халқӣ-демократӣ дар Бухоро баъд ба вуҷуд омада, роҳи ҳаёти меҳнаткашонро мунаввар кард, аммо онро маорифпарвароне, ки онро орзу мекарданд, бо чашми худ дида натавонистанд.

Тавре ки дар боло дида баромадем, академик З. Раҷабов фаъолияти адабии маорифпарварони барҷастаи халқи ӯзбекро дар асараш дар шахси Фурқат ва Муқимӣ, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҳаёт басар бурда, асарҳои арзанда эҷод кардаанд, ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашида буд. Аммо ҷараёни маорифпарварӣ дар Ӯзбекистон пас аз онҳо боз бештар рушду нумуъ кард, ки

яке аз намояндагони пешқадами он Ҳамза Ҳакимзода ба ҳисоб меравад. Устоди арҷманд З.Раҷабов дар асараш давраҳои рушду нумуи нависанда, шоир, драматурги халқи ӯзбек Ҳамза Ҳакимзодаро дар шароити нави таърихӣ, бо хусусиятҳои махсус ва нозукиҳои фарққунандаи эҷодиёт, бо муқоиса аз маорифпарварони қалбӣ аз нуқтаи назари ҳақиқатан илмӣ баҳои холисона додааст.

Ба ақидаи устод З. Раҷабов, Ҳамза Ҳакимзода дар таърихи афкори ҷамъиятии халқи ӯзбек асарҳои арзанда ва баландғояе мерос гузоштааст, ки ӯро дар байни халқи Ӯзбекистон шуҳратёр гардонидаанд . Пас аз Алишер Навоӣ, Фуркад ва Муқимӣ ҳеҷ яке аз маорифпарварон дар Ӯзбекистон ба мисли Ҳамза Ҳакимзода мақбули халқ нашудаанд.

Дар нимаи дуюми асри Х1Х ҳавзаи адабии шаҳри Қӯқанд нобиға ва маорифпарварони зиёде ба арсаи адабӣ додааст, ки яке аз онҳо  Ҳамза Ҳакимзода мебошад. Ӯ соли 1889 дар ин шаҳр, дар оилаи табиб чашм ба дунёи ҳастӣ мекушояд. Вай дар ибтидо дар мактаб ва сипас дар мадраса таълим гирифта, дар ҳамин муддат мероси гаронбаҳои класикони ӯзбек ва тоҷикро омӯхта, ғизои маънавӣ мегирад ва дар тӯли рушду нумуи фаъолияти адабиаш аз он васеъ истифода бурдааст.

Ӯ аз матбуоти Осиёи Миёна, Тотористон ва Озобойҷон бохабар буда, материалҳо ва ахбороти лозимии онро хонда, ҷаҳонбинии хешро васеъ мекард.

Баъдтар Ҳамза Ҳакимзода ин давраи зиндагонии пурҷӯшу хурӯши ҷавониашро ба хотир оварда навишта буд:”Чанде пеш аз ин ҳанӯз дар солҳои 1908 дар замони ба мадраса дарс хонданамон мо ба ошхонаи мадраса даромада пинҳонӣ газета  ва журналҳо мехондем. Ин газета ва журналҳо ба номи касони дигар оварда мешуданд ва мо

дар вақти хондани онҳо гӯё як кори хавфнок мекардагӣ барин дарҳоро махкам мебастем."[206]

Ҳамза Ҳакимзода, ки дар вуҷудаш ғояи ташкили мактаби усули нав буд, охири соли 1911 дар зодгоҳаш шаҳри Қӯқанд чунин дабистонро кушода, муаллими он таъин шуд. Тавре ки академик З. Раҷабов зикр намудааст,навигарии барномаи дарсӣ ва фаъолияти Ҳамза Ҳакимзода сабаби норозигии табақаҳои иртиҷоӣ гардид. Пас аз баста шудани мактаб, соли 1913 дар арафаи тайёрии ҷанги якуми ҷаҳон ӯ ба мамолики хориҷа, минҷумла ба Афғонистон, сипас ба шаҳри Бомбай (Ҳиндустон) ва баъд ба Арабистон-Макка сафар кардаст. Баъди баргаштан ба Ватан ӯ боз ба корҳои маориф машғул мегардад. Дар мактабҳое, ки Ҳамза Ҳакимзода оғоз карда буд, асосан фарзандони камбағалону бечорагон таҳсил мекарданд.

Ҳамза Ҳакимзода чун бошандагони Осиёи Миёна ва Қазоқистон солҳои мудҳиши ҷанги якуми империалистии ҷаҳон ва шӯриши халқии соли 1916-ро дар кишвари хеш аз сар гузаронидаст.

Ҳамза Ҳакимзода сарварони дину мазҳаб, табақаҳои бою истисмогарро чашми дидан надошт ва дар осораш натарсидаву наҳаросида дар байни оммаи меҳнаткаш онҳоро мазаммат мекард. Аз ин рӯ,табақаҳои муфтхӯру истисморгари меҳнаткашон ба ҷони маорифпарвари оташинсухан ва халқпарвар қасд карда, баҳонаи ночаспоне ёфта, ӯро ҷисман нобуд кардан мехостанд. Ҳамза Ҳакимзода,ки барои мактабу маорифи халқӣ ва маданияти мардумӣ тамоми ҳастии хешро сарфи амалӣ шудани он карда буд ва ба роҳҳои рушду нумуи он ба ҷуз мардон инчунин занҳои боистеъдоду санъатдӯстро низ ҷалб мекард, театрҳои халқӣ ташкил карда, санъати халқиро

[206]. иқт. Аз З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик.., С. 317; Рӯзномаи "Иштирокиюн", 16 марти соли 1920.

пеш мебурд, баҳонаи  аз байн бурдани ӯ аз ҷониби руҳониёни иртиҷоӣ шуд. Онҳо дар байни мусулмонон ташвиқу тарғиби ночаспону бардурӯғро дар ҳаққи Ҳамза Ҳакимзода бофта баромаданд, ки ӯ театрҳои мардумӣ ташкил карда, дар он занону духтарони ҷавонро ҷалб намуда гӯё ба корҳои "ғайришаръӣ" машғул мешавад, айбдор намуданд. Бо ҳамин туҳмати ногаҳонӣ намояндагони руҳониёни  иртиҷоӣ халқи авомро ба сангсор кардани шоир, драматург, маорифпарвари барҷастаи халқи ӯзбек Ҳамза Ҳакимзода бархезонданд. Ниҳоят соли 1929 ӯ дар Шоҳимардон ном  мавзеи вилояти Фарғона ваҳшиёна сангсор карда шуд.

Нависандаи ин сатрҳо тобистони соли 1964, ки дар шаҳри Маскав дар назди пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академаи Улуми собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таҳсил карда, ба рухсатӣ баромада, бо ҳамроҳии аспирант, истиқоматкунандаи шаҳри бостонии Самрқанд киношинос Аҳроров Атохон, ба ин ҷо омада, якҷоя дар муддати як моҳ дар бойгонии вилоятии Самарқанд барои дарёфти маводу ҳуҷҷатҳои воқеаҳои солҳои 20-уми Осиёи Миёна кор кардам. Мудири зали хониши бойгонӣ марди миёнасол ва аз миллати тотор, ки забони тоҷикиро бо лаҳни тоза гап мезад, ба мо барои дастраси ҳуҷҷатҳои даркорӣ ҳамаҷониба мадад мерасонд. Аз ин воқеа, ки зиёда аз 50-сол сипарӣ гаштааст ва мутаассифона ҳоло ному насаби он шахс дар хотир намондааст.

Рӯзе пас аз хӯроки нимирӯзӣ, банда бо ҳамроҳии киношиноси маъруфи Тоҷикистон Аҳроров Атохон ба бойгонӣ баргашта, корро оғоз кардем. Вақте ки мо рафиқон ҳар кадом дар сари мизи корӣ ғарқи андеша дар ҷустуҷӯйи ҳуҷҷатҳои даркорӣ будем, ногаҳон мудири золи хониши бойгонӣ дар даст як расмро оварда, ба мо муроҷиат намуд:

- Каме ба ман диққат диҳед, то ба шумо як  расми фоҷиавиро, ки ин ҳам ҳуҷҷати таърихӣ аст, нишон диҳам.

Баробари дидани чунин расми одами сангсор карда шуда, ки тамоми аъзои баданаш захмин буда, ҳатто аз зарби санг як чашмаш ноаён буд, либлучу урён чун модарзод дар болои хасу хошок дароз хобондагӣ буд, мо дар ҳаяҷон монда, ба фикру андеша мондем, ки наход инсон бо чунин ҷаҳлу ҷаҳолат қодир бошад? Пас аз афсуси зиёд хӯрдан мо таҳқиқотчиёни таърихи халқи тоҷик аз мудири зали хонишҳои бойгонӣ пурсон шудем, то ба мо фаҳмонад, ки ин шахси аз ҳаёт ба таври фоҷиабор маҳрум шуда кист ва аз ҷониби кадом ҷаллодон ин тавр ба марг расонида шудааст?

Ӯ дар ҷавоб гуфт:

- Ин расми асосгузори адабиёти навини халқи ӯзбек Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ мебошад, ки бо фатвои намояндагони руҳониёни иртиҷоӣ ба гардани ӯ ярлики “кофир”-ро бор карда, ба чунин ваҳшоният ба қатл расонидаанд.

Мо ҳарчанд хостем, ки ин расмро ба худ гирем, аммо корманди бойгонӣ гуфт, ки он ҳамчун ҳуҷҷат дар бойгонӣ ба қайд гирифта шудааст, аз ин лиҳоз, онро ба шумоён дода наметавонам. Аммо, аз сабаби он ки дар он вақт дастгоҳи акси суратгирӣ набуд, мо ба чунин ҳуҷҷат соҳиб шуда натавонистем. Ин хотираро оид ба марги нобаҳангоми маорифпарвар, шоир, нависанда, драматурги намоён, асосгузори адабиёти навини халқи ӯзбек ва бо гуфтаи академик З. Раҷабов, дар баробари Садриддин Айнӣ ӯ, инчунин асосгузори адабиёти навини халқи тоҷик аст, ба он хотир ёд оварда шуд, ки фатвои беасоси намояндагони руҳонён то чи андоза дар ҳаёт хавфнок аст.

Бояд изҳор намуд, ки аз лиҳози сиёсӣ ҷаҳонбинииҲамза Ҳакимзода аз ҷаҳонбинии сиёсии маорифпарварони гузаштаи Осиёи Миёна фарқ мекард. Ӯ

болшевики ҳақиқӣ буда, тамоми ҳаёти шууронаи хешро дар роҳи мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шуравӣ сарф кардааст.

Вақте ки дар даҳсолаҳои аввали асри XX-ум дар Осиёи Миёна ва аз ҷумла водии Фарғона ва шаҳри Қӯқанд инкишофи саноат рушд мекард,ин пешравии иҷтимоӣ-,иқтисодиро ҲамзаҲакимзода бо чашмони хеш дида ва бо ҳаёти иқтисодии охири асри XIX-и Осиёи Миёна муқоиса мекард. Чунин пешравии ҷамъиятӣ ба Ҳамза Ҳакимзода илҳом мебахшид, дар эҷодиёташ онро тараннум карда, баробари он ба муқобили нобаробарии иҷтимоӣ-иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ нафрат мехонд ва фикру ақидаҳои демократиро васф мекард.

Бино ба гуфтаи академик З. Раҷабов, дар аввали асри XX Қӯқанд шаҳри бузурге буда, то 113 ҳазор нафар нуфуз дошт, ки фаъолияти ҷамъиятӣ-адабии Ҳамза Ҳакимзода асосан дар ин ҷо гузаштаст. Мувофиқи навиштаи нависандагони он замон бозори ин шаҳр аз лиҳози муомилоти тиҷоратӣ “баъд аз Бухоро ҷои аввалро мегирифт”.[207]

Тавре ки дида шуд, ин маорфпарвару фидоии халқи меҳнаткаш дар эҷодиёти хеш аҳволи вазнини мардумро таҷассум карда, истисморкунандагон ва намояндагони руҳониёни иртиҷоиро ба зери тозиёнаи танқид мегирад. Аммо, чун маорифпарварони пеш роҳу воситаҳои аз чунин истисмори бераҳмона озод шудани аҳли меҳнатро муайян карда наметавонист, ки дар ин хусус мо ҷавобашро аз гуфтаи устод З. Раҷабов дарёфта метавонем.

Дар давраи мустамикадорӣ ва истисмори бойҳои маҳаллию намояндагони руҳниён халқи ӯзбек хонавайрон гашта, ҳаёти гадоёнаеро мегузаронд ва ниҳоят дар вазъияти танги дучор омада буд. Бояд гуфт, ки дар он

[207]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С.352; В. И. Масальский. Кишвари Туркистон, СПБ, 1913.

замон Ҳамза Ҳакимзода ҳанӯз намефаҳмид, ки ин азобу уқубатҳои ҳамешагии халқи мазлум натиҷаи сиёсати мустамикадории саризми рус дар қаламрави Осиёи Миёна мебошад. Дар он вақт ба назари Ҳамза Ҳакимзода чунон вонамуд мекард, ки бойҳо виҷдон ва инсофи инсонии худро гум карда, аз Худову дин бехабар гаштаанд. Ин шахси маорифпарвар дар он вақт танҳо ҳаминро пурсон мешуд, ки магар марди мусулмон дар ҳаққи бародари ҳамдини худ ҷабру ситам карда метавонад, замоне,ки ҳамдинони вай гурусна буда, гадоӣ мекунанд, магар одами мусулмони муъмин то гулӯяш сер шавад, равост? Аммо ҳанӯз ҳам дар он вақт нафрат ба боён, ба шикамсерон, ба зулму ситами онон ҷаҳонбинии Ҳамза Ҳакимзодаро ташкил медод. Шоир илоҷи ҳамаи ин дардҳоро дар маорифу маданият меҷуст.[208]

Чунин ақидаро Ҳамза Ҳакимзода дар кулли эҷодиёташ ва махсусан дар романи”Саодати нав ё миллӣ румон” дучор шудан мумкин аст.

Ин маорифпарвари беҳамто на танҳо ҷонибдори масъалаи системаи маориф ва маданияти дунёвӣ набуда, балки дар роҳи озодии занони машриқзамин, аз ҷумла занони ӯзбек пайваста талош ва кӯшиши зиёд мекард. Аз ин нуқаи назар “Заҳарли ҳаёт” ном фоҷиаи Ҳамза Ҳакимзода характернок аст.

Мазмуни мухтасараш ҳамин, ки Маҳмудхон ном писари як нафар бойи мутаассиб ва нодон савод бароварда, илмнок шуда ба Марям ном як духтари косиб ошиқ мешавад. Пас аз шиносоии дусола онҳо аҳди хонадоршавӣ мекунанд. Падари Маҳмудхон аз сабаби аз оилаи камбағал будани Майрам ба ин никох розӣ намешавад. Падару модари Марям одамони авом буда, бо дилбастагӣ ба расму одатҳои кӯҳна, духтари ҷавону барнои худро ба эшони

[208]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С.355-356.

пире, ки чандин зан дошт, бахшиданӣ мешаванд. Дар ин вазъият Марям ба дӯстдоштаи худ Маҳмудхон мегуяд:”Боз маро фақир гуфта тарк накунед, ҷонам, ки ман ба ихтиёри худ фақир нашудаам”.

Марям зани эшон шуда бошад ҳам, аммо ба вай бо чашми нафрат нигоҳ мекард ва илоҷи аз ӯ халолс шуданро ҷуста, як рӯз ба хонаи падару модари худ меравад, аммо падару модари авоми вай ҷуръат карда, ӯро дар хонаи худ нигоҳ дошта наметавонанд ва ба ҳукми шариат пурра итоат мекунанд. Марям мебинад, ки молу давлати эшон тақдири вайро ҳал мекунад, ҳама наздиконаш ӯро тарк кардаанд, захр хӯрда бо азобу уқубати зиёде дунёро падруд менамояд.

Маҳмудхон аз падараш ҷудо шуда, аз давлати ӯ даст кашида, дар сари мазори Майрам худашро мекушад.[209]

Академик З. Раҷабов ниҳоят дурандешона хулоса бароварда изҳор кардааст, ки “Пеш аз Ҳамза Ҳакимзода дар адабиёти ӯзбек масъалаи озодии занонро ҳеҷ кас ба ин андоза тезутунд ба майдон нагузошта буд. Мо дар боло бо назарияҳои Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин ва Фурқат шинос шуда будем. Онҳо аз вазъияти беҳуқуқонаи занони Осиёи Миёна норизо буданд. Аммо, Аҳмади Дониш ва Фурқат норозигии худошонро бисёртар дар шакли умум ва бо роҳи рамз баён карда буданд. Дар асарҳои онон образи заноне, ки ошкор эътироз мекарда бошанд, дида намешавад. Аммо, Марями Ҳамза Ҳакимзода чунон як образе мебошад, ки фазилатҳои олии инсонӣ дорад”.[210]

Устод З. Раҷабов ба фикри мо боз ба он ақидаи дурусти илмиаст, ки гуфтааст:”Ҳамзамонони Ҳамза Ҳакимзода-ҷадидон масъалаи озодии занонро ҳаргиз ба

---

[209]Ниг.З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С.360-362.

[210] Ниг.З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С. 364.

майдон намегузоштанд. Барои исботи ин сухан як хабари хурдеро аз рӯзномаи ҷадидии “Садои Туркистон”овардан мумкин аст, ки он дар ҷавоби як мақола нашр карда шудааст. Ҷавоб ба ҳамин иборат аст:”Ба ҷаноби Саид Азимҷонзода, дар бораи масъалаи бо ихтиёр худ шавҳар интихоб кардани духтарон дар мо ҳанӯз мубоҳиса давом мекунад. Бинобарин, ин мақолаи шумо нашр намешавад.”[211]

Агар асарҳои Ҳамза Ҳакимзодаро аз аввал то ба охир ба таври ҷиддӣ мутолиа карда шавад, кас яқинан воқиф мешавад, ки масъалаҳои асосии дар онҳо зикр гардида, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дошта, фақиру гадо, беилму нодон будани халқи камбағалро нишон медиҳад .

ҲамзаҲакимзода дар асарҳояш аз як тараф ҷабру зулми дутарафаи заҳматкашон ва аз тарафи дигар муборизаҳои милли-озодихоҳии онҳоро ба муқобили мустамликадорони рус ва бою руҳониёни маҳаллӣ зикр кардааст. Масалан, дар манзумаи “Эй муаллим”ва манзумаҳои дигар мулло, эшон ва бойзодагони ахлоқан фосиқ ва ҳарис тасвир карда шудааст.

Шоири ҳақиқатҷӯй Ҳамза Ҳакимзода касони аз илм дурро, ки дар ҳаёт бо роҳи фиребу найранг гумроҳ кардани оммаи меҳнаткаш соҳиби давлат мешуданд, эшонҳо, муллоҳо ва дигар олимони беамалро ба эътибор намегирифт. Мутафаккир дар як ҷой изҳор мекунад, ки “барои маълумоту маърифатнок шудан аз эшонӣ даст кашидан лозим аст.”

Ба гуфтаи академик З. Раҷабов, ” Ҳамза Ҳакимзода дар як порча шеъре ки дар охири “Миллӣ румон”дарҷ карда шудааст ва дар повести “Рамазон”дар қатори сурудҳои жанрӣ боз ҳамон мавзуи асосии худро-яъне дар вазъияти сахт зиндагонӣ кардани халқро, бепарвогии онро,

---

[211]. З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъияти-сиёсии халқи тоҷик...,С.364-365.

манфиатпарастӣ ва разолати руҳониёнро, дар шуури мардум ҳанӯз боқӣ мондани урфу одатҳои кӯҳнаро, расму қоидаҳои ношоистаи мактабҳои мусулмониро, масъалаи озод кардани занон ва як қатор масъалаҳои дигарро ба майдон мегузорад ва дар натиҷа боз ба ҳамин хулоса меояд, ки акнун бе илм зиндагонӣ карда тавонистан гумон аст."[212]

Ҳамин тавр, устод З. Раҷабов дар сухани ҷамъбастии хеш ба андешаи сазовор омада, чунин ақидаи дуруст мегуяд, ки эҷодиёти Ҳамза Ҳакимзода дар давраи пеш аз инқилоби пролетарӣ, дар таърихи афкори ҷамъиятии халқи ӯзбек яке аз саҳифаҳои дурахшонтарин маҳсуб мебошад. Муроди ҷадидон аз калимаҳои"миллат" ва "халқ" буржуазияи маҳаллӣ буд, аммо шоир дар хусуси табақаҳои демократии аҳолӣ, дар бораи камбағалон фикр мекард ва менавишт, ки аз ин ҷиҳат вай шогирди Муқимӣ буд.

Муроди Ҳамза Ҳакимзода аз калимаи "маориф"илмҳои дунявӣ, маърифати рус буд. Аз ин нуқтаи назар, вай ба Фурқат наздик меистод. Пас аз ғалабаи инқилоби пролетарӣ дар Русия ӯ ҳокимияти синфи коргару деҳқонро хеле гарм истиқбол гирифта, то дами вопасин барои рушду нумуи ин сохти демократӣ тамоми қувваю имкониятҳои эҷодии хешро сарф кард. Маҳз дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ Ҳамза Ҳакимзода ба унвони шоири халқии ӯзбек шарафёб гардид.

## 6.Масъалаи ҷадидизм

Ба ҳеҷ як аҳли илму фарҳанг ва таърихнигорони Осиёи Миёна, махсусан Тоҷикистон махфӣ нест, ки олими забардасти халқи тоҷик академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон З. Раҷабов дар инкишофи

---

[212]Ниг.З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъияти сиёсии халқи тоҷик...,С.369.

илми таърих ва махсусан масъалаи ташаккул ва рушду нумуи ҷараёни маорифпарварӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX таҳқиқотҳои бунёдиеро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлилу таҳқиқ кардааст. Ва дар ҳамин замина ва пояи илмӣ ӯ бисёр масъалаҳои то ин дам ба риштаи таҳқиқ накашида ва ниҳоят баҳсталабро дар зарфи солҳои тулонӣ чуқур омӯхта, дар асоси адабиётҳои ниҳоят гуногуни таърихӣ, маводҳои ба илм номаълуми бойгониҳои зиёд, хотираҳо ва афкори ҷамъиятӣ-сиёсии маорифпарварон, асару мақолаҳои ховаршиносони машҳур ва маводи фаровони матбуоти даврагӣ як дараҷа равшанӣ андохтааст.

Олим дар бисёр таҳқиқотҳояш, аз ҷумла асари “Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуйӯми асри X1X ва аввали асри XX” масъалаҳои пайдоиш ва сабабҳои иқтисодӣ-сиёсии дар кишвари Осиёи Миёна ташаккул ёфтани ҷараёнҳои панисломизм ва пантуркизм ва дар заминаи онҳо пайдо шудани ҷараёни дигар–ҷадидизмро таҳлилу таҳқиқ намудааст ва барои минбаъд дар таърихнигории тоҷик васеъ, бо тамоми буду бошаш дида баромадани он замина гузоштааст. Маълум, ки гарчанде ин масъала таҳқиқ шуда бошад ҳам, то ин дам фикру андеша меравад, ки дар илми таърих ва умуман, илмҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳаракату фаъолият ва ҷаҳонбинии ҷадидҳо масоили баҳснок ва ҳалталаб низ ҷой дорад.

Дар асарҳои ҷамъбастӣ, монографияҳо, рисолаҳои номзадиву докторӣ ва мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба мафкураву ҷаҳонбинӣ, ҷаҳоншиносии панисломистҳо, пантуркистҳо ва ҷадидҳо ба таври мухтасар маълумот дода шудааст. Дар хусуси ба ин ҷараёнҳо баҳои холисона ва илмӣ додан дар таърихнигорӣ, то ҳол фикру андешаҳои ба ҳам муқобил ба назар мерасанд.

Метавон ба гуфтаи профессор Н. Ғаффоров, ки имрӯз дар таърихнигории халқи тоҷик яке аз мутахассисони асосии таҳқиқи ҳаракати ҷадидизм

маҳсуб аст, ҳамфикру ҳамақида шуд, ки маҳз З. Раҷабов бори нахуст дар таърихнигории ватанию хориҷӣ нуқтаи назари илмию назариявии хешро перомуни ҷадидия баён намудааст. Мавсуф соли 1937 дар Маскав дар мавзуи “Ҷадидизм дар Туркистон (солҳои 1905-1907)”рисолаи номзадӣ дифо карда, моҳияти синфии ин ҷараёни ғоявиро дар шароити Осиёи Миёна бозгӯву арзёбӣ намуд.

Ҷои шубҳа нест, ки дар асарҳои илмии ин олими машҳур дар хусуси ҷадидия ва фаъолияти ҷамъиятии онҳо нуқтаи назари манфӣ низ зикр шудааст, чунки ӯ дар шароити таърихии дигар фаъолият карда, аз консепсияи сиёсии он замон берун баромада наметавонист. Аз ин рӯ, З. Раҷабов ва дигар муҳаққиқони масъалаи ҷадидия дар даврони шуравӣ чунин ҳаракатро “зиддихалқӣ” ва “иртиҷоӣ” номида, ба моҳияти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангии он аз нигоҳи сиёсати ҳизбу давлат баҳо додаанд.[213]

Нуқтаи назари академик З. Раҷабов оид ба фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии ҷадидҳо ва ташакулёбии ин ҷараён дар асари ҷамъбатии машҳури олим, ки дар боло номбар шуд боби 5-уми он пурра ба таърихи ташаккулёбӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ ва сиёсии ҷадидҳои аввали асри XX бахшида шудааст. Агар ба таври тезис мазмуни асосии ин қисми асарро баён намоем, ҷадидизм мафкураи буржуазияи компрадории (савдоӣ) Осиёи Миёна мебошад;

- Ҷадидизм дар Осиёи Миёна дар давраи револютсияи якуми буржазӣ-демократии рус ба таври қатъӣ ташаккул ёфт ва он аз тарафи буржуазия нисбат ба ревлютсияи солҳои 1905-1907 ва ба ҳодисаҳои револютсионие, ки баъд дар мамлакат рӯй доданд, як реаксия буд.

---

[213]Н. Ғаффоров. Академик Зариф Раҷабов- нахустин муҳаққиқи таърихи ҷадидия. Дар китоби:”Саҳми академик З.Ш. Раҷабов дар рушти илму маориф ва фарҳанги халқи тоҷик”. Душанбе, 2016, С. 32-33.

- Ғояҳои ҷадидизм ба халқи меҳнаткаш душман ва бегона буданд, бинобарин, омма аз паи ҷадидҳо намерафт;

- Ҷадидизм ба программа ва фаъолияти сотсиал-демократия душман буд;

- Фаъолияти маорифпарваронаи ҷадидҳо манфиати муайяни синфии буржуазияи компрадориро дар назар мегирифтанд: тайёр кардани хизматгорони саводнок, савдогарони босавод, амалдорони босавод ва ғайра;

- Ҷадидҳо револютсияи солҳои 1905-1907 русро адоваткорона пешвоз гирифтанд. Онҳо дар мубориза бо револютсия ҳукумати подшоҳии русро бо ҳама роҳҳо ҳимоя мекарданд;

- Ҷадидизм дар давраи реаксияи столипинӣ гул кард. Ҷадидҳо саризм ва Думаи давлатиро таъриф карда, манфиат ва хайрияти халқи худро мефурӯхтанд ва бо ҳама роҳҳо кӯшиш доштанд, ки диққати оммаро аз муборизаи револютсионӣ дур намоянд;

- Ҷадидҳо тарафдорони ҷанги империалистии солҳои 1914-1918 буданд;

- Ҷадидҳо дар шӯриши соли 1916 хиёнат карданд ва дар районҳои ҷудогонаи Осиёи Миёна ин шӯришро бо ёрмандии гумоштагони Туркия ба мақсадҳои миллатчиёнаи худ истифода карданӣ шуданд;

- Ҷадидҳо револютсияи буржуазӣ- демократии феврали соли 1917-ро бо хурсандӣ пешвоз гирифта, дар айни замон бо роҳбарии ҳукумати Туркия барои ба вуҷуд овардани давлати туркӣ кӯшиш мекарданд;

- Ҷадидони Бухоро ва Хева моҳиятан аз ҷадидони Туркистон ҳеҷ фарқе надоштанд, хусусан дар мубориза бар револютсияи пролетарӣ;

- Ҷадидизм дар ин шароит аз тарафи буржуазия ба ҳаракати револютсионӣ дар мамлакат як реаксия буд;

- Ҷадидҳо ҳеҷ вақт ба муқобили асосҳои сохти мавҷудаи сотсиалӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ баромад намекарданд.

Чунин аст масъалаҳои асосӣ доир ба шароити таърихии пайдоиш, ташаккул, ақидаҳои ҷамъиятии ҷадидҳо ва ҷонибдорони мафкуравии онҳо дар ибтидои асри XX дар Осиёи Миёна,ки академик З. Раҷабов бо такя аз ҳуҷҷату маводҳои ниҳоят зиёди муътамад дар асари номбурда, аз лиҳози илмӣ ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ кардааст.

Ба гуфтаи академик З. Раҷабов, хусусияти махсуси рушду нумуи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва оғози асри XX аз он иборат буд, ки бо паҳншавии ғояҳои маорифпарварӣ ва демократӣ дар Осиёи Миёна мафкураи буржузияи маҳаллии миллӣ ба вуҷуд омад, ки онро дар таърих ҷадидизм меноманд. Дар ҳамин ҷо олим дар поварақ эзоҳе дода, дуруст зикр кардааст,ки дар давраи аввал, хусусан, дар қаламрави Бухоро ба ҷадидҳо унсурҳои мутараққӣ низ ҳамроҳ мешуданд,ки рафта-рафта алоқаи худро аз ҷадидизм тамоман канданд.[214]

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар мамолики Шарқ, аз ҷумла дар Ҳиндустон, Эрон, Хитой, Туркия ва ғайра муносибатҳои капиталитӣ ворид шуда, аз лиҳози имкониятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба табақаҳо қисмат шудани аҳолӣ бавуҷуд меояд, яъне отрядҳои синфи коргар ва буржуазияи кампродорӣ (савдоӣ) ташаккул ёфта, аз як ҷиҳат кӯшиш мекунанд, ки бо буржуазияи мустамликадор додугирифти иқтисодӣ намоянд, аммо бо гузашти вақт дар он ақида буданд, ки хориҷиёнро аз мамлакат батанг карда, дар Ватани худ хуҷаин шуда, меҳнаткашонашро истисмор кунанд. Чунин тактикаро дар

214.З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик...,С.373.

Осиёи Миёна буржуазияи кампродорӣ (савдоӣ) амалиёти ҳарвақтаи хеш қарор медиҳад. Сиёсати дутарафаи буржуазияи кампродориро дар Осиёи Миёна ҷадидҳо дар фаъолияти худ таҷассум мекарданд. Аз ин рӯ, дар фаъолияти ҷадидҳо тамоили пантуркистӣ ва панисломистӣ ҳис карда мешуд.

Дар асари академик З. Раҷабов чунин нуқтаи назар, ки ҷадидизм моҳиятан аз ҷониби буржуазия ба муқобили ҳаргуна ҳаракатҳои инқилобии омма, аз ҷумла револютсияи якуми буржуазӣ-демократии руси солҳои 1905-1907 доир гардида, мавқеи реаксиониро бозӣ намудааст, нишон дода мешавад. Ҳақ ба ҷониби олим, ки дар хусуси аз ҷадидизми Осиёи Миёна пештар ба вуҷуд омадани ҷадидизми тоторҳоро нишон дода, таъсири онро ва бо тезӣ ба ҷадидони ин кишвар расиданашро исбот кардааст. Баҳри ба даст даровардани манфиатҳои иқтисодиву сиёсӣ намояндагони буржуазияи турку тотор ба воситаи гумоштагони худ дар байни ҷадидҳое, ки майлу рағбати пантуркизм дар фаъолияти онон реша давонда буд, корҳои зиёди ташвиқу тарғиботӣ мегузарониданд.

Ба гуфтаи академик З. Раҷабов, "Съездҳои умумироссиягии мусулмонон дар зери шиорҳои пантуркизим гузаронида шуданд. Буржуазияи турк-тотор ба воситаи "Иттифоқ" ном ташкилоти худ кӯшиш дошт, ки буржуазияи халқи мусулмонро, ки дар дохили империяи Русия зиндагонӣ мекарданд, муттаҳид намоянд. Панисломизм ва пантуркизм дар дасти онҳо барои расидан ба ин мақсад як воситаи мувофиқе буд. Газетаҳои "Тарҷимон"( Бохчасарой), "Вақт" (Оренбург), "Иршод" ва "Ҳаёт"(Боку), "Улфат" (Петербург),"Юлдуз" (Қазон) ва дигар дар ин кор роли муҳимме бозӣ мекарданд.Таъсири либералҳои турк-тотор ба ҷадидҳои Осиёи Миёна на фақат ба воситаи матбуот, балки ба воситаи муносибатҳои шахсӣ низ паҳн мегардид. Исмоил Гаспаринский,

Ахунзода, Мақсудов ва дигарҳо чандин борҳо ба Осиёи Миёна сафар карда, бо ҷадидони Туркистону Бухоро алоқаи зич доштанд. Намояндагони намоёни Осиёи Миёна низ ба Тотористон, Қрим ва Оренбург рафта дар корҳои ҷадидони он ҷоҳо бевосита иштирок карда буданд”.[215]

Дар масъалаи дар Осиёи Миёна паҳн кардани стратегия ва ғояҳои пантуркистӣ ва панисломистӣ мавқеи рӯзномаи онҳо “Тарҷумон”, ки муҳаррираш Исмоил Гаспринский шомил буд, кору кирдорҳои зиёде карда, мардумро ба ин руҳия тарбия мекард.

Исмоил Гаспринский дар муддати як чанд сол дар шаҳрҳои Туркия ва беш аз ҳама дар шаҳри Истамбул ҳаёт ба сар бурда, дар ҷараёни таҳсил асосҳои ғояҳои пантуркизмро аз бар намуда, барои паҳн кардани афкори пантуркизм дар Қрим, Тотористон , Озорбойҷон ва Осиёи Миёна ба таври кушод дар байни омма ташвиқот бурдааст.

Ин ҷорчии ғояҳои пантуркистӣ дар Осиёи Миёна дар рӯзномаи машҳури пантуркистӣ “Тарҷимон” навишта буд :”Мо, туркон қабл аз ҳама як воҳиди бузурги таърихӣ ва этнографӣ, ки аз дарёи Мармара то ҷӯлҳои Хитой ҷой гирифтааст, мавҷуд будаем ва мавҷуд хоҳем буд”.[216]

Яке аз ҷадидони Осиёи Миёна, муҳаррири рӯзномаи “Садои Туркистон”Убайдулло Хӯҷаев соли 1914 , дар мақолааш бахшида ба муносибати вафоти Исмоил Гаспринский ӯро “падари маънавии қабилаҳои турки тамоми мамлакатҳо”[217]баҳо додааст.

Исмоил Гаспринский чун пантуркистӣ ашадӣ дар тамоми ашъораш, мақолаву баромадҳояш ба куллӣ

---

[215]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С.375-376.

[216] З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С.377. Рӯзномаи “Тарҷумон”,1 марти соли 1907.

[217]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик...,С.377.

манфиатҳои пантуркистони турку тоторро ҳимоя карда, ба оламиён бо як ғурури ба худ хос пазирой мекард.

Олими ҳақиқатназар академек З. Раҷабов дар он ақиде ҳаст, ки ҷадидизм дар Осиёи Миёна пас аз пахш кардани инқилоби якуми рус (1905-1907) ва дар давраи инқилоби ҷавонтуркон-соли 1908 анча фаъол гардида буд.Ҷадидҳо дар асарҳо, мақолаҳо ва баромадҳои хеш оид ба ташкилоти сиёсии ҷавонтуркон-“Иттиҳод ва Тараққӣ” ҷонибдории худро бо ҳар роҳу восита изҳор мекарданд. Масалан,ҷадид Абдурауфи Фитрат дар хусуси моҷароҷӯйи байналмиллалӣ Анварпошо, ки яке аз аъзоҳои фаъоли ташкилоти “Иттиҳод ва Тараққӣ”бо як “эҳсос”-и баланд баҳододааст, ҳоло ки ӯ баъдтар , яъне тобистони соли 1922 дар деҳаи Обдараи мавзеи Балҷувони Бухорои Шарқӣ чун сарвари босмачиён аз ҷониби қувваҳои инқилобӣ ба қатл расонида шуд.

Ҷадидҳо расман дар ҳама ҷо худро аз табори туркҳо муаррифӣ карда, нисбат ба дигар халқҳо аз ҷумла халқи тоҷик назарбаландӣ ва ҳатто беэътиной зоҳир мекарданд, дар журнали ҷадидӣ аз ҷумла чунин навишта буданд:”Тоҷикҳо худашон гарчанд эронӣ ва забонашон форсист, аммо мазҳабашон суннӣ мебошад, бо душмани сахти худ бо шиаҳо номашон баромадааст. Симошон мунтазам ва мутаносиб, занҳояшон дар хушрӯӣ машҳур, худашон боғайрат ва дар кор моҳир, аммо одамони фиребгар ва хулқашон паст мебошанд”.[218]

Чунин “баҳо”ниссбати халқи тоҷик ба он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳақиқат намояндагони ҷараёнҳои пантуркизм ва панисломизим аслан аз табори турку тотор буда, дар афкори онҳо падидаи номатлуби миллатчигӣ ҷой доштааст, ки ин ҳам нишонаи он мебошад, ки ҷадидҳо ягонагии халқҳои Осиёи Миёнаро дар мубориза миллӣ-

[218]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С. 381; Газетаи “Шӯро”, соли 1910, № 3, С.101.

озодихоҳӣ, ки омили асосии озодӣ аз занҷири мустамликадорист,ҷонибдорӣ намекардаанд.

Ҷадидҳо ҳар вақт дар шароитҳои мувофиқ ба мавзеъҳои Осиёи Миёна бо мақсади ба доми хеш даровардани оммаи халқ, омада ҷой мегирифтанд, ки устод З. Раҷабов ин ҷараёнро дар асари хеш бо факту далелҳои боварибахш ба қалам додааст. Ба гуфтаи профессор Қаҳҳори Расулиён,"дар доман густурдани ҷадидизм дар Осии Миёна маъмурони махфию ниммахфии Туркия ва Русия аз қабили Исмоил Гаспринский, Охунзода, Солеҳ-афандӣ, Мақсудӣ ва дигарон, ки борҳо ба Осиёи Миёна сафар кардаанд, нақши зиёд доранд. Аз ҷумла, яке аз пантуркистони ашадии Русия Исмоил Гаспринский борҳо ба Туркистону аморати Бухоро сафар намуда, ҳатто бо амири Бухоро мулоқот карда, барои таъсиси макотиби ҷадидӣ-туркӣ розигии амирро гирифтааст. Ёки фаъолияти яке аз сарварони кумитаи "Иттиҳод ва тараққӣ"-и Туркия Солеҳ-афандӣ дар моҳи июли соли 1910 миёни бухориён ба ҳамин хотир буд".[219]

Устоди арҷманд академик З. Раҷабов дар асараш яке аз омил ва сарчашмаҳои дар Осиёи Миёна реша давонидани ғояҳои реаксионии ҷадидизмро аз сафи ҷавонони тоҷик барои таҳсил ба макотиби Туркия фиристонидан медонад, ки онҳо ба таъсири ин ҷараён даромада, ба Ватан бармегарданд. Онро дар байни мардуми ин минтақа паҳн мекунанд. Ба гуфтаи илмии устод, "Аз Туркистон ва Бухоро бисёр касон барои хондан ба Туркия мерафтанд ва дар он ҷо бо руҳи шовинизми ҷанговари турк тарбия меёфтанд".[220]

---

[219]Қ. Расулён. Инъикоси ҷадидия дар осори академик З. Раҷабов. Дар кит:Саҳми академик З.. Раҷабов дар рушти илму маориф ва фарҳанги халқи тоҷик. Душанбе 2016, С.104.
[220]З. Раҷабов. Маорифпарвар Аҳмади Дониш- Душанбе: Ирфон, 1964.-С. 264.

Дар ҳақиқат ҳам охири соли 1910 дар шаҳри Бухоро бо ибтикори Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, мударрис Ҳоҷӣ Рофеъ ва Мукаммил-махдум Бурҳонзода созмоне бо номи "Тарбияи атфол"ташкил ёфт, ки ба воситаи он як зумра ҷавонони тоҷик, аз ҷумлаи Абдурауфи Фитрат, Аҳмадҷони Ҳамдӣ бо писаронаш Афзал ва Акрам, Ҳомидхоҷа Меҳрӣ Ҳошими Шоиқ, Мазҳар- маҳдум, Муҳаммадназар- маҳдум, Усмонхоҷа ва чанде дигарон бо мақсади таҳсил ба шаҳри Истамбул роҳӣ карда шуданд, ки аз байни онҳо боистеъдодтарин ҷавони тоҷики бухороӣ Абдурауфи Фитрат ба ҷараёни ҷадидизм афтод ва ба яке аз пантуркистони ашадӣ ва душамани забони модарии хеш гардид. Ӯ ба майдони адабиёт ба ҳайси як тан аз тоҷики асили бухороии ватандӯст ва маорифпарвар қадам ниҳода, солҳои таҳсил дар Туркия (1910-1914) ба панисломизм ва баъдан ба пантуркисзм гаравид. Вай ин таҳаввулоти фикриашро чунин баён намудааст: "Як хаёли пӯсида будани ғояҳои панисломизмро рӯз то рӯз кашф мекардам. Чун дарк кардам, ки панисломизм аз хаёли ношуд аст, ба хаёли пантуркизм афтодам.[221]

Устод З. Раҷабов адабиёти ҷадидҳоро ниҳоят чуқур ва бо мулоҳиза омӯхта, мазмуну муҳтавои ғояҳои пантуркистӣ ва панисломистии онҳоро бебаҳс ба қалам дода, хонандаро бовар мекунонад, ки гарчанде ин идеологҳои синфҳои истисморгар дар бораи таъсиси мактабҳои нав андеша ронанд ҳам, ақидаи онҳо маҳз ба фоидаи буржуазияи маҳаллӣ, ки бо сохти куҳнаи амирӣ муросокор буд, равона карда мешуд. Ҳақ ба ҷониби олими мӯшикоф академик З. Раҷабов мебошад, ки фармудааст: "Ҷадидҳо дар ҳар як мавриди мусоид "Мо аз миллати бузурги турк ҳастем"гуфта, фахр мекарданд. Онҳо даъво

[221]Қ. Расулён. Инъикоси ҷадидия дар осори академик З.. Раҷабов. С. 105.

доштанд, ки нури маданиятро ба дунё миллати турк пошидааст. Яке аз роҳбарони ҷадидони Самарқанд-Ҳоҷӣ Муин аз номи Туркистон ба халқи мамлакати худ хитоб карда мегуфт:

"Он рӯзҳои хушбахтонаи ҳаёти ман, он замони таърихӣ, ки мамлакатро фарзандони ҳақиқии ҷасоратноки ман Чингиз ва Темур идора мекарданд, акнун барнамегарданд".[222]

Мувофиқи гуфтаи устод З. Раҷабов, сарвари ҷадидони Туркистон Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ дар бораи ислоҳ намудани мактабҳои куҳна андеша карда, мегуфт, ки мактаби ислоҳшуда ба талабаи худ "Дар бораи агрономия,боғдорӣ, чорвопарварӣ, покизагӣ як қадар маълумоти ибтидоӣ доданаш лозим аст, то ин ки талаба дафтарҳои тиҷоратӣ ва корҳои маҳкамаҳои оқсақолон ва волостнойҳоро идора карда,қоғазҳои андозро саришта карда тавонад.".[223]

Аз гуфтаҳои сарвари ҷадидони Туркистон хулоса мебарояд, ки доду фарёд ва талошҳои ҳамешагии ҷадидҳо дар бораи гузаронидани ислоҳоти макотиби куҳна ва ташкил кардани мактабҳои усули нав на ба фоидаи оммаи халқ, танҳо ба хотири ба табақаҳои истисморгар, аз ҷумла ба буржуазияи капродорӣ тайёр кардани кадрҳои хизматгор будаасту халос.

Профессор Қаҳҳори Расулиён дар бораи ақидаҳои пантуркистӣ ва панисломистии ҷадидон, ки устод З. Раҷабов дар асарҳояш ба ин масъала ҷиддӣ андешаронӣ кардааст, ҳамақида шуда афзудааст:"Баъд аз бозгашт ба Ватан Абдурауфи Фитрат ба таблиғи пантуркизм пардохта, дар зери таъсири таблиғоту ташвиқоти ӯ бархе аз ҷавонони

---

[222]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъияти сиёсии халқи тоҷик...,С. 380; Маҷаллаи "Шуро", 1913, № 1, С. 10.

[223]Дар ҳамон ҷо.С.382-383.Рӯзномаи "Самарқанд", № 6, 3 май, с. 1913.

тоҷики маорифпарвар, аз ҷумла Абдулқодир Муҳиддинов, Абдулвоҳиди Мунзим, Тӯрақул Зеҳнӣ ба ин ҷараёни миллатчигии зидди тоҷикӣ гароиш пайдо карданд. Дар ин бора Абдулвоҳиди Мунзим дар "Арзиҳол"-аш чунин менависад:"Замоне, ки Фитрат ба Бухоро омад, бо нияти эҳтиром ӯро пешвоз кардам. Ҳар чи мефармуд, аз самими қалб қабул мекардам. Борҳо гуфт,ки мо, бухориён аслан туркнаҷодем ва забони аслии мо туркист, иллати тоҷикзабон шудани мо аввалан таъсири идораҳои ҳукуматии мо, ҳукмдорони калон шудани порсимиллатон, дувум ғалаба ва таъсири адабиёти порсӣ мебошад. Ба ҳамин ду иллат мо забони туркии худро гум кардем. Аммо лозим аст, ки забони туркии худро зинда ва нажоди аслии худро поянда гардонем. Гуфтаҳои ӯ бо як таъсири бузург дар дилам ҷойгир шуд. Аз ҳамон рӯз сар карда ҳарчанд, ки як калима ҳам туркиро надонам, ба туркӣ гапзадан даромадам, ба ҳар ки вохӯрдам, туркӣ гап мезадам, онҳо тоҷикӣ ҷавоб медоданд ва ман онҳоро ба туркӣ гуфтан ташвиқ мекардам..."[224]

Ин ва бисёр далелу бурҳонҳои дигар шаҳодат медиҳанд, ки ҷавонони Осиёи Миёна ва аз ҷумла шаҳри Бухоро, ки аз қадим маркази тоҷикнишин ба ҳисоб мерафт, ба кишвари Туркия рафта таҳсили илм карда, ба ҷараёни пантуркизм ғутида, баъд аз он ҷо ба Ватан бозгаштан ба ҷавонони ташнаи илму маърифати Мовароуннаҳр таъсири манфии хешро расонида, дар шуури онҳо тухми пантуркизму панисломизмро мекоштанд.

Олими дигаре, ки оид ба ташаккул ёфтани ҷадидони кишвари Туркистон ва аморати Бухоро дар асарҳояш фикру ақидаҳои хешро дар асоси маводу ҳуҷҷатҳои зиёд баён кардааст, профессор Н. Ҳотамов маҳсуб аст. Масалан, ӯ андеша дорад, ки ҳаракати ҷадидия дар кишвари

---

[224]Қ. Расулиён.Осори мунтахаб. Ҷилди 11, Душанбе "Бухоро", 2017, С. 455-456.

Туркистон то замони инқилоби февралии (соли 1917) Русия ташаккул наёфта бошад ҳам, вале тарафдорони он шароити кишварро ба инобат нагирифта, дар назди худ, аз ҷумла чунин масъалаҳо-тарбияи ҷавонони маҳаллӣ ба илму маърифат, ривоҷ додани корҳои тиҷорату саноат ва ғайраро гузошта буданд.

Ба гуфтаи ин олим, сарварони ҳаракати ҷадидия дар кишвари Туркистон: Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Абдуқодир Шакурӣ, ҳарду дар Самарқанд, Мунаввар-Қорӣ (Абдурашидов) дар Тошкент ва дигарон буданд. М. Беҳбудӣ муҳаррир ва нашири рӯзномаи "Самарқанд"(1913-1914) ва маҷҷалаи "Оина" (1913-1915) буд. Умуман, аз ҷониби ҷадидони кишвари Туркистон ба ҷуз маҷҷалаву рӯзномаҳои номбурда, инчунин рӯзномаҳои "Тараққӣ"(с. 1906), "Шӯҳрат" ва "Туҷҷор" (с.1907-1908), "Осиё" (с.1913-1915), "Садои Туркистон"(с.1914-1915), "Садои Фарғона" (с. 1913), ва ғара ба забони ӯзбекӣ чоп мешуданд.

Дар аморати Бухоро вазъияту фаъолияти кору кирдори ҷадидҳо дар шароити дигар сурат мегирифт.Ҳокимияти амирӣ дар ибтидои ба сари кор омадани ҳаракати ҷадидҳо тарафдоронашонро батанг карда, фаъолияти мактабҳои усули нави онҳоро боздошт. Ин рафтор суръати аз лиҳози ташкилӣ танзим ёфтани ҳаракати ҷадидияи Бухороро тезонид. Масалан, соли 1909 аз тарафи сулолаи манғития баста шудани мактаби усули нави Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ва Садриддин Айнӣ тарафдорони ҳаракати навро ба ғазаб овард ва баръакс онҳоро бо ҳам наздиктар намуд. Дар натиҷа солҳои 1909-1910 дар Бухоро ҳаракати ҷадидия ҳамчун ҳаракати ислоҳотхоҳонаи ҷамъиятию сиёсӣ ташаккул ёфт.[225]

Маълум, ки ҷадидҳо вазифаи аввалини худро ин мактабҳои тарзи куҳнаи динии мусулмониро бо роҳи

---

[225] Н. Ҳотамов.Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро. Душанбе, 2022, С.144-145.

ислоҳот ба усули нави мактабдорӣ табдил доданро вазифаи хеш гузошта буданд. Бо ин мақсад дар миқёси Осиёи Миёна маҷаллае бо номи "Оина",ки муҳарири он Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ буд, таъсис дода шуд, ки он ҳамчун тарғиботчии ташкил кардани мактабҳои усули нав хизмат мекард. Бояд зикр кард, ки муҳаррир ва бисёр муаллифони мақолае, ки дар саҳифаҳои ин маҷалла дарҷ мегардиданд, дар зери таъсири ғоявии пантуркисти Қрим Исмоил Гаспринский ва маҷаллаи ӯ "Тарҷимон", ки бо забони омехтаи татару турк дар Бохчисарой нашр мешуд, монда буданд. Ҷадидҳо, ки ҷонибдорони миллатчиёну панисломистон ва пантуркистон буданд, кӯшиш мекарданд, ки маҷалларо ба фоидаи манфиатҳои шахсии хеш истифода баранд. Мақолаҳо, шеърҳо ва ороиши расмҳое, ки дар саҳифаҳои маҷаллаи "Оина" бахшида ба рӯзи фавти пантуркисти ашадӣ Исмоил Гаспринский ҷой дода шуда буданд, дар бораи ақида ва афкори ҷадидон тасаввуроти аниқ муайян карда мешавад. Масалан, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар хусуси фаъолияти Исмоил Гаспринский маълумот дода, баҳо дод, ки ӯ ҳамчун падари "мусулмонони пешқадами Русия"мебошад ва махсус қайд кард, ки "аз байни мусулмонони рус то ҳол чунин шахсият таваллуд нашудааст."[226]

Ба гуфтаи профессор Н. Ғаффоров, маҷаллаи "Оина" мавқеашро ба масъалаи маорифпарварӣ равона карда, диққати хонандагони худро ба масъалаҳои муҳими ҷаҳон ва масъалаҳои мухталифи таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ ва ғайра ҷалб мекард. Аз рӯи нуқтаи назари аксари муаллифони мақолаҳо, омили асосии инкишофи мамолики мутамаддин, дараҷаи баланди илм ва маданият маҳсуб

---

[226]Н. Ғаффоров. Журнал "Оина"как источник по истории Средней Азии начала XX века. Дар кит: материалы междунардной научной конференции "Б. Гафуров- выдающийся исследователь истории Центральной Азии", Душанбе-2009, С.147-148.

буда, сабаби ақибмонии халқҳои Осиёи Миёна аз муносибати бепарвоёна  нисбат ба илм аст.

Тавре ки аз мисолу гуфтаҳои дар боло зикр карда шуда, хулосае мебарояд, ки ҳоло ҳам дар таърихнигории халқи тоҷик масъалаи баҳои холисона додан нисбат ба фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии ҷадидони Осиёи Миёна то ин дам пурра ҳаллу фасл нашудааст. Аз ин рӯ, то имрӯз дар ҳалли ин масъала баъзе нофаҳмиҳо вуҷуд дорад.

Устод Садриддин Айнӣ, ки дар ҳамин давра дар Бухоро ҳаёт ба сар бурда, воқеаҳои ҷамъиятии он ҷоро боақлу идроки закӣ ва бо ҷашму нигоҳи тези худ дида баҳо медод. Ӯ шоҳиди шарту шароит ва имконияту зарурати кушода шудани мактабҳои усули навро натанҳо дидаву мушоҳида кардааст, балки худаш ҳам дар ин ҷараён бевосита ширкат варзидааст.  Масалан, вай дар бораи кушода шудани аввалин мактаби нав (ҷадида) дар Бухоро, аз ҷумла чунин ёдовар мешавад :”Агар натиҷае аз кори худ нишон дода натавониста баста шудани мактаби мулло Ҷӯрабой, бо ташабуси худи тоторҳо кушода шудани мактаби тоторон ва ба забони тоторӣ  бурда шудани таълимро дар он ба назар бигирем, якумин мактаби усули нав дар Бухоро мактаби дар хонаи Мирзо Абдулвоҳид кушодашударо номидан мумкин аст, ки ҳоло сухан дар бораи он меравад.

Тавре ки баён кардем, мо чор бародар баъди рамазон кушодани мактабро муқаррар карда будем. Мо ин мактабро дар хонаи Мирзо Абдулвоҳид кушода, худи ӯро ба муаллимӣ таъйин кардем...Ба ҳамин тариқ,дар 10 моҳи шавволи соли 1326 ҳ. (5 ноябри соли 1908) дар дохили шаҳри Бухоро, дар гузари Саллоҳхона, дар ҳавлии Мирзо Абдулвоҳид, махсус барои бухориён ба забони форсӣ аввалин мактаби усули навро кушодем”.[227]Чунонки аз ин сухани Садриддин Айнӣ бармеояд, ҷадидони Бухоро берун

[227]С. Айнӣ. Куллиёт.Ҷилди 7.душанбе: “Дониш”2021, С.415-416.

аз хоҳишу иродаи сулолаи манғитиён, ки фарзандони равшанфикри тоҷикро таъқиб ва фишор медоданд, нигоҳ накарда, мактаби усули навро барои фарзандони тоҷик ихтиёран кушоданд, то ки онҳо босавод шуда, ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии мардум воқиф шуда, барои беҳбудии халқи хеш хизмат намоянд.

Дар асари устод З. Раҷабов бисёр мисолу далелҳои боэътимоди таърихӣ ворид ва таҳлил карда шуда, нуқтаи назари он ки ҷадидҳо тарафдор ва идеологҳои буржуазияи кампродорӣ ҳастанд, дар фаъолияти хеш ба воситаи асарҳо ва мақолаҳояшон мунтазам онро ҷонибдорӣ мекунанд, аниқу равшан исбот карда шудааст. Ба ақидаи устод “Ҷадид-гургест, ки пӯсти гӯсфанд пӯшида аз байни ниқоби “маорифпарварӣ”-и вай, ки гӯё барои маърифатнок шудани халқ ғамхорӣ мекарда бошад, дандонҳои ваҳшиёнаи савдогар ва саноатчӣ намудор шуда  меистад.Ҷадидҳо-чаро буржуазияи миллӣ пахш карда шудааст, чаро ба вай роҳи васеъ дода намешавад, гуфта ғам мехӯранд.Ҷадидҳо мегуфтанд, ки эй савдогарони мусулмон, (буржуазияи кампродорирро дар назар доштанд А.Р.), муттаҳид шавед, фабрикаву заводҳо созед, ширкатҳо ва тиҷоратхонаҳо ташкил кунед, он вақт фоидаи зиёд ба даст медоред...

Ҷадидҳо ба даст даровардани хайрияти моддии мусулмоноро бе ташвиқ намудани ғояҳои душманӣ ба хориҷиён, хусусан ба яҳудиён тасаввур намекарданд.”[228]

Олими нуктасанҷ З. Раҷабов дар асараш пас аз сарчашмаҳо ворид намудани маводи зиёд ба фаҳмиши мо ба хулосаи мантиқие омадааст, ки дар ҳақиқат ҷадидҳо ҳеҷ вақт дар назди хеш марому мақсади аз ҷабру зулми саризми рус озод кардани кишвари Туркистон намонда буданд. Баръакс онҳо бо ҳар роҳу восита ташвиқ мекарданд, ки ба ҳукумати подшоҳӣ ёриву мадад расонед.

---

[228]З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик... С.390.

Онҳо ба халқи меҳнаткаш бинобар ҷоҳил ва нодон буданаш бо чашми нафрат назар мекарданд ва бо роҳҳои гуногун халқро аз ҳаракатҳои инқилобӣ боздоштанӣ мешуданд. Ҷадидҳо чунон фикру андешаҳои бепояе изҳор мекарданд, ки "подшоҳи аъзам-император дӯсти миллат аст ва шафқати он ба ҳамаи мо сазовор гардида аст".[229]

Олимони нисбтан ҷавони тоҷик, ки дар замони истиқлолият нисбати ҷадидҳо нуқтаи назар ва фаҳмишу идроки худро доранд, бо андешаҳои устод З.Раҷабов каме бошад ҳам, муқоиса намоем, зеро илм дар як ҷой шахшуда намемонад, пеш меравад, нуқтаи назарҳои нав ба майдони афкори таърихӣ ба вуҷуд меоянд. Аз зумраи чунин олимон профессори нововар ва пухтакор Н. Ҳотамов шомил аст, оид ба таърихи Осиёи Миёна ва аморати Бухоро асарҳои ҷолиб эҷод карда аст, ки аз ҷониби аҳли илм ба баҳои сазовор ноил гардидааст. Ба ақидаи ин олим ҷадидон давомдиҳандаи афкори маорифпарварони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ҳастанд. Аз ин нуқтаи назар, онҳоро ба қатори маорипарварон ҷой додан кори хато нест, аммо изҳор кардааст олим-, ин ҳаракатро нисбат ба маорфпарварони асри XIX як қадам қафо гуфтан хатост. Баракс, ҳаракати ҷадидия нисбат ба маорифпарварони гузашта як қадам ба пеш аст. Зеро маорифпарварони аввал камбудию норасоиҳои замонро дар асарҳо, суҳбатҳо, шеъру сурудҳои худ сахт танқид карда, худ барои амалии онҳо чандон корҳои назаррасе накардаанд. Ҷадидон дар давраи аввал аксари фаъолияти худро бо кори амалӣ-ташкили мактабҳои усули нав, нашри рӯзномаҳо, ислоҳи таълим дар мадрасаҳо ва ғайра сарф карданд.

Инчунин ба ҷадидон тамғаи исломпарастӣ (панисломизм)-ро часпонда сиёҳ намудан низ дуруст нест, зеро фаъолони ин ҳаракат аксаран аҳли савод, муллою

---

[229] З. Раҷабов. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик... С.404; Ҳоҷи Муин, Янги адабиёт, Самарқанд, 1914-1915.С. 32.

муллозодаҳо ва талабагони мадрасаҳо, яъне қариб ҳама аз аҳли ислом буданд. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи олим онҳо ҳаргиз аз доираи ислом берун шуда наметавонистанд. Ва чунин шуданаш ҳам аз имкон берун буд[230].

Тавре ки дар боло гуфта шуд, профессор Қаҳҳори Расулиён ба ақидаҳои академик З. Раҷабов оид ба пантуркистону паисломистон ҳамгироии баъзе ҷадидон тарафдорӣ кардааст. Баъдтар олим андеша меронад, ки устод З. Раҷабов ҳаракати пантуркизм ва наҳзати ҷадидизмро як пиндошта, кулли ҷадидҳоро пантуркист ва панисломист медонад. Ӯ дар ин хусус мисолҳо оварда, ба чунин хулосае меояд:"Бояд арз намуд, ки мо бо ин андешаҳои академик З. Раҷабов дар чанд маврид розӣ шуда наметавонем. Аввалан, ҳаракати ҷадидия аз идеологияи динию сиёсии панисломизм тафовут дошт. Панисломистҳо новобаста аз тааллуқоти нажодию миллию забонӣ мехостанд, мусулмонони ҷаҳонро дар як империяи исломӣ муттаҳид намоянд. Баъдан, наҳзати ҷадидия аз идеологияи миллатчигию шовинистии пантуркизм низ фарқ дошт. Пантуркизм, ки ватани аслиаш Туркия мебошад, тамоми ақвоми турknажоду турkзабонро як миллати воҳид эълон намуда, ҳатто дар Осиёи Миёна мавҷуд будани халқи тоҷикро инкор карда, пантуркистон мехостанд, тамоми ақвоми туркзабонро ба Туркия тобеъ намуда, бо сарварии Туркия империяи бузурги туркӣ ташкил кунанд. Аммо, ҳаракати ҷадидия, -нуқтаи назари хешро идома дода мегӯяд олим,-аз ибтидо аз ҷараёни маорифпарварӣ ҷудо набуда, як навъ идомаи мантиқии ғояҳои тараққипарварии нимаи дувуми қарни XIX бо сарварии Аҳмади Дониш мебошад. Дар ибтидо мақсаду мароми аслии онҳо бо роҳи паҳн намудани арзишҳои маънавӣ, аз ҷаҳолати нодонӣ берун бурдани омма буд. Ҷадидон пеш аз ҳама гурӯҳи ҷавонони озодандеш ва

[230]Н. Ҳотамов. Асари номбурад, С.147-148.

ватанхоҳ буданд, ки Асирию Ҳамзаю Айнӣ низ чанд тан аз ин гурӯҳи ҷавонони огоҳ, яъне ҷадид буданд”.[231]

Дар асари хеш пофессор Қаҳҳори Расулиён номҳои чанд ҷадидони машҳури тоҷикро ба забон гирифтааст: Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдурауфи Фитрат, Мирзоабдулвоҳиди Мунзим, Садриддин Айнӣ, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдулло Файёзи Хуҷандӣ, Саидаҳмади Баслӣ, Абдулқодир Шакурӣ, Ҳоҷӣ Муин, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Мирзомуҳиддин Мансуров, Домулло Икром (Икромча), Садри Зиё ва ғайраҳо.Муҳаққиқ хулосаи дуруст мебарорад, ки “ҳамаи онҳо соҳибтафаккур ва дорои ақидаҳои хоси худ нисбат ба ҳаёт ва муҳити атроф, аз ҷумла воқеаҳои сиёсию иҷтимию иқтисодии ҷаҳон буданд. Бархе аз онҳо дар ақидаи панисломизм, баъзеҳо дар ақидаи пантуркизм буда, қисми дигари онҳо ба таҳаввулоти фикрӣ дучор гардида буданд.”[232]

Маълум, ки дар Бухоро мактабҳои усули нав кушода шуда бошад ҳам, онҳо ба тарафдорон (ҷадидҳо) ва муқобилон, яъне кухнапарастон дучор гашта буданд. Ба ҷадидон лозим буд, ки дар баробари махфӣ нигоҳ доштани фаъолияти худ, роҳи боз ҳам муттаҳидшавиро ҷустуҷӯй намоянд. Ин буд, ки онҳо 1-декабри соли 1910 ҷамъияти пинҳонии худ бо номи “Тарбияи атфол”-ро бунёд карданд. Ин ҷамъият нахустин ташкилоти ҷадидони Бухоро маҳсуб буда, ба тарзи махфӣ кору кирдор мекард ва ифодакунандаи тарафдорони ислоҳот, яъне ҷадидон амал мекард. Натиҷаи кору фаъолияти аъзоёни ин ҷамъият аз он иборат буд, ки аввалҳои соли 1911 як қисми муайяни толибилмони мадрасаҳо ба амир дар бораи ислоҳи усули

[231]Қ. Расулиён.Осори мунтахаб. Ҷилди 11,С. 460-461.
[232]Дар ҳамон ҷо.

таълим дар мадрасаҳо аризаҳо ирсол карданд, ки мазмуни он ба талабҳои ислоҳотхоҳонаи ҷадидон мувофиқат мекард. Соли 1914 шумораи мактабҳои усули нав танҳо дар шаҳри Бухоро ба 45 адад расид. Миқдори талабагони онҳо боз ҳам афзуд.[233]

Чунонки аз ин гуфтор бармеояд, ҷадидони Бухоро берун аз хоҳишу иродаи сулолаи манғитиён, ки фарзандони равшанфикри тоҷикро ба зери таъқиб ва беэътиноӣ медоштанд, нигоҳ накарда мактаби усули навро барои фарзандони тоҷик ихтиёран кушоданд, то ки онҳо босавод шуда, ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии мардум воқиф шуда, барои беҳбудии халқи хеш хизмат намоянд.

Маълум, ки дар боло доир ба фаъолияти маҷаллаи ҷадидон "Оина", ки муҳаррири масъул ва муттасаддии он Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ буда, дар саҳифаҳояш мақолаҳои зиёд оид ба масъалаҳои байналмилалӣ, иқдисодиву иҷтимоӣ, илму маърифат гузаронидани ислоҳотҳо ва ғайра дарҷ гардиданд,ки бешак ҷаҳонбинии мардумро бедор мекарданд. Шахсан М. Беҳбудӣ бо мақсади доир ба таърихи илм, маданият, оид ба инкишофи босуръати таффакур дар асри навин чунин мақолаҳоро навишта дар маҷҷалаи "Оина"дарҷ намудааст:"Таърихи ихтирои башар", "Таърих ва ҷуғрофия", "Ҷуғрофия чист?", "Ҳифзи сиҳати оила", "Офтоб" ва ғайра. Дар мақолаи "Таърих ва ҷуғрофия" муносибати М. Беҳбудӣ ба таърих равшан ташакул ёфта буд. Аз ҷумла навишта буд:"Таърихи халқ, таърихи мамлакат ва таърихи исломро надониста вуҷуд доштани на мусулмони оддӣ, на арбоби давлатӣ, на арбоби дин ва на ходими илм имконият надорад. Таърих ҳамаро, яъне сабабҳои рушд ва заволи давлат, вазъи бовари мардум, таназзули муслулмонӣ, вайрон намудани

---

233Ниг. Н. Ҳотамов асари номбурад, С.156 -157.

қонунҳои бунёдии исломро муайян мекунад. Барои баркамолу боинсоф будан бояд таърихро донист, ягон дониш бе донистани таърих мукаммал нахоҳад буд. Подшоҳу вазир арбобони давлатӣ ва сиёсӣ ҳатман таърихро бояд донанд".[234]

Бояд дар ҷавоби баъзе эродҳое, ки олимони дар боло номбаршуда оид ба ақидаҳои устоди арҷманд З. Раҷабов дар хусуси он ки ҷадидон пайравони пантуркизм ва панисломизм ҳастанд, гуфт, ки олими машҳури солҳои вуҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ консепсияи хешро ба принсипи муборизаи синфӣ такя карда навиштааст. Маълум аст, ки қишри ҷадидҳои доро идеологҳои буржуазияи кампродорӣ (савдоӣ) буданд.

Чунонки маълум аст, дар ибтидои асри XX мамолики Шарқ, ки мустамликаҳои капиталистони Аврупо ва ШМА буданд, бо таъсири инқилобҳои якуму дуюм ва махсусан инқилоби пролетарӣ дар Русия мавҷи ҳаракати миллӣ-озодихоҳонаи дар ин минтақаҳо бо сарварии буржуазияи миллӣ-кампродорӣ боло мегирад. Ва агар меҳнаткашони ин мамлакатҳо барои аз юғи мамлакатҳои беруна ва истисморгарони маҳаллӣ озод шудан байрақи муборизаро баланд бардошта бошанд, мақсади буржуазияи маҳаллӣ самараи ин муборизаҳоро ба фоидаи хеш ҳал кардан буд, яъне капиталистони хориҷиро аз мамлакат бароварда, худашон соҳиби кишвар шуда, оммаи халқро аз будаш зиёдтар истисмор кунанд. Дар ибтидои асри XX дар Осиёи Миёна ва имрӯза Тоҷикистон ҳам чунин ҷараён ба амал омада буд. Буржуазияи кампродорӣ нисбати муносибат ба империяи Русия мавқеи дуҷониба дошт, аз як тараф, бо мақсади ривоҷ додан алоқаҳои иқтисодиву савдоӣ мехост, муносибатро бо ин мамлакат, ки амалан Осиёи Миёна дар зери тасарруфи он буд, муътадил намояд, аз ҷоиби дигар,

---

[234].Н. Ғаффоров. Журнал "Оина"как источник по истории Средней Азии начала XX века...,С.147-149.

бо ибтикори пантуркистону панисломистон кишвари Туркистон ва аморати Бухороро аз Русияи подшоҳӣ ҷудо карда, ба итоати Туркияи усмонӣ дароранд.

Як нуқтаи назарро ба ақидаи мо муаррихон набояд фаромӯш кунанд, ки таркиби этникии ҷадидони Осиёи Миёна ба ду қисм ҷудо мешавад яъне, қисми этникии туркнаҷод ва қисми этникии форсӣ-тоҷикӣ. Қисми этникии ҷадидони туркнаҷот нисбат аз қисми этникии ҷадидони форсӣ- тоҷикӣ ниҳоят доманадор ва барзиёд мебошад. Аз ин ҷо хулосаи мантиқие мебарояд, ки поягузори асосии ғояҳои пантуркистиву панисломистӣ аз этноси туркнаҷод баромада, баъд дар байни дигар этносҳо реша мегирад. Дар адабиётҳои илмии таърихи Тоҷикистон ва аз ҷумла асарҳои академик З.Раҷабов дуруст гуфта шудааст, ки дар ибтидои асри XX ва махсусан бо таъсири инқилоби буржуазӣ-демократии  (соли 1905-1907) рус дар Осиёи Миёна ҳаракати маорифпарварӣ авҷ гирифта, чунин ғояҳо дар адабиёту мақолаҳои равшанфикрон васеъ дарҷ ёфтаанд.

Баъд аз ғалабаи инқилоби туркони ҷавон ва аз тахт рондани диктатор Абдулҳамиди II шароити ба Туркия рафта таълим гирифтани ҷавонони маърифатдӯсти Осиёи Миёна ва аз ҷумла аморати Бухоро  имконият пайдо мешавад. Аз ин рӯ, тавреки аз асарҳои З. Раҷабов ва дигар муаррихон маълум мегардад, вақте ки ҷавонон ба шаҳрҳои Туркия ва қабл аз ҳама ба шаҳри Истамбул барои таълим гирифтан мераванд, дар чанд муддат ба ғояҳои пантуркизм ва панисломиз олуда шуда, баъд ба Осиёи Миёна бармегарданд. Бархе аз онҳо, ки аз этноси форсӣ-тоҷикӣ буданд, баъдтар ба моҳияти ғояҳои зараровари пантуркизм ва панисломизм сарфаҳм рафта пӯшаймон шуда, аз ин ғояҳои зарарнок рӯ гардонида, машғули маърифатнокии мардум мешаванд ва афкори ташкил кардани усули нави мактабҳоро ба диққати амалдорон мерасонанд.

Маълум, ки дар миёнаи солҳои ҷанги якуми империалистии ҷаҳон соли 1916 дар Осиёи Миёна ва Қазоқистон шӯриши умумихалқӣ ба муқобили империяи мустамликадории рус, ки мардуми ин кишварро баробари ҷабру ситам кардан, боз ба корҳои душвору тоқатфарсои ақибгоҳи ҷанг ба таври зурӣ сафарбар карда шуда буданд, оғоз ёфт. Ин шӯриш инчунин ба муқобили амалдорону бойҳои маҳаллӣ, ки меҳнаткашони кишварро бераҳмона зулму ситам мекарданд, нигаронида шуда буд. Аммо, ҷадидон ба ҷои он ки манфиатдори мардуми меҳнаткаш бошанд, баракс тарафи Русияи подшоҳиро гирифта, дар воситаҳои ахбори умумашон оммаро ба сафарбарии ақибгоҳи ҷанг даъват мекарданд. Дар ин хусус академик З. Раҷабов дар асараш чунин гуфтааст:"Ҷадидҳо чӣ даҳанакӣ ва чӣ дар матбуоти худ барои фиристодани мардикорҳо ба ақибгоҳ ташвиқот мебурданд. Онҳо ба кумитаҳои мардикорғундорӣ роҳбарӣ мекарданд, дар пеши бинои маҳкамаи генерал-губернатори Туркистон намоишҳо барпо карда, изҳори садоқатмандӣ мекарданд. Бахшида ба мардикоргирӣ маҷмуаи махсуси шеърҳо бароварда, дар онҳо подшоҳ ва хонаводаи вайро таъриф мекарданд. Газетаи ҷадидии"Вақт" ҳанӯз дар 8-апрели соли 1912 навишта буд:"Аълоҳазрат император Александри II бо сиёсат ва фаъолияти амалиёти худ ба унвони "подшоҳи озодибахш"сазовор гардидааст. Аълоҳазрат Александри III подшоҳи сулҳпарвар буд. Давраи подшоҳии ҳозираи Русия давраи илму дониш аст; аксарияти мактабҳои ҳозираи Русия аз тарафи подшоҳи мо дар муддати 16 соли охир ташкил ёфтаанд, ҳеҷ шубҳае нест, ки ин дар оянда боз ҳам вусъат хоҳад ёфт".[235]

Дар давраи ниҳоят душвору тақдирсози ҷанги якуми ҷаҳон факту рақам ва ҳуҷҷатҳои зиёд шаҳодат медиҳанд,

---

[235] З. Раҷабов.Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С.413.

ки ҷадидон ба ҷои худ камбағалонро ба ақибгоҳ кироя карда, фиристондани бойҳоро амали табиӣ ҳисоб мекарданд. Тавреки З. Раҷабов гуфтааст,худи халқ ба ин масъала тамоман дигар хел рафтор мекард. Дар байни аҳолии камбағал шӯришҳо мехест. Сардори шуъбаи районии политсияи махфӣ-охранкаи Туркистон Волков дар 19-июли соли 1916 дар як қоғази махфӣ ба номи генерал-губернатори Туркистон дар ин бора навишта буд:

“Ба хизмати ҷаноби олӣ арз мекунам, мувофиқи маълумотҳое, ки ба шуъба расидаанд, дар байни халқи маҳаллӣ овоза паҳн шудааст, ки гӯё ба табақаҳои давлатманд ва интеллегенсияи маҳаллӣ имкон дода мешавад, ки ба корҳои хандакковӣ дар ақибгоҳ худашон нарафта пул пардозанд; ба ин муносибат дар байни маҳаллиён ҳаяҷони бисёр пурқуввате ҳис мешавад. Маҳаллиҳо дар чойхонаҳо ва аз ҳамин қабил ҷойҳои дигар мегӯянд, ки агар бойҳо ҳам ба мардикорӣ гирифта нашаванд, табақаҳои камбағали аҳолӣ бетартибиҳои калон сар карда худсарона ба ҷазодиҳӣ ва ниқоргирӣ шуруъ хоҳанд кард”.[236]

Таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки меҳнаткашони Осиёи Миёна, аз ҷумла халқи тоҷик чун дигар халқҳои собиқ империяи Русия инқилбҳои буржуазӣ-демократӣ ва махсусан инқилоби пролетариро, ки ҳокимияти сиёсиро ба ихтиёри синфи коргару деҳқон дод ва онҳоро аз зулми миллӣ озод намуд, бо тамоми ҳастӣ пешвоз гирифтанд. Аммо тавреки устод дар охири асараш ба таври холисона нишон медиҳад, ҷадидҳо ғалабаи инқилоби Октябриро бо дилу гурдаи адоватнок пешвоз гирифтанд.

Дар охир мо метавонем бо ҷиддият ба баҳо ва хулосаи ниҳоят дурусту аниқи яке аз таърихнигорони ҷумҳурӣ Амиршо Ёрмуҳаммадов, нисбат ба нуқтаи назари

---

236.З Раҷабов аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С.416-416.

академик З. Раҷабов ба ҷадидизм ҳамовоз шуд, ки фармудааст:”Академик З. Раҷабов дар таърихнигории муосири мо, ақидаи маорифпарвариро аз ақидаи ҷадидон бо далелҳои эътимоднок ҳифз намуд. Баробари соҳибистиқлолият шудани Тоҷикистон саҳми маорифпарварон дар таърихи мо хеле боло рафт:”[237]

Ба фаҳмиши мо устод З. Раҷабов дар хулосаи асари безаволаш ниҳоят олимона ва холисона зикр кардааст, ки ”Хатои ҷиддии Асирӣ, Ҳамза Ҳакимзода ва С. Айнӣ (то инқилоби Октябр) ва баъзе шоир ва нависандагони тоҷик ва ӯзбек дар ин ҷо буд, ки онҳо моҳияти синфии ҷадидизмро нафаҳмида, фаъолияти худро бо ҳаракати ҷадидизм алоқадор карданд ва бинобар ин фаъолияти маорифпарваронаи онҳо дар он давраи таърихӣ характери либералӣ ва маҳдуде дошт.”[238]

Асари ҷамъбастӣ ва пурмазмуни академик З. Раҷабов “Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX”, дар таъринигории тоҷик дар солҳои 50-уми асри сипаришуда асари нахустине мебошад, ки олими нуктасанҷ, маъхазҳои ниҳоят зиёди боэътимодро ҷуқур ва аз нуқтаи назари танқидӣ омӯхта, ҷараёни ташаккул ва инкишофи фаъолияти намояндагони илму фарҳанг, маорипарварони барҷастаи халқи тоҷик ва умуман халқҳои Осиёи Миёнаро таҳлилу таҳқиқ намуда, ҷойгоҳи онҳоро дар инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд.

---

[237]А. Ёрмуҳаммадов. Саҳми академик З.Ш. Раҷабов дар омӯзиши фаъолияти маорифпарвари тоҷик Тошхӯҷа Асирӣ. Дар кит:Саҳми академик З.Ш. Раҷабов дар рушди илму маорифат ва фарҳанги халқи тоҷик.Душанбе 2016, С. 45.

[238].З Раҷабов аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик..., С. 434.

## 7.Туркистон дар солҳои инқилоби якуми рус

Асари дигари ҷамъбастӣ ва дар ҳақиқат илмиву арзандаи академик З. Раҷабов”Туркистон дар саҳифаҳои рӯзномаҳои болшевикии давраи инқилоби якуми рус (1905-1907)” [239] ном дошта, он дар асоси маъхазҳои бойгониҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва маводҳои сешумори рӯзномаҳои гуногун ва ниҳоят зиёди он давра, хотираҳои иштирокчиёни воқеаҳои инқилобӣ ба риштаи таҳлилу таҳқики ҷиддӣ гирифта шуда аст. Ин асар аз лиҳози сохтор аз шаш фасл яъне,сарсухани муаллиф, инқилоб дар Туркистон, инқилоб ва аҳолии таҳҷоӣ, эътироз дар байни сарбозон, ҷунбишҳои сотсиал-демократӣ, рӯзномаҳо оид ба думаи Давлатӣ ва шаҳрии Тошкент, инқилоб ва масоили маданият, хулосаю эзоҳот иборат аст.

Дар сарсухан муаллиф ба таври мушаххас моҳияти таърихии инқилоби нахустини буржуазӣ-демократие, ки дар қаламрави империяи Русия рух дода, мардуми ҷаҳон ва махсусан меҳнаткашони дар зери асорати мустамликадорону истисморгарони маҳаллӣ мондаи Осиёро бедор кард ва роҳи минбаъдаи муборизаҳои миллӣ-озодихоҳонаро равшан гардонд. Ба гуфтаи устод З. Раҷабов,“ба адабиётҳои дар ин хусус бахшида баҳо дода, дар айни замон қайд кардан ҷоиз аст, ки дар онҳо воқеаҳои инқилобӣ дар Туркистон дар саҳифаҳои рӯзномаҳои болшевикӣ суст таҷассум ёфтааст”[240].

Устод З. Раҷабов дар ин ҷо он рӯзномаҳои болшевикӣ, ки дар онҳо маводҳои арзанда барои навиштани ин асар мадад расонидаанд, махсус зикр кардааст. Ва барои хонандагони сершумори китоб ишора

[239]З. Раджабов. Туркестан на страницах большевистских газет периода первой русской революции (1905-1907 гг.), изд-во “Дониш”Душанбе-1970. 234.С.

[240] З. Раҷабов. Туркестан на страницах…, С.3.

карда мешавад, ки читавр мавқеи рӯзномаҳои болшевикии Туркестон дар саҳифаҳояшон воқеаҳои инқилоби якуми русро таҷассум кардаанд.

Дар бораи инқилоб дар Туркистон , олим оид ба сар задани ҳаракатҳои инқилобӣ дар кишвари Туркистон ва қабл аз ҳама дар шаҳру мавзеъҳои коргарнишини он бо сарварии сотсиал-демократҳо, хусусиятҳои махсус, авҷ ва омилҳои онро бо ҳуҷҷатҳои боварибахш шарҳу эзоҳ додааст. Доман паҳн кардани ҳаракатҳои инқилобӣ натанҳо дар шаҳру деҳаҳои марказии мамлакат ва инчунин дар канораҳои он, аз ҷумла кишвари Туркистон ҳукуматдорони сариэми русро ба ташвиш наандохта наметавонист ва кӯшиш мекарданд, ки бо ҳар роҳу восита пеши роҳи он боздошта шавад. Яке аз воситаҳои ин мақсадро амалӣ кардан он буд, ки пеши роҳи ба Туркистон омадани қувваҳои инқилобӣ ва сарварони сиёсии онҳоро боздоранд. Ҳатто ҳукумати подшоҳӣ ва амалдорони рус мехостанд, ки бо ҳар роҳу тадбир пеши мавҷи ба Осиёи Миёна аз дигар шаҳрҳои Русия омадани коргаронро бо баҳонаи он, ки дар кишвар ҷои корӣ вуҷуд надорад, гиранд. Чунин сиёсати зиддиинқилобӣ дар канораҳои империя дар рафти инқилоби зидди мутлақият дида мешуд. Аммо, таҷрибаи таърихӣ равшан нишон дод, ки бо роҳҳои фиребу найранг ва чорабиниҳои маъмурӣ пеши роҳи муборизаи халқҳои дар кишварҳои дар зери асорати дуҷониба монда, аз ҷумла Осиёи Миёна доштан имконнопазир буд. Чунин ҳаракатҳои инқилобӣ дар ин кишвар,ки дар натиҷаи таъсири баромадҳои синфи коргару деҳқони Русияи подшоҳӣ дар ҷараёни инқилоб ба амал меомаданд, дигар бо роҳҳои гуногун пеши роҳи онро гирифта намешуд.

Дар ин асари олими дақиқназар академик З. Раҷабов ҳаракатҳои инқилобӣ дар кишвари Туркистон бо такя ба ҳуҷҷатҳои матбуоити болшевикӣ, ки дар он ҷараёни инқилоб аз ҷониби мухбирони рӯзномаҳои болшевикӣ сари вақт бекаму кост дарҷ карда мешуданд, ниҳоят

дақиқназарона ва бо таҳлили чуқур ба қалам дода шудааст. Дар ин фасли асар олим ба ҳуҷҷатҳои барзиёди матбуоти даврагӣ ва махсусан аз рӯзномаи "Туркистони рус" (Русский Туркестан), ки дар он бештар воқеаҳои инқилобии Осиёи Миёна ва масъалаҳои муносибати ҳукумати подшоҳӣ ба ин воқеаҳои сиёсӣ мавриди муҳокима қарор гирифта диққат додааст.

Дар асари хеш олим З. Раҷабов бо далелу исбот ба хулосае омадааст, ки коргарони роҳи оҳани Осиёи Миёна, ки отряди аз ҳама пешқадам ва инқилобӣ буданд, ба баромаду ҳаракатҳо норизогии худро ба сиёсати дохидӣ ва хориҷии саризми рус изҳор мекарданд. Вақте ки коргарони стантсияи Черняев аз маъмурияти хеш ҷавоби манфиро дар бораи иҷрои талабҳои иқтисодӣ гирифтанд, дар он сурат корпартоӣ эълон карданд. Дар чунин вазъият барои пароканда кардани чунин намоиш аз баталиони роҳи оҳани Осиёи Миёна 100 сарбоз сафарбар карда шуд. Дар саҳифаҳои рӯзномаи "Туркистони рус"бахшида ба рафтори ношоистаи маъмурият навишта шуда буд, ки муҳандисони роҳи оҳанро бо баҳонаи дар намоиш ширкат варзиданашон аз ҷои кор маҳрум карданд. Дар чунин маврид ҷои муҳандисони аз кор озод карда шударо амалдорони роҳи оҳан ишғол намуданд. Ва ҳангоми ин амал ҳам мадад нарасондан дар он сурат"...паровозҳо барои таъмир кардан ба Русияи аврупоӣ равон карда мешуд."[241]

Аз 17-уми моҳи октябри соли 1905 дар Манифести ҳукумати подшоҳӣ эълон карда шуда буд, ки гӯё ба тамоми омма "Озодии шаҳрвандӣ"туҳфа шуда, дар интихоботҳои Думаи давлатӣ ҳуқуқи васеи интихоботӣ муҳайёст, бо ҳамин ба оммаи васеъ нишон дода мешуд, ки минбаъд дахлнопазирии шахсият, вазъияти ҳарбӣ, вазъияти муҳофизати ҷиддӣ ва ғайра таъмин гардидааст. Ин гӯё амали аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ ба омма гузаштҳои

[241]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…, С.12.

демократӣ кардан буда, бо ин найранг пеши роҳи ҳаракати инқилобӣ боздошта мешуд, аммо таҷриба нишон дод, ки дар тамоми қаламрави ҳукумати подшоҳӣ баромадҳои инқилобӣ дида мешуд. Рӯзномаи “Туркистони рус”дар саҳифааш бо андуҳи зиёд оиди аз дасти қотилон кушта шудани Николай Бауман хабар додааст. 23-ноябри соли 1905 бо амри иҷрокунандаи вазифаи генерал-губернатор Сахаров 10-нафар озодандешагон, ки дар байни онҳо зиёиёни пешқадами Тошкент низ буданд, ба маҳкама гирифта шуданд. Сахаров амали ноҷои хешро сафед карданӣ шуда, изҳор кард, ки гӯё ин гурӯҳ мардумро ба шӯриши яроқнок даъват мекард. Рӯзномаи “Туркистони рус”дар мақолаҳои дар саҳифаҳояш дарҷ гашта, ин амалро сахт маҳкум кардааст,ки он дар асари академик З. Раҷабов муфассал ба риштаи сухан кашида шудааст.

Олими ниҳоят нуктасанҷ ва ҷиддӣ академик З. Раҷабов дар ин қисми асар фаъолияти рӯзномаҳои болшевикии Осиёи Миёнаро, ки дар саҳифаҳояшон оиди ҳаракатҳои инқилобӣ ва аз ҷониби маъмуриятчиёни генерал-губернатири Туркистон бар зидди қуввахои коргариву деҳқонӣ ва дигар адолатхоҳон мувофиқ дидани ҷазоҳои зӯриву таҳдидомез аниқу равшан ва бо дарду бурҳони зиёд ба таври васеъ таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Аз рӯйи ҳуҷҷатҳои овардаи олим маълум мешавад, ки дар солҳои инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус дар тамоми қаламрави Осиёи Миёна ва махсусан кишвари Туркистон, ки мустамликаи ҳукумати подшоҳӣ маҳсуб буд, авҷи ҳаракатҳои инқилобӣ боло мегирифт. Масалан, дар рӯзномаи “Новая жизнь” (Ҳаёти нав) бисёр гуфтугӯҳои аниқу равшан оид ба намоишҳо, баромадҳои кӯчагии коргарон ва оммаи сарбозон, ки онҳо барои озодӣ ва ҷуръати қатъӣ баҳри ба даст даровардани ҳуқуқи инсонӣ мунтазам мубориза мебаранд,ҷой дода шудааст.

Ин рӯзнома дар саҳифаҳои хеш бисёр маводҳое, ки ба воқеаи моҳи ноябри соли 1905 дар қалъаи Кушка рӯй дода буд дарҷ кардааст. Дар ин маводҳои дарҷгардида доир ба корпартоии роҳи оҳанчиёни Кушка ва аз ҷониби қувваҳои инқилобии Русия тарафдорӣ кардани он дида мешавад, зеро ин корпартоӣ ҳамчун як қисми ҳаракати умумирусӣ дониста мешуд. Рӯзномаи"Ҳаёти нав"дар саҳифаҳояш қарори кумитаи петербургии почта-телеграфи иттифоқи Умумиросиягиро дар бораи суди саҳроии Кушка, ки муҳандис Соколов ба суд дода буд дарҷ намуд. Дар рӯзнома навишта мешавад,ки ин амали зиддихалқӣ буда, нисбат ба озодии эълон кардаи манифести моҳи октябри соли 1905 –ум таҳқировар ва масхарабозист. Ин аниқу равшан нишон медиҳад, ки ваъдаву қоғазбозиҳо ягон беҳбудие намеоварад. Мо қаҳру ғазаби беҳамтои хешро доир ба рафтор ва сухани зишту қабеҳ изҳор намуда, фавран талаб мекунем, ки суд нисбат ба Соколов ва дигарон хобонда шуда, судҳои саҳроӣ бекор карда шаванд.

Бахшида ба солгарди воқеаи нангини якшанбеи хунин (9 январи соли 1905), ки бо иғвои поп Гапон дар шаҳри Петербург доир гашта, аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ коргарони беяроқ қотилона тирборон карда шуда буданд, баромадҳои инқилобӣ дар кишвари Туркистон ва умуман дар қаламрави Осиёи Миёна пайи ҳам рух доданд, ки сабаби ташвиши амалдорони саризми рус мегардиданд.

Масалан, 8-9 уми моҳи январи соли 1906 дар шаҳри Тошкент эълони расмии маъмурияти саризм дар ҳама ҷо часпонда шуда буд. Дар он гуфта мешуд, ки тамоми кӯшишҳои барпо кардани намоиш ва эътироз қатъиян манъ карда шудааст ва овозаҳои ин таҳдид тамоми кишвари Туркистонро фаро гирифта буд. Аммо, ба чунин дуғу пӯписа ва таҳдиди ҳукумати подшоҳӣ нигоҳ накарда, корпартоӣ, митингу намоишҳои коргарон ва махсусан коргарони роҳи оҳан бемайлон доир мегардиданд.

Мувофиқи ахбори рӯзномаи “Туркистони рус” 9-январи соли 1906 шаҳри Тошкент “лагери ҳарбиро ба хотир меовард”. Дар муқобили калисо ҳарбиён бо пушка камин гирифтанд. Коргарони роҳи оҳани Красновод 22-феврал барои сари вақт надодани маоши моҳи январ корпартоӣ намуданд.Талаботи роҳиоҳанчиён ба эътибор гирифта нашуд ва стансияи роҳи оҳанро ҳарбиён ишғол намуданд.[242]

Аз ҳаракатҳои инқилобӣ ҳаросида маъмурияти роҳи оҳани Осиёи Миёна бе ягон сабаб коргарони равияи инқилобӣ доштаро аз корхона сабукдӯш карда, онҳое, ки ба намоиши солгарди якшанбеи хунин ширкат варзида буданд, ҷарима мебастанд. Аммо, ин ва дигар чораҳои маҳдудкунӣ ба равиши инқилобӣ монеъ нашуда, баръакс муборизаи меҳнаткашонро баҳри озодӣ аз истисмори дохиливу беруна афзун мекард. Яке аз дастовардҳои демократии синфи коргари кишвари Туркистон дар ин давра барпо намудани иттифоқи касаба мебошад, ки ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ барои аз зулми мустамликавӣ озод шудани оммаи халқ муборизa мебурд.

Ҳақ ба ҷониби академик З. Раҷабов, ки фармудааст, ба террори сахти саризм нигоҳ накарда, ҳаракатҳои инқилобӣ дар байни коргарони кишвари Туркистон дар миёнаи соли 1906 ҳам басанда нашуда, аммо миёнаи моҳи июл корпартоии чопхонаи Минаков авҷ мегирад. Дар Қӯқанд онҳо дар назди сардори корхона масъалаи рӯзи кори ҳаштсоата, ёрии бемузди тиббӣ, рухсатии якмоҳаи солона бо нигоҳ доштани музди кор, бо маслиҳати ҳамаи коркунони чопхона коргаронро аз кор сабкдӯш ва қабул кардан ҷорӣ намуданро ба миён гузоштанд.[243] Аммо, таҷрибаи таърихӣ равшан нишон дод, ки талабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданию демократии коргарон

---

[242]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С. 31-32.
[243]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С.46.

иҷронашаванда  ва беқурб монд. Бинобар ин, баромадҳою корпартоиҳо ва намоишҳои коргарон дар кишвари Туркистон ва умуман дар қаламрави Осиёи Миёна хомӯш нашуда, рӯз то рӯз авҷ ва шаклу мазмуни ба шароити маҳал вобаста сурат мегирифт.

Ба ин муносибат аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ барои нигоҳ доштани тартиботи мустамликадорӣ дар қаламрави Осиёи Миёна ва алалхусус дар кишвари Туркистон, чораҳои ҳарбӣ дида мешуд, ки он дар саҳифаҳои рӯзномаҳо ботафсил дарҷ мегардид. Масалан, рӯзномаи "Туркистон"телеграммае, ки аз рӯзномаи "Туркестанские ведомости"гирифта чоп карда буд, онро сарвари кишвар аз Петербург гирифта буд,ки дар он гуфта мешуд:"Муҳлати вазъияти мустаҳкам кардани амали муҳофизат дар шаҳри Тошкент, уездҳои Тошкент, Чимкент ва Авлиёатои вилоятҳои Сирдарё,Фарғонаю Самарқанд мувофиқи фармони шоҳ аз моҳи сенябри соли 1906 то моҳи сетябри соли 1907 дароз карда шавад."

Дар телеграммаи дигаре, ки аз шаҳри Петербург ба кишвари Туркистон расида буд, таъкид гардид, ки вилояти Фарғона ҳамчун вазъияти мудофиавӣ эълон шуда, ба ихтиёри сарфармондеҳи губернатори ҳарбии Фарғона дода шавад. Дар телеграммае, ки боз аз Петербург ирсол шуда буд, нишон дода мешуд, ки тамоми шаҳрҳо аз Тошкент сар карда, то Красноводск, ки дар хати роҳи оҳани Осиёи Миёна қарор доштанд, ба ҳолати мудофиаи фавқулода эълон карда шавад.[244] Аммо, чун пештара чорабиниҳои ҳарбӣ ва дуғу пӯписаҳои амалдорони ҳукумати подшоҳӣ пеши роҳи авҷи ҳаракати инқилобии коргарони Туркистонро дошта наметавонист, онҳо махсусан дар ҷойҳои коргарию коргарнишин бо роҳу воситаҳои мухталиф сар мезаданд.

[244]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С. 51.

9-январи соли 1907 дар калисои роҳи оҳани стансияи Самарқанд, дар ҷои ист ва таъмири паровозҳо коргарон бахшида, ба рӯзи 9-уми январи соли 1905 ба мубориздони роҳи озодӣ, ки дар Петербург ҷон дода буданд, маросими мотам ва ибодат ташкил карданд. Ё худ рӯзномаи "Ташкентский курьер" (Хаткашони Тошкент) дар натиҷаи корпартоии коргарони нашриёт 8-рӯз чоп нашуд, ки дар он ҷо ин рӯзнома дарҷ мешуд.

Тавре ки факту рақам ва маводҳои зиёд аниқу равшан нишон медиҳанд, моҳият ва мавқеи воситаҳои ахбори умуми болшевекии Осиёи Миёна, аз ҷумла кишвари Туркистон дар солҳои инқилоби якуми буржуазӣ-демократӣ дар роҳи ба омма сари вақт расонидани баромаду корпартоиҳои коргарон ва меҳнаткашон ба муқобили ҷабру ситами мустамликадорон, муқобилияти сахти ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба инқилобчиён, ки баъзан ба қатли ом табдил ёфта буд, инчунин иттифоқи пролетариати рус бо меҳнаткашони маҳаллӣ дар роҳи муборизаи якҷоя ба муқобили мутлақият ва бисёр дигар масъалаҳои мубрами он даврро дар саҳифаҳояшон дарҷ карда, шуури сиёсии оммаро бедор мекарданд.

Муҳтавои асосии донишманд З. Раҷабов дар ин қисми асар аз он иборат аст, ки дар асоси маводҳои дастрас ва воқеъбинона рӯзномаҳои ташкилотҳои маҳаллӣ ва марказии Ҳизби сотсиал-демократии коргарии Русия (РСДРП), ки ба ҳаёт ва тарзи зиндагии мардуми меҳнаткаши маҳаллӣ дар давраи системаи мустамликадорӣ ва ҳукмронии феодалони дохилӣ тааллуқ дорад, ба риштаи таҳлилу таҳқиқ гирифтан аст. Дар ҳақиқат вақте ки ба усул ва тарзи баёну таҳлили ҳар як лаҳзаи ҳаёт ва муборизаҳои оммаи халқи кишвар барои истиқлолияти миллӣ дучор мешавед, аниқу равшан мегардад, ки устод З. Раҷабов барои исботи нуқтаи назари хеш оид ба ин ва ё он масъала ниҳоят бомаврид, мӯшикофона ва дар ҷояш бо ҳуҷҷату

маводҳои ҳақиқӣ ва боварибахш ба тафаккуру идроки хонанда мерасонад.

Тавре ки устод мефармояд, рӯзномаҳои болшевикӣ дар хусуси аҳолии маҳаллӣ мавод дарҷ карда, қабл аз ҳама аҳолии бебисот ва камбағалони кишвари Туркистонро дар мадди назар дошта, ҳифзи онҳоро яке аз вазифаҳои муқаддаси хеш мешумориданд.

Аҳолии маҳаллӣ оммаи сартосар ва бесимо набуда, балки аз нуқтаи назари синфӣ аҳолии тараққикарда буда, дар саҳифаҳои рӯзномаҳои болшевикӣ ва тараққипарвар бо сатри сурх дарҷ гардидаанд. "Дар айни замон,- навишта буд рӯзномаи "Туркистони Рус" ("Русский Туркестан"),- қисми аҳолӣ, аз ҷумла савдогарон дар вақти ҳукмронии мо давлатманд гардиданд, аммо пролетариати шаҳриву деҳот дар байни мардуми кишвари Туркистон аз ҳад сершумору фаровон буда, озуқавории ниҳоят қимату гаронбаҳоро имконияти харидан надоштанд..."[245] Ин як мисолест, ки симои нанговари тартиботи мустамликадориро дар кишвари Туркистон кушоду равшан нишон медод.

Агар ба таърихи арафа ва солҳои инқилоби якуми буржуазӣ- демократии рус дар кишвари Туркистон бодиққат шинос шавед, ба чунин хулоса меоед, ки мустамликадорон мардуми маҳаллӣ, махсусан мардуми ноҳияҳои дурдасту кӯҳистонро ба мошини истисмори гӯшношунид гирифтор карда буданд. Сабаби чунин кирдори ваҳшиёнаи мустамликадорон буд, ки ин мавзеъҳои кӯҳиву доманакӯҳ аз марказҳои ҳаракати инқилобии Осиёи Миёна дар канор ҷойгир будаанд, инчунин меҳнаткашон аз лиҳози фаҳмишу идроки сиёсӣ ва ҳуқуқӣ фарсаххо дур меистоданд. Доир ба ин масъалаи иҷтимоӣ хонанда метавонад дар ин асари устод З. Раҷабов бо бисёр маводу ҳуҷҷатҳои муфид дучор гардад, ки симои манфури мустамликадорони рус ва бою феодалҳо ва

[245]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С.53.

руҳониёни иртиҷоии маҳаллӣ, ки вазни худро ба дӯши мардуми ҷафопеша бор карда буданд, воқиф гардад.

Ба гуфтаи устод академик З. Раҷабов, депутат аз вилояти Самарқанд ба думаи II давлати К. Афрамович ба волости Киштӯди вилояти Самарқанд ташриф овард ва дар бораи маълумот ва таассуроти хеш дар саҳифаи рӯзномаи “Зарафшон”нақлашро бо унвони “Террори сабз”дарҷ намуд ва тавреки рӯзномаи “Бапеш” (Вперед) чунин изҳор дошт ”...тамоми ваҳму воҳима ва даҳшат ба мардуми маҳалии волости Киштӯд нисбат дода мешуд”. Рӯзнома ба чунин ҳикоя такя намуда, навишта буд, ки ҷангалбонони амалдори волости номбаршуда ”...густохона ва бешармона оммаи васеи бебизоат ва торики кишварро истисмор мекарданд”, “...дар натиҷа порахӯрию ришваситонӣ дар ин ҷо ба низоми муайян даромада буд”.

Комиссияе, ки барои муайян кардани чунин сӯйиистеъмолкунӣ таъсис дода шуда буд, волостҳои Искандаркӯл, Киштӯд ва Фалғарро дида ва санҷида баромад, чунин хулоса баровард”...дар ҳама ҷо як чиз ба назар мерасид, яъне истисмори балвоангезонаю вайронкунандаи оромии мардуми маҳаллӣ ҳукмфармо буд.”[246]

Дар кишвари Туркистон дар солҳои рафти инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус, ки масъалаи тақсимоти замин ва алалхусус заминҳое, ки деҳқонон ва ё крестанинҳои аз Русия ба Осиёи Миёна муҳоҷир коркард мекарданд ва дар онҳо зироатҳои мухталифи хоҷагии кишоварзӣ кишт ва парвариш менамуданд, яке аз масъалаҳои баҳсталаб ва ҷанҷолии иҷтимоӣ маҳсуб буд. Ин масъалаи ниҳоят нозуку баҳсталаби Осиёи Миёна низ дар рӯзномаҳои болшевикӣ ва тараққипарвар мунтазам дарҷ гардида, дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ байни гурӯҳҳои

[246]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С. 55-56.

мухталиф мавриди муҳокимаҳои давомнок ва тезутунд қарор мегирифт.

Вақте ки крестянинҳои руси деҳаи Карабаеви уезди Авлиёато  амалдоронро хоҳиш намуданд, ки онҳоро бо заминҳои муътадил ва киштбоб таъмин намоянд, дар он сурат сардори политсияи маҳаллӣ кинаву адовати аҳолии маҳалиро нисбат ба рафтори ноодилонаи мустамликадорон эҳсос намуд, якчанд сад казакони аз Тошкент даъват шударо пешкаши онҳо намуд. Бо нишондоди устод З. Раҷабов рӯзномаи "Туркестони рус"дар саҳифаҳояш чандин маротиба дар бораи задухӯрдҳои хунини байни аҳолии таҳҷоӣ ва амалдорони рус дар атрофи  баҳсу мунозира дар хусуси ҷудо кардани замин дар солҳои 1905-1907 мақолаҳо дарҷ намудааст.

Дар саҳифаҳои рӯзномаҳои болшевикӣ сиёсати ба мавзеъҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла ба даштҳои беканори Мирзочул кӯчонда овардани деҳқонони рус, масъалаи баҳсталаб маҳсуб буда, дар мақолаҳое, ки дар ин рӯзномаҳо дарҷ мешуданд, ба зери тозиёнаи танқид ва таъна гирифта шуд. Рӯзномаҳо моҳияти реаксионии ин сиёсатро фош намуда, эътироф мекарданд, ки аз Русия ба Туркистон кӯчонда бурдани крестянҳо дар асл ғорат кардани деҳқонони маҳаллӣ,ки дар зери истисмори дуҷониба гирифтор буданд, аст. Масалан, рӯзномаи "Самарқанд"доир ба ниҳоят камбағал будани мардуми деҳаҳои уезди Самарқанд доимо мавод дарҷ мекард.

Мувофиқи ақидаи устод З. Раҷабов зулму ситами саризми рус дар Туркистон ба дараҷае сахт ва ҷонгудоз буд, ки мувофиқи маълумоти рӯзномаи "Тукистони Рус"ба санаи 30-солагии фатҳи Фарғона аз ҷониби русҳо наздик шуданаш нигоҳ накарда, "мардуми маҳаллӣ дар ҳолати навакак мутеъ шуда ба назар мерасиданд".

Дар саҳифаҳои рӯзномаҳои прогрессивӣ доир ба ягонагии пролетариат дар роҳи мубориза ба муқобили

сохти мустамликадорӣ ва мубориза дар роҳи озодии халқ аз зулму ситами мустамликавӣ, роҳу воситаҳои ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ ва ғайраро ба меҳнаткашон кушода мешуд. Рӯзномаи “Самарқанд”аниқу равшан менавишт, ки муборизаи пролетариати рус ба муқобили саризм, бояд ба озодии ҳақиқии тамоми халқу миллатҳои мамлакат оварда расонад. Аз ҷумла дар ин хусус рӯзнома навишта буд:”...Вақте ки мутлақият аз бебақоии вуҷудияташ аз тарсу ҳарос огоҳ мешавад, мамлакатро дар ҳолати бадахлоқиву муомилаи ваҳшиёнаи инсонбадбинӣ ва низоъи миллӣ  тарғибу ташвиқ мекунад, дар чунин вазъият пролетариати кулли миллату халқиятҳо роҳи халосиро аз ин сиёсати зиддихалқӣ  ягонагии коркунони тамоми миллатҳоро дар муборизаи умумӣ бо саризм мебинад.”[247]

Таҷрибаи таърихӣ равшан нишон дод, ки меҳнаткашони Осиёи Миёна, ба сиёсати шовинистӣ, ки ҳукумати саризм дар кишвар ҷорӣ намуд ва таъқиби қонунҳои ислом дар таомули мардум роҳ дода нигоҳ накарда, ҳаракати озодихоҳонаи русро дар ҳар мавриди тарафдорӣ ва дастгирӣ намуданд.

Академики академияи улуми Иттиҳоди Шуравӣ аллома Б. Ғафуров ба ақидаҳои устод З. Раҷабов дар хусуси дар ибтидои асри XX-ум дар бораи бедории синфии мардуми маҳаллии Осиё Миёна ҳамовоз гардида, иброз намудааст, ки воқеаҳои зиддиҳукуматӣ ниҳоят шиддат гирифтанд. Ин воқеа сабабҳои зерин дошт, яъне истисмори феодалӣ ва зулму асорати андозҳо тоқатгудоз мешуд. Худшиносии синфии камбағалони маҳаллӣ такмил меёфт, ба сабаби ҳама бозорҳоро зер кардани молҳои русии фабрику заводӣ мардум, махсусан косибон зуд бенаво мешуданд.Чунин

[247]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С. .68-69.

воқеаҳо барои ҳамин ҳам аҳамияти беандоза калонро соҳиб буда, дар натиҷа бо муборизаи озодихоҳонаи пролетариат ва деҳқонони тамоми Русия, бо ҳаракати револютсионии кишвари Туркистон алоқаманд шуданд.[248]

Баробари ин аллома академик Б. Ғафуров доир ба ҳаракатҳои инқилобии синфи коргари Осиёи Миёна сухан гуфта, ба таври холисона навиштааст:"Дар арафаи револютсияи соли 1905 пролетариати миллии камшумори Осиёи Миёна дар ҳаракати револютсионӣ нақши асосиро бозӣ карда натавонист. Дар сафи пеши ҳаракати револютсионӣ пролетарҳои рус меистод, ки дар шаҳрҳои калони Туркистон ва стансияҳои роҳи оҳан гирд омада буд. Коргарони рус дар Осиёи Миёна ба воқеаҳои револютсионии солҳои 1905-1907 фаъолона иштирок мекарданд: намоишҳо, корпартоиҳо, ташкил намуда,ташвиқоти васеъ мегузарониданд, шӯришҳо мебардоштанд, шуроҳои депутатҳои коргарон ташкил мекарданд."[249]

Маълум, ки то сари вақт пеши роҳи ҳаракатҳои инқилобиро бо яроқу аслиҳа гирифта тавонад, генерал-губернатори кишвари Туркистон барои "оромии" меҳнаткашон округи ҳарбиро таъсис дода буд, Аммо бо нишондоди академик З. Раҷабов хизмат дар артиши ҳарбии ҳукумати подшоҳӣ ниҳоят сангин, тарзи зисту зиндагонии сарбозон ба дараҷаи тоқатнопазир ҷараён дошт. Командирон сарбозони оддиро ба қатори одамон ҳисоб намекарданд, муносибату рафторашон нисбат ба сарбозони қаторӣ, баъзан ғайриинсонӣ ва ҳайвонсифат буд. Зеро дар сари артиши ҳукумати подшоҳӣ

[248]Б. Ғафуров.Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна, давраи нав. Душанбе "Нашриёти муосир"-2020, С. 766.
[249]Б. Ғафуров.Тоҷикон. Таърихи қадимтарин..., С. 767.

командирони беқобилияту беистеъдод ва бераҳму сангдил меистоданд.

Дуюм, ин ки дар байни артиши ҳукумати подшоҳӣ руҳи шовинизм дида мешуд. Масалан, рӯзномаи "Самарқанд" командири 7-уми баталиони Туркистон полковник Пучковаро барои он фош намуд, ки ӯ ба сарбозони худ изҳор кард, ки "...полякҳо, яҳудиҳо ва арманиҳо беэътимоду шӯбҳанок ҳастанд". Рӯзномаи "Самарқанд" сухани ӯро эзоҳ дода, хулоса мебарорад ва менависад, ки полковник "байни сарбозон тухми ихтилоф ва низоъро мекорад".[250]

Истисмори ҷонкоҳонаи саризми рус артиши кишвари Туркистонро низ ба ҷунбишу ошубҳо овард ва он дар ҳаракатҳои инқилобии солҳои 1905-1906 ширкат варзид.

Дар асари устод З. Раҷабов бо факту далелҳои боварибахш ҷараёни ҳаракати сарбозони кишвари Туркистон ва ба мавҷи умумии инқилобии солҳои 1905-1906 ҳамроҳ гаштани онҳоро бо мисолу маводҳои аниқу равшан ва ниҳоят зиёди побарҷои рӯзномаҳои сотсиал-демократӣ ба риштаи сухан гирифта шудааст.

Баромади яроқноки сарбозон,-ба ақидаи академик З. Раҷабов,- дар қалъаи шаҳри Тошкент дар шаб ва саҳари ноябри соли 1905 дар натиҷаи тактикаи нодурусти эсерон пеш аз муҳлат маҳсуб буд, аммо ба ин нигоҳ накарда, он дар шароити Туркистон бечунучаро таъсири зиёди сиёсӣ овард. Албатта, болшевикони Туркистон ҳамон вақт нуқтаи назари хешро дар бораи пеш аз муҳлат ба қалъаи Тошкент бо ташаббуси эсерон зада даромаданро маҳкум карда буданд. Рӯзномаи болшевекии "Тукестони рус"навишта буд, ки ҳуҷуми сарбозон ба қалъаи Тошкент хусусияти сӯиқасдчигӣ дошт, зеро он қадами соддалавҳона аз ҷониби сарбозони инқилобӣ ба ҳисоб мерафт.

---

[250]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С.. 89.

Дар сармақолаи рӯзнома оварда буданд:”Баромадҳои рафиқон сарбозонро дар арсаи муборизаи сиёсӣ барои озодӣ маъқул шуморида, баробари ин коргарон ба онҳо сабаби бебарориашонро нишон дода, ин амалро ҳамчун сӯйиқасди шӯриши ҳарбӣ, ки қувваҳои хешро бе баҳои ҳақиқӣ додан мавқеъ ва вазифаҳои худро дуруст насанҷиданд, ба шикаст дучор гардиданд. Шумоён кори кардаатонро фикру андеша карда будетон, рафиқон,- навишта буданд коргарон ба сарбозон,- бо мо машварату гуфтугӯ накардетон, мо ҳам чун шумоён фарзанди халқ ҳастем, кори шумо кори мо низ ҳаст, пирӯзии шумо пирӯзии мост, шикасти шумо низ шикасти мост”.[251]

Гарчанде ки дар баромадҳои зидди ҳукумати подшоҳӣ ва сарварони ҳарбии кишвари Туркистон бо дахолати ҳизби муросокори эсерӣ қарорҳои хому вазифаҳои то охир насанҷида дида шавад ҳам, дар тамоми қаламрави кишвари Туркистон ҳаракатҳои инқилобии сарбозон дида мешуд. Ин мавҷи ҳаракати инқилобии сарбозон ҳукумати подшоҳиро тарсонда ва ба воҳима наандохта наметавонист. Ва ҳукумати подшоҳӣ ва гумоштаи ӯ дар кишвари Туркистон генерал- губернатор ба муқобили баромадҳои инқилобии сарбозон, ки қисми ҷудонашавандаи муборизаи умумии миллӣ-озодихоҳии халқҳои минтақаи Осиёи Миёна ба муқобили истибдоди сахти саризми рус равона карда шуда буд, чораҳои фаврӣ ва ҷазодиҳӣ “эҷод” карда буданд.

Аз рӯйи нишондоди академик З. Раҷабов, аз пойтахти империя- шаҳри Петербург дастуру фармонҳо ва супориш дода шуда буд, ки ба тарзи тафаккури итоаткунандагон назорат ҷорӣ карда, он мансабдоронро аз вазифа сабукдӯш карда шавад, ки ба ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ майл дошта бошанд. Дар бисёр шаҳрҳои Туркистон политсия бо

[251]Ниг.З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С..93-94.

мақсади дарёфтани силоҳ кофтукови бемайлони макону манзилҳо гузаронида мешуд.

Чунин рафторҳои зӯроварии ҳукумати подшоҳии рус ва амалдорони ӯ дар кишвари Туркистон натанҳо пеши роҳи баромадҳои сарбозонро гирифта тавонист, баръакс ҷараёни ҳаракат ва баромадҳои инқилобии онҳоро тезонид.

Дар рӯзномаи "Самарқанд" қарори сарбозони Тошкент ва баталиони 2-уми роҳиоҳанчиён,ки 25-июни соли 1906 дар митинг бо як овоз қабул карда шуд, дарҷ гардид. Дар он аз ҷумла гуфта шуда буд:"Мо сарбозони гарнизони Тошкент ва баталиони 2-уми роҳи оҳани Закаспӣ, ки бо шумораи 700 одам дар митинг ҷамъ омадем ва вазъияти ҷории сиёсии имрӯзаро ҳамаҷониба муҳокима намуда, қарор додем, ки муташаккил ва муттаҳид шавем, то ки дар ҳар ҳолат барои ҳифзи манфиати халқ аз муқобилияти ҳукумати расмиятпараст ва ғосиб бояд тайёр бошем."[252]

Тавре ки дар боло зикр карда шуд, ҳукумати подшоҳии рус ва маъмуриятчиёнӣ маҳаллӣ ҳар вақт бо роҳи таҳдид ва зӯрии ароқу аслиҳа ва ба маконҳои дурдасти империяи Русия бадарға намудани сарварон ва иштирокчиёни фаъоли ҳаракатҳои инқилобӣ пеши роҳи муборизаи аҳолии маҳаллиро баҳри истиқлолияти миллиро гирифтан мехостанд. Аммо ҳар дафъа ба чунин рафтору кирдори бераҳму манфури мустамликадорон пролетариати рус бо ҳамбастагӣ ва дастгирии меҳнаткашони маҳаллӣ ҷавобҳои инқилобӣ медоданд. 3-уми моҳи июли соли 1906 маъмурияти ҳукумати подшоҳӣ баҳри тарсонидан ва пеши роҳи ҳаракатҳои инқилобиро гирифтан мақсад гузошт, ки бо қаторахо сарбозони баталиони Туркистонро барои дар ҷунбишҳои инқилобӣ ширкат варзидан ба бадарға фиристад. Тавре ки рӯзномаи "Самарқанд" менависад, коргарони корхонаҳои шаҳри Тошкент ба чунин мақсади

[252]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С. 103.

разилона зид баромаданд. Дар чунин ҳолат казакон ва тирандозон бо ду пулемёт ба ин ҷо сафарбар карда шуд. Ба коргарон қувваҳои ёрирасон, аз ҷумла қисмҳои муҳандисӣ низ расида омаданд, ки дар натиҷа байни онҳову казакон ва тирандозон задухӯрди яроқнок рух дод ва дар он наздики 30 одам ҳалок гардид.[253]

Пас аз чанд рӯз оид ба ин воқеаҳо рӯзномаи "Самарқанд" нисбатан васеътар ва бо ҷузъиёташ дар саҳифаҳояш дарҷ намуда буд. Бо гуфтаи академик З. Раҷабов, пас аз изтиробу туғён ва оташ задани маҳкама 13 сарбозе, ки бо баҳонаи сайругашт иҷозат гирифта буданд, ба даст ишкел зада, ба бадарға ҳукм карда, бо қаторахои роҳи оҳани Осиёи Миёна равон карда шуданд. Дар вокзали Тошкент намоиши калон барпо гардид, казакҳо шамшерҳояшонро аз ғилоф баровардa, намоишкорона ба сӯйи ба бадарға ҳукмшудагон равон шуданд, аммо ягон куштор рӯй надод. Коргарон хатҳои роҳи оҳанро азҳам ҷудо карда интизори омадани қисмҳои муҳандисӣ (сапёрҳо А.Р.) буданд, то ки рафиқонашонро аз дасти амалдорони ҳукумати подшоҳӣ раҳой намоянд. Дар ин вазъият яке аз роҳбарони сотсиал-демократия М.В. Моров даъват карда шуд, дахолати ӯ пеши роҳи хунрезиро боздошт. Казакҳо дур карда шуданд, коргарон бо рафиқони хеш хайрбод намуданд.

Ҳаминро бояд зикр намуд, ки ин ва садҳо дигар рафторҳои ваҳшиёнаи ҳукумати подшоҳӣ ва маъмурияти маҳалии кишвари Туркистон нисбат ба меҳнаткашон ва мазлумони таҳҷой, авҷи ҷунбишҳои инқилобиро оид ба мустамликадорон ва истисморкунандагони маҳаллӣ, ки онҳо ҳам ба ҷони халқ расида буданд,  ба ҷӯшу хурӯш меорад. Доир ба чунин воқеаҳо рӯзномаҳои сотсиал-демократӣ сари вақт дар саҳифаҳояшон ба таври хабару

[253] З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С.108.

очерку мақолаҳои танқидӣ, фелъетонҳо чоп намуда, шуури сиёсии оммаро бедор мекарданд.

Дар шаҳру марказҳои саноатии Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Самарқанд, Бухоро, Тошкент, Хуҷанд, Фарғона, Қӯқанд , Намангон ва ғайра митингу намоишҳо ва дигар баромадҳо дар зери шиорҳои инқилобӣ сурат мегирифт, ки доир ба чунин нигоришҳо рӯзномаҳои болшевикӣ диққати оммаро ҷалб менамуданд.

Дар Намангони нав дар дохили калисо намоиши бисёродамона доир гардид, ки он руҳи пурҳаяҷон ва бо ҷӯшу хурӯши инқилобии ширкаткунандагонро ифода мекард, аммо ба ин руҳи болидаи меҳнакашон талаби амалдорони ҳукумати подшоҳӣ дар бораи аз калисо дур кардани сарбозон зарба зад. Раискунандаи намоиш иҷроиши ин талаби амалдоронро қатъиян рад намуда, қайд кард, ки "армия, фарзанди халқ, дар маҷлиси халқӣ бо ҳам якҷоя ширкат варзида, худро дар канору зулмот нигоҳ надоранд". Чунин суханони раискунандаи намоишро иштирочиён бо як овоз дастгирӣ намуданд.[254]

Дида мешуд, ки бештар,- шарҳ медиҳад устод З. Раҷабов,-сарбозон ва коргарон дар намоишу истироҳатҳои халқӣ якҷоя "Марселеза" ва дигар сурудҳои инқилобиро замзама мекарданд, ки он руҳи озодихоҳонаи мардумро боло ва тоза мекард. Масалан, тобистони соли 1906 дар Чорҷӯй берун аз шаҳр намоиш барпо гардида, дар он зиёда аз 400 нафар одамон ширкат варзидаанд, ки қисми асосии онро сарбозони гарнизони маҳаллӣ ва коргарон ташкил мекарданд. Дар намоиш нотиқон баромад карда, доир ба пароканда кардани Дума, дар бораи рафтори ҳукумат, оид ба гуруснагӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ сухан мекарданд. Дар охири намоиш марши хотираи дафни муҳандисони (сапёрҳо А.Р.) фавтидаи 3-уми июли соли 1906 дар шаҳри Тошкент баргузор гардид. Вақте ки 20

[254].Ниг.З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С. 110.

нафар казак барои пароканда кардани намоиш омаданд, намоишчиён кам-кам онро тарк намуданд ва отряди казакон аз байни издиҳом 3 сарбоз ва 3 коргарро ба даст гирифта, ба маҳкама бурданд.

Ин воқеаро дида парокандашудагон аз сари нав ҷамъ омада,барои ба душман зарба задан бо хишту сангу чӯб мусаллаҳ шуданд. Овози намоишгарон баланд мешуд, ки одамони ба маҳкама гирифтор озод карда шаванд. Казакон аз талаби ҷиддии оммавӣ ба ҳарос омада, маҳкумшудагонро озод намуданд. Ва оммаи ба шӯр омада, баъди озодии сарбозону коргарон бо таассуроти нек ва болида, ба хонаҳои хеш раҳсипор гаштанд.

Бо ҳамин дар натиҷаи фаъолияти самараноки инқилобии ҳизби сотсиал-демократии Русия ва ташкилотҳои маҳаллии он дар кишвари Туркистон, ғояҳои ягонагии артишу халқ дар давраи инқилоби якуми рус васеъ реша давонд ва ин роҳи минбаъдаи ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳонаи халқҳои солҳо дар зери истисмори дутарафа мондаи меҳнаткашони Осиёи Миёнаро дурахшон намуд.

Дар арафа ва рафти инқилоби якуми буржузӣ-демократии рус мавқеи ҳизби сотсиал-демократии Русия дар роҳбарӣ ва барангехтани ҳаракати зидди истисмори мустамликадорӣ ва зулму таҳдиди ҳокимони маҳаллии Осиёи Миёна ниҳоят калон аст. Яке аз омилҳои муҳими барангехтани шӯру ғавғо ва ривоҷи ҳаракатҳои инқилобӣ дар ин давра фаъолияти рӯзномаҳои сотсиал-демократӣ бо сарварии болшевекон маҳсуб аст, ки дар инхусус устод З. Раҷабов дар асараш ниҳоят бо сабку услуби олимона, бо далелу бурҳони боварибахш таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Бо нишондоди академик З. Раҷабов дар вазъияти инқилобӣ тарбияи шуурнокии омма ва бовар ба ғояҳои инқилобӣ дар байни коргарон ва деҳқонони Осиёи Миёна ниҳоят зарур ба назар мерасид, зеро дар кишвар тарзи

зисту маишати феодалӣ побарҷо буда, истисмори мустамликадорӣ ҳоло дар ҳаёт қарор дошт. Дар чунин вазъият даъватҳои инқилобии матбуоти болшевекӣ дар давраи инқилоби 1905-1907 аҳамияти махсус дошт. Ана дар назди мо варақаи инқилобии Кумитаи Марказии ҲСДКР ( ҳизби сотсиал-демократии коргарии Русия) "Ба коргарон ва деҳқонон оид ба думаи Давлатӣ." Дар варақа гуфта шуда буд:"Ба халқ ҳокимияти халқӣ лозим аст. Ҳокимияти халқиро танҳо маҷлиси муассисон, бо иштироки намояндагони тамоми халқ, ки бо роҳи овоздиҳии умумӣ, баробарӣ, бевосита ва махфӣ интихоб шудаанд, барпо карда метавонад. Барпо кардани интихобот дар чунин маҷлис ва таъмини озодии комили онҳо, танҳо он ҳокимияти муваққатие, ки оммаи шӯриш бардошта таъсис медиҳад, ба иҷро мерасонад."[255]

Доир ба аҳволи бади мардуми Осиёи Миёна дар натиҷаи ҷабру зулми дутарафа, яъне бойҳову феодалони маҳаллӣ ва капиталистони рус аллома Б. Ғафуров чунин ба қалам додааст:"Ҳукумати подшоҳӣ ҳамаҷониба мадад мерасонд, ки хоҷагии бойҳо дар равнақ бошад. Бойҳо замини деҳқонони ноилоҷмондаро харида мегирифтанд. Ба ҳамин тариқ, ғайр аз заминдории калони феодалӣ заминдории нимфеодалию бойӣ ҳам маъмул шуд. Масалан, соли 1908 дар уезди Хуҷанд якчанд бой садҳо десятина замин доштанд, аммо 1369 хоҷагии деҳқонон тамоман замин надоштанд, 1000 хоҷагӣ бошад, аз як то 0,25 таноб замин дошту халос. Дар қишлоқи Қистакӯз (ҳозира вилояти Хуҷанд) 70 хоҷагии бою муллоҳо 3.ҳаз. га замин, 18 ҳаз. деҳқонон бошанд, аз 500 га. андак зиёд замин доштанд. Дар Хуҷанд, Ӯротеппа, Нов ва Конибодом нархи як десятина замин 4-8 ҳазор сӯм буд. Деҳқонони хонабардӯш мардикорӣ мекарданд ё хизматгори дари бойҳову савдогарону судхӯрон буданд." [256]

---

[255]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С.115.

[256]Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин..., с.759.

Тавре ки академик Б. Ғафуров изҳор мекунад, баҳори соли 1905 дар кишвари Туркистон ҳаракати сотсиал-демократӣ ниҳоят вусъат ёфт. Аз ин рӯ, гурӯҳи муттаҳидаи сотсиал-демократҳо ва сотсиал-револютсионерҳо”, ки аз охири соли 1904 то баҳори соли 1905 амал мекард, (моҳи марти соли 1905 онҳо аз якдигар ҷудо гаштанд, гурӯҳи тошкандии РСДРП таъсис ёфт) ниҳоят фаъолона амал кард. Ин гурӯҳ якчанд вараҳу шиорҳо баровардa, ба ин восита нашрияҳои гурӯҳҳои сотсиал-демократӣ ва ташкилотҳои дигар ноҳияҳои мамлакатро дар Осиёи Миёна паҳн мекард. Яке аз вараҳаҳои гурӯҳи тошкандии РСДРП аз 2-апрели соли 1905 махсус барои коргарони роҳи оҳани Осиёи Миёна навишта шуда, даъват мекард, ки роҳиоҳанчиён бояд иззати нафси хешро нигоҳ доранд, аз маъмурият иҷрои талабҳои худро қатъиян талаб намоянд, вақте ки маъмурият рад намояд, метавонанд корро партоянд.[257]

Дар натиҷа корпартоиҳои отряди пешқадами пролетариати Осиёи Миёна, яъне роҳиоҳанчиён, бо ҳаракатҳои деҳқоние,ки баҳори соли 1905 сар зада буд,ҳамбастагӣ пайдо кард.

Тарафдорони ҳукумати подшоҳӣ бо мақсади ҳарчи тезтар пеши роҳи мавҷи ҳаракати инқилобиро дар кишвари Туркистон ва умуман дар қаламрави Осиёи Миёна монеъ шудан, ба муқобили сотсиал- демократҳо ҳаргуна туҳмату бухтонҳоро бофта мебаромаданд. Аммо, онҳо чунин ғояву тафаккури бепояи худро аз оммаи халқ, ки ба хуни мустамликадорону истисморгарони маҳаллӣ ташна буданд, ҳаргиз пинҳон дошта наметавонистанд, зеро онро сари вақт рӯзномаҳои болшевикӣ фош намуда, дар саҳифаҳояшон ба воситаи мисолу маводҳои боварибахш дарҷ мекарданд. Тавре ки устод З. Раҷабов дар асараш дарҷ кардаасит, туҳмати зиддиинқилобии ҷонибдорони

[257]Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин...,С. 770.

саризмро, ки гӯё душмани дохили инқилобчиён аз байни синфи коргар ва деҳқонон фош намуда, рӯзномаи "пролетарий" бо даъвати инқилобӣ баромад кард: "Бародарон, мо маълум мекунем, дар дохиламон чигуна душманони дохилӣ будаанд."[258]

Агар бодиққат асари номбурдаи устодро хондаю таҳлили илмӣ карда шавад, ба он бовар ҳосилкардан мумкин аст, ки ҳукумати подшоҳӣ ва зархаридони дохили кишвари Туркистон нисбат ба оммаи меҳнаткаш ҷабру ситамро раво дида, баробари ин ба муқобили ҳаракат ва чорабиниҳои сотсиал-демократҳо чораҳои ҷазодиҳиро меандешад. Ба ин нигоҳ накарда, ҳаракати сотсиал-демократӣ соли 1906 дар Туркистон хомӯш нагардида, бо қатъият чун ҷараёни сиёсӣ амал карда, ғояҳои инқилобиро дар байни оммаи меҳнаткаш ташвиқу тарғиб мекард.

Рӯзномаҳои болшевекии Туркистон дар саҳифаҳои худ маводу ҳуҷҷатҳои қабулкардаи анҷумани 4-уми РСДРП, ки моҳи апрели соли 1906 дар шаҳри Стокголм доир гардида буд, аҳамияти таърихӣ дошта, оммаро дар инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус фаъолона ширкат варзидан ва ба муқобили сохти ҳукумати подшоҳӣ баромад карданро даъват мекард. Маълум, ки дар шароити Осиёи Миёна масъалаи аграрӣ дар байни оммаи меҳнаткаш яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаётӣ иҷтимоӣ маҳсуб буд ва чунин вазъиятро ба эътибор гирифта, рӯзномаи "Самарқанд" дар таърихи 31-майи соли 1906 дар саҳифаҳояш барномаи аграрии анҷумани 4-уми муттаҳидаи РСДРП-ро барои маълумоти мазлумон дарҷ намуд. Дар рӯзномаи "Туркистони рус" ("Русский Туркестан") хабаре доир ба митинги сотсиал-демократҳои дар шаҳри Тошкент доир гардида, маводе дарҷ карда буд, ки дар он бори дигар аҳамияти таърихии анҷумани 4-уми

[258]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С. 116.

РСДРП-ро доир ба ҳаракати озодихоҳонаи халқҳои Русия бахшида буд.

Бо нишондоди Б. Ғафуров рӯзномаи “Самарқанд” чунин навишта буд: ”Замоне, ки ҳокимияти мутлақ бо тарғибу ташвиқи риёкоронаи одамбадбинӣ ва низои миллӣ тамоми мамлакатро пур аз накбат менамуд, пролетариати тамоми миллатҳо дар муборизаи зидди ҳукумати подшоҳӣ муттаҳид кардани муборизони ҳамаи миллатҳоро ягона роҳи халосӣ мешумурд”.[259]

Устод Б. Ғафуров дар хусуси фаъолияти инқилобии РСДРП овардааст, ки “ташкилоти сотсиал-демократии Туркистон дар ҷараёни инқилоб даъватномаҳо, варақаҳо, хитобномаҳое, ки аз маркази Русия мегирифт, дар маҳалҳо бо усули гектограф (асбоби одии чоп барои зиёд кардани нусхаи матн ва расмҳо, А. Р.) нусхаи онҳоро зиёд мекарду интишор менамуд. 9-январи соли 1906 дар рӯзи яксолагии дар шаҳри Петербург рух додани “Якшанбеи хунин” дар кӯчаву паскӯчаҳо ва дару дарвозаҳои Ӯротеппа “Ба гражданинҳои Ӯротеппа”ном хитобномае пайдо шуд, ки бо гектограф чоп карда буданд. Дар чунин хитобнома шиорҳои “Нест бод ҳокимияти матруки (куҳнашуда А.Р.) мутлақ!”,”Зинда бод Маҷлиси муассисон!” зикр шуда буд. Хитобнома хусусияти аниқи инқилобӣ дошт. Дар байни аҳолии Ӯротеппа, ки дар он вақт шаҳри аз лиҳози саноат нисбатан суст тараққикарда буд, паҳн шудани ингуна хитобнома шаҳодат медод, ки ташкилоти инқилобии пинҳонкор дар арафа ва дар давраи инқилоби якуми рус дар боби ташаккули ҷаҳобинии сиёсии аҳолии маҳаллӣ таъсири калон расонидааст.[260]

Дар миёнаи инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус дар Осиёи Миёна ва кишвари Туркистон бо таъсири пролетариати рус ва маҳаллӣ дар деҳот ҳаракатҳои

---

[259]Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин...,С. 773.

[260]Ниг:Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин...,С. 774.

деҳқонон, ки қаблан ҳаракати оммаи гурусна маҳсуб мешуд, он ба ҳаракати сиёсӣ, яъне инқилобӣ табдил ёфт. Аз ин рӯ, иттифоқи инқилобии синфи коргару деҳқон барои озодии миллӣ ба вуқуф пайваст, ки ин вазъият ҳукумати подшоҳиро ниҳоят ба ташвишу изтироб андохт. Бинобар ин, ҳукуматдорони подшоҳӣ ва лаббайгӯйҳои маҳалиашон якбора бо мақсади паст шинонидани ҷунбишҳои инқилобӣ зидди ҳаракатҳои инқилобӣ чорабиниҳои характери террористӣ андешиданд. Аммо чун дар мавзеъҳои Русия дар Осиёи Миёна ва кишвари Туркистон бо сарварии сотсиал-демократҳо пайваста ҳаракатҳои инқилобӣ боло мерафт.

Болшевик В.В. Буховский бо супориши В.И. Ленин барои пеш бурдадни корҳои инқилобӣ ба Туркистон сафар кард. Ӯ дар митинги сотсиал-демократӣ ширкаткунандагонро ташвиқот намуд, ки овозашонро ба номзадӣ ба депутатии думаи Давлатӣ аз РСДРП диҳанд ва афзуд:”...ҳизбе, ки баҳри озодӣ мубориз аст, ин ҳизби пролетарист; ..., ҳизби кадетҳо, ки номашро ба ҳизби озодии халқ иваз кард, андеша меравад, ки маҳз барои манфиати худ, на балки ба манфиати халқ... Танҳо РСДРП пролетариати тамоми мамлакатҳоро ба оғӯш гирифта, инсониятро ба роҳи озодии ҳақиқӣ мебарад:”[261]

Ниҳоят В.В. Биховский аз рӯйи нуқтаи назари ҳизби болшевекӣ ба инқилоби солҳои 1905-1907 ҳамчун инқилоби буржуазӣ-демократӣ баҳо дода, мавқеъ ва моҳияти оламшумули пролетариатро дар ин воқеаи сиёсӣ арзёбӣ намуд. В.В. Биховский изҳор кард:”...Мавқеи оламшумули пролетариат дар инқилоби мо ба буржуазия имконият намедиҳад, ки тамоми дастовардҳои инқилобро танҳо ба номи худ гирад, тавре ки чунин рафтор дар мамолики ғарб аз ҷониби бужуазия истифода бурда шуд. Деҳқонони мо нисбат ба деҳқонони Франсияи соли 1789 ва

[261]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С. 122.

ё Германияи соли 1848 беандоза ба инқилоб майл дошта ва мутташаккиланд."[262]

Масъалаи ба Русия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ва аз ҷумла имрӯза Тоҷикистон ба гуфтаи профессор Т. Каримов ҷиҳати муҳимтаринаш он аст, ки меҳнаткашони ин ҷо дар муборизаи зулму ситами сахти дутарафа дар шахси пролетариати рус барои худ иттифоқчии дилпур пайдо карданд. Пас аз ҳамроҳшавии ин кишвар ба Русия дар Тоҷикистон ва махсусан дар ноҳияҳои шимолии он ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ бо муборизаи синфии пролетариати рус пайваст гардид ва пеш рафт. Чунин ягонагии синфӣ махсусан дар арафа ва рафти инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус зоҳир гардид. Дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ дар шакли итоат накардан ба маъмурияти ҳукумати подшоҳӣ ва маҳаллӣ, надодани боҷу хироҷ ва андозҳои ниҳоят вазнин, худсарона буридани дарахтони ҷангалзорҳо, ба таври оммавӣ забт кардани замину об ва дар ҳаракати корпартоӣ иштирок кардани коргарон зоҳир мегардид. Дар вақти шӯриши яроқноки декабрии соли 1906 коргарони Маскав дар байни сарбозони ротаи понтонии Туркистон, ки ба ҳайати гарнизони Хуҷанд дохил буд ошӯбҳои инқилобӣ ба амал омаданд.[263]

Баромаду ошӯбҳои деҳқонон дар ҳама ҷойи кишвари Туркистон ва умуман қаламрави Осиёи Миёна рӯз то рӯз хусусияти сиёсӣ мегирифтанд. Масалан, сардори уезди Хуҷанд,-зикр кардааст академик Б.Ғафуров,- навишта буд, ки тирамоҳи соли 1905 тамоми аҳолии уезд аз иҷрои тамоми андозу хироҷ "ҳам давлатию ҳам иҷтимоӣ" бо исрор саркашӣ карданд.Аз ҷумла, ӯ деҳаи Ғончиро мисол

---

262 З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С. 122.
263Т. Каримов. Шӯриши соли 1916 дар Тоҷикистон. Нашриёти "Ирфон", Душанбе 1966.С. 7-8.

меоварад, ки аз аҳолии он ҷо аз нимаи дуюми соли 1905 сар карда, то июли соли 1906"ягон андозе ҷамъ карда нашуд". Дар баъзе ҷойҳо деҳқонон аз ҷонашон сер шуда, ба ҳукуматдорони подшоҳӣ рӯйрост муқобилат мекарданд. 29-марти соли 1906 дар қишлоқи Чоркӯҳ волости Исфара воқеаи тезутунде рӯй медиҳад. Ердамчии сардори уезди Қӯқанд капитан Румянсев бо ҳамроҳии қариб даҳ нафар амалдорон барои яктарафа кардани ҷанҷоли обёрӣ ба он ҷо меравад. Дар вақти ба волости ҳамсоя як қисми обро сар додани амалдорони подшоҳӣ гурӯҳи калони деҳқононе, ки бо сангу таёқ мусаллаҳ буданд, онҳоро фавран миёнагир мекунанд. Аз байни издиҳом нидоҳои"Онҳоро сангсор кунед!" "Занед онҳоро!"баланд мешавад. Ҳатто баъзе амалдоронро аз болои асп гирифта партофта, беяроқ мекунанд.[264]

Рӯзномаи "Пролетарий" дар мақолаи калони худ "Сотсиал- демократия дар кишвари Туркистон ва вилояти Наздикаспия"таърихи ба вуҷуд омадани ташкилотҳои сосиал-демократия дар кишвари Туркистон, давраҳои асосии он муайян карда шуда, дар хусуси фаъолияти ташкилотҳои сотсиал-деократияи кишвар дар солҳои 1904-1906 маълумот медиҳад. Рӯзнома хабар медиҳад, ки фаъолияти ҳизби сотсиал-демократия дар давраи гузаронидани роҳи оҳани Красновод то Тошкент оғоз меёбад. Конференсияи нахустини вилоятии сотсиал-демократия, ки моҳи феврали соли 1906 дар Тошкент даъват шуда буд,- бо қавли академик З. Раҷабов,-дар кори он намояндаҳо аз мавзеъҳои мухталифи кишвари Туркистон ширкат варзиданд, бо баъзе ташкилотҳои сотсиал-демократи кишвар алоқа баста, кори ҳизб қавӣ гардид, кумитаи Иттифоқи Туркистон интихоб шуд, ки кори он бомуваффақият қарор дошт. Ба ин муваффақиятҳо нигоҳ накарда, дар кори Иттифоқ баъзе норасоиҳо ҷой

[264]Ниг.:Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин...,С.775.

дошт: вуҷуд надоштани қувваҳои моддӣ, норасоии коргарон, қувват гирифтани террор нисбати мубориэзони инқилобӣ ва ғайра.[265]

Ба ақидаи аллама Б. Ғафуров, ба террори ҳукумати подшоҳӣ нигоҳ накарда, моҳи маи соли 1906 дар кишвари Туркистон оташи ҳаракати инқилобӣ аз нав аланга зад. Коргарони корхонаҳои таъмири роҳи оҳан дар Тошкент қариб як моҳ корро партофтанд ва онҳоро кулли қувваҳои демократии кишвар дастгирӣ намуданд ва оқибат коргарон ғалаба карданд. Сарвари ин корпартоӣ болшевикон буданд. Тобистони ҳамон сол дар байни қушунҳои Округи ҳарбии Туркистон ҳам чанд шӯру ошӯб бардоштанд. Дар деҳот ҳам деҳқонон ҷунбишу ҳаракатҳои зидди ҳукумати подшоҳиро сар карданд.

Эҳтимоли такрори соли 1905 маъмурияти подшоҳиро ба воҳима ва фикру андеша водор намуд. Генерал-губернатори Туркистон Д.И. Суботич, ки нисбатан нав ба кор таин шуда буд, зоҳиран баъзан озодихоҳӣ мекард, фавран аз кор сабукдӯш гардид. Ба ҷояш генерал Матсиевский таъйин шуд, ки одами бераҳму бешафқат ва золим буд. Ин гнерал тамоми ҳаёти сиёсии Туркистонро зери назорати сахт гирифт. Тамоми кишвар ба қитъаҳо (қад-қади роҳи оҳани Осиёи Миёна) тақсим карда шуд, дар сари ҳаряк қитъа махсус “генерал-губернатори муваққатӣ” меистод, ки дар масъалаи таъқибу ҷазодиҳӣ ҳуқуқи бекарон дошт.[266]

Маводҳои зиёде,ки дар асари олими нуктасанҷ академик З, Раҷабов оварда мешаванд, шоҳиди террори бераҳмонаи маъмурияти ҳукумати подшоҳӣ, қабл аз ҳама сардори генерал,-губернатори кишвари Туркистон Матсиевский маҳсуб аст.

Аммо, ба террори беисти маъмурияти ҳукумати подшоҳӣ назар накарда, ҳаракату фаъолияти сотсиал-

---

[265]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С.132.

[266]Ниг.:Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин...,С 777-778.

демократия хомӯш намегардид. Оид ба ин масъала хабари кӯтоҳи рӯзномаи ғайрилегалии болшевикон “Новый луч”доир ба нахустин конференсияи ташкилоти сотсиал-демократии вилояти Наздикаспи,ки моҳи феврали соли 1907 доир гардид, шаҳодат медиҳад. Дар он намояндагони ташкилотҳои сотсиал-демократии Краснавод, Қизил-Арват, Ашқобод, Марв ва Чорҷӯй ширкат варзиданд. Аз мазмуни маърузаҳои конференсия “...маълум гашт, ки фаъолияти сотсиал-демократия дар маҳалҳо бомуваффақият бурда шуда, аммо камбудии ҷиддӣ оид ба кормандони ҳизбӣ дида мешавад,”менависад рӯзнома[267].

Ба ақидаи, академик Б. Ғафуров дар асари безаволи хеш навиштааст, ки дар кишвари Туркистон, ки аз давраҳои роҳбарии Кауфман, умуман, жандарм гӯё вуҷуд надошт, дар охири инқилоби якуми рус, яъне, соли 1907 шуъбаи ҳимояи ноҳиявии Туркистон таъсис ёфт.Зарбаи асосии сарбозони ҳукумати подшоҳи рус ба сӯйи ташкилотҳои болшевекии сотсиал-демократӣ нигаронида шуда буд. Эсерҳо ва меншевикон барои суст гардидани ҷабҳаи қувваҳои инқилобӣ ниҳоят кӯшиш ба харҷ дода буданд, барои ҳукумати подшоҳӣ хавфи казоӣ надоштанд. Аз ин рӯ, онҳоро сахт таъқибу таъзир ҳам накарданд.[268]

Ҳукумати подшоҳӣ аз фикру андешаи таъқибкунии ҳизби сотсиал-демократӣ ва инчунин ҳизби ғоявии синфи коргару деҳқон сотсиал-демократия ҳаргиз даст намекашид. Масалан, ҳукумати подшоҳӣ аз ҷараёни суст гардидани инқилоби буржуазӣ-демократӣ 3-июни соли 1907 Думаи 2-уми давлатиро парокада кард, ки дар таърих ҳамчун “табадуллоти 3-уми июнӣ“ маълум аст ва мазмуни ба охир расидани инқилоби буржуазӣ- демократии якуми русро касб кардааст. Яъне, инқилоб шикаст хӯрд ва ҳукумати подшоҳӣ бо мақсади қавӣ намудани мавқеи

[267]З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С135.
[268]Ниг. Б Ғафуроа.Тоҷикон. Таърихи қадимтарин...,С.778.

сиёсии худ нисбат ба мухолифин зӯриву батангкуниро ривоҷ дод.[269]

Тавре ки устод З. Раҷабов дар ин асар таъкид кардааст, хусусияти махсуси фаъолияти сотсиал-демократияи Туркистон ба ҳаёт тадбиқ намудани нишондодҳои ташкилотҳои марказии РСДРП доир ба масъалаҳои муҳими тактика ва стратегияи ҳизб дар солҳои 1905-1907 ба ҳисоб меравад. Доир ба масъалаи бойкот намудани Думаи 1-уми Давлатӣ сотсиал-демократияи Туркистон дар мавқеи КМ РСДРП устувор меистод.

Дар рафти интихоботи Думаи якум болшевекон сиёсати бойкоти онро мебурданд. Дар хабаре, ки дар рӯзномаи болшевикии "Пролетарий" бо номи "Ба тамоми шаҳрвандон" аз ҷониби КМ РСДРП дарҷ гардида буд, навишта шудааст:"Магар ба ҳама маълум нест ва намехоҳанд, чашм пӯшанд, ки Думаи саризм ин танҳо қалъаи нави саризми куҳан асту бас?."[270]Дар ҷараёни авҷи баромадҳои инқилобӣ чӣ дар маркази Русия ва чӣ дар канораҳои он, аз ҷумла кишвари Тукистон ва умуман Осиёи Миёна саризми рус ба ном худро ҷонибдори меҳнаткашон вонамуд мекард. Дар амал дастгоҳи маъмурӣ ва воситаву қувваҳои террористиро ба муқобили оммаи ба шӯру ғавғо бархеста равон мекард, ки чунин макру найранги ҳокимонро дар воситаҳои ахбори умуми Туркистон болшевекон аниқу равшан ба оммаи халқ мефаҳмониданд.

Рӯзномаи "Самарқанд" дар саҳифаҳояш махсус чунин ҳуҷҷат "Манифест барои кулли коргарони Русия аз депутатҳои коргарии думаи Давлатӣ" дарҷ намуд. Дар он изҳор карда мешуд, ки ҳукумат аз баровардани афви умумӣ, озодии сухан, матбуот, корпартоӣ, иттифоқҳо,

---

269 Ниг. Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Сайфуллоев ва М. Исоматов. Таърихи халқи тоҷик. С.244.

270З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С. 141.

маҷлисҳо, дахлнопазирии шахсӣ, бекор намудани ҳукми қатл, вазъияти ҳарбӣ ва пурқувват кардани мудофиа ва ғайра, ки дар мурочиати Дума ба Николаи II гуфта шуда буд, даст мекашад. Инчунин ҳукумат изҳор карда буд, ки ба Дума роҳ намедиҳад, ки ба масъалаи моликияти шахсӣ ба замин дахолат намояд. Ҳукумат барои ба бенавоии синфи коргар мадад расонидан ягон қонуне набароварда ва ваъда ҳам надод. Ба кулли ин масъалаҳо диққат дода, рӯзномаи "Самарқанд" қайд карда буд:"Думаи ҳокимиятдор бо ҳукумати амалдорон метавонад тамоми талаботҳои халқро иҷро намояд, аммо танҳо ҳукмронии мутлақи маҷлиси Муассисон, ки дар асоси интихоботи умумӣ, бевосита, баробар ва ҳуқуқи интихоб шудан қатъи назар аз эътиқод, миллӣ ва ҷинсият дорад, ин масъаларо ҳаллу фасл бояд кунад..."[271]

Маълум аст, ки ҳаракатҳои иқилобӣ инчунин ба шаклу равишҳои гуногун аввал дар ноҳияҳои имрӯзаи шимолии Тоҷикистон, ки ба воситаи генерал-губернатури Туркистон ба ҳукумати подшоҳии рус ҳамроҳ шуда буданд ва дар натиҷа дар ин ҷо муносибатҳои капиталистӣ ворид гардида, отрядҳои буржуазияи кампродорӣ ва синфи коргари наонқадар қудратманд бошад ҳам, ба амал омада буд. Ба ғайр аз ин, ташкилоҳои сотсиал-демократӣ пайдо шуда ба ҷунбишҳои инқилобии синфи коргару деҳқонон сарварӣ мекарданд.

Яке аз муҳаққиқони соҳаи таърихи халқи тоҷик профессори сермаҳсул ва шогирди академик З. Раҷабов Т. Каримов ба ҳисоб рафта, дар таҳқиқотҳои хеш ба масъалаи инқилоби якуми буржуазӣ- демократии рус ва таъсири он дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон фикру ақидаи хешро иброз кардааст. Ба гуфтаи ӯ, сабаби дар шимоли Тоҷикистон инкишоф ёфтани муборизаи синфӣ ва торафт мақсаду мазмун пайдо намудан нишон медод, ки ба ин

---

[271] З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С.143.

муборизаро сотсиал-демократҳо раҳнамоӣ мекарданд ва онҳо дар маҳалҳо ташкилотҳои худро дошта, варақаҳои сиёсии аҳамияти инқилобӣ доштаро дар байни омма паҳн мекарданд. Бо хитобномаҳо ба халқ муроҷиат карда, сарбозонро даъват менамуданд, ки ба тарафи халқ тир холӣ накунанд, балки ба муборизаи меҳнаткашон бар зидди мутлақияти умраш ба охир расида ҳамроҳ шаванд.[272]

Ҳақ ба ҷониби профессор Т, Каримов ҳаст, ки аз ҷумла гуфтааст, ки дар давраи инқилоби якуми рус, сарфи назар аз ақибмонии иқтисодӣ в маданӣ ҳаракатҳои халқӣ ба муқобили ҳукумати подшоҳӣ ва аморати Бухоро дар ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ ва марказии Тоҷикистон ҳам ба амал меомаданд. Дар Помир ҳаракатҳои озодихоҳӣ шакли задухӯрдҳои яроқноки байни амалдорони аморат ва аҳолии маҳаллиро пайдо карда буд. Маводҳои эътимоднок гувоҳӣ медиҳанд, ки як қисми офитсерону сарбозони сарҳадӣ ба ҳукуматдорони аморати Бухоро муносибати душманона дошта, рӯйрост ба аҳолӣ мефаҳмонданд, ки вай доимо дар муборизаи худ ба муқобили амалдорони амир ёрии онҳоро чашм дошта метавонад. Масалан, дар як ҳуҷҷат қайд карда шуда буд, ки ба сабаби бо аҳолӣ ёру бародаршавии қисмҳои ҳарбии руҳияи инқилобӣ дошта сарварони постҳои ғарбӣ дар Хоруғ ҷамъ омада, ба вазъият воқиф гардида, маслиҳат намуданд, ки дар ҳолати ба амал омадани исёни халқӣ чӣ гуна чораҳо андешиданашон лозим аст.[273]

Дар қаламрави Осиёи Миёна ва кишвари Туркистон корпартоиву бaромадҳо ва норозигии синфи коргару деҳқонони заҳматкаш нисбат ба ҷабру зулми амалдорони ҳукумати подшоҳиву бойҳои маҳаллӣ ва намояндагони руҳониён то дами ғалабаи Инқилоби пролетарӣ бо

[272]Т. Каримов.шӯриши соли 1916 дар Тоҷикистон. Душанбе с. 1966, с.8.

[273]Ниг. Т. Каримов.Шӯриши соли 1916 дар Тоҷикистон. С.8.

ҳамроҳии пролетариати Русия ва деҳқонони дар солҳои инқлоби якуми буржуазӣ-демократии солҳои 1905-1907 аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ ба Осиёи Миёна муҳоҷир шуда, сол то сол мазмуни сиёсӣ мегирифт. Зулми дутарафа нисбат ба мардуми таҳҷоии ноҳияҳои Тоҷикистони шимолӣ ва Помир ба дараҷае реша давонда буд, ки онҳо дар баъзе ҳолат қариб, ки аз воситаҳои истеҳсолӣ маҳрум гардида, бо мақсади коркобӣ худро ба ҳар гӯшаву канори Осиёи Миёна мезаданд. Факту рақамҳои зиёде шаҳодати онанд, ки заминҳои кораму ҳосилхез аслан дар ихтиёри бойҳои маҳаллӣ ва мустамликадорони империяи Русия ғун гашта, истеҳсолкунандагони асосии хоҷагии кишоварзӣ, дар шахси деҳқонони асил аз он маҳрум буданд. Масалан, мувофиқи маълумотҳои баҳисобгирӣ соли 1907 танҳо дар 9 волости уезди Хуҷанд 1350 хонавода, ки 9, 65 фоизи хоҷагиҳоро ташкил мекарданд, ба куллӣ безамин буданд. Баъзан хоҷагиҳое, ки аз як то ду таноб, баъзеи дигараз 3 то 6 таноб замин доштанду бас. Хонаводиҳои дар он вақт бой бошанд то 51 таноб замин доштанд.[274]

Дар тамоми қаламрави Осиёи Миёна дар солҳои иқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус ҳукмрон будани нобаробарии иқтисодии мардум ва зулму таҳдии истисморкунандагони маҳаллию мустамликадорони беруна, оқибат ба таркиши инқилобӣ оварда расонд, ки кулли чунин воқеаҳо дар саҳифаҳои матбуоти болшевекӣ дарҷ гардиданд, ки оид ба ин масъалаҳо академик З. Раҷабов дар асараш ботафсил ва объективона таҳлилу таҳқиқи илмӣ намудааст. Мо аз осори илмии устод воқиф гардидем, ки тамоми масоили иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва сиёсиву мадание, ки дар он давра рух медоданд, дар маҷлисҳои думаи Давлативу шаҳрии Тошкент аз ҷониби

[274]Р. Абулҳаев. Аз таърихи барпо ва мустаҳкам шудани ҳокимияти шуравӣ дар Тоҷикистони шимолӣ ва Помир (Солҳои 1917-1924). Душанбе, 2022, с.31-32.

намояндагои синфи коргар дар шахси сотсиал-демократҳо ба муҳокима гузошта мешуданд. Аммо, дар маҷлисҳои думавӣ гузоришу дархостҳои сотсиал-демократҳо, ки ба манфиати синфи коргару деҳқон равона карда шуда буд, аз ҷониби намояндагони синфҳои дорою амалдорони ҳукумати подшоҳӣ ба назару эътибор гирифта намешуд.

Рӯзномаи “Самарқанд”,-бо гуфтаи устод З Раҷабов,-чандин маротиба думаи Давлатӣ, ки ҳамчун ҳукумати сохта ва бофта ва ба манфиати мардуми меҳнаткаш комилан бегона аст, дар саҳифаҳояш фош ва беобрӯ намуд. Рӯзнома қарори митинги коргарони стансияи роҳи оҳани Черняево, ки ба гурӯҳи коргарии Думаи давлатӣ навишта буданд, ки ҳукумат оҷиз аст, вай дар зери пояш пайдо шудани ҷариро нодида мемонад ва ҳис намекунад, ки косаи сабри халқи заҳматкаш лабрез гаштааст.

Болшевикон дар интихоботи 2-уми Думаи давлатӣ ширкат варзида, борҳо кӯшиш карданд, ки сохти пӯсидаи саризм ва қувваҳои инқилобии оммаи халқро дар мубориза ба муқобили саризмро нишон диҳанд. Масалан, рӯзномаи бошевекии “Русский Тукистан” аз ҷумла, бо чунин мазмун навишта буд:”Русия аз нав дар остонаи интихоботи Думаи давлатӣ қарор дорад... ҳатто руси бепарво ва тангназар, ки “ҳар чизи намоёнро медид,” бори аввал авҷи террори беистро ҳис мекард.

Дар рафти маъракаи интихоботӣ болшевикон ба оммаи халқ ношояму нобоб будани  Думаро ки гӯё ҳамчун воситаи амалӣ кардани талаботи синфи коргару деҳқон ва бо роҳи парламентӣ ба даст даровардани озодии сиёсист, ҳамаҷониба фаҳмониданд, ки то дами дар дасти мутлақияти рус будани ҳокимият ин масъала мутлақо ҳал нахоҳад шуд.

Дар асари академик З. Раҷабов дуруст нишон дода шудааст, ки ба як давраи кӯтоҳ амал кардани Думаи 2-ум

нигоҳ накарда, депутатҳои сотсиал-демократҳо чандин маротиба аз трибунаи он тавонистанд, дар хусуси беҳуқуқии коргарон ва деҳқонони Русия ва рафтори зиддихалқии ҳокимияти саризм ба оламиён хабар диҳанд. 3-юми июни соли 1917 Дума аз ҷониби саризм пароканда карда, гурӯҳи сотсиал-демократии он ба маҳкама гирифта шуд.

Тавре ки устод З. Раҷабов дар ин асар фармудааст, дар рӯзномаҳои марказии болшевикӣ оид ба вазъ ва ҳолати маданияти Туркистон дар солҳои инқилоби якуми буржуазӣ–демократии рус (1905-1907) маводҳо кам вомехӯранд. Танҳо баъзе маводҳо дар саҳифаҳои матбуоти прогрессивии маҳаллӣ, аз ҷумла, дар рӯзномаҳои “Туркистони рус” ва “Самарқанд” дида мешаванд. Ин рӯзномаҳо оид ба масъалаҳои маданияти Туркистон маводҳо дарҷ намуда, тарафи манфии онро инкор карда, ба инкишофи маданияти прогрессивӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Таҳлили холисонаи вазъияти мадании Туркистони мустамликавӣ хизмати ҷиддии рӯзномаҳои болшевикӣ мебошанд.

Туркистони мустамликавӣ бо айби ҳокимияти саризм ва доираҳои истисморгари маҳаллӣ аз лиҳози маданӣ ниҳоят ақибмонда буд. Рӯзномаҳои болшевикӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, то диққати асосиро ба масъалаҳои муҳимми маданӣ дар Туркистон дода, бо ҳамин барои эҳёи маданияти мардуми маҳаллӣ мадад расонанд. Диққати рӯзномаҳои болшевикиро қабл аз ҳама системаи маориф дар Туркистон ба худ ҷалб мекард. Дар ин ҷо барои мардуми маҳаллӣ ду навъи мактаб вуҷуд дошт, яке мактаби замонавӣ ва дуюм-мадраса. Таълим дар ин мактабҳо хусусияти схоластикӣ, ба ибораи дигар дур аз зиндагӣ ва таҷрибаи гузашта, барномаҳои таълимӣ дар руҳи дини ислом тартиб дода мешуд. Рӯзномаҳои болшевикӣ дар зери таъсири воқеаҳои соли 1905 системаи

нодурусти таълимро дидаву дониста наметавонистанд эътироф кунанд, ки мактабу мадраса маркази асосии маданият шуда тавонанд.

Рӯзномаи “Туркистони рус” (Русский Туркестан) чандин маротиба изҳор намуд, ки “мактабу мадрасаҳои маҳаллӣ (ибтидоӣ ва олӣ) ҳамон ҳолати то аз ҷониби русҳо ишғол намудани кишвар қарор доштанд.” Рӯзнома навишта буд, ки мактабу мадрасаҳо ташкилоти ҳақиқии маориф набуда, онҳоро барҳам додан лозим аст. Аммо, чунин амалро аз ҳукумати подшоҳӣ интизор шудан соддалавҳона буд, зеро он ҳатто кӯшише накард, ки дар системаи маорифи Туркистон каме бошад ҳам навигариҳои тамаддуни Аврупоро ҷорӣ намояд. Баракс саризм нағз медонист, ки мактабу мадраса барои ӯ силоҳи қулай баҳри истисмори меҳнаткашони кишвар хизмат мекунад ва он барои мавҷудияти чунин мактабҳо дар Туркистон кӯшиш мекард.[275]

Таҷрибаи таърихӣ равшан нишон дод, ки саризми рус маорифро ба мақсаду манфиати сиёсати мустамликадории хеш истифода намуд. Бо ин ният дар кишвари Туркистон мактабҳои русӣ-маҳаллиро таъсис дод, то ки ба воситаи онҳо аз ҳисоби фарзандони синфҳои доро кадрҳои амалдорони маҳаллӣ тайёр намояд. Шумораи мактабҳои русӣ-маҳаллӣ дар Туркистон нисбат ба мактабҳои кӯҳна камтар ба назар мерасид. Устод З. Раҷабов дар ин масъала ботафсил ҷараёни ташкил ва фаъолияту барномаҳои мактабҳои русӣ-маҳаллӣ ва ба воситаи онҳо барои манфиати саризми рус тайёр намудани кадрҳои донандаи забони русӣ ва илми замонавӣ ба маъхазҳои ниҳоят зиёд ва боэътимод такя намуда,таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Маълум,ки дар кишвари Туркистон ва умуман Осиёи Миёна дар солҳои системаи мустамликадории

[275]Ниг.З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С.154-155.

ҳукумати подшоҳӣ табақаҳои гуногуни аҳолии Русия дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ кору кирдор мекарданд ва барои фарзандони онҳо мактабу гимназияҳо кушода шуданд. Дар солҳои инқилоби якуми рус студентон ва хонандагони мактабҳои русӣ бо тарзу рафторҳои мухталиф ба фаъолияти сотсиал-демократҳо тарафдории хешро нишон медоданд. Мувофиқи ахбори рӯзномаи "Туркистони рус" донишҷӯёну хонандагони мактабҳои русии кишвар аз ҷониби политсияи саризм барои нигаҳдошт ва тарғиби адабиётҳои ғайрилегалии инқилобӣ дар ибтидои соли 1906 ба маҳкама гирифта шуданд. Дар вақти тафтиш ва кофтукови бинои омӯзишгоҳи занонаи рақами 3 шаҳри Тошкент аз ҷониби политсия 3-пуд китоб мусодира карда шуд.

Мувофиқи хулосаи устод З, Раҷабов, инқилоби якуми буржуазӣ- демократии рус дар ҳаёти муассисаҳои таълимии Туркистон аҳамияти махсус пайдо намуд. Маҳз дар ҳамин давра бори нахуст аз ҷониби ҷамоатчиёни пешқадами рус системаи таълими мардуми маҳаллӣ ба чорчӯбаи танқид гирифта шуда, барои беҳтар намудани услуби таълим ва тарбия дар макотиби русӣ-маҳаллӣ кӯшиш карда шуд, муҳимтар из ин, ки бо таъсири сотсиал-демократҳои инқилобӣ хонандагони гимназия ба ҳаракат даромаданд. Қисми беҳтарини зиёиёни Русия дар кишвари Туркистон баҳри паҳн кардани маданияти пешқадами халқи рус корҳои зиёде карда, доир ба ин масъалаҳо дар саҳифаҳои матбуоти пешқадами рус дар солҳои 1905-1907 маводҳои зиёд нашр карданд.

Мо ҷонибдори андешаи академик З. Раҷабов дар хусуси мавқеи дуруст ба пеш гирифтаи чунин рӯзномаҳои сотсиал-демократӣба мисли "Туркистони рус", "Туркистон" ва "Самарқанд"ҳастем, ки дар шумораҳои онҳо барои хонандагони кишвари Туркистон доир ба нашри китоб, маҷаллаву рӯзномаҳо, ки дар саҳифаҳои онҳо

таълимоти сотсиалистӣ ҷой гирифтааст, ташвиқу тарғиб менамуданд. Ғайр аз ин, дигар хизмати рӯзномаҳои прогресивии давраи инқилоби якуми буржуазӣ-демократии солҳои 1905-1907 рус аз он иборат аст, ки дар саҳифаҳои онҳо мавод оид ба муносибати дӯстонаи доираҳои пешқадами мамолики Ғарб нисбат ба ин воқеаи муҳими сиёсии ибтидои асри XX дарҷ мегардиданд.[276]

Ҳамин тавр, дар асари навбатии устоди оликадр З. Раҷабов доир ба якчанд рӯзномаи адолатхоҳ, ки дар бораи таъсири инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус ба кишвари Туркистон нақл мекунад, шарҳу эзоҳ дода шудааст.

## 8.То абад бо халқи кабири рус

Ин асар, ки дар боло зикр шуд, яке аз асарҳои ҷолиб ва мондагори академик З.Раҷабов мебошад. Маълум аст, ки мавзуи дӯстии халқҳо дар таърихи инсоният аз давраҳои қадим то ин дам яке аз масъалаҳои ниҳоят мубрам ва зарурии муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии қавму миллатҳои гуногун ба ҳисоб рафта, ҳеҷ гоҳ кухна намешавад ва аз байн нахоҳад рафт. Халқи тоҷик аз қадим то ин дам ҳамеша бо дигар ҳалқу миллатҳои ҷаҳон дӯстиву рафоқат дошта, кӯшиш мекард, ки кадом масъалаҳои ҳалталабе, ки пешмеоянд, бо роҳи сулҳу салоҳ ва дӯстона ҳаллу фасл намояд. Агар мо бодиққат адабиётҳои таърихӣ, адабию фалсафӣ ва умуман асарҳои илмҳои ҷамъиятиро дида бароем, дар онҳо ба гуногунии мавзуъ нигоҳ накарда, ба масъалаи дӯстиву бародарӣ ва сулҳу сафои мардуми олам сухан меравад. Доир ба ин масъала Ҳофиз ниҳоят дуруст гуфтааст:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бар орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

---

276З. Раҷабов. Туркестан на страницах…,С 194.

Дӯстиву рафоқати халқи тоҷик бо халқи бузурги рус решаҳои чуқури таърихӣ дорад, ки он хусусан, пас аз ғалабаи Инқилоби пролетарии соли 1917 ва минбаъд ниҳоят доманадору абадӣ гардид. Ин дӯстӣ махсусан дар солҳои аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст даровардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон авҷу камол ёфт. Бояд зикр кард, ки дар адабиёти таърихӣ ба таври лаҳзавӣ қариб дар кулли корҳои илмӣ-таҳқиқотии намояндагони илмҳои ҷамъиятӣ ва махсусан олимони илми таърих масъалаҳои дӯстии халқи тоҷик ва русро ба риштаи сухан кашидаанд. Аммо, дар таърихнигории тоҷик қариб, ки то ин дам дар хусуси дӯстии халқи тоҷик ва рус махсус асари алоҳида рӯйи кор набаромада буд.

Бояд иқрор гашт, ки муаррихи барҷаста ва олими ҳалолкору ҳақиқатгӯю ҳақиқатсанҷ, академик, устоди муаррихони тоҷик З. Раҷабов яке аз ашхоси ба ин масъала рӯ оварда мебошад. Устод З. Раҷабов зиёда аз 50 сол қабл аз ин, яъне соли 1970 ба воситаи нашриёти “Ирфон” асари арзандае бо унвони ниҳоят часпону калидӣ”То абад бо халқи кабири рус“чоп карда, пешкаши ҳаводорони ин масъала намуд, ки он аз ҷониби таҳқиқотчиён баҳои сазоворро соҳиб гардид ва то имрӯз он натанҳо моҳияташро гум накардааст, балки аҳамияти илмии он қимати асарро бештар афзудааст.

Академик З. Раҷабов донандаи ниҳоят барҷастаи таърихи халқи тоҷик аз даврони қадим то солҳои 80-уми асри XX ва ҳамчунин донандаи таърихи халқи рус дар ин муддат маҳсуб мебошад. Вақтоки кас бо диққат ин асарро мутолиа мекунад, ба хулосае меояд, ки ҳар як фикру андешаи устод З. Раҷабов оид ба ташаккул ва инкишофи минбаъдаи дӯстии ин ду халқи ориёитабор бо маводҳои боварибахши бойгониву адабиёти таърихӣ ва матбуоти даврӣ, ёддоштҳои шахсиятҳои маъруф исбот карда шудааст, ки сабки илмии ин олими мӯшикоф чунин аст.

Асар ба забони илмӣ ва ноби тоҷикӣ навишта шудааст, ки маҳз имрӯз дар шароити соҳибистиқлолӣ барои хонандагони тоҷик айни муддаост.

Таҳқиқотчии ҷиддӣ ва беғаразу воқеъбин профессор З. Раҷабов зикр кардааст, "бо вуҷуди он, ки дар ин бобат таҳқиқотҳои зиёд мавҷуд бошанд ҳам, ин масъала дар адабиёти таърихӣ мукаммал кор карда нашудааст. Аз ин рӯ, кӯшиш карда мешавад,ки мухтасар бошад ҳам, норасоии онро пур кунем ва дар бораи ин дӯстӣ нақл намоем[277]. Дар ҳақиқат вақте ки асарро бодиққат мутолиа менамоед, ба он бовар ҳосил мекунед, ки устод барои ҳалли илмии ин масъалаи муҳим хеле кӯшиш ва ғайрат намуда, ба мақсади дар наздаш гузошта бомуваффақият баромадааст.

Устоди гиромиқадр З. Раҷабов дар оғози китоб чанд сухане оид ба масъалаи дар таърихнигории Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин дам як дараҷа баҳснок ба назар мерасид, яъне ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна фикру андешаронӣ кардааст. Баъзе муаррихон ақидаи онро доранд, ки ин кишвар аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ ишғол карда шуд, гурӯҳи дигар дар он ақидаанд, ки аввал Осиёи Миёна аз ҷониби саризми рус забт карда шуд ва баъд ба Русия ҳамроҳ гардид. Дар ин ҷо мо ба ақидаи дувум розӣ ҳастем, ки устод З. Раҷабов ҳам дар чунин фикру андешааст, ки фармудааст:"Осиёи Миёна ба Русия бо роҳи дар давоми солҳои 60-90 асри Х1Х забт намудани сарзамини ин кишвар ҳамроҳ карда шуда буд"[278].

Ҳамроҳшавии Осиёи Миёнаро ба ҳайати ҳукумати подшоҳии Русия барҳақ устод воқеаи прогрессивӣ дар ҳаёти мардуми аз лиҳози иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ ақибмонда ҳисоб намуда, бо факту маводҳои

---

[277]З. Раҷабов. То абад бо халқи кабири рус (минбаъд то абад...),нашриёти "Ирфон", Душанбе-1970, С.4.

[278] З. Раҷабов. То абад...С.10.

боварибахш чунин ақидаи хешро исбот намудааст. Ба гуфтаи устод З. Раҷабов, Осиёи Миёна то дами ба Русия ҳамроҳшудан аз лиҳози иқтисодӣ ва маданӣ хеле ақибмонда буд. Ҳукмронии муносибатҳои феодалӣ, пойдории асосҳои патриархалӣ ва дар ҳаёти хоҷагии ноҳияҳои кӯҳӣ мавқеи бартарии онҳо, ҷангҳои хонумонсӯзи сершумори байнихудии феодалии хонҳо, ки аз онҳо халқи меҳнаткаш зарари калон медид, хавфи ба мустамликаи Англия табдилшавии Осиёи Миёна, саъю кӯшишҳои бисёркаратаи шоҳҳои Эрону Афғонистон бо мақсади забт кардани Осиёи Миёна-ҳамаи ин то ба Русия ҳамроҳшавӣ ба Осиёи Миёна характернок буд. Дар шароитҳои вуҷуд доштани ғуломдорӣ, аз мамолики пешрафтаи ҳамон замон қариб пурра канда будани хонигариҳои Осиёи Миёна, дар кишвар набудани элементҳои маданияти ғайридинӣ, фан ва техникаи аврупоӣ, пурзӯр будани қонуну урфу одатҳои динӣ дар зисту зиндагонии аҳолӣ, худсариҳои беҳадди ҳокимон нисбат ба халқ, қашшоқӣ ва ҷоҳилии омма, ба Русия ҳамчун бо мамлакати аз лиҳози иқтисодӣ ва маданӣ пешқадам ҳамроҳшавии Осиёи Миёна дар таърихи Шарқ, бешубҳа, қадаме ба пеш буд ва характери прогресивӣ дошт.[279]

Пешгӯйиҳои академик З. Раҷабовро баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон ва талошҳои аз байн бурдани ҷумҳурии мо аз ҷониби қувваҳои иртиҷоии дохилӣ ва мамолики хориҷӣ таҷрибаи таърихӣ исбот намуд. Маҳз дар чунин шароти вазнини ҳарбӣ-сиёсӣ барои нигоҳ доштани якпорчагии ҷумҳурии мо Русия дасти ёрӣ дароз намуд.

Дар натиҷаи ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия меҳнаткашони кишвар тақдири худро ба тақдири

---

[279]Ниг. З.Раҷабов.То абад..., с. 11.

пролетариати инқилобӣ пайваст намуданд. пролетариат, ки ягона синфи то охир инқилобӣ маҳсуб буд, бархоста ба омма сарварӣ намуд ва аввалин маротиба миллионҳо деҳқонони Русия ва аз ҷумла, Осиёи Миёнаро ба муборизаи рӯйрости инқилобӣ бархезонд.

Ба ақидаи олим, ба халқи рус, зиёиёни пешқадами Русия орзуҳои халқҳои мазлуми империяи подшоҳӣ бегона набуданд. Ватандӯстони ҳақиқии кишвар подшоҳи рус, амалдори русро аз коргари рус, деҳқони рус ва зиёиёни ҳақиқии рус ҳамеша фарқ карда метавонистанд. Одамони пешқадами рус ба ҳамроҳшавии ин ва ё он сарзамин ба Русия баҳои мусбӣ дода, дар айни ҳол ба ғаму андуҳ ва дарду алами халқҳои  аз ҷониби подшоҳ ҷабрдида бо ҳусни таваҷҷуҳ назар мекарданд.

Хулоса, устод З. Раҷабов то охир дар он ақидае устувор монд, ки ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия дар таърихи халқҳои ин минтақа, хосса халқи тоҷик воқеаи прогрессивӣ буд. Таърих нишон дод, ки  дар кадом шароит ва вазъияте бошад, халқи тоҷик бояд ба халқи рус такя намояд, ки ин фикру андешаи дурустро мо имрӯз бо чашми худ дида истодаем.

Масъалаи дигаре, ки академик З. Раҷабов дар ин китоб мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст, “бародарони халқҳои мазлум” ном дорад, ки он ба масъалаи фикру андешаҳои намояндагони пешқадами инқилобии Русия доир ба муттаҳидии халқҳо дар як оила сухан меравад. Масалан, яке аз демократҳои рус ва иштирокчии шӯриши декабристон ( 1825) П.И. Пестел ба ҳисоб рафта, андеша дошт,ки дар Русия ҷумҳурии демократӣ барқарор шавад ва андешаи худро чунин баён мекард, ки ба ҳайати давлати андешидашудаи декабристони рус дохил намудани Туркистон ва Бухоро низ буд. Сарзаминҳои Осиёи Миёна, ба фикри П.И. Пестел, қисми ҷудонашавандаи Русияи озодро ташкил кунанд.

Бо гуфтаи З. Раҷабов, шоири номдори рус А.С. Пушкин ба дину миллаташ нигоҳ накарда, орзу мекард, ки одамони меҳнатии Русия дӯстона ҳаёт ба сар баранд. Ӯ бо эҷодиёти класикони адабиёти тоҷик ва махсусан Ҳофизу Саъдӣ нағз шиносоӣ дошт. Шоири дигари рус А.С. Грибоедов ҳаёти мардуми Кавказро хуб медонист ва ғояҳоеро ташвиқот мекард, ки халқи русро бо "шаҳрвандони нави Русия"ҳамаҷониба наздик менамуданд. Мавқеи М. Ю. Лермонтов дар назди халқҳои канораҳои Русия хеле калон буд.

Яке аз намояндагони барҷастаи револютсионер-демократҳои рус В.Г. Белинский ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар яке аз мактубҳои ба Боткин навиштааш зикр кардааст, ки "...одамон бояд бародарон бошанд ва набояд якдигарро ҳатто бо сояи ягон хел бартарӣ зоҳир намудан таҳқир кунанд". [280] Инчунин ӯ орзу мекард, ки халқҳо "дар тантанавор дурахшидани офтоби ақлу хирад якдигарро бародарвор ба оғӯш хоҳанд гирифт".

А. И. Герцен намояндаи машҳури маданияти пешқадами рус, ифодакунандаи ғояҳои револютсионӣ-демократӣ, ҷанговари монданашаванда ва ҷасури бахри озодӣ ва хушбахтии меҳнаткашон, ҳамчун паҳнкунандаи ғояҳои озодкунии иҷтимоӣ ва миллии тамоми халқҳои Русия баромад мекард. Ӯ доир ба зулми тамоми халқҳои Русия бо нафрат менавишт ва худсарию хунрезии ҳокимони подшоҳро ба сари аҳолии осоиштаи канораҳои империяи Русия бераҳмона фош мекард.

Инқилобчии дигар демократ Н.А. Добролюбов нисбат ба сиёсати мустамликадории саризми рус баромада, озодии халқҳои мазлумро ҷонибдорӣ мекард. Дигар сотсиал-демократи машҳури рус Н.Г. Чернишевский аст, ки ба фаъолияти ҷамъиятии вай З. Раҷабов баҳои сазовор додааст.Ӯ ба дарккунии маданият ва тарзи зисту

---

[280] З.Раҷабов.То абад..., С. 19.

зиндагонии мардуми Шарқ кӯшиши зиёде кардааст. Ин сотсиал-демократи намоён адабиёти халқҳои Шарқро бо шавқу завқ ва бо ҷиддият меомӯхт:”Ман дар ҷавонӣ ба афсонаҳои “Ҳазору як шаб”мафтун гашта будам, ки онро ҳаргиз “афсонҳои бачагона гуфтан мумкин нест”; сонитар дар вақти ба воя расиданам, ин маҷмуаи аҷоибро борҳо, ҳар дафъа бо шавқу завқи нав ба нав гаштаю баргашта мехондам.”[281]

Чунин зиёиёни равшанфикр, ки манфиати тамоми халқҳои империяи русро талаб мекарданд, дар Русия ниҳоят зиёд буданд, онҳо дар асарҳои худ ҷабру зулми саризми русро нисбат ба мардуми меҳнаткаш бемулоҳиза танқид мекарданд, ки минбаъд яке аз сабабҳои бедоршавии тамоми халқҳои империя аз ҷумла, Осиёи Миёна гардид. Ба ақидаи устод З. Раҷабов, ҳаҷвнависи барҷастаи рус М. Е. Салтиков-Шедрин хизмати шоистаи халқҳои Шарқро оид ба барпо кардани шоҳасарҳои адабиёт ва санъат эътироф кардааст.

Баъдан, дар ин китоб масъалаи роҳу воситаҳои дар Осиё Миёна паҳн гардидани маданияти бойи халқи рус мавриди таҳқиқи муаллифи асари номбурда гардидааст. Дар таърихи халқҳои минтақаи Осиёи Миёна, аз ҷумла халқи тоҷик солҳои мустамликадории саризми рус барои мардуми ин кишвар ниҳоят гарон ва сангин гузаштааст. Таҷриба равшан нишон дод, ки Русияи подшоҳӣ дар муддати ба мустамлика табдил додани Осиёи Миёна сиёсатеро ҷорӣ намуд, ки танҳо ба манфиати синфҳои доро, яъне буржуазияю помешикон ва амалдорони маҳаллӣ равон шуда буду бас. Генерал-губернатори кишвари Туркистон Кауфман дар зери пардаи “мубориза“зидди ришвахӯрӣ кӯшиш мекард, ки ҷинояткориҳои сершумори амалдорони ҳукумати подшоҳиро дар Туркистон аз халқ пинҳон дорад.

[281] З. Раҷабов. То абад..., С.23.

Академик З. Раҷабов чунин нуқтаи назари хешро изҳор намудааст, ки  М.Е. Салтиков- Шедрин дар асари маълумаш “Ҷанобон тошкандиҳо”образи қаллобони подшоҳиро, ки на шаъну шараф ва на виҷдон доранд, ҳаққонӣ нишон додааст”. “Ин онҳо, моҳидорони дирӯза, он корчаллонҳои имрӯза-тошкандиҳо мебошанд, ки маззаи пироги ватаниро чашидаанд.

Мутахассисони одамкушӣ, мутахассисони таъқиркунии шахс ва савдогарони худсар, мутахассисон дар бобати мумсикӣ, мутахассисон дар бобати талоқдиҳӣ-ингуна одамони бадтинат хеле бисёранд.”Аз рӯйи гуфтаи нависанда“ҷанобони тошкандиҳо бовари ҷиддӣ доштанд, ки”... бе тороҷкунӣ зиндагонӣ кардан имконнопазир аст!”. Тақдири халқҳои Осиёи Миёна маҳз дар дасти ҳамин гуна гурӯҳи “Ҷанобон тошкандиҳо” буд.[282]

Маълум, ки капитализми рус пас аз ба Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна ин кишварро чун манбаи моли хом ва бозори фурӯши молҳои саноатии хеш табдил дода, даҳсолаҳо бераҳмона ғорат мекард. Ва ба ин восита унсурҳои капиталистӣ мунтазам ба хоҷагии халқи ин кишвари мустамликавӣ ворид гардида, боигарӣ ва қабл аз ҳама моли хом ва меҳнати ниҳоят арзони коргарони маҳаллиро ба яғмо мебурд. Дар натиҷаи дар ин кишвар сохтани роҳҳои оҳан асосан ба фоидаи капиталистони рус буд. Дар мавзеъҳою шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна банкҳои давлатию хусусӣ, фирма ва идораҳои тиҷоратӣ барои фурӯхтани молҳои саноатии русӣ, мағозаву дӯконҳо амал мекарданд. Ин ҷараён оварда ба пайдо шудани капиталистони маҳаллӣ, ки онҳоро капиталистони компродорӣ  (савдоӣ) ном ниҳода буданд, сабаб шуданд, ки чун капиталистони рус мардуми меҳнаткаш-халқи маҳаллиро истисмор мекарданд.

[282] З. Раҷабов. То абад..., С. 28.

Ҳукумати подшоҳӣ пас аз ба Русия ҳамароҳ кардани Осиёи Миёна сиёсати ба заминҳои ин кишвар кӯчонида овардани ҳазорҳо деҳқонони русро пеш гирифт. Ин ҷараён махсусан дар солҳои инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус авҷ гирифт, ки мақсаду мароми сиёсати аграрии ҳукумати подшоҳӣ аввало аз он иборат буд, ки деҳқонони камзамину безаминро аз ҳисоби заминҳои навкораму бекорхобидаи Осиёи Миёна соҳиби воситаҳои истеҳсолот намояд. Аз ҷониби дигар, ин сиёсат ба он равон карда шуда буд, ки деҳқонони руҳияи инқилобӣ дошта аз марказҳои ҳаракатҳои инқилобии Русия ба канораҳо фиристонидан шарт ва зарур буд. Дигар ин ки бо роҳи амалӣ намудани ин сиёсат саризми рус мақсад гузошта буд,ки дар симои кулакҳои Осиёи Миёна такягоҳи синфии хешро ёбад. Деҳқонони рус дар якҷоягӣ ва ҳамсоягии деҳқонони маҳаллӣ кору зидагонӣ карда, маданияти истеҳсолӣ, истеъмолӣ ва мадании халқи русро дар ин кишвар паҳн карданд. Аз ҷониби дигар, деҳқонони рус маданияти истеҳсолӣ, истеъмолӣ ва одобу услуби мардуми Осиёи Миёна ва қабл аз ҳама халқи бумии тоҷик, ки аз қадим маданияти бою ғанӣ дошт, ба худ гирифта синтез намоянд.

Ба гуфтаи устод З. Раҷабов, пас аз ба Русия ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна дар соҳаи саноати кишвар низ рушди муайяне ба чашм мерасид. Масалан, дар кишвари Туркистон соли 1913, ки соли дар Русия пешравии тамоми ҷабҳаҳои хоҷагии халқ дида мешуд, бештар аз 700 корхонаҳои саноатӣ амал карда, дар онҳо 21068 нафар коргарон кор мекарданд. Пролетариати маҳаллӣ ба камшумории хеш нигоҳ накарда, бо ҳамроҳии халқи рус ва намояндагони дигар миллату халқиятҳои империя дар инқилобҳои якум ва дуюми буржуазӣ-демократӣ ва пролетарӣ ширкат варзида, дар дигаршавии ҳаёти нави ҷамъиятӣ ҳиссаи худро гузоштааст.[283]

---

[283]З. Раҷабов. То абад..., С.31.

Халқҳои маҳаллии Осиёи Миёна дар шароити ниҳоят сангин, яъне ба ҳаргуна муқобилият ва норозигию кинаву адовати намояндагони дини ислом дучор гашта, ба маданияти халқи рус наздик шуда, онро қабул карданд. Аз соли 1884 сар карда, дар кишвари Туркистон, аз он ҷумла, дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон дар қатори мактабу мадрасаҳо бо қарори ҳукумати подшоҳӣ мактабҳои русӣ-маҳаллӣ кушода шуданд, ки дар чунин таълимгоҳҳо фарзандони одамони дорои аҳолӣ таълим гирифта, пас аз хатми он маъмуриятчӣ ва мутарҷими капиталистон ва помешикони рус мешуданд.

Бояд изҳор кард, ки дар қатори мактабҳои русӣ-маҳаллӣ дар Туркистони мустамликавӣ, аз он ҷумла, дар Хуҷанд ва Ӯротеппа ба калонсолон баҳри аз худ кардани забони русӣ курсҳои шабона кушода буданд, ки хатмкунандагони он дар корхонаву муассисаҳое, ки дар он ҷо русзабонҳо амал мекарданд, кор карда тавонанд.

Ҳангоме ки Русияи подшоҳӣ Осиёи Миёнаро забт намуд, ба он лозим меомад, ки ба таърих, маданият, урфу одати халқҳои он шинос шавад ва бо мақсади истисмори кишвар ҳатман набототу ҳайвонот ва табиати худро васеву чуқур омӯзад. Бо мақсади иҷрои чунин вазифаи масъулиятнок ва аз дигар ҷиҳат душвор ҳукумати подшоҳӣ ба ин ҷо экспедитсияҳои гуногунро дар ҳайати олимони машҳури соҳаҳои мухталифи илмиро ташкил кард.

Олимони пешқадами рус, ба гуфтаи З. Раҷабов, бойгарии табиии кишвар ва зисту зиндагонии халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, халқи тоҷикро омӯхта, кишварро ҳам дастраси илми русӣ ва ҷаҳонӣ гардониданд ва ҳам барои дар ин ҷо паҳн намудани бисёр хислатҳои маданияти пешқадами рус мадад расониданд. П.П. Семенов-Тян-Шанский (1827-1914), Н. А. Северсов (1827-1885), И.В. Мушкетов (1850-1902), Г. Д. Романовский (1830-1906), Д. С. Коржинский (таваллудаш 1899), В. Л.

Камаров (1869-1945), Б.А. Федченко (1872-1947) ва дигарон ҷуғрофия, олами ҳайвонот, геология, зоология, ботаника ва олами набототи Осиёи Миёнаро меомӯхтанд.[284]

Дар ин асари устод З.Раҷабов ба таври холисона нишон дода шудааст, ки мавқеи олимони фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, яъне шарқшиносони рус дар назди халқҳои Осиёи Миёна калон аст. И.Н. Березин ва В.В. Радлов забонҳои халқҳои кишварро меомӯхтанд. Шарқшинос В.В. Григорев ҳанӯз дар соли 1861 дар шаҳри Қазон дастнависи Мирзо Шамси Бухориро "Дар бораи баъзе воқеаҳои дар Бухоро, Қӯқанд ва Қашғар рӯйдода" бо қайдҳои дахлдор ва тарҷимаи матн ба забони тоҷикӣ нашр намуд. Таҳқиқотҳои илмии В.В.Бартолд оид ба таърихи Осиёи Миёна ба ҳама маълум аст. Асарҳои Н. Хаников, М.С. Андреев, А.А. Семёнов дар бораи таърих ва этнографияи тоҷикон дар илми шарқшиносии рус фасли махсус мебошад. Шарқшиноси машҳур В.Е. Кримский соли 1896 "Шоҳномаи" Фирдавсиро ба забони украинӣ тарҷима карда, онро дар шаҳри Лвов чоп намуд. Ҳамин муаллиф шеърҳои Ҷомӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Хайём ва дигар класикони назми тоҷику форсро ба забони украинӣ тарҷима намудааст.[285]

Вақте ки асари дар боло номбар кардаи устод З. Раҷабовро мутолиа менамоед, шоҳиди он мешавед, ки намояндагони машҳури санъати халқи рус ба таври ҳаққонӣ тасвир намудани табиати зебову дилрабои Осиёи Миёна, тарзи зисту зиндагонии халқҳои ин кишварро баҳои дар ҳақиқат реалистона доданд. Масалан, рассоми машҳури рус В.В. Верешагин бедодгарӣ ва бераҳмии нисбат ба мардуми маҳаллӣ нишон додаи сарбозони русро хеле чашмрас тасвир кардааст. В.В. Стасов аз шоиртабъӣ

---

[284]З. Раҷабов. То абад..., С.38.
[285]Дар ҳамон ҷо С. 39.

ва ҳунари бадеии мардумони Осиёи Миёна ва қабл аз ҳама халқи тоҷик мафтун гашта буд. Е. И. Репин бошад расмҳои асари безаволи А. Фирдавсӣ “Шоҳнома”-ро хеле хуб кашидааст.

Ба андешаи мо устоди зиндаёд академик З. Раҷабов дуруст ва мантиқан хулосабарорӣ кардааст, ки натиҷаҳои иқтисодӣ ва мадании воқеаи ба Русияи капиталистӣ ҳароҳ карда шудани Осиёи Миёна бечунучаро аҳамияти тараққипарварона дошт.

Олими нуктасанҷу дурандеш З. Раҷабов дар китоби дар боло зикршуда нуқтаи назар, тафаккури сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии намояндагони маорифпарвар ва демократҳои Осиёи Миёнаро дар асоси факту рақам ва маводҳои эътимоднок таҳлили илмӣ кардааст. Ӯ овардааст, ки одамони пешқадами империяи Русия бо мақсаду маром ва ақидаҳои фарзандони фарзонаи Осиёи Миёна, аксар маврид ҳамфикр буда, онҳо дар асарҳои хеш аз зулму истибдоди мустамликадорӣ озод гардидани меҳнаткашони ин кишвари дар азоби дутарафа мондаро таҷассум кардаанд.

Устод З. Раҷабов дар асараш ба зумраи одамони пешқадам, демократ ва маорифпарварони Осиёи Миёна аз ҷумла чунин ашхосро дохил кардааст: А. Дониш ( 1827-1897), Фурқат (1858-1909), Муқимӣ (1851-1903), Шоҳин ( 1859-1894), Возеҳ ( 1818-1894), Ҳайрат (1878-1902), Дилшод ( 1800-1906), Т. Асирӣ (1864-1915), Ҳ. Ҳакимзода (1889-1929), С. Айнӣ (1878-1954) ва дигарон дар натиҷаи бо одамони пешқадами рус дар Осиёи Миёна шиносоӣ пайдо кардан ва дар сафарҳои худ ба Русияи подшоҳӣ, ба ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқи рус шинос шуда, ғояҳои демократӣ ва маорифпарвариро дар байни мардум паҳн мекарданд. Аммо, дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар Осиёи Миёна идеологҳои руҳонии иртиҷоӣ ва доираҳои куҳнапарасти феодалӣ тамоми

дигаргунихои ҳаётиро бо як нафрати душманона рад мекарданд. Нависандагони маорифпарвару пешқадами Бухоро ва кишвари Туркистон баракс бар зидди муҳити куҳнаю пӯсидаи феодалӣ муборизаи беамон бурда, маданияти ғайридинӣ, маорифи ғайридиниро ба инобат нагирифта, анъанаҳои пешқадами илми замонро дар байни мардум тарғибу ташвиқ мекарданд.[286]

Маълум, ки маорифпарварон ва демократҳои Осиёи Миёна, осори одамони маданияти бою пешқадами русро омӯхта, тарзу усули мактабу маорифи онро ҷонибдорӣ мекарданд ва дӯстиву рафоқати халқҳоро ташвиқу тарғиб менамуданд. Ғояҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш дар асари безаволаш "Наводир-ул-вақоеъ" зикр ёфтааст, ки ин гуфтаҳоро тасдиқ мекунад. Дар ин асар бо гуфтаи олими тавонои ховаршиноси тоҷик А. Девонақулов:"масъалаҳои тарбияи инсон, муайян кардани мавқеи маърифат дар такомули фарди ҷамъиятӣ, танқиди ҳаёти феодалӣ, мазаммати зулму истибдод, васфи адолат, тарзи нави идораи давлат, таассуроти сафарҳои Русия ва чанде ҳикояҳои фалсафию реалистиро дарбар мегирад."[287]

Ба гуфтаи академик З. Раҷабов, се сафаре, ки ба сифати аъзои сафоратхонаи амири Бухоро ба Петербург кардаи донишманди бузург Аҳмади Дониш ба ӯ имконият фароҳам овард,ки тарзи давлатдорӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии аморати Бухороро бо ҳаёти дар он вақт пешрафтаи Русияи подшоҳӣ реалистона муқоиса намояд ва лоиҳаи тартиботи минбаъдаи давлатдории амирони манғитиро тартиб диҳад.

Инчунин, ҳақ ба ҷониби философ ва ховаршинос А. Девонақулов, ки чунин андеша рондааст:"... дар ташаккул ва такомули афкори пешқадамона ва маорифпарварии

---

286З. Раҷабов. То абад..., С.41.

287Иқтибос аз сарсухани асари А. Дониш, "Наводир-ул-вақоеъ"китоби 1. Нашриёти "Дониш", Душанбе-1988, С. 5.

Аҳмади Дониш таъсири маданияти рус омили муҳимме буд. Маҳс ба василаи шиносоӣ бо илму маданият ва кашфиётҳои илмию техникии Русия дар афкори сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва илмӣ-мадании ӯ табаддулот ва гардиши қатъие ба амал омад. Аҳмади Дониш яке аз шахсони аввалини талқинкунандаи маданияти пешқадами рус дар Осиёи Миёна гардид. Ӯ ҳамватанонашро аз воқеаҳои таърихии олам ва муваффақиятҳои ақлу хиради инсоният воқиф мегардонад."[288]

Аҳмади Дониш,- ба гуфтаи профессор А. Раҷабов,- ягона чеҳраест, ки муносибати ба аҳли созу овоз доштаи амирони манғития ва вазъи дастаҳои ҳунариро (бо истифодаи мутрибони маддоҳу камдониш) дар маросимҳои дарборӣ қаламдод намуда:"дорбозиҳо ҳама авбошу аҷомир бо кунҳои ношуста дастҳо бардошта ҷаноби амирро дуо мекарданду халқи тамошобинро ба дуо даъват мекарданд, ки амирро дуо кунед, ҷаҳонгир шавад..."[289]

Аҳмади  Дониш саравваал ҳукумати подшоҳиро аз ҳукумати инқилобӣ фарқ карда наметавонист, вале дар хусуси Русия фикру андешаашро иброз мекард, дар симои Русия шахсони ба меҳнати ҳалол машғул ва намояндагони илму маданияти баланди он ҷоро тараннум мекард ва мардуми Осиёи Миёнаро даъват мекард, ки аз таҷрибаи истеҳсолии ин мамлакат баҳра бурда, сафи ҳунармандони кишварро зиёд намоянд. Ӯ ба санъати волои рус аз наздик шинос шуда,  онро бо эҳтирому ихлос ва самимият ба халқи худ муаррифӣ мекард.

Мувофиқи гуфтаи профессор А. Раҷабов, мероси адабию илмии Аҳмади Дониш, аз он ҷумла ғазалу

---

[288]А. Дониш, "Наводир-ул-вақоеъ"китоби 1, С.16.

[289]А. Раҷабов. Аҳмад Маҳдуми Дониш ва фарҳанги мусиқии замони ӯ (Нигоҳи таърихӣ, сарчашмашиносӣ ва назарӣ), Душанбе-2022, С. 73.

рубоиёташро мутрибон дар баёзу рисолаҳои мусиқии асри XIX ва матнҳои минбаъдаи "Шашмақом" ворид карданд. Зимни ин Аҳмади Дониш дар осори таърихию илмӣ ва адабиаш масоили ҳунарҳои бадеӣ (мусиқӣ ва намояндагони он) нукоти арзишманд баён намуда, дар пешрафти афкори зебоишиносии ин аср нақши муассир дорад.[290]

Аз рӯйи сарчашмаҳои хаттӣ маълум, ки ба номуназзамии сохтори идории иқтисодӣ, сиёсии хонадонҳои манғития нигоҳ накарда, мусиқӣ чун шоха ва бахши муҳими таркибии фарҳанг дар ҳавзаҳои ҳунарии Бухоро, Самарқанд бо саъю кӯшиши намояндагони ин ду ҳавзаи фарҳангӣ фаъолият доштааст. Фаъолиятмандии ин ду ҳавзаи фарҳангӣ бо такя ба суннатҳои дерини эҷодӣ, омӯзиши новобаста аз ҳукумати манғития махфилҳои адабию ҳунарӣ таҳти сарварии аллома Аҳмади Дониш, Р. Танбурӣ ва дигарон эҷодиёти бадеӣ (адабиёт, эҷоду иҷро, омӯзиш, китобу китобдорӣ, нигоргарӣ, таҳияю китоборои рисола-манзумаҳои шеърию мусиқӣ доир ба "Шашмақом") дар фаъолият будааст. Махсусан, масоили идомати суннат ва меросбарии фарҳангӣ саҳми махфил-мактаби классикии аллома Аҳмади Дониш муассир буда, кори дар заминаи таърих, адабиёт, ҳунарҳои бадеӣ намуда, рӯйи саҳна овардан мактаби ӯ аз саҳифаҳои рангини ин давра ва минбаъд аст.[291]

Устод З. Раҷабов дар хусуси таъсири ҳаракатҳои инқилобӣ дар Русия ва оғози инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус ба Осиёи Миёна ва бедоршавии оммаи халқ дар ин кишвар фикру ақида ва андешаи худро бо алфози илмӣ ба риштаи сухан овардааст.

Ба ҳамагон маълум, ки ҳаракати инқилобии синфи коргар ва деҳқон бо сарварии сотсиал-демократҳо дар

---

290А. Раҷабов. Аҳмад Маҳдуми Дониш ва фарҳанги мусиқии замони ӯ...., С. 94

291 А. Раҷабов. Асари номбурда.С.96-97.

аввали асри XX дар Русия, ки ба муқобили истисморгарони сохти ҳукумати подшоҳӣ бархоста буд, дере нагузашта ба канораҳои империя, аз ҷумла Осиёи Миёна паҳн гардид. Ин воқеаи сиёсӣ-оғози инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус ба ҳисоб рафта, барои решакан кардани сохти пӯсидаи ҳукумати подшоҳӣ равона шуда буд. Ин инқилоби дар ҷаҳон аввалини буржуазӣ-демократӣ Осиёро бедор намуда, бо таъсири он ҳаракатҳои инқилобӣ дар Эрону Ҳиндустон, Туркия ва Хитой ба вуҷуд омада, дар барҳам додани мутлақият ва ташкил кардани ҷумҳурияҳои мустақил ва демократӣ нақши муассир иҷро намуд.

Ба андешаи устод З. Раҷабов, соли 1905 аниқу равшан нишон дод, ки орзуву умеди меҳнаткашони канораҳои ҳукумати подшоҳӣ, аз ҷумла Осиёи Миёна ва азму иродаи онҳо барои аз зулму ситами мустамликадорӣ ва истисморгарони маҳаллӣ озод гардидан ба мақсаду мароми пролетариати рус то чи андоза наздиканд. Аз ин рӯ, аз соли 1905 саркарда, аҳли заҳмати Осиёи Миёна дар митингҳо, корпартоиҳо, маҳфилҳо, кружокҳои сершумори аз ҷониби сотсиал-демократҳои Туркистон ташкил карда ширкат меварзиданд. Тартиботи хунини мустамликадорӣ нафрати тоқатфарсои меҳнаткашони кишварро нисбат ба мустамликадорони рус ва истисморгарони маҳаллӣ ба вуҷуд меовард. Соли 1905 ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии халқҳои Осиёи Миёна бо қувваи нав авҷ гирифт. Ошӯбҳо қариб тамоми кишварро фаро гирифтанд, аҳолӣ андозғундорони амири Бухороро дар як чанд маҳалҳои аҳолинишини Бухорои Шарқӣ ва Помир дастгир карда, латукӯб мекарданд. Ҳатто Д.Н. Логафет-нависандаи бемаҳорати типи кадетӣ маҷбур шуд, ки дар соли 1907 "норозигии оммаро нисбат ба бекҳо" ва дар хонигарӣ, яъне дар аморати Бухоро-имконпазирии шӯриши халқиро эътироф намояд.[292]

[292]Ниг.З. Раҷабов. То абад..., С. 50-51.

Муаррихи шинохта ва баркамоли тоҷик Т.Каримов фикру андешаи устод З.Раҷабовро дар хусуси ҳаракатҳои инқилобӣ дар Тоҷикистони кунунӣ “рафти инқилоби рус”тақвият дода фармудааст, ки мубориზаи инқилобии меҳнаткашони ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон дар шакли итоат накардан ба маъмурияти ҳукумати подшоҳӣ ва маҳаллӣ, надодани боҷу хироҷ ва андозҳои ниҳоят зиёд ва вазнин, худсарона буридани дарахтони ҷангалзор, ба таври оммавӣ зуран гирифтани замину об ва дар ҳаракати корпартоӣ иштирок намудани коргарон зоҳир мегардид. Профессор Т. Каримов илман дуруст хулосабарорӣ кардааст, ки дар давраи инқилоби якуми рус ба ақибмонии иқтисодӣ ва мазлумии аҳолӣ нигоҳ накарда, ҷумбишҳои халқӣ бар зидди ҳукумати подшоҳӣ ва аморати Бухоро дар ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ ва марказии Тоҷикистон низ ба амал меомаданд. Дар Помир ҳаракатҳои озодихоҳӣ характери задухӯрдҳои яроқноки байни амалдорони аморат ва аҳолии маҳаллиро пайдо карда буд.[293]

Ба шароити мураккабу печдарпеч ва пурзиддияти ҳамон замон нигоҳ накарда, шогирдони маорифпарвари бузурги Осиёи Миёна Аҳмади Дониш, ба мисли Асирӣ, Шакурӣ, С. Айнӣ ва бисёр дигарон дар асарҳояшон мардумро ба омӯхтани илму фарҳанги бою ғании мардуми Аврупо ва қабл аз ҳама халқи рус ҳидоят мекарданд, ки дар ин ва дигар масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳанги ҳамон давру замон академик З. Раҷабов айни муддао ақидаронӣ намудааст.

Дар китобчаи номбурда устоди зиндаёд З. Раҷабов ба таври фушурда аҳамияти оламшумули таърихии ғалабаи инқилоби бузурги сотсиалистии Октябрро дар Русия ва барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистони имрӯза, дигаргуниҳои иҷтимоӣ,

---

293Т. Каримов. Шӯриши соли 1916 дар Тоҷикистон. Душанбе 1966. С.7-8.

иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро то солҳои 60-уми асри XX ба қалам додааст. Устод ниҳоят илман исбот кардааст, ки тамоми муваффақиятҳои дар сарзамини пешазинқилобии мо аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии ақибмонда, дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба даст даровара, маҳз дар натиҷаи ёрии ҳамаҷонибаи ҳамаи халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, қабл аз ҳама халқи бузурги рус мебошад, ки ин хулосабарорӣ дар ҳақиқат воқеаи таърихӣ ва исботшуда ба ҳисоб меравад.

### 9.Садриддин Айнӣ муаррихи халқи тоҷик

Дар ин маврид бояд изҳор намуд, ки академик З. Раҷабов дар байни олимони риштаи таърих аввалин пажуҳишгаре мебошад, ки ҳоло соли 1951дар бораи сардафтари адабиёти навини тоҷик, нависандаи барҷаста, олим, публицист, шоир ва нахустин президенти Академияи фанҳои ҶШС Тоҷикистон, имрӯз Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ба забони русӣ як очерки мухтасари таърихиро навишта, манзури ҳаводорони мероси адабӣ ва илмии ин нобиға кард.[294]

Ин очерки таърихӣ аз панҷ зербоб ва хулоса иборат мебошад.  Устод З. Раҷабов дар бахши аввал масъалаи ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятии Садриддин Айниро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додааст. Ба гуфтаи муаллиф, мавқеи ин нобиға, ҳамчун классики адабиёти муосири тоҷик маълуму машҳур аст. Аммо, дар таърихнигории тоҷик мавзуи "С. Айнӣ-ҳамчун муаррихи халқи тоҷик"то он дам ба таври илмӣ омӯхта нашуда буд. Ҳол он ки Садриддин Айнӣ ба ҳалли масъалаҳои  илмӣ ва ҷиддии таърихи бою ғании халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна таваҷҷуҳи ҷиддӣ намудааст. Ба андешаи З. Раҷабов

[294]З. Раҷабов. Садриддин Айни- историк таджикского народа. Таджикгосиздан, Сталинабад, 1951.86 стр.

доир ба эҷодиёти ӯ афсус ба забонҳои тоҷикӣ, узбекӣ ва русӣ корҳои таҳқиқотӣ кифоя нестанд.[295]

Дар ҳақиқат устод З. Раҷабов дар асараш фикру андешаи ниҳоят дурусту ҳақиқӣ баён кардааст, ки истеъдоди Садриддин Айнӣ ҳамчун нависандаи намоён, шоир ва муаррих танҳо дар давраи Ҳокимияти Шуравӣ ба пояҳои баланди илмӣ-адабӣ расид. Ҳатто худи Садриддин Айнӣ борҳо эътироф кардааст, ки асарҳо ва мақолаҳою дигар маҳсули эҷодияш маҳз бо шарофати Инқилоби Октябр рӯйи кор омада, мақбули хонандагони сершумори ватанӣ ва хориҷӣ гардидаанд. Нависандаи оламшумул Садриддин Айнӣ дар ин хусус дар мактуби кушод ба нависандаи ҷавони боистеъдоди тоҷик Толис навишта буд:"Тавреки ман қабл аз ин борҳо гуфта будам, -навишта буд ӯ,-ман то Инқилоби Октябр дар риштаи адабиёт ягон асари бунёдӣ эҷод накарда будам. Октябри бузург мани чилсоларо тарбия намуда, асарҳое,ки имрӯз дар байни хонандагон маълуму машҳуранд, маҳз бо шарофати Октябр ба амал омадаанд."[296]

Пеш аз инқилоби Октябр Садриддин Айнӣ намояндаи насли дуюми маорифпарварони халқи тоҷик ва умуман Осиёи Миёна маҳсуб буд, ки ба ин насл шоирон Ҳайрат, Саидаҳмадхоҷа Сиддиқӣ, Саҳбо, Тошхуҷа Асирӣ ва дигарон дохил мешуданд, ки Садриддин Айнӣ дар байни онҳо ҷои намоёнро ишғол мекард. Дар навбати худ Садриддин Айнӣ дар асарҳояш ба Аҳмади Дониш шогирд будан ва аз ӯ омухтанашро эътироф мекунад. Дар ташаккули ҷаҳонбинии Садриддин Айнӣ инчунин шоирон ва муттафаккирон Мирзо Ҳаит Саҳбо, Савдо, Шамсиддин Шоҳин,Тошхуҷа Асирӣ ва дигар маорифпарварон саҳми босазо гузоштаанд.

---

[295]. З. Раҷабов. Садриддин Айни- историк таджикского народа. С. 5.
[296]С. Айнӣ. Мактуби кушод ба рафиқ Толис. Журнали "Шарқи Сурх", № 11, 1948, С. 40.

Дар давраи ҷанги якуми империалистии ҷаҳон Садриддин Айнӣ ба сифати аъзои ҷамъияти “Тарбия-и атфоли ҷадидон”, ки характери сиёсӣ надошт ва мутлақо ташкилоти инқилобӣ набуд, мактабҳои методи нав, курсҳои шабона барои калонсолон ташкил карда, ба фаъолияти адабӣ машғул буд. Дар ин солҳо вобаста ба ҷанг дар Бухоро қатли ом авҷ гирифт ва Садриддин Айнӣ ҷабру ситами аморатро бештар эҳсос мекард. Ҳаминаш бештар аламовар буд, ки аз ҷониби сохти амирӣ ба Садриддин Айнӣ ҳатто мутолиаи рӯзномаҳо манъ карда шуда буд. Барои аз таъқиботи амалдорони амирӣ ва муҳофизони подшоҳӣ эмин гаштан ӯ аз Бухоро ба Қизилтеппа рафта, то солҳои 1915-1916 дар заводи шахсии пахтатозакунии бои маҳаллӣ кор карда, дар он ҷо ба ҳаёти коргарон шинос гардид.

Дар натиҷаи шӯриши миллӣ-озодихоҳонаи соли 1916 дар Осиёи Миёна, воқеаҳои қатли ом дар Бухоро боз ҳам тезу тунд гардид.[297]

Бовуҷуди он ки дар давраи солҳои 1905-1917 Садриддин Айнӣ ба сифати омӯзгор ва адабиётшинос фаъолият карда бошад ҳам, барои паҳн кардани донишҳои ғайридинӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонида буд. Аммо аз ин амали хеш зарар дида, дар ин давраи таърихӣ фаъолияти ӯ ба ҳаракати ҷадидҳо алоқаманд буд. Ба гуфтаи З. Раҷабов, Садриддин Айнӣ яке аз ҳамон зиёиёни майли мухолифин дошта шомил буд. Вале дере нагузашта ӯ моҳияти синфии ҷадидҳоро пай бурда, натанҳо алоқаашро аз онҳо меканад, ҳатто ба танқиду мазаммати онҳо, ки ҳаракати зиддихалқӣ доштанд, ҷасурона мегузарад.

Ҷадидизм дар Бухоро ҷараёни идеологӣ буда, бо ғояҳои панисломиз ва пантуркизм олуда шуда буд. Онҳо

---

[297] Ниг.З. Раҷабов. Садриддин Айни- историк таджикского народа.С.22.

идеологҳои буржуазияи маҳаллӣ ба ҳисоб мерафтанд. Ҷадидҳо ва ғояҳои онҳо аз ғояҳои пешқадамонаи маорифпарварии Аҳмади Дониш ва дигар маорифпарварони Осиёи Миёна тафовут дошта, аз ҷониби оммаи халқ тарафдорӣ карда намешуд. Таҷрибаи таърихӣ равшан нишон дод, ки на ҳамаи ҷадидҳо манфиати меҳнаткашонро ифода мекарданд.Саъю талош ва кӯшишҳои ҷадидҳо ҳеҷ гоҳ характери инқилобӣ надошт ва онҳо ба муборизаи миллӣ-озодхоҳонаи халқҳои Осиё Миёна, аз ҷумла шӯриши соли 1916 зарари калон расонидаанд.

Маълум, ки моҳи марти соли 1917 бо амри амир Олимхони манғит ба тахтапушти Садриддин Айнӣ 75 дарра заданд, пас аз амали ғайриинсонии навкарони амир ӯ ба обхонаи тангу торик партофта мешавад. Танҳо пас аз чанд вақт Садриддин Айнӣ ва чанде аз одамони ба ҳалокат наздикшударо сарбозони ҳукумати подшоҳӣ озод карда, ба беморхонаи Когон, ки дар ихтиёри саризми рус қарор дошт, бурда ба табибони рус месупоранд, ки ӯ дар зарфи ду моҳ ба по хеста, сипас ба шаҳри Самарқанд раҳсипор шуда, ҷони худро халос мекунад.

Пас аз гузаштани фурсати зиёд, яъне дар давраи Ҳокимияти Шуравӣ Садриддин Айнӣ тамоми воқеаҳои мудҳише,ки дар давраи ҳокимияти манғития аз сар гузаронидааст, дар силсила асарҳои "Ёддоштҳо" ниҳоят дақиқ ва реалӣ ба қалам додааст. Аз он ҷумла, воқеаи аз ҷониби сарбозони ҳукумати подшоҳӣ аз обхонаи амир озод карда ба Когон бурда, ба ихтиёри табибон супориданро низ навиштааст, то наслҳои оянда ҷаллодӣ, бераҳмӣ ва муносибати ғайриинсонии сулолаи манғитиро нисбат ба халқи тоҷик донанд. Садриддин Айнӣ дар қисми панҷуми "Еддоштҳо"-яш аз ҷумла менависад:"Ба Когон Ҳоҷӣ Мирбобо, Мирзо Назруллоҳ, Абдурасул ва Фақирро, ки маҷруҳ будем, дар хастахонаи шаҳри Когон, ки ба идораи

рус тааалluқ дошт, ҷой доданд. Соири фирориён ва халосшудагон аз ҳабс дар ҷамъияти хайрияи мусулмонони Русия ва дар нумраҳо ва меҳмонхонаҳо истиқомат карданд. Ходимони хастахона либосҳои моро табдил карда, ба ҷароҳат марҳам баста, ба хонаи назифе хобонданд. Фаннан ва мантиқан бояд, ки моро қуввати ҳарф задан ва ёрои ба пой хестан намебуд. Лекин мо бо шавқи тамом ҳарф мезадем ва бе муовинати касе аз ҷой бармехестем. Муқаррар, ки ин аҳвол ғайритабиӣ буд."[298]

Дар ин ҷо нависанда ва олими варзида Садриддин Айнӣ раҳму шафқат ва гуманизми сарбозони рус ва табибони ҳозиқи Русия,ки харидори ҷони ҷавони ӯ шудаанд, тасвир карда, миннатдории хешро бо як меҳру муҳаббат баён кардааст.

Зербоби дуюми китоби устод З. Раҷабов ба масъалаи асарҳои таърихии Садриддин Айнӣ бахшида шудааст. Маълум, ки Садриддин Айнӣ дар давоми фаъолияти эҷодии хеш ба ҷуз асарҳои бадеӣ ва характери адабиётшиносӣ дошта, инчунин пас аз ғалабаи Инқилоби Октябр якчанд асари таърихӣ эҷод намудааст. Яке аз ин асарҳо "Таърихи амирони манғитияи Бухоро" буда, дар ибтидо аз ҷониби нависанда дар шакли очеркҳои таърихӣ ба забони тоҷикӣ соли 1920 эҷод шуда, сипас дар маҷаллаи "Шуълаи инқилоб" чоп мегардад. Солҳои 1921-1922 Садриддин Айнӣ ин очеркҳоро аз нав коркарда соли 1923 дар шаҳри Тошкент ҳамчун китоби алоҳида бо унвони "Таърихи амирони манғитияи Бухоро"аз чоп баровард, ки он таърихи амирони Бухороро аз давраи ҳукмронии Раҳимбий Атолиқ (солҳои 1753-1758) то инқилоби шуравии Бухоро, яъне моҳи сентябри соли 1920 дарбар гирифтааст.[299]

---

[298]Садриддин Айнӣ Еддоштҳо-қисми панҷум. Душанбе "Адабиёти бачагона"2021,С.183.

[299]З. Раҷабов. Садриддин Айни- историк таджикского народа.С.31-32.

Асари дуюми таърихии Садриддин Айнӣ “Материалҳо оиди таърихи инқилоби Бухоро” ба забони узбекӣ”солҳои 1920-1921 таълиф шуда, соли 1926 дар шаҳри Маскав аз чоп баромад. Муаллиф, дар ин асар таърихи Бухороро аз давраи ҳукмронии амир Насрулло (солҳои 1826-1860) ва то моҳи сетябри соли 1920, яъне то ғалабаи инқилоби шуравии Бухоро қисса мекунад. Асари навбатии Садриддин Айнӣ “Тирози ҷаҳон” ном дорад. Ин таҳқиқоти нависанда, ки соли 1936 анҷом мегирад, соли 1939 дар шакли нашри алоҳида дар шаҳри Сталинобод ба дасти хонанда мерасад. Мазмуни он очерки мухтасари таърихи шаҳри Хуҷанд аз давраи истилои муғул то давраи ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёнаро дарбар мегирад.

Соли 1940 Садриддин Айнӣ дар маҷмуаи шеърҳои шоирони тоҷик, ки ба муносибати сохтмони канали калони Фарғона бахшида шуда буд, мақоларо бо унвони “Обиёрӣ”ҷой додааст. Соли 1944 ӯ дар Сталинобод китоберо бо унвони “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик”-ро чоп намуд, ки он ба таърихи халқҳои Шимоли Тоҷикистон ба муқобили истилогарони муғул бахшида шудааст. Инчунин ҳамон сол асари “Исёни Муқаннаъ” низ аз чоп баромад,ки он ба муқобили истилогарони араб равона шуда, дар солҳои мубориза ба муқобили фашистони Германия ин китобҳо руҳи ватанпарваронаи баҳодурони тоҷикро, ки дар набардҳои ҷанг ба муқобили душмани башарият мардонавор меҷангиданд, баланд бардошта, аҳамияти калони тарбиявӣ ва ватанпарварӣ низ дошт.[300]

Зербоби сеюми ин очерки таърихӣ”Масъалаҳои таърихи халқи тоҷик дар асарҳои адабиётшиносии С. Айнӣ”баҳс менамояд.Нависанда ва олими шинохта дар асарҳояш ба сарчашмаҳои муътамад такя намуда, ба ҳамаҷониба омӯхтани таърихи маданияти маънавии халқи

[300]З. Раҷабов. Садриддин Айни- историк таджикского народа.С.32.

тоҷик диққати ҷиддӣ медод. Тавре ки маълум аст, дар ибтидои асри XX ба ибораи академик З. Раҷабов,-ҷадидон, душмани қотил ва оштинопазири халқ мавҷудияти тоҷиконро ҳамчун халқи мустақил ва дорандаи маданияти бою ғанӣ инкор мекарданд. Пеш аз инқилоб ҷадидҳо инҳо ҳамон пантуркистон дар бораи тоҷикон чунин андешаи ғайриилмӣ доштанд:"Тоҷикон эрониҳо буда, забонашон форсист, ки ба аҳкоми дини суннимазҳаб тааллуқ доранд. Онҳо кайҳо боз нисбати шиавиҳо зиддияти маълум доранд; абрувони ҳамвор доранд, занҳояшон бо зебоӣ машҳуранд. Онҳо серғайрату бошуҷоат донандаи кори хеш, аммо танҳо дурӯғгӯю фаребгар ва одамони табиатан пастанд."[301]

Тавре ки аз чунин ақидаҳои устод З. Раҷабов бармеояд,ҷадидон (пантуркистон) бумӣ ва муқимӣ будани халқи тоҷикро дар Осиёи Миёна инкор кардаанд, ҳатто забону урфу одат ва маданияти қадимии онро низ эътироф накарданд.

Профессор Н. Ҳотамов доир ба ҷадидон дигар ақида ва нуқтаи назар дорад. Мувофиқи гуфтаи ӯ, С. Айнӣ, бо ҳамроҳии дӯсти хеш М. Мунзим дар маркази ҳаракати ҷадидияи Бухоро, аниқтараш аз ҷумлаи сарварони он буданд. Масалан, мувофиқи маълумоти С. Айнӣ, он солҳо ҷадидони Бухоро вазъи амoратро ба инобат гирифта, барои рушду ободии ватани худ-Бухоро, инчунин барои хушбахтии мардуми он дар назди худ, чунин мақсаду маром, иҷроиши вазифаҳои зеринро гузоштанд:

- дар соҳаи маориф-бархам додани бесаводӣ ба воситаи кушодани мактабҳои усули нав,
- ислоҳи таълим дар мадрасаҳо,
- паҳн намудани адабиёти нав ва матбуоти ҳаррӯза;
- бо роҳи ташвиқот ба мардум фаҳмонида додани разолатҳои ҳукуматдорони амирӣ,

---

[301]Журнали "Шуро".Оренбург. 1910, № 3, С.101. Иқтибос аз китоби З. Раҷабов "Садриддин Айни-историк таджикского народа. С.45-46.

- исрофкории амир ва аҳли дарбор,
- инчунин дар байни мардум барҳам додани исрофкориҳои зиёд ҳангоми туй, мотам (маъракаҳои азодорӣ) ва дигар маъракаҳо ва ғайра.[302]

Тавре ки маълум гашт, профессор Н. Ҳотамов ҷадидони Бухороро аз ҷадидони Туркистон ҷудо карда, пешниҳодоти ислоҳотпарастии онҳоро ҷонибдорӣ намудааст, аммо нисбат бағояҳои ислоҳотхоҳии онҳо ва роҳҳои ба ҳаёт татбиқ намудани чунин мақсаду маром ягон фикри муайяне изҳор накардааст. Бояд гуфт, ки ҷадидони Туркистон ҳам чандин фикру ақидаҳои ислоҳотҷӯёнаро дар ҷамъияти онвақта ба миёнгузошта буданд, аммо ба таври аниқу равшан гуфта наметавонистанд, ки кай ва бо кадом роҳу восита чунин ислоҳот дар ҳаёт татбиқ карда мешавад.

Устод З. Раҷабов ҷадидҳоро ба ҷадидони Туркистону Бухоро қисмат накарда, онҳоро ҳамчун пантуркистон баҳо дода, изҳор кардааст, ки онҳо душмани халқи меҳнаткаш ва ҷонибдори буржуазияи маҳаллӣ, ки онро буржуазияи компрадорӣ ва ё савдоӣ меномиданд, буданд. Баъдан, ҷадидони Осиёи Миёна тарафдори мақсаду маром ва ғояҳои пантуркистон ва панисломитони Туркия буданд. Маълум, ки пантуркистони Туркия дар зери ниқоби панисломизм мехостанд, дар кишвари Осиёи Миёна давлати соф туркӣ таъсис дода, ному насаби халқи бумии ин ҷо-тоҷиконро аз байн бардоранд.

Устод З. Раҷабов барои ба ҷадидони Осиёи Миёна баҳои манфӣ додан, ниҳоят ҷиддӣ сарчашмаҳо,таърих, асарҳои ҷадидон ва пантуркистонро амиқ аз нуқтаи назари танқидӣ хонда, таҳлил карда, аз гуфтаҳои онҳо иқтибос гирифта, мавқеи ҷамъиятии онҳоро ба таври холисона ба

[302]Ниг. С, Айнӣ. Таърихи инқилоби Бухоро.. С. 69-70. Иқтибос аз китоби Н. Ҳотамов-Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро. Душанбе, 2022, с.146.

риштаи таҳқиқ гирифта, баҳо додааст. Мақсадҳои пинҳонӣ ва синфии пантуркистон ва панисломитстон баъд аз Инқилоби Октябр ва барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ ва дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Осиёи Миёна рӯйи об баромад.

Маълум, ки дар арафаи Инқилоби Октябр ва солҳои аввали барпо шудани ҳокимияти синфи коргару деҳқон дар Тоҷикистон пантуркистон ба муқобили халқи тоҷик бо мақсади аз ҳокимият ва давлат дур кардан, якбора ба ҳуҷум гузаштанд. Дар чунин вазъияти душвори сиёсӣ фарзанди фарзона, нависандаи машҳур ва шоири ширинкалом Садриддин Айнӣ хомаро ба даст гирифта, шабу рӯз бо ҷиддият барои навиштани адабиёти бою ғании зиёда аз ҳазорсолаи халқи тоҷик асаре бо номи “Намунаи адабиёти тоҷик” нашр кард, ки ба муқобили даъвоҳои беасос ва беҳудаи пантуркистон, ки гӯё дар Осиёи Миёна чунин халқ бо номи “Тоҷик” вуҷуд надорад, таърихи адабиёти бою ғании ҳазорсолаи халқи тоҷикро соф аз нуқтаи назари илмӣ таҳлилу таҳқиқ кард. Ин асар ҷавоби қатъӣ ва илмие ба пантуркистон буд, ки халқи тоҷик халқи аз ҳама қадимтарини Осиёи Миёна буда, ба тамаддуни ҷаҳон намояндагони бузурги назму насри адабиро додааст.

Ба гуфтаи устод З. Раҷабов, ба ҷуз ин асарҳои дар боло зикргардида Садриддин Айнӣ чандин асари дигар ба таҳқиқоту эҷодиёти олимон, шоирон ва нависандагони тоҷик бахшидаааст, ки ин ҳам ҷавоби қатъӣ ба даъвоҳои хушку холии пантуркистон маҳсуб аст. Масалан, дар бораи Абуалӣ ибни Сино (980-1037), Абулқосим Фирдасӣ (934-1020), Абуабдулло Рӯдакӣ (858-941), Саъдии Шерозӣ (1184-1292), Бедил (1644-1721) ва дигар намояндагони машҳури илму фарҳангу адабиёт Садриддин Айнӣ асарҳои илмӣ эҷод карда, боҷуръатона ғояҳои маълум ва махсуси адабиёт ва маданияти гузаштаи тоҷиконро нишон додааст.

Зербоби чоруми китоби Садриддин Айнӣ ”Масъалаҳои таърих дар асарҳои бадеии С. Айнӣ” номгузорӣ шудааст. Ин китоби муаррихи бузурги тоҷик

академик З. Раҷабов бо чунин хулосаҳои дар ҳақиқат арзанда ва ҳаққонӣ доир ба нависанда, шоир, публисист ва таърихшиноси машҳур Садриддин Айнӣ оғоз мешавад, ки гуфтааст"ӯ асосгузори насри Тоҷикистони Шуравист".

Ба ақидаи З. Раҷабов Садриддин Айнӣ, ҳақиқатнигору дурандеш, донандаи беҳамтои тарзи зиндагӣ ва урфу одати халқ дар гузашта ва имрӯза буда, пас аз ғалабаи Инқилоби Октябр асарҳои бузурги насрию назмиро навишта пешкаши дӯстдорони адабиёт ва таърих намуд.

Повести аввалини ин нависандаи ҳақиқатбаён "Одина" ном дошта, он ба саргузашти як тоҷики камбағал бахшида шудааст. Ин повест дар ибтидо порча-порча дар рӯзномаи "Овози тоҷик"дар муддати солҳои 1924-1925 барои хонандагон чоп шуда, соли 1927 дар шакли китоби алоҳида дарҷ гардид. То соли 1940 ин китоб чор маротиба ба забони тоҷикӣ, се маротиба ба забони ӯзбекӣ, ду маротиба ба забони русӣ нашр гардидааст.[303]

Устод З. Раҷабов дар аввали ин зербоб барои хонандагони сешумори ин повести Садриддин Айнӣ хеле фушурда мазмуни ин асари бадеиро овардааст. Одинаи ятиму камбағал, ки аз вафоти падар зери парастории бибияш Бибиойшаи солманд ва ниҳоят бенавову қашшоқ буд, дар хонаи як бойи ниҳоят хасису золим ва бераҳму шафқат, ки баъди хароҷоти гуру чӯби мурдаи падар аз ҳамин бой қарздор шуда буд, ба сифати чӯпон ва хидматгор кор мекард. Ӯ орзуи бо холадухтари соҳибҷамоли худ Гулбибӣ, ки номзадаш буд, хонадор шуданро дар дил мепарварид. Дар шароити ниҳоят вазнини кӯҳистон ва батракии Арбоб Камол Одина наметавонист, ки ба мақсади хеш расад ва бо чанде ҳамдиёри худ ба Фарғона рафта, дар заводи пахта ба кор

---

[303]Ниг. З.Раҷабов.Садриддин Айни- историк таджикского народа.С. 57.

медарояд. Дар он ҷо ӯ инқилоби февралии соли 1917-ро пешвоз мегирад. Аммо, зодгоҳи ӯ Қаротегин ҳоло дар зер итоати аморати Бухоро қарор дошт. Ӯ бо умеди арӯсӣ бо музди наонқадар зиёд ба зодгоҳ бармегардад. Аммо ин шодиву нишод дер давом намекунад, зеро ӯро дар роҳ амалдорони амир ғорат мекунанд. Маҷбур мешавад боз ба кор ба Фарғона равад, дар он ҷо ҳам кораш омад накарда, бемор мешавад, баъд рафиқонаш ӯро барои муолиҷа ба Тошкент мефиристанд, ки дар он ҷо ғалабаи Инқилоби Октябрро пешвоз мегирад. Ӯ дар он ҷо бо намояндагони пешқадами синфи коргари рус вохӯрда, шуури инқилобияш бедор мешавад.[304]

Дар ҳақиқат повести "Одина"як саҳифаи таърихи халқи тоҷикро, ки дар зери зулму асорати сулолаи бераҳму бешафқати манғития қарор дошт, инъикос кардааст.

Асари дуюми калонҳаҷми насрии Садриддин Айнӣ романи "Дохунда" ба ҳисоб меравад, ки дар солҳои 1927-1929 эҷод шуда, соли 1930 дар шаҳри Қазон ба нашр расидааст. Романи мазкур дар ҳақиқат асари бунёдии насрӣ дар адабиётшиносии тоҷик буда, нависанда дар он воқеаҳои таърихӣ ва барои халқи тоҷик ниҳоят тақдирсоз ба мисли ғалабаи Инқилоби Бузурги Сотсиалистии Октябр, мубориза ба муқобили душманони ҳокимияти синфи коргару деҳқон, ташкилёбии ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон, таъсиси ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон, аз хориҷа ба Ватан баргаштани гурезаҳо, ибтидои ташкилёбии хоҷагиҳои коллективӣ ва бисёр дигар масоили муҳими иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва илмию фарҳангиро инъикос кардааст.

Асари дигари бунёдии адиби ҳақиқатнигор ва муаррихи нуктасанҷ Садриддин Айнӣ "Ғуломон" мебошад. Воқеаҳои нанговаре, ки дар давраи ҳукмронии

---

[304]Ниг. З.Раҷабов.Садриддин Айни- историк таджикского народа.С. 57-58.

ғайриинсонии сулолаи манғития ва махсусан намояндаи охирини онҳо Саид Олимхон рух дода буд, тасвири воқеӣ ёфтаанд. Дар давраи ҳукмронии худ намояндагони сулолаи мазкур нисбат ба халқи тоҷик чун ғуломдор бо ғулом муносибат мекарданд.

Бо нишондоди академик З. Раҷабов, дар саравали романи "Ғуломон" сухан дар бораи аморати Бухоро аз нимаи аввал то охири асри XIX рафта, воқеаҳои ғуломфурӯшӣ бо факту далел аниқу равшан нишон додааст. Ба гуфтаи Садриддин Айнӣ, дар он вақт аз ноҳияҳои сарҳадӣ рабудан ва асиру бандӣ кардани мардуми маҳаллӣ, яъне тоҷикон воқеаи маъмулӣ буда, пасон онҳоро рӯйрост чун мол дар бозорҳои Бухоро бо нархи дилхоҳ мефурӯхтанд. Ҳаминаш ғамангез аст, ки шароити зисти ғуломон дар Бухоро чунон вазнин буд, ки ақли инсон ба он бовар намекунад. Ғуломхарию ғуломфурӯшӣ, яъне ҳамчун ғулом харидану фурӯхтани калонсолон ба расмият даромада бошад, хариду фурӯши кӯдакон як одати маъмулӣ буд.

Ба ғайр аз асарҳои калони бадеӣ ба монанди "Одина", "Дохунда" ва "Ғуломон" Садриддин Айнӣ инчунин дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ якчанд повести баландмазмуну баландғоя ба мисли "Ятим", "Мактаби кӯҳна", "Марги судхӯр ва "Ҷаллодони Бухоро"-ро эҷод кардааст, ки ба мавзуъҳои гуногун ва давраҳои таърихи ҳаёти халқи тоҷик баҳс мекунанд. Қаҳрамони асосии повести "Ятим" фарзанди деҳқони камбағал-батрак Шодӣ мебошад, ки баъди аз ҷониби бой кушта шудани падараш иҷборан хизматгори хонаи ҳамин бой шуда кор мекунад. Ба гуфтаи устод З. Раҷабов, бой бо мақсади модари Шодиро ба ниқоҳи худ даровардан падари ӯро мекушад. Баъд аз ғалабаи инқилоби Бухоро амир ва дигар амалдорону сарватмандону дороён ба Афғонистон гуреза мешавад ва бой Шодиву модари ӯро низ ба Афғонистон гирифта мебарад. Аммо, Шодии ҷавон сарҳадро мегузарад ва дар

парваришгоҳи шуравӣ тарбият ёфта, худ низ сарҳадбон мешавад.

Дар ин повест Садриддин Айнӣ ҳақиқати таърихии инқилоби Бухоро ва шармандавор ба Афғонистон гурехтани амир,меҳнати бунёдкоронаи халқи тоҷик ва қаҳрамонии сарҳадбонони шуравиро ба қалам додааст.

Повести "Мактаби кӯҳна" ба сарнавишти нависандаи оламшумули оянда, солҳои наврасӣ ва қадам ба мактаб ниҳодани ҷавони ҷӯянда ва пӯянда, яъне худи Садриддин Айнӣ баҳс мекунад. Зеро нависанда ҳаёт, усули дарсхонӣ дар мактаб, рафтор ва хулқу атвори устодонро хеле хуб медонист. Устод З. Раҷабов, ки худ низ дар мактаби куҳна таҳсил карда буд, тамоми гуфтаҳои нависандаро доир ба мактаби замони амирӣ дар асараш тасдиқ мекунад.

Повести дигари Садриддин Айнӣ "Марги судхӯр" буда, яке аз саҳифаҳои муҳими ҳаёти гузаштаи халқи тоҷикро дарбар мегирад. Дар асари мазкур Садриддин Айнӣ симои бойи хасис ва судхӯр Қорӣ Ишкамба тасвир шудааст. Барои Қорӣ Ишкамба пулу мол ғун кардан мақсади ҳаётӣ шуда буд.

Бо ибораи академик З Раҷабов, повести Садриддин Айнӣ дар бораи бад шудани вазъи мардуми заҳматкаши аморати Бухоро дар давраи ҷанги якуми империалистии ҷаҳон ва дар натиҷаи ҷанг бойтар шудани савдогарони Бухоро ва алоқаи онҳо бо капитали рус нақл мекунад.

"Дар соли сеюми ҷанг,- менависад Садриддин Айнӣ,- халқ ба дараҷае камбағалу бенаво гашт, ки метавонист танҳо бурдаи нони қоқро дарёб намояд, то ки аз гуруснагӣ намурад. Савдогарон пули бисёр ва бойгарии зиёд ғун мекарданд ва метавонистанд молҳоро харидорӣ намоянд, вале онҳоро ҷойи мондан намеёфтанд. Он савдогароне, ки ба Маскав мерафтанд, боигарии онҳо беҳисоб буд."[305]

---

[305]Ниг. С. Айнӣ. Марги судхур. Нависандагони Шуравӣ, 1946, С. 149. Иқтибос аз китоби З. Раҷабов. С. Айни муаарихи халқи тоҷик ( ба забони русӣ) С.73-74.

Дар повести “Ҷаллодони Бухоро”, ки нисбат ба повестҳои пештара ҳаҷман ва мазмунан хурдтар буда, дар он воқеаҳои даҳшатангезу мудҳиши моҳи марти соли 1917, ки бо амри амири Бухоро рух дода буданд, тасвир шудааст.

Дар зербоби панҷум“Ёддоштҳои Садриддин Айнӣ ҳамчун сарчашмаи таърих” таърихи пешазинқилобии халқи тоҷик, воқеаҳои гузашта, аз ҷумла ҷабру зулм ва қатлу куштори бераҳмонаи сулолаи манғитияро, ки бо чашми худ дидаю аз ҳаёти хеш гузаронидааст, тасвир ёфтааст. Бинобар ин, асари мазкур бо арзиши баланди илмии худ барои омӯхтани таърихи халқи тоҷик ва халқҳои Осиёи Миёна аҳамияти калон дорад. То соли 1950 ду қисми асар рӯйи чопро дида, қисми сеюми он пора-пора дар маҷаллаи “Шарқи Сурх”чоп шуда, дар солҳои минбаъда ба шакли китоби алоҳида ба дасти хонанда расид. Соли 1950 барои ин асар бо қарори Шурои Вазирони СССР ба муаллиф унвони фахрии ҷоизаи давлатии ба номи В.И.Сталин дода мешавад.

Қисми панҷуми ”Ёддоштҳо”,ки дар зарфи 70-сол зиндонӣ буд, бо номи “Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро” ё “Таърихи усули савтия ва Инқилоби фикрӣ дар Бухоро” маълум гардид ва ниҳоят соли 2021 дар нашриёти “Адабиёти бачагона”аз чоп баромад.Чунонки дар аввали ин китоби тозапайдо омадааст, муаллифи маҷруҳ ва соири зиндониёнро аскарони рус аз маҳбаси ба қавли муаллиф “Канахона”дар нуҳуми ампрели соли 1917 озод ва раҳо карда, ба бемористони шаҳри Когон-Бухорои нав баҳри табобат оварданд, ки дар он бемористон ӯро панҷоҳу ду рӯз табобат карданд.

Устод Садриддин Айнӣ гуфтааст, ки дар шаҳри Когон, дар хастахона (бемористон), вақте ки вазъам бисёр бад буд ва беҳолу барҷомонда будам, байти зер вирди забонам буд ва қалбу вуҷудамро озод намегузошт:

Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад,
Ин тифли нозпарвари ман дар ба дар шавад.

Дар ин ҷо он “ғами нозпарвард”-и устод Садриддин Айнӣ ғаму дарди миллати ҷафодидаи тоҷик буд. Устод ҳам пеш аз Инқилоби Октябр ва чӣ пас аз он дар эҷодиёт ва умуман фаъолияти хеш доимо дар набард алайҳи ситам бар фарҳанги миллат будааст.[306]

Пас аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба империяи Русия тартиботи идоракунӣ беягон дигаргунӣ дар мамлакат мустаҳкам амал мекард.” Ҳукумати подшоҳӣ ҳокимияти худро дар Осиёи Миёна барқарор намуда, ягон чорабиниро оиди дигаргун намудани тартиботи ташаккулёфтаи сохти  давлатии Бухоро наандешидааст.”[307]

Устод З.Раҷабов дар китоби хеш бо мисолу далелҳои боэътимод ба хонанда аниқу равшан изҳор кардааст, ки ёддоштҳои Садриддин Айнӣ ҳақиқатан ба мисли дигар асарҳояш таҳқиқотҳои таърихӣ ба шумор меравнад ва онҳо бегуфтугӯ барои навиштани асарҳои ҷамъбастии соҳаи таърих, адабиёт, забон ва дигар фанҳои ҷамъиятӣ ҳамчун сарчашма ва маводи таҳқиқотӣ хизмат хоҳанд кард. Зеро тамоми масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятии пеш аз Инқилоби Октябр ва солҳои барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар асарҳои Садриддин Айнӣ босарчашма ва ҳодисаҳо ва рӯйдодҳое, ки ӯ бо чашму ҳуши худ дидаву санҷидааст,такя карда ба риштаи сухан кашидааст.

## 10.Асаре, ки дӯстиро васф мекунад

Дар ҳаёти инсонӣ масъалаи муҳимми мушкилкушо қавию ҷовидонӣ намудани дӯстии байни қавму халқ ва миллатҳои ҷаҳон маҳсуб аст, ки дар ин хусус аҳли илму ирфон суханони ниҳоят дилхушкунанда ва самимӣ

---

306 Ниг.Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо-қисми панҷум. Душанбе “Адабиёти бачагона”, 2021, С.3-4.

307 З Раҷабов.Садриддин Айнӣ муаррихи халқи тоҷик. Иқтибос аз Б. Ғафуров. Истории таджикского народа, Т. 1, 1949. С. 425.

гуфтаанд. Месазад, ки барои тасдиқи ин сухан чанд мисраъ аз ашъори шоири ширинбаён ва Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода ёдовар шавем, ки фармудааст:

То тавонӣ дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун,
Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,
Мушкилосонкункасонро гум макун.
Дӯст ояд гарм дар оғӯш гир,
Расми хуби тоҷиконро гум макун.

Асари дигари муаррихи сермаҳсул ва ҳақиқатбаён академик З. Раҷабов ба забони русӣ[308]ба масъалаи моҳияти таърихии дӯстии халқҳои Осиёи Миёна бо халқи бузурги рус то давраи ғалабаи инқилоби Октябр бахшида шудааст. Дар ин асар муаллиф заминаи ба вуҷуд омадани ирода ва табиати дӯстии халқҳоро дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ тараннум карда, дар назди хеш вазифа гузоштааст, ки фаъолияти намояндагони пешқадами халқҳои Осиёи Миёнаро доир ба мустаҳкам кардани робитаҳои дӯстӣ бо Русия дар ин давра ба таври умумӣ таҳқиқ намояд. Ба замми ин устод З. Раҷабов дар ин асар муносибати одамони пешқадами империяи Русияро нисбат ба халқҳои мустамликаи он дар нимаи дуюми асри XIX таҳқиқ кардааст.

Инчунин дар асари мазкур муҳаққиқ З. Раҷабов масъалаи ёрии ҳамаҷонибаи халқҳои СССР-ро ба ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна дар давраи шуравӣ таҳлилу таҳқиқ кардааст. Аз лиҳози сохтор ин асар аз сарсухани ниҳоят кӯтоҳ ва 4 боб иборат буда, боби якуми он ба масъалаи"Аҳамияти таърихии ба Русия ҳамроҳ кардани

[308]З. Раджабов. К вопросу об исторических корнях дружба народов Средней Азии с великим русским народом.Таджикгосиздат, Сталинабад 1954. 113 саҳифа.

Осиёи Миёна” бахшида шудааст. Аз сабаби он ки ин масъала дар асарҳои пешинаи муаллиф зикр ёфтааст ва мо ақида ва андешаи хешро доир ба он иброз кардаем, аз ин хотир зарур мешуморем, ки дар ин ҷо ба таври фушурда истода гузарем.

Дар аввали ин боб таҳқиқотчии муҳтарам З. Раҷабов якчанд факту рақам ва далелҳои илмии боварибахш меоварад, ки дар бораи ниҳоят қадим будани дӯстии халқҳои Осиёи Миёна, минҷумла халқи тоҷик бо халқи кабири рус ва дигар халқҳои собиқ иттифоқ шаҳодат медиҳад.

Баъд аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия ҷараёни барҳам хӯрдани муносибатҳои патриархалӣ-феодалӣ ва инкишофи аломатҳои капиталистӣ дар иқтисодиёти кишвар дида мешавад.

Ғуломдорӣ дар хонигариҳои Осиёи Миёна барҳам дода шуда, ҷангҳои байни феодалӣ, ки аз онҳо қабл аз ҳама меҳнаткашон зарари ҳамаҷониба медиданд, низ аз байн бардошта шуд. Бағайр аз ин, Туркистон ва аморати Бухоро натанҳо ба гирдоби ҳаёти иқтисодии Русия, инчунин ба муносибатҳои ҷаҳонии моливу пулӣ кашида шуданд.

Дар давраи солҳои 1890-1917 минбаъд мустаҳкамшавии алоқаи иқтисодии байни Осиёи Миёна ва Русия ба чашм мерасид. Дар ин ҷода сохтмони роҳҳои оҳан аҳамияти махсус касб кард. Сохтмони роҳи оҳани Закаспи соли 1899 ва роҳи оҳани шаҳри Тошкент соли 1906 ба итмом расида, ҳардуи ин хат омили муҳим баҳри ҷалби Осиёи Миёна ба соҳаи иқтисодиёти Русия маҳсуб буд. Дар соҳаи савдо бо Русия ҷои аввалро пахта мегирифт. Маданияти парвариши пахта дар истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ дар Осиёи Миёна, маҳсулоти асосӣ буда, дар давраи мустамликавӣ ин соҳаи кишоварзӣ бо суръат пеш мерафт. Баробари пахтакорӣ чунин соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ ба мисли ангурпарварӣ, боғдорӣ,

обчакорӣ, қарокулпарварӣ ва ғайра тараққӣ мекарданд. Бо ёриву мадади иттиҳодияҳои монополистӣ, шумораи зиёди банкҳо, соҳибони корхонаҳо, бо тамоми қувва кӯшиш мекарданд, ки аз хоҷагии кишоварзии Осиё Миёна ҳарчи зиёдтар даромад ба даст оранд.[309]

Ин ақида ва нуқтаи назари З. Раҷабовро аллома Б. Ғафуров дар асари барҷастаи хеш "Тоҷикон" ҷонибдорӣ карда фармудааст:"Дар солҳои 70-80-уми асри Х1Х ба ҷои навъҳои ҷойдории пахта навъҳои нави нисбатан сермаҳсул ҷорӣ гардид. Ҳукумати подшоҳӣ барои ёрӣ расонидан ба тараққиёти босуръати пахтакорӣ дар Осиёи Миёна ба пахтае, ки аз Америка мекашониданд, боҷи калон андохт. Ин тадбир барои боз ҳам бойтар шудани ҷаллобони маҳаллӣ, ки аз боло рафтани нархи пахта фоидаи зиёде ба даст меоварданд, боис гардид.

Осиёи Миёна барои саноати Русия, қабл аз ҳама барои саноати бофандагии он манбаи моли хом ва бозори фурӯш гардид. Косибон ва ҳунармандони майдаи маҳаллӣ ба молҳои саноатие, ки аз Русия кашонда мешуданд, рақобат карда натавониста шикаст мехӯрданд."[310]

Ба сиёсати сариззм дар бораи дар гушаҳои империяи Русия нигоҳ доштани истисмори патриархалӣ-феодалӣ нигоҳ накарда, баъд аз ба Русия ҳамроҳ кардани кишвари Туркистон дар он ҷо якчанд корхонаҳои саноатӣ барпо карда шуда, ба воситаи онҳо капиталистони рус даромади зиёдро ба даст медароварданд.

Дар солҳои 1865 то 1890 дар Туркистон аз ҷониби капиталистони рус корхонаҳои наонқадар калони саноати хӯрокворӣ барпо карда шуд, аммо маҳсулоти дар он корхонаҳо истеҳсол карда шуда, нисбат ба маҳсулоти

[309]Ниг.З. Раджабов. К вопросу...,С.8-9.
[310]Иқтибос аз китоби Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. С.733.

истеҳсолкардаи корхонаҳои ҳунармандии Туркистон ҳоло бартарӣ надошт.

Дар соли 1885 дар маркази маъмурии Туркистон шаҳри Тошкент, ҳамагӣ 27 корхонаи саноатӣ вуҷуд дошта, дар ҳар яки он на зиёда аз 10 одам кор мекард ва даромади умумии солонаи он ба 20 ҳазор сӯм мерасид. Аммо, ба тартиботи мустамликадорӣ дар Туркистон нигоҳ накарда, дар солҳои 1890-1917 вазни хос ва таносуби саноат хеле зиёд мешавад. Дар ин давра чунин корхонаҳои саноатӣ ба монанди заводҳои пахтатозакунӣ, равғанбарорӣ, ордбарорӣ, винобарорӣ ва ғайра барпо карда мешаванд. Дар солҳои 1900-1906 дар Туркистон 552 фабрикаю завод ва 30 корхонаи кӯҳӣ бунёд карда шуданд. Инчунин дар солҳои 1900-1910 дар вилоятҳои Самарқанд, Сирдарё ва Фарғона аллакай 188 заводҳои пахтатозакунӣ ва то соли 1910-1914 дар ин вилоятҳо аз нав 180 корхона кушода шуд.[311]

Саризми Русия чун дигар мамлакатҳои мустамликадори Аврупо ба монанди Англия, Франсия, Германия, Испания, Португалия ва ғайра дидаву дониста инкишофи саноати вазнинро дар мустамликааш Осиёи Миёнаба ба роҳ намемонд ва танҳо мехост, ки ин кишварро ба бозори моли хом ва манбаи меҳнати арзони кироя табдил диҳад. Аз ҷониби дигар, капиталистони рус медонистанд, ки агар дар ин ҷо саноати вазнин инкишоф дода шавад, дар он сурат ба таври объективӣ буржуазияи саноатии маҳаллӣ ташаккул ёфта, ба сарзадани ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ сабаб шуда, онро сарварӣ мекунад.

Маълум,ки капитализм ва марҳилаи баландтарини он империализм нисбат ба мамолики Аврупо ва ШМА дар Русияи подшоҳӣ дертар оғоз ёфт. Ин марҳила дар ин ҷо танҳо дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX сар шуд ва сабаби инкишофи саноат ва оғози ташаккули буржуазия ва

[311]Ниг.З. Раджабов. К вопросу...,С.14.

пролетари маҳаллӣ гардид. Яке аз омилҳои дар Туркистон сардаровардани капитализми зинаи олӣ, яъне империализм бавуҷуд омадани банкҳои давлатию шахсӣ мебошад, ки дар ин хусус академик З. Раҷабов бо мисолҳои мушаххас таҳлили илмӣ кардааст.

Фикру ақидаи устод З. Раҷабовро аллома, академики Академияи фанҳои Иттиҳоди Шуравӣ Б. Ғафуров низ ҷонибдорӣ намудааст:"Дар марҳилаи монополистии инкишофи капитализми Русия дар боби истифодаи захираҳои мулкҳои мустамликавии он сармояи бонкҳо мақоми махсус пайдо кард. Даврае,ки мавриди назар аст, давраест, ки чашми калонтарин бонкҳои Русия ба Туркистон дӯхта шуд. Чунон ки пас аз борони баҳорӣ занбӯруғҳо якбора сар мебароранд, дар шаҳрҳои Тошкант, Самарқанд, Андиҷон, Хуҷанд, Бухорои нав (Когон) ва дигар шаҳрҳо бонки давлатӣ он тараф, шуъбаю шуъбачаҳои мухталифи корхонаҳои гуногуни молия пайдо шудан гирифтанд.

Сармояи бонкҳо асосан худро ба саноати пахта мезаданд, вале аз дигар соҳаҳои иқтисодиёти Осиёи Миёна ҳам рӯ намегардонданд. Масалан, "Русский для внешней торговли банк"(Бонки русии тиҷорати хориҷӣ) асосан ба савдои пӯсти қарокулӣ часпида гирифт,"Русско-Азовский банк" (Бонки Русу Азов) сохтмони роҳи оҳани Бухороро бо пул таъмин мекард ва дар аморати Бухоро калонтарин иҷорагири замин буд. "Азовско-Донский Банк"(Бонки Русу Азов), ки ба он аркони саноати газвори пахтагини Петербург соҳибихтиёрӣ мекард, тамоми хариди пахта ва коркарди нахусти онро ба даст гирифт. Дар ин кор шарик ва дар айни ҳол, рақиби он "Сибирский торговый банк" ("Бонки тиҷоратии Сибир") буд; дар ин гӯшаи дури империяи Русия "Московский учетно-ссудный банк") (" Бонки ҳисобию нақдиҳанди Москва") ҳам такопӯи зиёде дошт."[312]

---

[312]Иқтибос аз китоби Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. С. 758.

Аз маводҳои зиёде, ки дар асари устод З. Раҷабов ва дигар муаррихон оварда шудааст, маълум мешавад, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар иқтисодиёти Осиёи Миёна муносибатҳои капиталистӣ ворид гардида, аз дохили аҳолии таҳҷоӣ низ дорандаи калони капитал дучор меояд.

Ба гуфтаи академик З. Раҷабов баробари аз байни аҳолии маҳаллӣ пайдо шудани савдогарони калон, тадриҷан аз байни онҳо саноатчиён-капиталистон ба воя мерасиданд. Яке аз машҳуртарин ховаршиноси рус В.В. Бартолд дар асараш навишта буд:"Мусулмонон ҳам заводу фабрика бунёд карда, аз онҳо даромади зиёде ба даст даровардаанд"[313]

Дар хоҷагии халқи аморати Бухоро, ба ҳукмрон будани муносибатҳои феодалӣ,-хулоса мебароранд З. Раҷабов, - тадриҷан муносибатҳои пуливу молӣ инкишоф меёбад ва пас аз ҳамроҳшавӣ босуръат ба пеш меравад. Дар инкишофи чунин муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи асосиро савдои хориҷӣ бо Русияи подшоҳӣ иҷро мекард.

Муаррихи варзида ва олими сермаҳсул профессор Н. Ҳотамов, ақида дорад, ки баъди ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия ва дар зери тасарруф мондани аморати Бухоро дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии он тағйироти муайяне бавуҷуд омад. Акнун аморати Бухоро бо дигар давлатҳои ҳамсоя бе иҷозати Русияи подшоҳӣ мустақилона муносибат карда наметавонист, зеро вай ҳамчун протекториати империяи Русия ҳисобида мешуд. Ин маҳдудият гарчанде дар ягон ҳуҷҷати амалкунанда байни аморати Бухоро ва Русия сабт набуд, вале аморати Бухоро дар симои ҳукумати подшоҳии Русия ба худ пушту паноҳи пурқувватеро ёфта, бо мақсади сохти аморатро нигоҳ доштан ва бехавфу хатар ва осоишта ҳукмдорӣ кардан,

---

[313]В.В. Бартольд. История культурной жизни Туркестана. Ленинград. 1927, С. 213. Иқтибос аз китоби З. Раҷабов.К вопросу...,С.16.

ихтиёран аз баҳри чунин мустақилият баромада, худро итоаткорона дар бағали ҳукумати подшоҳии Русия ҷой дод.

Ба ин амал чандин мисолу далелҳо шоҳиданд. Масалан, ҳоло 22 апрели соли 1868 хатти гумрукии (боҷии) Сибири Ғарбӣ ва Оренбург аз байн гирифта шуд. Аз ин пас масъалаи тиҷорати байни Русияю Осиёи Миёна, ҳамчун масъалаи дихилии империяи Русия шуд. Соли 1894 хати гумрукии Русияю Бухоро низ аз байн бардошта шуда, он ба хати гумрукии Бухоро ва Афғонистон пайваст гашт. Аз ҷумла солҳои 1894-1895 дар чунин нуқтаҳои аморати Бухоро ба монанди Қаршӣ, Калиф, Чӯшқагузар, Патта-Ҳисор ва Айваҷ ташкилотҳои гумрукии Русия кушода шуд. Ин ташкилотҳо, бечунучаро ба бозори дохилии ҳам аморат ва ҳам кишвари Туркистон ворид шудани молҳои хориҷиро маҳдуд мегардониданд.[314]

Ин ва бисёр дигар маводҳо ва факту рақамҳои боварибахш ба он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳақиқат аморати манғитияи Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX, яъне то дами ғалабаи инқилоби февралии халқӣ-демократӣ дар ин сарзамин побанди сиёсӣ ва иқтисодии Русияи подшоҳӣ буд.

Ба гуфтаи профессор Н. Ҳотамов,-ба ҳукумати подшоҳӣ содиқ будан ба ҳар се амирони сулолаи манғитияи Бухорои замони ҳукуматдории мустамликавии Русия дар ин сарзамин қариб, ки ба ҳукми қонун буд. Масалан, ҳоло амир Музаффархон ҳаракат мекард, ки ба ҳукумати подшоҳии рус садоқати хешро исбот намояд. Генерал-губернатори  Туркистон фон К.П.Кауфман ҳам чунин амалиётҳои ӯро пай бурда, беҳуда изҳор накардааст, ки аз ҳама “беҳтарин ҳокими уезди ман амири Бухоро мебошад.” Моҳи январи соли 1886 дар Бухорои манғитӣ

[314]Н. Ҳотамов. Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро. Душанбе, 2022, С.45.

“Агентии сиёсии императории Русия“таъсис дода шуд, ки ба он агенти сиёсӣ роҳбарӣ мекард ва он дар асл, аз фаъолияти амир ва ҳукумати ӯ назорат карда, ба маслиҳатчии асосиаш табдил ёфта буд.[315]

Дар ин ҷо агар ба гуфтаи генерал-губернатор бо диққат назар ва фикру андеша намоем, генерал-губернатори Туркистон К. П. Кауфман бо як ҳавобаландии назарногирона ҳатто хонигарии бутун, ки онро чун мамлакати воҳид ва чандин даҳсола амирони манғитӣ ҳукм меронданд, намояндаи Русия дар ин кишвар аморати Бухороро чун як уезди хеш дар Осиёи Миёна ҳисоб кардааст. Ин ақидаи амалдори подшоҳии рус аз он шаҳодат медиҳад, ки Русияи подшоҳӣ дар ҳақиқат ба ҷуз кишвари “ба ном” Туркистон  (агар Осиёи Миёна ҳам номем хато нахоҳад шуд) инчунин амалан аморати Бухороро низ ба мустамликаи хеш табдил додааст.

Ба ин вазъият нигоҳ накарда аҳли савдои аморати Бухоро, аз савдоро бо Русияи подшоҳӣ ривоҷ додан баҳри хеш фоидаи зиёд ба даст даровард. Капитализм бегуфтугӯ ба ҳаёти хоҷагии кишоварзии аморат ворид гардида, аз як тараф, монеъаҳои ҷамъияти феодалиро барҳам дода, аз ҷониби дигар, ба бисёр хоҷагиҳои деҳқонӣ зарари калон овард.

Маълум, ки то бо Русия ҳамроҳшудан дар Бухоро ягон завод, фабрика, ҳатто мануфактура набуд, дар арафаи инқилоби буржуазӣ-демократии солҳои 1905-1907 аллакай 20 заводи пахтатозакунӣ ва як кони тилло вуҷуд дошт. Дар ин корхонаҳо то 800 одам кор мекард.

Пас аз ба Русия ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна дар ин ҷо маданияти пешқадами халқи рус ва ғояҳои сотсиал-демократҳои рус ва таълимоти инқилобии марксизм-ленинизм паҳн мегарданд.

---

[315]Ниг.Н. Ҳотамов. Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро. С. 46.

Таърих хизмати бузурги олимони русро дар назди халқҳои Осиёи Миёна ҳеҷгоҳ фаромӯш намекунад, ки устод З.Раҷабов дар асари худ ному насаби олимони намоёни фанҳои табиии рус ва дигар намояндагони миллату халқиҳои собиқ Иттиҳоди Шуравиро, ба мисли П.П. Семёнов Тян-Шанский, А.П. Федченко,И.В. Мушкетов, Н. М. Прежевалский, П.К. Козлов ва дигарон бо пажуҳиши худ дар соҳаҳои мухталифи илму фан ба таври холисона таҳлилу таҳқиқ кардааст. Ховаршиносони рус И.Н. Березин, В.В Радлов,В.И. Дал, В.В. Веляминов-Зернов, Г.Н. Потанин, Н. А. Аристов, В.В Верешагин, В.В. Бартолд дар таҳқиқоти таърих, бостоншиносӣ, забон, маданият ва этнологияю этногарафияи мардуми Осиёи Миёна заҳмати зиёд кашида, дар ин ҷода ба муваффақиятҳои хотирмон ноил гардидаанд.

Устоди гиромиқадр З. Раҷабов дар асари худ ҷои махсусро ба олимони рус, ки таҳқиқоти илмии хешро ба ҳаёти пешазинқилобии халқи тоҷик бахшидаанд, додааст. Масалан, А. Левин,ки таҳқиқоти илмии хешро ба олами ҳайвоноти ноҳияҳои кӯҳсори Тоҷикистони имрӯза, А.П. Федченко-зоология, В.Ф. Ошанин-энтомология бахшидааст. Олами набötот аз ҷониби В. Л. Комаров, В. И. Лепский, Э.Регел, О.А ва Б. А.Федченко омӯхта шудааст. Таҳқиқоти ҷуғрофии Тоҷикистон ба қалами Грумм-Грижимайло, В. Ф.Архангелский, Д. Т. Мушкетов, Д.В. Наливкин ва дигарон тааллуқ дорад. М.С. Андреев ҳоло дар охири асри XIX ба таҳқиқоти этнографияи тоҷикони кӯҳистон оғоз намуда буд. Соли 1907 ӯ бо ин мақсад ба яке аз ноҳияҳои душворгузари ноҳияи кӯҳии Помир водии Хуф, бо мақсади таҳқиқи урфу одат ва гуфтугузори тоҷикони он ҷо сафар кардааст, маҳсули заҳматаш дар китоби пурбаҳо бо номи “Таджики долины Хуф” (Тоҷикони водии Хуф)манзури хонанда гардидааст.

Яке аз ховаршиноси номии рус (нахустин директори пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии А Ф. Тоҷикистон ба номи Аҳмади Дониш) А.А Семёнов ҳоло

дар охири асри XIX дар экспедитсияи Ҷамъияти дӯстдорони табиат, антропологӣ ва мардумшиносии омӯзиши Осиёи Миёна, бо сарварии санъатшинос ва мардумшиноси машҳур А. А. Бобринский ширкат намудааст.[316]

Ба намояндагони фанҳои ҷамъиятӣ ва қабл аз ҳама ба муаррихон маълум аст,ки ин олими намоён солҳои тулонӣ дар осиёи Миёна аз ҷумла, дар Тоҷикистон дар ҷабҳаи илм кору фаъолият намуда, дар инкишофи илми таърих саҳмдор буда, асарҳои зиёдеро эҷод ва барои хонандагони сершумор нашр кардааст. Ӯ инчунин дар омода намудани мутахассисони ҷавон хизматҳои шоистае кардааст. Аз байни онҳо метавон номҳои академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Аҳрор Мухторов, доктори илми таърих профессор М. Ҳамроев, номзади илми таърих Шаркӣ Юсупов, ва дигаронро ба забон овард.

Боби дуюми ин асари академик З. Раҷабов масъалаи ”Маданияти демократии рус ва намояндагони пешқадами халқҳои Осиёи Миёна”[317]-ро фаро гирифтааст. Аввали ин бобро олими воқеанигор устод З. Раҷабов аз он оғоз намудааст, ки одамони пешқадами Осиёи Миёна, аз он ҷумла халқи тоҷик, ӯзбек, туркман, қазоқ ҳамроҳшавии ин кишварро ба империяи Русия ҳаматарафа ҷонибдорӣ карда, бодиққат дастовардҳои бузурги маданияти русро азбар намуда, ба таваҷҷуҳи оммаи васеъи халқ мерасонданд.

Баробари ҳамаи ин дигаргуниҳо тартиботи капитализми рус, барои халқҳои Осиёи Миёна бегуфтугӯ тартиботи ниҳоят пурмашаққат ва пуразоб маҳсуб буд. Зеро ҳукумати подшоҳӣ бо тамоми қувва кӯшиш мекард, ки дар кишвар тартиботи иртиҷоии феодалиро нигоҳ

---

[316]Ниг.З. Раҷабов.К вопросу...,С.26-27.

[317] Русская демократическая культура и передовые представители народов Средней Азии.

дорад. Аммо ба ягонагии ғоявию сиёсии мардум ва намояндагони пешқадами маданияти Русия ва Осиёи Миёнаро халалдор карда наметавонист.

Ватандӯстию ватанпарварии халқи рус ва пролетариати Русия ин худ инсондӯстию инсонпарварӣ буда, аз ҳаргуна таассуби миллӣ орист. Намояндагони пешқадами ҷамъияти рус халқу ватани хешро дӯст дошта, дар навбати худ халқи меҳнаткаши рус ва халқҳои дигари Русияро бо рафтори пастию ночизӣ азобу уқубат доданиҳоро чашми дидан надошт.[318]

Бинобар ин, адабиёти пешқадами рус аз Пушкин то Чехову Толстой ба ғояҳои бузурги озодихоҳонаи халқҳо ғизои маънавӣ дода, бо ҳамин аз ҳаргуна истисмор, зулму ситам ва беадолатӣ озод шудани омма таъсири зиёд расонд.

Масалан, шоир ва мутафаккири машҳури рус А. С. Пушкин ниҳоят боҳарорат ва гарму ҷӯшон орзу мекард, ки дар байни меҳнаткашони Русия бе ягон фарқияти дину мазҳаб ва миллат дӯстӣ пойдор бошад. Дигар шоиру нависандагон ва мутафаккирони рус ба мисли В.Г. Белинский,Н. Г.Чернишевский, Т.Г. Шевченко ва намояндаи намоёни маданияти пешқадами рус, ифодакунандаи ғояҳои инқилобӣ-демократӣ, мубаризи беҳамто А. И. Герцен барои хушбахтии омма ба майдон ҳамчун паҳнкунандаи ғояи мубориза баҳри озодии иҷтимоӣ ва миллии ҳамаи халқҳои Русия баромад кард.

Академик З Раҷабов дар боби асари мазкур баробари нишон додани фаъолияти намояндагони илму фарҳанг ва муборизони роҳи озодии Русия, инчунин намояндагони пешқадами Осиёи Миёна ва имрӯза Тоҷикистонро, ки пас аз ҳамроҳшавии ин кишвар ба Русия ба ғояҳои инқилобӣ-демократии ин мамлакат шинос ва унс гирифта буданд, ба риштаи таҳқиқ гирифтааст.

---

[318]Ниг.З. Раҷабов. К вопросу...,С.31.

Олиму шоир ва нависандагони пешқадами Осиёи Миёна бо як орзуву умед ба ғояҳои пешқадами халқи рус, ки баҳри озодии миллии ҳамаи халқҳои империяи рус равона карда шуда буд ҳамфикру ҳамақида мешуданд. Яке аз чунин равшанфикр ва асосгузори мактаби маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна Аҳмади Дониш аст,ки дар эҷодиёт ва суҳбатҳояш бо аҳли илму фарҳанг ва шогирдон ҳамеша таъкид мекард, ки дар аморати Бухоро инкишофи илмҳои дунёвӣ ба роҳ монда шавад. Ин маърифпарвари барҷаста мехост, ки забони русиро омӯхта, тавассути он асарҳои намояндагони илму фарҳанги рус ва Аврупоро азхуд намояд. Дар ин ҷода ҳамфикру ҳамақида ва шогирдонро низ даъват мекард, ки ин забонро ҳатман омӯхта, аз маданияти бойи рус баҳравар гарданд. Аҳмади Дониш дар асарҳояш нуқсону иллати амирони Бухороро сахт танқиду мазаммат намуда, низоми таълимро дар мадрасаю мактаб, дурӯягӣ вариёкориҳои руҳониёнро фош карда, ба аҳволи вазнини меҳнаткашони Осиё Миёна, аз ҷумла тоҷикон ҳамдардӣ баён мекард.

Ӯ дар асари безаволаш "Наводир-ул-вақоеъ", ки пас аз се маротиба ҳамчун намояндаи сафорати аморати Бухоро ба Русия сафар карда, пешравии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва илмию фарҳангии ин мамлакатро дидаву санҷида, ба ҳаёти ақибмондаи аморати Бухоро муқоиса кардааст.

Аҳмади Дониш дар шаҳри зебоманзари рус Петербург бо шавқу завқ сайёҳат карда, бо вазири корҳои хориҷии Русия Стремоухов вохӯрд ва суҳбат кард. Маълумоти илмии Стремоухов ба донишманди тоҷик таассуроти зиёд расонд. Ва вазири рус низ дар суҳбат бо Аҳмади Дониш ба фаҳмишу идроки илмии ӯ қоил шуда, ба ин аллома ду глобус ҳадя кард, ки алломаи тоҷик онро ба Бухоро овард.

Баъдан Аҳмади Дониш баробари истифода бурдани глобус ва давращакл будани заминро исбот кардан ба тартиб додани рисолаи махсус шуруъ намуд. Нақшаи ин рисола соли 1949 дар фонди дастнависии китобхонаи Давлатии оммавии шаҳри Тошкент, аз ҷониби аъзо-корспонденти Академияи фанҳои Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон А. Мирзоев пайдо карда шуд.[319]

Ба гуфтаи профессор, пажуҳишгари таърихи Бухоро ва аҳли илму адаби он Н. Ҳотамов тақрибан солҳои 1870 ва 1873 Аҳмади Дониш рисолае таълиф намуд, ки дар он фикру ақидаашро оид ба адлу адолат ва қоидаву қонуни идора намудани давлат ва ҷамъият ифода намудааст. Олим баъдтар ба он номи "Рисола дар назми тамаддун ва тавоҳун"-ро гузошт. Ин рисола дар асл як барномаи ислоҳоти ҷиддии тарзи давлатдорӣ ва асосҳои иҷтимоии аморати Бухоро ба ҳисоб мерафт.

Аҳмади Дониш дар ин рисола баҳри идоракунии мамлакат тартиботи вазорат ва маҷлиси машварартӣ (парламент)-ро лозим мешуморид. Ба ақидаи ӯ, ҳуқуқи амир чун ҳокими мутлақ бояд дар асоси қонун (Конститутсия) маҳдуд карда шавад. Ба ғайр аз ин, дар рисола оид ба сохт ва ҳуқуқи вазоратҳо, тартибот ва мавқеи қувваҳои ҳарбӣ, ҳуқуқ ва мартабаи амир, муносибати давлатдорон бо халқро батафсил баён кардааст.[320]

Аҳмади Дониш дар асарҳои хеш илми ҷаҳониро ба муқобили тартиботи динии дур аз зиндагӣ ва таҷриба (схоластика) гузоштааст. Аз ин рӯ, вай бо тамоми ҷасорат иллату нуқсони мактабу мадрасаҳои Бухороро нишон додааст.

Дар охири асри XIX ва қисман ибтидои асри XX диққати шоири ӯзбек Фурқатро,ки ба забони ӯзбекию

---

[319]Ниг.З. Раҷабов.К вопросу...,С.42.

[320]Ниг.Н. Ҳотамов. Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро. С. 131-132.

тоҷикӣ шеър эҷод мекард, маданияти халқи рус ба худ ҷалб мекунад. Ғояҳои асосии Фурқат, аз ҷумла тафаккури ӯ дар хусуси муносибати ӯзбекон ба Русия ва маданияти халқи рус ба охири солҳои 90-уми асри XIX тааллуқ дорад. Дар он вақт тафаккури мусулмонон ба ташвиқу тарғиби қоидаву қонуни навишта ва нонавиштаи динӣ банд ва олуда буда, дар зери таъсири ислом аксарият ба тарзи зисту зиндагонии феодалӣ ва асримиёнагӣ сахт банд шуда, дигаргуниҳои дар таърихи ҷаҳон бавуҷуд омадаро нодида мегирифтанд. Дар чунин шароит фаъолияти адабии Фурқат, аз ҷумла баҳои мусбии ӯ дар хусуси Русия ва маданияти халқи рус, бечунучаро аҳамияти тараққипарварона дошт.[321]

Шоири намоёни халқи ӯзбек Муқимӣ, ки забони тоҷикиро ба хубӣ медонист,тавассути ин забон шеърҳои баландмазмуну баландғоя эҷод мекард, дар як шароите ҳаёт ба сар мебурд, ки сохти хонигарии феодалӣ-истибдодӣ ҳаргуна ғоя ва тафаккури пешқадамро буғӣ мекард. Муқимӣ дар синни камолот шоҳиди аз байн рафтани ҳокимияти хонигарӣ ва ба Русия ҳамроҳ гаштани кишвар гаштааст. Баъд аз ба Русия ҳамроҳкардани заминҳои водии Фарғона, махсусан дар солҳои 80-уми асри XIX дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои капиталистӣ дар Осиёи Миёна соҳаи пахтакорӣ бо суръат пеш мерафт. Инкишофи босуръати пахтакорӣ, ки ба талаботи пешрафтаи саноати Русия вобастагӣ дошт, ба пастшавии дараҷаи зиндагонии мардуми маҳаллӣ мерасонд.

Сатҳи зиндагонии аҳолии шаҳрҳо низ ниҳоят паст буд. Дар чунин шароит Муқимӣ ифодакунандаи манфиати деҳқонони камбағал ва аҳолии бенавои шаҳрӣ ба шумор мерафт. Аз ин рӯ, Муқимиро шоири оммаи деҳқонон ва аҳолии бенавои шаҳр меномиданд.[322]

---

[321]Ниг.З. Раҷабов.К вопросу...,С. 46.
[322]Ниг.З. Раҷабов.К вопросу...,С.52.

Шоири тоҷик Тошхуҷа Асирӣ бо чашми хеш фақирию қашшоқӣ ва бенавоии халқашро дар давраи мустамликадорӣ медид, аммо масъалаи беҳтар кардани аҳволи вазнини халқро на бо роҳи инқилобӣ барҳам додани тартиботи мазкур, балки бо роҳи марифпарварӣ, ба маданияти ғайридинӣ ва русӣ майл кардани халқҳои тоҷик, ӯзбек ва дигар халқҳои Осиёи Миёна медид. Ин шоири халқпарвар орзу мекард, ки бо роҳи обшор кардани заминҳои бекорхобида аҳволи иҷтимоии меҳнаткашон беҳтар карда шавад. Ин шоири ҳақиқатнигоҳ дар эҷодиёташ мактаби куҳнаро мазаммат карда, мегуфт, ки он барои кӯдакон ҳамчун зиндон аст. Ба ақидаи ӯ, хусусияти мактаби куҳна ин лату кӯби кӯдакон, қоригиро ёд додан буду бас. "Агар шахс ҳатто ҳазор сол бо методи таълими мактаби куҳна хонад ҳам, -гуфта буд шоир,- ба ягон беҳбудӣ намеояд."[323]

Ташвиқотгару тарғиботгар ва ҳомию пуштибони дигари маданияти рус дар Осиёи Миёна, дар замони пешазинқилобӣ шоиру драматурги ӯзбек Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ ба шумор мерафт.Ӯ ҳамчун маорифпарвари беҳамто, ғояҳои маорифпарвариро ҳифз карда, онро дар байни табақаи васеи омма паҳн намуд. Ҳамза Ҳакимзода бо нишондоди З. Раҷабов ба фаҳмиши масъалаҳои ҳақиқати иҷтимоӣ-иқтисодии тоинқилобии Осиёи Миёна надик шуда, ба ҳаракатҳои халқӣ ҳамрайъӣ карда, масъалаи озодии занонро ба миён гузошта, ба муқобили зисту зиндагонии феодалӣ ва руҳониёни иртиҷоӣ баромад мекард.

Асосгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ ҳоло дар айёми ҷавонӣ ва дар шароити таассуби динӣ ва террори хунини амирӣ дар Бухоро нигоҳ накарда, ҳаракат мекард, ки забони русиро азбар намуда, ба хазинаи маънавии халқи рус шинос шавад.Устоди Садриддин Айнӣ

---

[323]Дар ҳамон ҷой. С.53.

Аҳмади Дониш шогирдонашро барои омӯхтани забони русӣ ҳидоят мекард. Дар хусуси яке аз зиёиёни Бухоро, шогирди Аҳмади Дониш Содиқхоҷа Гулшанӣ Садриддин Айнӣ бо як муҳаббат сухан гуфтааст,ки ”аз байни донишҷӯёни мадраса аввалин шахсе буд, ки забони русиро омӯхтааст. Ӯ ҳамсуҳбати Аҳмад Махдум буда, ҳар ҳафта якчанд маротиба бо вай суҳбат мекард.”[324]

Ба гуфтаи устод З. Раҷабов, Садриддин Айнӣ бори нахуст ба хонаи Аҳмади Дониш рафтанашро бо меҳру муҳаббати беандоза ба қалам додааст. Ӯ дар меҳмонхона ҳамон глобусро, ки дар боло зикраш рафт, дидааст.

Тавре ки Садрддин Айнӣ нақл мекунад, мехру муҳаббат ва эҳтирому ихлосаш нисбат ба ин мутафаккир боз ҳам афзуд, дар он вақт ки олим,- мунаҷҷим Аҳмади Дониш гирифтани моҳро пешгӯӣ карда, дар соатҳои гирифтанаш онро оромона мушоҳида карда, таблитсаи астраномии худро ҳисоб карда гуфт, ки пас аз чанд дақиқа моҳ боз сафед мешавад.[325]

Аз рӯи андеша ва фикру ақидаҳои профессор Н. Ҳотамов, эҷодиёти Аҳмади Дониш махсусан дар Бухоро таваҷҷуҳи аҳли қалам, аз ҷумла муллою мударрис ва донишҷӯёнро ба ҳаёти сиёсӣ бедор кардааст. Садриддин Айнӣ ва дӯсти дар он солҳо наздикаш Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (Бурҳонов) ҳам аз зумраи он рушанфикрони бухороӣ буданд, ки маҳз дар натиҷаи таъсири мутолиаи китоби барҷастаи Аҳмади Дониш “Наводир-ул-вақоеъ”фикру андешаҳои худро нисбат ба Бухорои ҳамонзамона дигаргун шудаанд. Баъдтар устод Садриддин Айнӣ ин воқеаро ба ёд оварда фармудааст. ”...мо сартосари ин китобро хонда баромадем. Аҳмади Дониш усули идораи амир, муомилаи мъмурони ӯ ба мардум, қозиҳо, раисҳо ва дигаронро танқид мекард. Мадрасаҳо, мударрисҳо ва

[324]Иқтибос аз З. Раҷабов. К вопросу...,С. 66.
[325]Ниг.З. Раҷабов. К вопросу...,С. 69.

усули дарсгӯии онҳоро, ҳам чизҳоеро, ки дар он замон дар мадрасаҳо мехонданд, танқид мекард. Касбҳо, пешаҳо, заношӯӣ, муомилаи оилавӣ, тартиби зангирӣ, занталоққунӣ ва дигарҳоро ягон-ягон танқид мекард.[326]

Ба гуфтаи адабиётшиноси машҳур пофессор Расул Ҳодизода, ”Садриддин Айнӣ бо кӯшишу саъю ҳиммат дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ва машъалаи роҳи оянда буд. Ба бахти Айнӣ ва муосирони ҳамфикру тараққипарвари вай нури ҳақиқат дар симои Аҳмади Дониш  пеши назари онҳо қад барафрошт. Садриддин Айнӣ дар осори Аҳмади Дониш калиди дари мушкилиҳоро пайдо кард. Роҳи ҳақиқат ва маърифат ба чашми вай кушода шуд ва устуворона аз ҳамин роҳ қадам гузошт. Аз ташкили матабҳои нав ва таълифи китобҳои таълимӣ барои “танвири” (равшанибахши) шуури ҷомеаи Бухорои ибтидои  қарни XX то дами вопасини худ дар таҳрири “Ёддоштҳо”-яшӯ дар хидмати халқ, дар хидмати Ватан буд.[327]”

Шоир Ҳайрат яке аз дӯстони давраи ҷавонии Садриддин Айнӣ буда, шахси ҳақгӯю оташинсухан, миёни аҳли адаби Бухорои охири асри XIX ва оғози асри XX обрӯву нуфузи зиёд дошт. Аз рӯи нишондоди З. Раҷабов, мавзуи эҷодиёти Ҳайрат тасвири аҳволи вазнини камбағалон, муҳтоҷию бенавоӣ, дарду алам ва кулфати ин табақаи меҳнаткашон буду бас. Аммо, Ҳайрат ҳоло сабаби асосӣ ва ҳақиқии бечорагии худро намедонист. Соли 1893 пас аз дар Бухоро пайдо шудани касалии вабо, аз Петербург барои ташхиси ин беморӣ комиссияи тиббӣ омад. Аммо, руҳониёни дарбори амир ҳар коре, ки аз дасташон меомад, мекарданд, то пеши роҳи комиссияро боздоранд. Ба ин хотир, онҳо чунин туҳматро бофта

---

[326]Ниг.Н. Ҳотамов. Сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро. С.141-142.

[327]Расул Ҳодизода. Худоё, худро бишиносам-китоби хотирот. Душанбе, 2006, С. 302.

баромаданд, ки гӯё комиссия бахри дар ин ҷо дар байни мусулмонон паҳн кардани дини насронӣ омада бошад. Вақте ки Ҳайрат аз ин воқеа воқиф мешавад, чунин гуфта буд:”Микробҳои ҳақиқӣ уламоҳои ҷоҳил ва амалдорони ғоратгаранд.”Аз рӯи нишондоди Садриддин Айнӣ, ӯ хост, ки ин микробҳо” бо мадади олимони рус нест карда шаванд.”[328]

Дар ин ҷо лозим мешуморем, ки баҳои аллома Б.Ғафуровро доир ба шоири адолатхоҳ Ҳайрат нишон диҳем, ки овардааст:”Ҳайрат шоири боистеъдод ва ғазалсарои забардаст буд. Аммо шаклу мазмуни куҳнаи назм ба Ҳайрат тангӣ мекард ва ӯ дар назм роҳҳои нав меҷуст. Дар ҳаёти тираву тори аморати Бухоро вай нури умеде надида, руҳафтода шуд ва дар эҷодиёташ ҳам оҳангҳои яъс, ҳузну ғаму андуҳ хеле афзуд. Вале гуфтан даркор, ки Ҳайрат шеърҳое низ дорад, ки дар онҳо оҳангҳои иҷтимоӣ равшан ба назар мерасанд ва шоир дар ин шеърҳояш халқро ба маърифат даъват намуда, дар роҳи беҳбудии мардум ҷаҳд карданро сифати олии инсон мешуморад.”[329]

Боби сеюми асари устод З. Раҷабов дар мавзуи ”Синфи коргари рус-роҳбари халқҳои Осиёи Миёна дар мубориза бахри озодии миллӣ ва иҷтимоӣ”баҳс мекунад.

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар натиҷаи вусъати авҷи умумии ҳаракатҳои инқилобӣ дар Русияи подшоҳӣ, синфи коргари рус ба ҳаракати умумии муборизаҳои миллӣ-озодихоҳии халқҳои империяи Росия сарварӣ мекард. Дар натиҷаи таъсири инқилоби якуми буржуазӣ-демократии рус дар байни халқҳои Осиёи Миёна ҳаракатҳои инқилобӣ авҷ мегирад. Дар ин хусус В.И.

[328]С. Айнӣ. Еддоштҳо. Маҷаллаи “Шарқи Сурх”,№ 9, 1950, С. 36. Иқтийос аз З. Раҷабов., С.70-71.

[329].Б. Ғафуров.Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. С. 805.

Ленин гуфта буд:”Капитализми ҷаҳонӣ ва ҳаракати рус дар соли 1905 Осиёро тамоман бедор карданд.Садҳо миллион аҳолие, ки дар беҳаракатии асримиёнагӣ хору зор ва ваҳшӣ гаштаанд, ба ҳаёти нав ва ба мубориза барои ҳуқуҳои одитарини инсон, барои демократия бедор шуданд.” [330] Ин суханонро ҳаракатҳои инқилобӣ,ки дар солҳои 1905-1907 дар Осиёи Миёна бавуҷуд омаданд, тасдиқ мекунанд.

Тавре ки дар асари академик З Раҷабов мисолу далелҳои зиёде оид ба сарзадани ҳаракатҳои инқилобӣ дар гӯшаву канори Осиёи Миёна дар арафа ва рафти инқилоби якуми рус оварда шудааст, дар хусуси авҷ гирифтани муборизаҳои инқилобии кишвар шаҳодат медиҳанд. Масалан, моҳи июли соли 1905 дар бисёр шаҳрҳои Туркистон, аз ҷумла дар Ашқобод ва Тошкент митингу намоишҳои серродам барпо шуданд, ки характери сиёсӣ доштанд. Митингчиён аз ҳукуматдорон талаб мекарданд, ки маҳбусони сиёсӣ аз маҳкамаҳо озод карда шаванд. Дар намоише, ки 17 октябри соли 1905 дар Тошкент рӯй дода, намояндагони халқи тоҷику узбек ширкат варзиданд. Ҷаллодҳои ҳукумати подшоҳӣ онҳоро бо тиру туп “пешвоз” гирифтанд, ки дар натиҷа хуни халқи меҳнаткаш рехт.

Аз тарси авҷи ҳаракатҳои инқилобӣ ҳукумати подшоҳии рус амалиётҳои хунини худро нисбат ба инқилобчиёни Осиёи Миёна зиёдтар мекунад. Ба чунин амалиётҳои хунин нигоҳ накарда, соли 1906 ҳаракатҳои инқилобӣ дар байни коргарони кишвари Туркистон авҷ мегирад. 1-уми моҳи майи ҳамин сол корпартоии коргарони роҳи оҳани шаҳри Тошкент оғоз ёфта, дар муддати якуним моҳ давом мекунад ва бо ғалаба ба анҷом мерасад. Моҳҳои июн ва июли ҳамин сол бо қувваи нав

[330]В. И. Ленин. Асарҳо. томи 19, С.66. Иқтибос аз Б. Ғафуров.Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. С767.

ҳаракат дар байни ҳарбиён ба амал меояд. Марказҳои асосии чунин ҳаракатҳо Ашқободу Тошкент ва Красноводск буданд. 3-моҳи июли соли 1906 шӯриши мусаллаҳонаи байн сапёрҳои Тошкент рух дод. Дар нимаи дуюми ҳамин сол ва дар давоми соли 1907 дар бисёр полкҳои кишвар шӯру исён ба вуҷуд омаданд, аммо ин воқеаҳоро дар давраи паст рафтани инқилоб дидан мумкин буд.[331]

Боби охирини ин асари академк З. Раҷабов ба масъалаи халқи рус- сарвари халқҳои Осиёи Миёна дар мубориза баҳри ҳаёти нав бахшида шуда, олим мавқеи русҳоро дар мустаҳкам кардани дӯстиву робита бо халқҳои Осиёи Миёна бо мисолу далелҳои мушаххас дар солҳои пеш аз инқилоб ва солҳои Ҳокимияти Шуравӣ ба риштаи қалам кашидааст.

Ба ибораи З. Раҷабов, маълум, ки миллатчиёни буржуазӣ-ҷадидҳо ва дастаи феодалону диндорон ба муборизаи халқҳои Осиёи Миёна, ки ба он пролетариати рус сарварӣ мекард, зарари калон расониданд. Онҳо тафаккури меҳнаткашонро бо идеологияи реаксионии панисломузму пантуркизм заҳролуд намуда, кӯшиш мекарданд, ки байни халқи рус ва халқҳои Осиёи Миёна тухми адовату низоъ андохта, пеши роҳи ҳаракати умумии зидди ҳукумати подшоҳӣ ва ҳокимони маҳаллиро гиранд. Ҷадидҳо кӯшиш мекарданд, ки Осиёи Миёнаро аз Русия ҷудо намуда, дар ин ҷо давлати “мустақили” буржуазӣ-помешчикӣ сохта ба зери таъсири Туркия гузоранд.[332]

## 11. Самараи инқилоб

Асари навбатии академик З. Раҷабов “Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин-самараи

[331]Ниг.З. Раҷабов.К вопросу...,С. 78.
[332]З. Раҷабов.К вопросу...,С.98.

Октябри Кабир"ном дошта, ба забони русӣ дарҷ шудааст.[333] Дар сарсухани мухтасар ниҳоят дуруст ва побарҷо зикр шудааст, ки то аз дасти чоп баромадани ин асар доир ба таърихи Донишгоҳи давлатии милии Тоҷикистон ягон асари илмии ҷамъбастӣ навишта нашудааст. Танҳо дар асарҳое, ки ба таърихи маданияти Тоҷикистони Шуравӣ бахшда шудаанд, баъзан маълумотҳоро доир ба УДТ вохӯрдан мумкин аст. Дар ин асар академик З. Раҷабов ба маводҳои зиёди бойгонӣ, сарчашмаҳои чопшуда ва хотираҳои худаш такя карда, кӯшиш ба харҷ додааст,ки баъзе паҳлуҳои фаъолияти ин донишгоҳи олиро аз соли таъсис, яъне соли 1948 саркарда, то соли 1966 таҳлилу таҳқиқ намояд, ки он ҳам аҳамияти илмӣ ва ҳам аҳамияти зиёди тарбиявиро дорост. Инчунин ин асар барои навиштани таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷик, хусусан дар ҳалли масъалаҳои таърихи донишгоҳҳои олии асри XX ва ибтидои XXI дар ҷумҳурӣ хизмати шоиста хоҳад кард.

Бояд зикр кард, ки сохтори ин асар нисбат аз корҳои қаблии таҳқиқотии илмии олим, бо он фарқ мекунад, ки дар он масъалаҳо бо бобҳо қисмат нашуда, балки номбар шудаанд, зеро шумораи масъалаҳо, аз 27 боб иборат аст,зиёданд.

Дар ибтидои асар олим диққати хонандагонро ба баъзе масоили таърихи макотиби олии ҶШС Тоҷикистон ҷалб намуда, ба таври ҳаққонӣ изҳор кардааст, ки пеш аз инқилоб дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон ба маънои томаш ягон донишгоҳи олӣ вуҷуд надошт. Устод зикр намудааст,ки дар ҳақиқат аз мадраса чунин арбобони маорифпарвари халқи тоҷик ба мисли А. Дониш, Ш. Шоҳин, С. Ҳайрат, Возеҳ, Т. Асирӣ, С. Айнӣ ва дигарон сабзида баромаданд. Аммо ҷаҳонбинии чунин шахсони

---

[333] З Раджабов. Таджикский государственнҷи университет-детище Октября. Издательство «Дониш», Душанбе-1967. 150 Стр.

пешқадам дар он замон оид ба фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат дар мадраса ташаккул наёфтааст. Онҳо қуллаҳои баланди донишро бо роҳи меҳнати суботкорона ва матонати қавӣ соҳиб шудаанд.

Аҳмади Дониш дар асари машҳури худ “Наводир-ул-Вақоеъ”тартиботи зараровари мадрасаро мазоҳ карда, аёниян (наглядно) нишон дод, ки тарзи таълим дар мактабу мадрасаҳои Бухоро хусусият ва табиати махсуси аз зиндагӣ ва таҷриба дур доштаи пеш аз инқилоб маркази таълимоти мусулмонӣ дар Осиёи Миёна маҳсуб буд.[334]

Масъалаи дар Осиёи Миёна сохтани мактабҳои ғайридинӣ танҳо пас аз инқилоби пролетарӣ имконият ва зараурат ба амал омад. Дар ибтидои солҳои Ҳокимияти Шуравӣ дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ, мубориза барои барҳам додани дастаҳои ғоратгаронаи босмачиён дар Тоҷикистон тамоман имкониятҳои барпо намудани макотиби олӣ вуҷуд надошт. Аз ин рӯ, то аввали солҳои 30-уми асри XX аз Тоҷикистон ба шаҳрҳои марказии иттифоқ барои тайёр кардани кадрҳои дорои маълумоти олии соҳаи маориф ҷавонон фиристонида мешуданд. Дар Тоҷикистон танҳо дар ибтидои солҳои 30-юм пас аз решакан кардани қувваҳои зиддидавлатӣ ва пайдо шудани имконияти иқтисодӣ, яъне базаи моддӣ-иқтисодӣ макотиби олӣ кушода шуд, ки дар ин хусус дар асари устод З. Раҷабов бо мисолу далелҳои боварибахш зикр шудааст.

Дар асар устод З. Раҷабов ба масъалаи тайёрӣ баҳри кушода шудани ин донишгоҳ таввачуҳ зоҳир кардааст. Тавре ки дар ин ҷо ниҳоят дуруст ва аз нуқтаи назари илмӣ таъкид шудааст, дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе (дар он вақт Сталинобод) кушода шудани чунин университет бечуну чаро дар таърихи навини халқи тоҷик саҳифаи наве буд. Зеро университет мактаби олиест, ки доир ба фанҳои гуногун маълумот дода, натанҳо

---

[334]З Раджабов. Таджикский государственнҷи университет..., С. 5.

омӯзгорон, балки таҳқиқотчиёни соҳаҳои мухталифи илмӣ низ тайёр мекунад. Агар хатмкунандаи университет аз рӯи маълумоташ таҳқиқотчӣ ҳисоб ёбад, дар таҷриба омӯзгор шавад, аз ин маорифи халқ фоида мебарад.

Масъалаи дар Тоҷикистон кушода шудани университет дар солҳои 30-уми асри XX ба миён гузошта шуда буд. Масалан, соли 1934 дар назди шуъбаи Ташвиқоти-мадании назди КМ ҲК (б) Тоҷикистон қарор бо чунин мазмун қабул карда шуда буд:"Дар Тоҷикистон аз соли 1934 дар пойгоҳи (базаи) Академияи педагогӣ ва Институти хоҷагии кишоварзӣ кушода шудани университети давлатӣ бо чунин факултетҳо: а)физикаю математика, б)омӯзгорӣ, в) биология-тиббӣ, г) хоҷагии кишоварзӣ, д) коргарӣ зарур дониста шуд. Аммо, баъзе мамониатҳо имконият намедоданд, ки дар вақти муайян чунин университет кори худро оғоз намояд. Зеро ба ақидаи муаллиф, барои амалӣ кардани қарори мазкур чунин шароитҳо муҳайё набуданд: дар университет кадрҳои баландихтисоси илмие мавҷуд набуд,ки корҳои омӯзгориро ба сатҳи баланд баранд; дараҷаи дониши хатмкунандагони мактаби миёнаи ҷумҳурӣ паст буд; барои лабороторияҳои оянда таҷҳизоти зарурӣ вуҷуд надошт ва ғайра. Инчунин кушодани университет бо сабаби оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ тӯл кашид.[335]

Маълум, ки дар солҳои баъди ҷангӣ аз ҷониби ҳизбу давлат ва ҷумҳурӣ баробари барқароркунии соҳаҳои хоҷагии халқ ва ривоҷу равнақи минбаъдаи он, инчунин барои инкишофи маорифу илму маданият диққати махсус дода мешуд.

Бо дархости КМ ҲК (б) Тоҷикистон ва Шурои вазирони ҷумҳурӣ Шурои вазирони СССР дар бораи кушода шудани университети давлатии Тоҷикистон дар

[335]Ниг.З Раджабов. Таджикский государственнҷи университет..., С.12-13.

ҳайати факултетҳои зерин: физику математика (бо шуъбаи химия), биология ва таъриху филология (бо шуъбаи забонҳои шарқӣ), геологияю ҷуғрофия қарор қабул кард. Бо қарори Вазорати маълумоти олии СССР ва Шурои вазирони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ташкилотҳои салоҳиятдор вазифадор карда шуда буд, ки “тамоми корҳои тайёрӣ оиди дар моҳи сентябри соли 1948 кушодани университет гузаронида шаванд.”[336]

Аммо, аниқ набуд, ки дар шароити аз байни тоҷикон ангуштшумор будани номзадҳои илм ва ташкилотчии ҷараёни таълиму тарбия дар макотиби олӣ, кадом шахси муносиб бояд аввалин ректори университет шавад? Ба ақидаи шахсии Б Ғафуров, номзади арзандаи аввалин ректори Университети давлатии Тоҷикистон бояд шахси принсипнок, ҷиддӣ, олими варзида, таҷрибаи роҳбарии муассисаи илмӣ ва омӯзгорӣ дошта З. Раҷабов пешбинӣ мешуд.

Дар ҳамин вақт З. Раҷабов дар Маскав, дар аспирантура таҳсил мекард, аз номи муншии аввали КМ ҲК (б) Тоҷикистон Б. Ғафуров телеграмма гирифт, ки дар он гуфта шуда буд, ки шуморо кори ниҳоят масъулиятнок дар пеш аст.

З. Раҷабов дере нагузашта дар шаҳри Маскав бо мудири шуъбаи КМ ҲК (б) Тоҷикистон К.Г. Кулков дар мулоқот қарор дошт ва ӯ аз устод илтимос кард, ки розигии хешро оид ба қабул кардани вазифаи ректори университет диҳад.

Пас аз чанд рӯз З. Раҷабовро ба шуъбаи илми КМ ҲКУ (б) ба суҳбат даъват намуданд, баъд аз он ӯ ба ихтиёри Вазорати маълумоти олии СССР, ки Университети давлатии Тоҷикистон дар тобеияти он бояд қарор дошта бошад, фиристода шуд. Дар ин ҷо устод бо вазири маълумоти олии СССР С. В. Кафтанов шинос

[336] Дар ҳамон ҷо. С.14.

гардид, ки ӯ ба эшон ҳамчун ректори университет якчанд маслиҳат пешниҳод кард. Пас аз ин 27-феврали соли 1948 С.В. Кафтанов чунин амрро ба имзо расонд:”Раҷабов Зариф Шарипович ба вазифаи ректори Университети давлатии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.”[337]

Мувофиқи қарори ҳукумат Университети давлатии Тоҷикистон бояд аз 1-сентябри соли 1948 ба кору машғулият ба дарсҳо шуруъ мекард. Барои ҳамин ҳам ба роҳбарияти донишгоҳ бо сарварии З. Раҷабов лозим буд, ки дар муддати нисбатан кутоҳ, яъне аз моҳи апрел то сентябр корҳои зиёди ташкилиро ба анҷом расонад. Аммо, дар роҳи ҳалли ин масъала якчанд масъалаҳои муҳимми ҳалталаб дар пеш буданд, қабл аз ҳама ҳалли таъмини университет аз довталабон, зеро хатмкунандагони макотиби миёна ҳоло моҳият ва мақеи донишгоҳи навро сарфаҳм намерафтанд. Гарчанде ки то оғози соли нави хониш устодон ба кор ҷалб шуда буданд, бо сарварӣ ва иштироки бевоситаи ректор З. Раҷабов ба ноҳияю вилоятҳои ҷумҳурӣ сафар карда, ба хатмкунандагони макотиби миёна, макон ва моҳияти донишгоҳи навтаъсисро ҳамаҷониба мефаҳмонданд, то ки шумораи довталабон мувофиқи нақша ба иҷро расад. Сафарҳо ба ноҳияҳои зиёди ҷумҳурӣ бо сарварии ректор З. Раҷабов ва бо хатмкунандагони макотиби миёна ва интернатҳо бевосита суҳбатҳои рӯ ба рӯ самараи хешро дод.

Масъалаи дигари ҳалталаб ин пайдо кардани корпуси хониш ва таъмини донишҷӯён бо хобгоҳ буд. Дигар масъалаи боз ҳам ҷиддитар университетро бо кадрҳои баланихтисос таъмин кардан дар пеш буд, ки устод З. Раҷабов дар асараш роҳу воситаҳои ҳалли масъалаҳои номбаршударо бо тафсил таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Инчунин, дар ҷумҳурӣ шумораи дорандагони унвони докторӣ ва номзадӣ ангуштшумор буда, таъмини

---

[337]З Раджабов. Таджикский государственнҷи университет..., С.14..

мактабҳои олӣ бо кадрҳои баландихтисос масъалаи навбатӣ буд. Барои ҳамин ҳам роҳбарияти университет дар ибтидо кӯшиш ба харҷ дод, ки ба кори муаллимӣ омӯзгорони маҳаллиро ҷалб бояд кард. Бо гуфтаи ректор З. Раҷабов, ба хоҳишу дархости мо чунин профессорон ба мисли М.С. Андреев, А.А. Семенов, В.А. Расиборский, О.И. Морозова, С. Ф. Машковсев, В.А. Танаевсуий, И. П. Лосев ҳамовоз шуданд. Ба қатори онҳо дар университет Б.Н. Ниёзмуҳаммедов, Ш. Ҳусейнзода, С. Д. Арзуманов Ҳ. Каримов, М. Юсупова, А. Баҳоваддинов, М. Эркаев, Т. Каримов, Н. Нарзиқулов ва дигарон ба кор ҷалб карда шуданд.

Ба кори доимӣ ба донишгоҳ аз ҷумҳуриҳои Иттифоқ ва шаҳрҳои марказии мамлакат мутахассисон даъват шуданд. Бояд зикр кард, ки аксарияти онҳо дар хобгоҳҳои танги донишҷӯён, ки дар он вақт шароитҳои муътадили тарзи зисту маишат мавҷуд набуд, бо аҳли оила зиндагӣ мекарданд. Аз ҷумлаи онҳо К.М. Мануйлова, В.В. Болезнев, Ф. И. Стеклова, В. С. Библер, М.М. Кухтиков, Д.Е. Хайтун, Ю.А. Шибаева, А.Г. Сломинский ва дигарон маҳсуб буданд.

Дар ин донишгоҳ аз оғози кор омӯзгорону олимон ба мисли К.Н. Гаврилкин, Е.Н. Низковская,, И.Т. Сагай, Г. С. Михайличенко, М.Ф. Фозилов, Д.Т. Тоҷиев, Р.А. Амонов, В.И Кореский, С. Ш. Табаров, М. Содиқов, Ю.А. Николаев, А.И. Кузнесова ва дигарон дар байни донишҷӯён корҳои зиёди педагогӣ ва сиёсиву тарбиявивӣ мебурданд.[338]

Мувофиқи маълумоти аввалин ректори университет З. Раҷабов, дар соли аввали оғози он, аз сабаби умуман нокифоя будани дохилшавандагон, дар байни онҳо конкурс вуҷуд надошта, имтиҳоноти қабул аз якуми август сар мешуд. Барои ҷалби дохилшавандагон қариб ҳамаи

[338]Ниг.З Раджабов. Таджикский государственнҷи университет..., С. 19.

омӯзгорон бо роҳбарии ректор сафарбар шуда буданд. Дар он вақт на ҳама хатмкунандагони макотиби миёна моҳияти университетро дарк мекарданд, дар маҳалҳо бисёр предметҳои илмҳои дақиқу табиатшиносӣ, забонҳои хориҷӣ ба талаботи барномаи таълим ҷавобгӯ гузашта намешуданд, ки ин ҳам яке аз душвориҳо дар роҳи иҷро намудани нақшаи дохилшавандагон буд.

Нағз дар хотир дорам, устоди мо донишҷӯёни университет, яке аз устодони аввалини ин даргоҳи илму маърифат, профессор М. Содиқов буд, ки ба мо аз фанни "Таърихи ҳизби коммунист" лексия мехонд ва дар ҳар як маврид дар бораи солҳои аввали таъсис ёфтани университет ва душворииҳои он нақл мекард:"Дар ҳақиқат шумораи довталабон дар солҳои аввал ниҳоят кам буд ва дар чунин вазъият маъмурияти донишгоҳ ба мо устодон дастур дод, ки дар кӯчаю бозор ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ агар бо хатмкунандагони мактаби миёна рӯ ба рӯ шавед, моҳияти илмӣ ва омӯзгории университетро ба онҳо фаҳмонед ва ба онҳо маҷалла ва рӯзномаро пешкаш кунед, агар онро хонда тавонанд, аризаашонро барои дохил шудан ба университет қабул намоед. Мо бо чунин метод чандин довталабро ба ин донишгоҳ қабул намудем."

Дар соли аввали фаъолияти Донишгоҳ дар баъзе гурӯҳҳо қабули довталабон танҳо 50-60% буд. Кушодашавии аввалин Университети давлатии Тоҷикистон бегоҳии 31-августи соли 1948 дар бинои опера ва балети имрӯза ба номи С. Айнӣ дар шароити тантанавӣ дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Устод дар ин асар бо мисолу далелҳои мушаххас доир ба бунёди базаи таълимӣ ва истеҳсолии университет, ки дар ҳалли он дар ибтидо душвориҳои зиёд ба миён омада буд ва роҳҳои ҳамаҷонибаи ҳалли онро ба риштаи сухан овардааст. Ва дуруст аст, ки тамоми масъалаҳои барпо кардани базаи моддӣ- маишӣ, таълимию

методӣ,ҷалби кадрҳои баландихтисос, таъмини онҳо бо манзили зист, таъмини донишҷӯён бо хобгоҳу стипендия, бунёди бинои марказии таълимгоҳ ва мисли ин дигар масъалаҳо бар дӯши роҳбарияти ин муассисаи илмӣ-омӯзгорӣ меистод.

Вақте ки устод З. Раҷабов чунин асарро эҷод намуд, синни университет ба 18 сол расида буд ва дар ин муддат ректорҳо ва дигар аъзоёни роҳбарият борҳо иваз гардида, дар самти иҷрои масъалаҳои мазкур дигаргуниҳои чашмрас бавуҷуд омад,ки муаллиф бо назари дар ҳақиқат олимона таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Дар ин асар муҳаққиқ диққати ҷиддиро доир ба масъалаи дар байни донишҷӯён ривоҷ додани корҳои зиёди сиёсӣ-тарбиявӣ додааст. Дар ин ҷо устод натиҷаи мусбии чунин чорабиниҳоро бо факту рақамҳои ҷолиб таҳлил кардааст. Масалан, агар соли хониши 1950-1951 шумораи умумии донишҷӯён дар тамоми факултетҳои унивеситет 649 нафарро ташкил карда бошад, пас дар соли хониши 1962-1963 ин шумора ба 5175 нафар расид.[339]

Устод бо як ҳиссиёти баланд ва ифтихор номи хатмкунандагони аввалини университет, ки бо дипломи аъло сазовор шуданд ва дар ин рушт бечунучаро ҳисси З. Раҷабов ҳамчун аввалин ректор ва ташкилкунандаи ҷараёни таълиму тарбия кам нест, овардааст: Ф. Исҳоқӣ, А. Обидов, Л. Потапова, Э. Букреева, И. Девятова, Э. Гулямова, И. Яковлева, И. Бунтина, Б. Алиев, А. Халилов, Г. Кулагин, Р. Каримов, Э. Тоҳиров ва дигарон. Инчунин устод бо ифтихор номҳои аввалин номзадҳои илм, ки хатмкунандаи нахустини университет ба шумор меравад, овардааст, ки ба зумраи онҳо чунин олимони ҷавон дохил мешаванд: Р. Додобоев, М. Бобохонов, Ҳ. Назаров, Д. Мирбобоев, А. Гафуров, М. Бақоев, Х. Атохонова, А.

[339]Ниг.З Раджабов. Таджикский государственнҷи университет..., С.43.

Маниёзов, Қ. Ҷамолов, А. Мусаелян, В. Могаровский, Ҳ. Аҳмедов, И. Линд, А Акрамов ва дигарон.[340]

Дар хусуси ҷараёни таълим сухан ронда устод З. Раҷабов нишон додааст, ки соли 1967 шумораи донишҷӯён ба 7525 нафар расида, онҳо дар 9 факултети рузона, шабона ва ғоибона таҳсил мекарданд ва ба онҳо фанҳои асосиро академикҳо ва аъзо-корспондентҳои АФ ҶШС Тоҷикистон М.С. Осимов, А.М. Баҳоваддинов, О. В. Добраволский, Б. Н. Ниёзмуҳаммедов, И. К. Нарзиқулов, М. Н. Нарзиқулов, П. Н. Овчинников, К. Т. Порошин, С.А. Раҷабов, А.А. Адҳамов, Р. Б. Баротов, С.Ш. Табаров, М. Ф. Фозилов ва Р.Ю. Юсуфбеков, доктору профессорон, М.И. Эркаев, В.И. Коретский, И. К. Лопатин, М.А. Субҳонқулов, Ш. Ҳусейнзода дарс медоданд.[341]

Дар ин асар устод З. Раҷабов инчунин дар хусуси омӯхтани илмҳо ба мисли арабшиносӣ, эроншиносӣ, азхуд кардани забонҳои хориҷӣ ва таҷрибаомӯзии донишҷӯён истода гузашта, моҳияти чунин фанҳоро барои баланд бардоштани савияи дониш ва ҷаҳонбинии ҷавонон ва минбаъд дар ҷумҳурӣ бахри таҳқиқотҳои илмӣ муфид донистааст, ки ин ақидаро таҷрибаи таърихӣ равшан исбот намуд.

Яке аз самтҳои муҳиму ояндадори инкишофи минбаъдаи донишкадаи нисбатан дар он солҳо ҷавони Тоҷикистон университет ба назар менамуд, ки пешравӣ ва рушду нумуи ҳамаҷонибаи он бевосита ба кори самараноки аспирантура ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ-омӯзгорӣ сахт вобаста буд. Дар ин асар хонанда метавонад аз ҷараёни таҳсили ҷавонони илмдӯсту таҳқиқотчӣ ва кӯшишу ғайрати онҳо дар самти корҳои илмӣ ва ҳимоя ва соҳиб шудан ба унвони баланди илмӣ огоҳӣ ёбад.

---

[340]Ниг.З Раджабов. Таджикский государственнҷи университет..., С.53.
[341]З Раджабов. Таджикский государственнҷи университет..., С.55-56.

Бо ин мақсад дар назди университет шурои олимон оид ба ҳимояи диссертатсияҳо кушода шуда, дар зарфи соли 1953 то соли 1967 дар ин ҷо аз 11фан 190 нафар таҳқиқотчиён рисолаи худро дифоъ намуданд, ки аз он 40 нафар корманди худи Университети давлатии Тоҷикистон буданд. Дар ин шурои дисертатсионӣ ба ҷуз аз Тоҷикистон инчунин олимон аз Осиёи Миёна, Қазоқистон, Маскав ва шаҳрҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ диссертатсияи худро ҳимоя мекарданд. Доир ба фанни таърих 53 нафар ҳимоя карданд, ки аз байни дигар фанҳо аз лиҳози шумора ҷои аввалро ишғол мекард.[342]

Дар ин асар муаллиф бори дигар дар хусуси саҳми Университети давлатии Тоҷикистон дар инкишофи илм гуфта гузаштааст, зеро ҳоло соли 1964 дар ин хусус китобе дарҷ карда буд.[343] Дар ин асар дар асоси ҳисоботҳои университет баъзе лаҳзаҳои мушаххаси инкишофи соҳаҳои гуногуни илм аниқтар кушода шудааст.

Ба ғайр аз ин, академик З. Раҷабов сонитар дар бораи инкишофи илм китобе аз чоп баровардааст.[344]Дар ибтидои асар ӯ дар он ақидааст, ки илми ҳақиқӣ дар Тоҷикистон маҳз дар даврони Ҳокимияти Шуравӣ асосан рӯйи кор омад. Дар омади сухан бояд зикр кард, ки дар гузаштаи ниҳоят дур халқи тоҷик ба ҷаҳон олимони машҳуре дод,ки онҳо дар таърихи тамаддуни башарӣ ҷову мавқеи хосаи хешро ишғол карданд. Аммо, баъдтар аз асрҳои XVII-XIX сар карда, то барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон заволи илму фарҳанг шуд. Ба инкишофи ҳақиқии тафаккури илмӣ дар Тоҷикистони пешазинқилобӣ ақибмонии иқтисодӣ, ҳукмронии бевоситаи дин ба ҳаёти

---

342З Раджабов. Таджикский государственнҷи университет..., С.88.

343З. Раджабов. Развитие науки в Таджикской ССР.Издателӣство "наука",Москва-1964,110 стр.

344З. Раджабов. Наука советского Таджикистана, Из-во "Дониш",Душанбе 1968. 145 стр.

ҷамъиятӣ ва тарзи зиндагонии мардум, аз мамлакатҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта ҷудо буданд, ба тақдири халқ тамоман бетараф истодани синфҳои истисморгар ва ғайра сабабҳои асосии пеши роҳи инкишофи тафаккури ҳақиқии илмӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ мегаштанд.

Халқи тоҷик ба сиёсати мустамликадории саризми рус ва ситаму истибдоди ҳокимони феодалии маҳаллӣ нигоҳ накарда, ба он олимони пешқадами рус, ки аз душвориҳои ҷуғрофӣ, табиӣ наҳаросида, ба ноҳияҳои дурдасти Тоҷикистон роҳ ёфта, ба омӯхтани боигариҳои табиӣ, забон, зисту зиндагонии мардум ва таърихи бисёрасра асос гузоштанд

Ба гуфтаи академик З. Раҷабов, ҳатман бояд ҳамовоз гашт, ки заҳмати олимони пешазинқилобии рус дар таҳқиқоти ҳамаҷонибаи Тоҷикистони имрӯза бузург аст. Аммо, таҳқиқоти илмии онҳо бенизом сурат гирифта, баъзан аз ҳисоби маблағҳои шахсиашон гузаронида мешуд. Сиёсати ҳукумати подшоҳӣ оид ба истифода бурдани дастовардҳои илмӣ бо мақсади истисмори меҳнаткашони маҳаллӣ равона шуда, ба кори экспедитсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ осори хешро мегузошт. Таҷрибаи таърихӣ равшан нишон дод, ки Тоҷикистон маҳз пас аз инқилоб ба манбаи асосии таҳқиқотҳои илмӣ табдил ёфт.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳоло дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-уми асри XX якчанд экспедитсияҳои таҳқиқотӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои илмии Маскав, Ленинград ва Тошкент гузаронида шуда, тарзи ҷойгиршавии канданиҳои фоиданок, олами набототу ҳайвонот, хоҷагии кишоварзӣ, тибби кишвар, тарзи зиндагии мардум ва бисёр дигар масъалаҳои ҳаёти инсониро дар ҳамон шароит омӯхта баромаданд. Махсусан фаъолияти экспедитсияҳои комплексии Помиру Тоҷикистон самаранок ба назар мерасиданд.

Экспедитсияи Помир-соли 1928 ва экспедитсияи комплексии Тоҷикистон–соли 1932 бо сарварии яке аз

олимони дар он вақт маълуму машҳури Иттиҳоди Шуравӣ Н.П. Горбунов оид ба олами наботот ва ҳайвонот, захираҳои энергитикӣ, ему хошок ва сӯзишвории ҷумҳуриро муайян намуданд.

Дар ин асар устоди гиромӣ З. Раҷабов дар аввал оид ба барпо кардани муассисаҳои илмӣ, ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва инкишофи илмҳои табиатшиносӣ муҳокимаронӣ намудааст. Аз ҷумла, дар бораи илмҳои астрофизик, зилзиласанҷӣ, химия, геология, физикаю математика, ботаника, физиология ва биофизикаи растаниҳо, зоология ва паразитология, ҳифзи табиат, тиб, илмҳои хоҷагии кишоварзӣ маълумоти зарурӣ додааст.

Қисми дигари асар ба инкишофи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, аз ҷумла таърих, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, санъатшиносӣ, забоншиносӣ, фолклор, адабиётшиносӣ, фалсафа, иқтисодиёт, педагогика, ҳуқуқ, филологияи рус ва хориҷӣ баҳс мекунад. Дар ин қисми асар муаллиф зарур шумоpидааст, ки як бобро ба масъалаи алоқаҳои байналмилалии илми тоҷик бахшад, андеша меравад, ки дар ин ҷо илми тоҷик ба мазраи дунявӣ қадам мондааст.

Устод, ки худ устоди устодони таърих ҳаст, дар ин асар таҳлили инкишофи илмҳои ҷамъиятиро аз илми таърих, ки чандин шоха дорад оғоз намудааст.

Қисми дуюми асар аз таҳлили инкишофи илми таърих дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ оғоз мегардад. Дар ин ҷо устод ақидаронӣ карда менависад, ки фаъолияти муаррихон аз омӯхтани таърихи давраи қадими халқи тоҷик оғоз меёбад ва мувофиқи маълумоти бостоншиносон, ки дар мавзеъҳои гуногуни ҷумҳурӣ корҳои ҷустуҷӯӣ ва кофтуковҳои самаранокро ба амал оварда буданд, ба хулосае омадаанд, ки таърихи халқи тоҷик аз 200 то 250 ҳазор сол тӯл мекашад. Ва дар натиҷа онҳо ба хулосаи мантиқие омаданд, ки тоҷикон таърихи

қадиму бой дошта, ба хазинаи тамаддуни инсонӣ саҳми босазое доранд. Дар натиҷаи дар арсаи таърих баромадани адабиётҳои соф характери илмӣ дошта, дар соҳаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба нуқтаи назари зараровар ва бардурӯғи баъзе намояндагони ҷаҳони капитализм, ки даъво мекарданд, ки халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла халқи тоҷик дар гузашта аз ҳар ҷиҳат ақибмонда буданд, хати батлон зад.

Бо гуфтаи устод З. Раҷабов, хизмати муаррихон ва бостоншиносони шуравӣ аз он иборат аст, ки ба факту рақамҳои боварбахш такя намуда, нуқтаи назари бепояи баъзе олимони хориҷӣ, ки маданияти тоҷикон гӯё як қисми маданияти Эрон мебошад, тамоман рад намуданд. Яке аз чунин кори илмии бунёдии олимони ҷумҳурӣ "Таърихи халқи тоҷик" аз се тому панҷ китоб маҳсуб аст, ки соли 1964 дар пажуҳишгоҳи таърих ба номи Аҳмади Дониши АУ Тоҷикистон навишта шуда, дар нашриёти " Илм"-и (Наука) Маскав бо ибтикори академик Б. Ғафуров аз чоп баромад.

Дар ҳақиқат муаррихони тоҷик дар зарфи солҳои 50-60-уми асри гузашта, таърихи халқи тоҷикро аз давраҳои қадимтарину қадим то он солҳо таҳқиқ мекарданд, зеро давраҳои гуногуни он як ҷараёни умумии ҳаёти як мардум, як халқаст. Нашр ва дастраси хонандагони сершумор гардидани таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷик дар он солҳо натанҳо таваҷҷуҳи олимони шуравиро ба худ кашид, балки фикру ақидаи олимони хориҷиро нисбат ба таъриху маданияти қадимии тоҷикон куллан тағйир дода, ин ақидаро на танҳо муаррихони шуравӣ, балки хориҷӣ ҳам ҷонибдорӣ карданд.

Пас аз таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷик дар ин давра паи ҳам асарҳои таърихии бунёдии соҳаҳои хоҷагии халқ аз ҷониби олимон навишта, аз чоп баромада, ба дасти хонандагони сершумор мерасиданд. Аз он ҷумла

“Маҷмуаи ҳуҷҷатҳо оиди таърихи маданияти Тоҷикистон” дар ду қисм чоп гардид ва пас аз он китоби “Очеркҳои таърихи сохтмони колхозӣ” ҳарду китоб ҳам ба забони русӣ дарҷ гардиданд. Муаррихони АФ Ҷумҳурии Ш С Тоҷикистон ва макотиби олӣ дар навиштани китоби бунёдии ”Ғалабаи Ҳокимияти Шуравӣ дар Осиёи Миёна ва Қазоқистон” (ба забони русӣ) бахшида ба 50-солагии Октябр ширкат варзиданд.

Мавқеи асосӣ дар он солҳо дар инкишофи илми таърих дар Тоҷикистон асари Б. Ғафуров “Таърихи халқи тоҷик” (ба забони русӣ), ки таърихи халқи тоҷикро аз давраҳои қадим то Инқилоби Октяб дарбар мегирифт, ишғол мекард. Садриддин Айнӣ натанҳо нависандаи барҷастаи халқҳои Осиёи Миёна, балки таърихчии варзидаи халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Дар нимаи солҳои 60-уми асри XX дарҷ гардидани ҷилди 10-уми осораш дар ҳаёти илмии ҷумҳурӣ воқеаи муҳим ба ҳисоб мерафт.

А.А. Семенов дар таҳқиқи таърихи давлати Сомониён, исмоилиҳо ва махсусан дар омӯзиши давраҳои таърихии асри миёнаи халқи тоҷик ва ӯзбек, инчунин таърихи амирони охирини сулолаи манғития хизматҳои шоиста кардааст.[345]

Ҳамин тавр, академик З. Раҷабов дар асари номбурда, таҳқиқотҳои илмии муаррихони тоҷик, ки то солҳои 60-уми асри XX эҷод ва аз чоп баровардаанд, ба таври объективӣ ба риштаи таҳлили илмӣ гирифта, ба ҳар як кадоми онҳо баҳои холисона дода, масъалаҳои минбаъдаи ҳалнашудаи таърихи халқи тоҷикро чун барномаи таърихнигорӣ пешгӯӣ намудааст.

Дар китоб муаллиф ба масъалаҳои инкишоф ва вазифаҳои минбаъдаи риштаи бостоншиносӣ рӯ оварда, ба хулосае омад, ки дар натиҷаи кофтуковҳо бостоншиносони ҷумҳурӣ маводи зиёди таърихиро ба даст оварда,

---

[345]З. Раджабов. Наука советского Таджикистана, С.60-61.

саҳифаҳои таҳқиқнашудаи таърихи халқи тоҷикро дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна равшанӣ меандозанд. Қайд карда шуд, ки дар ин ҷода хизмати бостоншиносони намоён А. П. Окладников, В.В. Бартолд, А.Ю. Якубовский, М.М. Дяконов, А. М. Белениский, Б.А. Литвинский, Н.Н Негматов, В.А. Ранов ва дигарон дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ шоистаи таърифу таҳсин аст.

Дар ин китоби устод З. Раҷабов инчунин дар хусуси инкишофи риштаи мардумшиносӣ ва санъатшиносӣ ва хизмати олимон дар банду басти ин соҳаҳои таърихи халқи тоҷик, масъалаҳои инкишофи минбаъдаи онҳо зикр кардааст. Ва устод махсус қайд кардааст, ки дар инкишофи минбаъдаи ин соҳаи илм мавқеъ ва заҳмати кормандони Ииститути таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон шоистаи таҳсин аст.

Дар асар устод З. Раҷабов инчунин дар хусуси соҳаи забоншиносӣ ва фолклори халқи тоҷик,ки дар пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи А. Рудакӣ омӯхта мешавад, маълумоти мухтасар додааст. Дар ин пажуҳишгоҳ вазъияти имрӯза ва таърихи яке аз бойтарин забонҳои халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ забони тоҷикӣ, граматикаи илмии он, диалект ва таҳқиқотҳои ҷиддӣ оид ба омӯхтани масъалаҳои мубрами адабиёт, фолклор, тартиб додани қомусҳо ва китобҳои дарсӣ барои макотиби миёна ва олии ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар асар устод З. Раҷабов доир ба соҳаи адабиётшиносӣ ва таърихи адабиёти тоҷик, ки ин масъалаҳо дар ду пажуҳишгоҳи АИ Тоҷикистон, яъне забон ва адабиёту шуъбаи ховаршиносӣ ва осори хаттӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурда мешавад, маълумот додааст.

Маълум,ки танқиди адабӣ ва адабиётшиносӣ ҳамчун як фанни илмӣ дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX дар Тоҷикистон ба майдон баромадааст. Қадамҳои нахустин

доир ба ин масъала аз дасти чоп баромадани асари маълуми Садриддин Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик” маҳсуб аст.[346]Ба ақидаи З. Раҷабов, дар ин асари арзанда натанҳо намояндагони адабиёти беш аз ҳазорсолаи халқи тоҷик муаррифӣ шудааст, инчунин Садриддин Айнӣ тарҷумаи ҳоли арбобони илму маърифатро оварда, муносибати хешро ба ҳар як кадоми онҳо муайян кардааст.

Дар зери таъсири фаъолияти адабии Садриддин Айнӣ дар ибтидои солҳои 30-ми асри XX дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори умум мақолаҳои адабиётшиносии дар он вақт муқарризони ҷавони Тоҷикистон А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода Р. Ҳошим ва дигарон дарҷ мегардиданд. Аз паси намояндагони калонсоли танқиди адабӣ ҷавонони болаёқат ба мисли М. Шукуров, Р. Ҳодизода, Н. Маъсумӣ, К. Айнӣ, Р. Амонов, С. Табаров ва дигарон ба майдони васеи адабиётшиносӣ қадамҳои умедбахш мегузоштанд. Ва доир ба таърихи адабиёт ва адабиётшиносӣ якчанд асари арзанда аз чоп баромад. Ба ақидаи устод З. Раҷабов, дар ин кор саҳми аъзо-корреспонденти Академияи фанҳои Иттиҳоди Шуравӣ Е. Э Бертелс (1890-1957), ки таърихи адабиёти форсу тоҷикро аз давраҳои қадим то асри XII навиштааст, арзанда мебошад. Кормандони илмии шуъбаи ховаршиносӣ ва мероси хатии АФ ҶШС Тоҷикистон кори таҳқиқотии Е.Э. Бертелсро идома дода таърихи адабиёти тоҷикро аз асри XII то асри XX дар ду ҷилд ба анҷом расониданд.[347]

Бо тафсил омӯхтани таърихи адабиёти класикии тоҷик ба он оварда расонд, ки аллакай дар охири соли 1963 осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Бедил, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Восифӣ, Савдо, Шоҳин, Аҳмади

---

[346]С. Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. М., 1926. Ниг. З. Раджабов. Наука советского Таджикистана, С 138.

[347]Ниг. З. Раджабов. Наука советского Таджикистана, С.81.

Дониш ва дигар нобиғаҳои назми тоҷик рӯйи чопро диданд.

Академик З. Раҷабов инчунин дар асари номбурда оид ба тавлид ва инкишофи минбаъдаи фалсафаи давврони шуравии халқи тоҷик ва иқтисодӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ маълумоти мушаххас додааст. Дар соҳаи илми фалсафа асарҳои академикҳои АФ Ҷумҳурии Ш СТоҷикистон М.С. Осимӣ, А.М. Баҳоваддинов, инчунин профессорон М.Н. Болтаев, В.И. Приписнов, М. Раҷабов, С. М. Марочник, М. Диноршоев, Д. М. Ҷаҳидӣ, Ғ. А. Ашуров, Девонақулов ва дигарон ҷолиби таваҷҷуҳ ва нигарониянд.[348]Дар ин асарҳо олимон-файласуфҳо хусусиятҳои махсус ва бемисли тафаккури халқи тоҷикро бо далелҳои аниқу равшан таҳлилу таҳқиқи илмӣ кардаанд.

Устод З. Раҷабов, ки худ яке аз педагогҳои варзида ба ҳисоб меравад, дар асари мазкур ба қатори соҳаҳои мухталифи илм инчунин ба масъалаи дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ ҷоннок кардани инкишофи таълим ва пажуҳиши фанҳои педагогикаю равоншиносӣ ва мавқеи ин фанҳоро дар тарбияи насли солими ҷамъият диққат намуда, ба инкишофи минбаъдаи масъалаҳои он истода мегузарад.

Масъалаи навбатие, ки муаллиф дар ин китоб диққати хонандагонро ҷалб кардааст, масъалаи илми ҳуқуқшиносӣ аст. Ба гуфтаи академик З. Раҷабов,

---

[348] А.М. Богоутдинов.Предсловие к “Данишномэ”Ибни Сины. Сталинабад, !957; Он же. Очерки по истории таджикской философии. Сталинабад, 1961; В.И. Приписнов. Дар бораи материализми диалектики ва таърихӣ. Сталинабад, 1959, М. Раджабов. Мировозрение Убайда Закони. Сталинабад, 1958. С. Б. Марочник и А.З.Розенфелд. Омар Хайям-поэт, мыслитель, ученый. Сталинабад1957, А.М. Джахид Абу –Наср –аль-Фараби о государстве, Душанбе 1966;Г.А. Ашуров. Философские взгляды Насири Хисрава (на основе анализа трактата (Зал –ал- мусафирин). Душанбе, 1965. Ниг. З. Раджабов. Наука советского Таджикистана, С. 140.

Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, ба қатори илмҳои ҷамъиятшиносӣ илми қонуншиносиро ба роҳ мондааст, ки  дар он солҳо дар системаи АФ ҶШС Тоҷикистон вуҷуд надошт. Маҳз бо сарварии академик С.А. Раҷабов масъалаҳои муҳими ҳуқуқи шуравӣ кор карда баромада шуда, оиди он якчанд асарҳои шоистаи таъриф навишта чоп гардиданд.[349]

Ба фикру андешаи академик З. Раҷабов, дар кафедраҳои филологияи тоҷики макотиби олии Тоҷикистон дастаи калони олимони болаёқат заҳмат мекашиданд. Дар он вақт дар ҳар як макотиби олӣ ба ҷуз кафедраҳои забони тоҷикӣ, инчунин кафедраҳои забони русӣ, адабиёти рус, забонҳои хориҷӣ ва адабиёти хориҷӣ амал мекарданд. Дар ин кафедраҳо аз ҷониби олимон масъалаҳои муҳими  филологияи рус ва хориҷӣ таҳқиқ карда мешуданд. Бори нахуст китоби дарсии забони англисӣ аз ҷониби дотсенти Университети давлатии Тоҷикистон М.Б. Шаҳобова ва қомуси франсиявӣ-тоҷикӣ аз ҷониби И.С. Раҷабова тартиб дода шуд.[350]

Олими хушбаён ва заҳматкаш академик З. Раҷабов диққати ҷиддиро оид ба инкишофи илмҳои табииву ҷамъиятии АУ ҶШС Тоҷикистон, кафедраҳои макотиби олӣ ва алоқаи байналмилалии онҳо бо муассисаҳои илмӣ-

---

349.С. Раджабов. Таджикская ССР-суверенное советское государство. Сталинабад. 1957; он же. Вопроси возникновения и развития таджикской советской государственности. Сталинабад, 1957; Он же В.И. Ленин о Средней Азии, Сталинабад, 1960; Он же  От диктатуры пролетариата-к общенародному государству. Душанбе 1962; Е. М. Яковлева. Ответственность за несвоевременное исполнение и неисполнение плановых обязательства .ДУШАНБЕ, 1963; Она же Вопросы качества  продукции в договоре поставки. Душанбе 1963 ва ғайра. Ниг. З. Раджабов. Наука советского Таджикистана, С. 143.

350. М. Б. Шаҳобова. Забони англисӣ. Тошкент. 1962; И.С. Раджабова. Французско-таджикскиы словарь, Душанбе, 1964. .Ниг. З. Раджабов. Наука советского Таджикистана, С. 144.

таҳқиқотии хориҷӣ то солҳои 60-уми асри XX барасӣ кардааст. Махсусан, пас аз солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ робитаи олимони макотиби олӣ ва АФ ҶШС Тоҷикистон бо аҳли илми мамолики хориҷӣ ривоҷ гирифта, тавассути конференсияҳои байналмилалии илмӣ ва рафтуомади дутарафаи донишмандони мамолики гуногун сабаби рушду нумуи илм, табодули афкору ақидаҳои мухталифи илмӣ мегардад.

Таҷриби нишон дод, ки диққати олимони бисёр мамолики ҷаҳон ба дастовардҳои намоёни илмии таҳқиқотчиёни тоҷик равона шуд, ки ин бесабаб нест. Зеро коркунони муассисаҳои илмӣ ва кормандони макотиби олӣ доир ба дастовардҳои хеш хонандагон ва аҳли илми берун аз Тоҷикистонро огоҳ мекунанд. Аз ҷониби дигар, олимони бисёр мамолики ҷаҳон аз дастовардҳои намоёни илмии муҳаққиқони тоҷик доир ба масъалаҳои гуногуни илмӣ-таҳқиқотӣ мехоҳанд огоҳӣ ёбанд, ки чунин амал дар масштаби ҷаҳонӣ кори муқаррарист. Аз ин рӯ, кормандони муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва макотиби олии Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон хонанадагони хориҷиро бо дастовардҳо ва пешравиҳои соҳаҳои иқтисодиёт, илм ва маданияти мамлакат бархӯрдор мекарданд. Бинобар ин, устоди гиромиқадр, академик, З. Раҷабов дар ин асар бо мисолу далелҳои муътамад ҷараёни робитаҳои байналмилалии кулли соҳаҳои гуногуни ҳам илмҳои табиӣ ва ҳам ҷамъиятии ҷумҳуриро бо муассисаҳои илмии мамолики хориҷӣ ва олимони он ба таври илмӣ ба риштаи таҳлилу таҳқиқ гирифтааст.

Маълум, ки академик З. Раҷабов доир ба соҳаҳои гуногуни илму маърифати Тоҷикистон асарҳои ҷолиб навишта, пешкаши хонандагони ҷумҳурӣ ва берун аз он кардааст. Яке аз чунин асар ба унвони “Очерки таърихи сохтмони маданӣ дар Тоҷикистон”[351] ба забони русӣ ба

[351] З. Раҷабов Очерки истории культурного строительства в Таджикистане. Душанбе, 1976, 134 стр.

ҳисоб меравад, ки он давоми мантиқии китоби як сол қабл аз ин (соли 1975) бо номи “Дорогой знаний” ( Дониши муқаддас) дарҷ гашта, мебошад. Дар ин китоб З. Раҷабов баъзе аз саҳифаҳои дастоварди таърихи маорифи халқ, илм ва маданиятро дар давраи солҳои 1917-1948, яъне то давраи таъсиси аввалин Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро дарбар мегирад. Дар ин асар олим дар асоси маводҳои зиёди бойгонию воситаҳои ахбори умум ва адабиёт доир ба илмҳои ҷамъиятӣ ва хотираҳои хеш, ки яке аз муассисони макотиби олии Тоҷикистон шинохта шудааст,ҷараёни инкишофи сохтмони маданиро махсусан пас аз солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ таҳлилу таҳқиқи илмӣ намудааст.

Муҳаққиқ дар аввали ин асар ба масъалаи роҳу воситаҳои кушода шудани аввалин Университети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, ҳалли масъалаҳои ташкилӣ, таъмини кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, қабули довталабон ба факултетҳои гуногун ва онҳоро бо ҷои хобу шароитҳои маишӣ таъмин кардан, бунёди биноҳои таълимӣ ва боз дигар масъалаҳо, ки ба ҷараёни таълиму тарбия зич вобастагӣ доранд,таваҷҷуҳ намудааст.

Маълум, ки дар Осиёи Миёна то ғалабаи инқилоби пролетарӣ ба ҷуз мактабу мадраса, ягон муассисаи таълимии ғайридинӣ вуҷуд надошт ва дар онҳо аслан фарзандони синфҳои амалдорону бойҳо таҳсил мекарданд, фарзандони мардуми заҳматкаш аз таҳсили илму фарҳанги дунёвӣ бебаҳра буданд. Имконияти кушода шудани мактабу маорифи ғайридинӣ дар Осиёи Миёна маҳз пас аз инқилоби пролетарӣ ба вуқуъ пайваст. Масалан, аввалин мактаби олӣ дар соли 1920-ум  дар шаҳри Тошкент бо номи Университети давлатии Осиёи Миёна ба номи В.И. Ленин таъсис дода шуд, ки барои тайёр кардани кадрҳои дорандаи маълумоти олӣ хизмати зиёде карда, барои дар ҷумҳуриҳои алоҳидаи ин кишвар таъсиси макотиби олӣ замина муҳайё кард.

Дар ин асар З. Раҷабов доир ба вазъияти ниҳоят душвори ҳарбӣ- сиёсии Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри XX сухан ронда, дар ҳамон вақт дар Тоҷикистон вуҷуд надоштани шароитҳои зарурии кушода шудани макотиби олиро таъкид намудааст. Пас аз ташкил ёфтани ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон ва танҳо дар аввали солҳои 30-ум бо бавуҷуд омадани шароит макотиби олии омӯзгорӣ кушода шуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити ҳаматарафаи таъсиси университети давлатӣ дар охири солҳои 40-уми асри гузашта ба вуҷуд меояд ва он дар соли хониши 1948-1949 бо сарварии ректор З. Раҷабов кори худро оғоз менамояд, ки дар китоби мазкур дар ин хусус бо тафсил шарҳу эзоҳ дода шудааст. Барои такрор нашудани баъзе масъалаҳо, ки дар боло гуфтаем, суханро дар хусуси университет дар ҳамин ҷо хотима медиҳем.

Дар ин асар инчунин ба таври фушурда, З. Раҷабов оид ба масъалаҳои таъсиси АФ ҶШС Тоҷикистон ва инкишофи соҳаҳои мухталифи илм асосан дар солҳои 50-60-уми асри XX гуфта гузаштааст.

Ҳақ бар ҷониби З. Раҷабов аст, ки мегӯяд, таъсиси Университети давлатии Тоҷикистон ва соли 1951 ташкили АФ ҶШС Тоҷикистон сабаби минбаъд инкишофи бемайлони маданияту маориф ва соҳоҳаи мухталифи илм дар ҷумҳурӣ гашта, обрӯ ва эътибори Тоҷикистонро на танҳо дар байни ҷумҳуриҳои Иттифоқ, балки дар мамолики хориҷӣ мунтазам баланд бардошта, диққати онҳоро барои аз наздик шинос шудани ин кишвар ба худ мекашид.

Маълум, ки барои ташкил кардани ҳам университет ва ҳам академияи фанҳо дар Тоҷикистон заминаҳои боэътимод бавуҷуд овардан шарт ва ниҳоят зарур буд, ки ин раванд дар асари устод бо маводу далелҳои зиёд оварда шудааст. Масалан, дар шароити пеш аз инқилоб,ки дар

кишвар сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳии Русия ва ҳокимияти ситамгару истибдоди феодалии аморати Бухоро ҳукмрон буд, як зумра олимони пешқадами рус аз таҳдиду душвориҳо наҳаросида, тавонистанд дар пажуҳиш ва аз худ кардани боигарии табиии он асос гузошта, баробари он забон, таърихи бисёрасра ва урфуодати халқи тоҷикро омӯзанд

Дере нагузашта пас аз барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ Тоҷикистон ҳамчун манбаи муҳимми омӯхтани асосҳои илмӣ мегардад. Аввалин мақолаи илмӣ дар маҷаллаи тоҷикӣ “Шуълаи инқилоб”,ки дар шаҳри Самарқанд дар зарфи солҳои 1919-1921нашр мешуд, дарҷ гардид. Инчунин, дар маҷаллаи мазкур аввалин асари таърихии Садриддин Айнӣ дар давраи шуравӣ ”Таърихи амирони манғитии Бухоро”аз чоп баромад.

Моҳи апрели соли 1926 дар шаҳри Тошкент бо ташаббуси Шурои иқтисодии Осиёи Миёна аввалин конференсияи илмӣ доир ба омӯхтани қувваҳои истеҳсолии Осиёи Миёна ва Тоҷикистон доир гардид. Инчунин бо ташаббуси олимони бузурги рус В.В. Бартолд, М.С. Андреев, А.А. Семенов, Н.Л. Корженовский ва дигарон бо дастгирии ҳукумати Тоҷикистон 9-апрели соли 1925 “Ҷамъияти омӯзиши Тоҷикистон ва халқиятҳои эронинажоди берун аз он”, ки марказаш дар шаҳри Тошкент ҷойгир буда, дар омӯхтани таърих ва мардумшиносии халқи тоҷик аҳамияти муҳим бозид.[352]Ба ҳайати он олимони дар он вақт намоён А.А. Знаменский, Н.Л. Корженевский, А.А. Семёнов, М.С. Андреев ва дигарон шомил буданд.

Дар маҷмуаи “Тоҷикистон”мақолаҳои олимони намоён В.В. Бартолд “Тоҷикон”, М.С. Андреев “Доир ба мардумшиносии тоҷикон. Баъзе маълумотҳо,”Л.А.

[352]Ниг: З Раҷабов. Очерки истории культурного строительства в Таджикистане. С.45-46.

Молчанов “Иқлими Тоҷикистон,” М.Г. Попов “Очерки мухтасари набототи Тоҷикистон” ва ғайра нашр шуданд. Ба ҷуз ин мақолаҳо дар ин маҷмуа дар муддати нисбатан кӯтоҳ инчунин мақолаҳои олимони соҳаҳои гуногун дарҷ гардиданд.

Фаъолияти ин ҷамъият аз соли таъсис то соли 1929, яъне то дами ташкили ҷумҳурии иттифоқии Тоҷикистон ба ҷуз аҳамияти илмӣ инчунин аҳамияти сиёсиро касб кард. Маълум, ки дар тули ин солҳо пантуркистон бо як хашму ғазаб ва фикру андешаҳои бофтаю тофта дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори умум баромад карда, гӯё “исбот” мекарданд, ки дар қаламрави Осиёи Миёна халқияти махсуси тоҷикон вуҷуд надошта, тоҷикон туркони эронишуда ҳастанду халос. Дар ҳайати ҷамъияти омӯхтани тоҷикон олимони намоёни рус кору эҷод намуда, дар таҳқиқоти илмии хеш фарзу тахмин ва нуқтаи назари пантуркистонро оид ба пайдоиши тоҷикон ба зери тозиёнаи танқид гирифта, исбот намуданд, ки ин халқ яке аз халқҳои қадимтарини Осиёи Миёна буда, дар гузашта маданияти бой ва ба худ хосеро дорост.[353]

Дар охири солҳои 20 ва 30-уми асри XX барои ҳамаҷониба аз лиҳози илмӣ таҳлилу таҳқиқ намудани канданиҳои фоиданок, олами набовот ва ҳайвонот, хоҷагии кишоварзӣ, тиббӣ, кишвар ва тарзи зисту зиндагонии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии шаҳрҳои Масква, Ленинград ва Тошкент якчанд экспедитсия таъсис дода шудааст. Масалан, соли 1928 бо сарварии Д.И. Шербаков экспедитсияи Помир ва соли 1932 бо сарварии Н. П. Гарбунов экспедитсияи комплексии Тоҷикистону Помир ташкил шуданд, ки дар ин хусус академик З. Раҷабов дар асараш шарҳу эзоҳ додааст. Ин экспедитсияҳои комплексӣ боз аз паси худ то дами таъсиси АУ ҶШС Тоҷикистон экспедитсияҳои маҳаллиро мебурданд.

[353] Дар ҳамон ҷо .С.45-46.

Аз мисолу далелҳо ва хулосаҳои академик З. Раҷабов дар ин асар бармеояд, ки қариб заминаҳои ташкили АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай дар охири солҳои 30-уми асри XX ба вуҷуд омада буд. Аммо, барои ташкили АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷуми аҳдшиканонаи Германияи гитлерӣ ба мамлакати паҳноварӣ шуравӣ ва пас аз он барқароркунии хоҷагии халқи харобгашта монеа шуд. Ниҳоят шароити ҳақиқии ташкили АУ Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон танҳо 14-апрели соли1951ба амал меояд. Дар асоси қарори Шурои Вазирони СССР аз 9-октябри соли 1950 “Дар бораи ташкили АУ Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон”, Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон, Шурои Вазирони Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон қарор мекунанд:

“Дар базаи амалкунандаи филиали АУ Иттиҳоди Шуравӣ, АУ Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон кушода шавад.”Баъд аз ин рӯйхати аъзоёни академия хонда шуд. Мувофиқи қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон аз 14-апрели соли 1951 ба ҳайати номзадҳои пешниҳод кардаи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва макотиби олии Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон 11 нафар академик ва 14 нафар аъзо-корсподентон дохил гаштанд.

Дар байни аъзоёни ҳақиқии АУ Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон инҳо буданд:С.Айнӣ, И.Н. Антипов-Қаротоев, Б.Ғ Ғафуров, Б.Н. Ниёзмуҳаммедов, С.И. Плешко, А.А. Семенов, М.Т. Турсунзода, Н. В. Смолский, С.М. Юсупова ва А.Ю. Якубовский. Аъзо-корреспондентҳои АУ Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон Г.А. Алиев, А.М. Баҳоваддинов, А.М. Мирзоев, И.С. Брагинский,, В.И. Красичков, П.Н. Овчинников, А.Я. Рахимов, З.Ш. Раҷабов ва дигарон.

15-апрели соли 1951 дар маҷлиси умумии АУ Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон президенти аввалини академияи ҷумҳурӣ нависандаи барҷастаи халқи тоҷик Садриддин Айнӣ интихоб гардид.

Дар ин асар академик З. Раҷабов дар хусуси илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ таваҷҷуҳ кардааст.Тавре ки ба мо маълум аст, устод З. Раҷабов дар китобе, ки бо номи "Инкишофи илм дар Тоҷикистон" (М, "Наука", соли1964) ба забони русӣ аз чоп бароварда буд, дар он фаъолияти илмии академияи фанҳо ва қисман макотиби олии ҷумҳуриро дар солҳои 1951-1967 нишон додааст, онро аз нав кор карда, бо иловаҳо чоп намуд. Дар ин нашри нави китоб, муаллиф фаъолияти АУ Ҷумҳурии ШС Тоҷикистонро аз соли 1968то соли 1974 таҳлил кардааст. Аз сабаби он, ки муаллиф доир ба илмҳои табиӣ мутахассис нест, аз ин рӯ дар ин қисми асар диққати асосиро ба фаъолияти илмҳои ҷамъиятии муассисаҳои таҳқиқотии АУ Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон ва як дараҷа ба фаъолияти макотиби олии мамлакат диққат додааст.

Ба қавли З. Раҷабов, дар ин солҳо илми иқтисодиёт дар баробари дигар илмҳои ҷамъиятӣ дар системаи АУ Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон ва инчунин макотиби олӣ мунтазам рушд кард. Таҳқиқоти асосии иқтисодӣ, ки дорои аҳамияти муҳимми хоҷагии халқ аст, дар пажуҳишгоҳи иқтисодӣ ва шуро оид ба омӯхтани қувваҳои истеҳсолкунандаи назди академия марказонида шуда буд. Соли 1968 тартиб додани "Лоиҳаи инкишоф ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунундаи Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон дар солҳои 1971- 1980" тартиб дода шуд, ки дар кори он ба ғайр аз Шуро оид ба омӯхтани қувваҳои истеҳсолкунанда ва Институти иқтисодии академияи илмҳои ҷумҳурӣ, инчунин Госплан, вазоратҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, муассисаҳо, дигар идораҳои ғайриакадемикӣ ва ташкилотҳои лоиҳакашӣ ширкат варзиданд.Дар натиҷа дар ҳамин давра илми иқтисодиёт хеле ривоҷ ёфта, доир ба он асарҳои илмии баландмазмун рӯи чопро диданд ва баробари он кадрҳои баландихтисос низ бавоя расиданд.

Муаллифи асари мазкур З. Раҷабов, ки худ дар соҳаи илми таърих асарҳои зиёде дар бораи воқеаҳои ҷамъиятии солҳои пешазинқилобӣ ва воқеаҳои фаромӯшнашавандаи даврони шуравӣ таълиф кардааст, шоҳиди бисёре аз ин гирудорҳои ин давраи нави таърихӣ буда, ба ҳалли ин масъалаҳо назари танқидии хешро изҳор кардааст, ки баъзе саҳифаҳои норавшан ва баҳсноки таърихро равшанӣ мебахшанд. Беҳуда нест, ки роҳбарияти ҷумҳурӣ ва Академияи улум ба роҳбарии институти таърихи навтаъсис З. Раҷабовро таъин кард. Кормандони ин муассисаи илмӣ аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ (Соли 1951) ба қатори таҳқиқи масоили таърихи замони сотсиализм, инчунин ба омӯхтани масъалаҳои мубрами таърихи ҷамъияти обшинаи ибтидоӣ, ғуломдорӣ ва феодалӣ дар қаламрави Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ машғул гардиданд. Маълум, ки дар роҳи омӯзиши ин давраҳои таърихӣ мавқеи асосиро дар пажуҳиш соҳаи бостоншиносӣ бозидааст. Бозёфтҳои зиёди бостоншиносӣ аниқу равшан исбот намуданд, ки дар қаламрави Тоҷикистон одамон аз замонҳои ниҳоят қадим кору зиндагӣ мекардаанд.

Дар асарҳои муаррихон омӯхтани давраи асри сангин дар қаламрави Осиёи Миёна ҷамъбаст карда шуда, даврабандии нави он дида шуда, олимон исбот карданд, ки дар ин ҷо, аз ҷумла дар Тоҷикистон ёдгориҳои асри сангин зиёд дида мешавад. Дар ин ҷода бостоншиносони тоҷик ба дастовардҳои нав ноил шуда, хусусиятҳои нави таърихи маданияти моддиро дар Тоҷикистон кор карданд. Дар натиҷаи кофтуковҳои бостоншиносӣ дар Панҷакент, Аҷинатеппа, дар шаҳраки Қалъаи Қаҳкаҳа, дар ноҳияҳои Нову Ашт, болооби Зарафшон ва Помир ёдгориҳои меъморӣ, санъати ҳайкалтарошӣ, наққошӣ, ашёҳои кулолгарӣ ва ғайра дарёб карда шуданд.[354]

[354]Ниг: З Раҷабов. Очерки истории культурного строительства в Таджикистане.С. 76-77.

Ба ҷуз ин ва дигар бозёфтҳои бостонӣ, ки дар натиҷаи кофтуковҳои олимон дар солҳои баъд дарёфт кардаанд, З. Раҷабов бо мисолу далелҳои зиёд инкишофи соҳаҳои гуногуни таърихи халқи тоҷикро дар он давраҳое, ки дар боло нишон дода шуд, бо тафсил таҳлилу таҳқиқ намуд, ки дар бораи онҳо пурра истода намегузараем.

Хулоса, асари академик З. Раҷабов ”Очеркҳои таърихи сохтмони маданӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1968-1974)”-ро дарбар мегирад, ки муаллиф дар он давраҳои асосии инкишофи илмҳои мухталифи Тоҷикистонро дар академияи улум ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ муайян намуда, динамикаи инкишофи илмро аниқу равшан ба қалам додааст.

Дар ҳамин ҷо мехоҳем, маълумоти мухтасар дар бораи шахсияти устоди арҷманд, барои банда ва дигарон ниҳоят гиромист ва мероси илмиву фарҳангии академики Академияи фанҳои Ҷумҳурии ШС Тоҷикистон, Арбоби илму техника, доктори илмҳои таърих, шодравон профессор З. Раҷабов нуқта гузорем. Ба аҳли илму фарҳанг пӯшида нест, ки мероси бою ғании илмию фарҳангӣ, таҷрибаи бойи роҳбариву ташкилотчигии ин шахси бузург дар ҷодаи тайёр намудани кадрҳои баладихтисоси илмию таълимӣ натанҳо барои халқи тоҷик, инчунин барои аҳли илму маорифи минтақаи Осиёи Миёна беназир аст. Умед ҳаст, ки минбаъд чандин насли оянда доир ба мероси инмиву фарҳангӣ, таълимию тарбиявӣ ва ҷамъиятии ин шахси бузург ва мондагор, асарҳои шоистаи таҳқиқотӣ хоҳанд эҷод намуд. Ба гуфтаи шоир:

Зиндаву ҷовид монд, ҳарки накуном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зида кунад

## Мундариҷа

1.Қадамҳои дилпурона дар ҷодаи илму маърифат .............. 5
2.Асари бунёдии олим ........................................................ 49
3. Аҳмади Дониш маорифпарвари барҷаста ...................... 92
4.Ақидаҳои илмии академик З. Раҷабов оиди шогирдон, пайравон ва ҳамзамонони А. Дониш ................................ 161
5.Обзори мухтасари фаъолияти маорифпарварони ӯзбек ................................................... 192
6.Масъалаи ҷадидизм ........................................................ 217
7.Туркистон дар солҳои инқилоби якуми рус .................. 242
8.То абад бо халқи кабири рус ........................................... 278
9.Садриддин Айнӣ муаррихи халқи тоҷик ....................... 295
10.Асаре, ки дӯстиро васф мекунад .................................. 309
11.Самараи инқилоб ........................................................ 329

# БАРОИ ҚАЙДҲО

**БАРОИ ҚАЙДҲО**

**РАҚИБ  АБУЛҲАЕВ.**

# СИТОРАИ ДУРАХШОНИ ОСМОНИ МАЪОНӢ

Ба чоп 27.02.2024с. имзо шуд.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$. Қоғази офсет. Ҳуруфи адабӣ.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 22,5.
Адади нашр 100 нусха.

БИ № 8309

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17.

Дар ҶДММ «Бебок» чоп шудааст.